Мактаби олии нав коркуноне тайёр мекард, ки мебоист кишварашон, урфу одат, расму оини халқашон, ба қадри имкон иқтисодиёташонро донанд, дониши ҳосилкардаашонро дар хизмати ташкилоту идораҳои советӣ ба кор баранд. Таҳдиди ба кори умумии ҳокимияти халқӣ вуҷуддоштаро ҳис карда, М.С. Андреев саъй менамуд, ки институт муътадил амал кунад, вазифаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намояд. Н. Г. Маллитский ба фаъолияти директори институти шарқӣ баҳо дода навиштааст, ки "М.С. Андреев баробари дар миқёси васеъ кори илмӣ – тадқиқотӣ бурдан, дар як қатор экспедитсияҳо иштирок кардан, асарҳои илмӣ чоп кунондан, дар ҷамъоварии коллексияҳои этнографӣ ташкилотчии беҳамтои илми шарқшиносӣ буданашро зоҳир намуд" [5, с.41].

Ба М.С. Андреев лозим омад, ки душвориҳои зиёди давраи ташкилиро бартараф намуда, ба кори хоста гирифтану тарбияи муаллимон, тартиб додану тайёр кардани программаҳои таълимӣ, таъмин намудани асбобу анҷомҳои хониш машғул шавад. Худи ӯ доир ба соҳаҳои гуногун, этнографияи тоҷикон, таъриху географияи Афғонистон ва Ҳиндустон, забонҳои тоҷикию форсӣ лексия мехонд. Шӯрои муаллимони институт ба М.С. Андреев барои такмил додани забон иҷозат дод, ки дар давраи таътили тобистона (аз 1 июл то 1 сентябр) шунавандагони ин донишкада ба маҳалҳои гуногуни кишвар ба рухсатии илмӣ-эҷодӣ равона карда шаванд. Ин амалия, тибқи ақидаи ӯ нафъи калон барои омӯзиш ва такмили забондонӣ меовард.

М.С. Андреев баъди аз нав ташкил кардани институти шарқшиносӣ соли 1924 дар шуъбаи лингвистӣ – этнологӣ ва педагогии Университети Осиёимиёнагӣ ба хондани лексия оид ба забону этнографияи тоҷикон шурӯъ кард. Ӯ аз фанҳои шарқшиносӣ дар Институти давлатии педагогии шаҳри Тошканд ҳам бомуваффақият дарс мегуфт. Аҳамияти калони илмӣ ва маърифатӣ доштани курсҳои лексия, кор карда баромада ва хондани Михаил Степанович ҳаматарафа эътироф карда мешуданд [11]. Ӯ ҳамчун олим ва педагоги баландихтисос дар кор карда баромадани методҳои нави дарсдиҳию таълимӣ фаъолона иштирок мекард, барои беҳтар гардидани давомоти донишҷӯён кӯшиш менамуд, ба кори кружокҳои этнографии донишҷӯёни курсҳои 2, 3 ва 4-умифакултети шарқишиносии университет роҳбарӣ менамуд. Ташкили экскурсияҳои донишҷӯёни факултети шарқшиносӣ бо шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва дигар ҷойҳои ёдгориҳои таърихии Осиёи Миёна ҳам натиҷаи ташаббуси бевоситаи М. С. Андреев буд. Саҳми калони Михаил Степановичро дар омӯзиши этнографии Осиёи Миёна ба назар гирифта, дар назди факултети шарқии Университети давлатӣ кафедраи этнография ва антропология кушода шуд. Ӯ соли 1926 аввалин профессори кафедра интихоб гардид[1, с.30].

Фаъолияти педагогии М.С. Андреев то даврaҳои охири умраш идома дошт. Ӯ дар ин соҳа бо масъулияти ҷиддӣ кор мекард, ба пешравии корҳои илмиаш диққати калон медод. Дар ҳамаи чорабиниҳои ба он дахлдор фаъолона иштирок менамуд, барои беҳтару маҳсулноктар гардидани кори таълим маслиҳат ва тавсияҳои пурбаҳо медод, ба корҳои донишкада ёрии бевоситаи амалӣ мерасонд. Курси лексияҳое, ки олим мехонд, натиҷаи меҳнату ранҷи бисёр бо маъхазҳо, мушоҳидаҳои бисёрсолаю таҳқиқи доимии забон, оиди тамаддун ва маданияти халқҳои Осиёи Миёна буданд. Аз донишҷӯёне, ки

таърих ва алалхусус соҳаи этнографияи халқҳои Осиёи Миёнаро ихтисоси худ интихоб намуда буданд, талаб мекард.

Михаил Степанович Андреев ба тарбия намудан ва ба воя расондани мутахассисони аз ҳисоби одамони маҳаллӣ диққати муҳим медод. Ӯ чунин мешуморид, ки "дар омӯзиши материалҳои тез нестшавандаи этнографӣ набудани мутахассисон, коркунони илмӣ" монеаи асосӣ мебошанд. Олим таъкид мекард, ки умеди мо ҷавонони наврас, онҳое мебошанд, ки дар оянда бояд кор кунанд. Бисёр масъалаҳо аз мароқу муҳаббати солими нисбат ба ватан доштаи онҳо вобаста аст. "Коркунони хуби илмӣ барои Тоҷикистон, алалхусус дар соҳаи фанҳои гуманитарӣ бағоят лозиманд", - навишта буд олим [1, с.30]. Ба он сабаб зарур мебошанд, ки бе онҳо таърихи халқи тоҷикро омӯхтан ва кор карда баромадан, ёдгориҳои беосор гум гаштаи тоҷиконро ошкор намудан имконпазир аст.

Бисёр олимони советӣ шарқшиносон, лингвистҳо, археологҳо, этнографҳо шогирдони М.С. Андреев мебошанд, аз ӯ сабақ гирифтаанд, малакаи кори илмию педагогӣ омӯхтаанд. Олим фаъолияти педагогиашро дар сухани зеринаш ба ифтихор баён кардааст: "дигар асарҳои илмиам ба андозаи муайян донишҷӯёнам буданд, ки дар давоми бисёр солҳо лексияҳои маро доир ба шарқшиносӣ гӯш мекарданд. Онҳо ҳоло дар гӯшаю канори ватани советиамон ва берун аз ҳудуди он дар вазифаҳои гуногун кор карда, дониши ҳосилкардаашонро ба манфиати мамлакатамон ба кор мебаранд. Кас аз онҳо хиҷолатманд намешавад".

М.С. Андреев консултанти ғамхори коркунони илмӣ ва аспирантҳои республикаҳои Осиёи Миёна буд ва даҳҳо олимони намоён ӯро барҳақ устоди худ мешуморанд.

Михаил Степанович Андреев дар баробари дар институти шарқӣ, Университети Туркистон кори ташкилӣ, педагогӣ бурданаш боз бисёр вазифаҳои ҷамъиятию илмиро ба ҷо меовард. Сарфи назар аз серкор ва бо иҷрои корҳои ҷамъиятию хизматӣ банд буданаш, барои давом додани кори илмӣ вақт меёфт.

Вай соли 1920 маводҳои ҷолиби диққат ҷамъ оварда ба чоп дод: аз ҷумла ҷадвали қиёсии аҳамияти предметҳо доир ба халқҳои гуногуни Осиёи Миёна, ки ба хоббинӣ вобастааст [11].

Олим соли 1921 дар экспедитсияе, ки бояд харитаи этнографии Осиёи Миёнаро тартиб медод, иштирок мекунад. Он вақт вай дар минтақаҳои уездҳои Самарқанд, Катта - Қурғон ва Ҷиззах корҳои саҳроӣ-этнографӣ мебурд. Ӯ бо ҳамроҳии Н.А. Буров, Е.М. Пешерова, А.Л. Троицкий ва А.Э. Шмидит дар бораи маишат ва урфу одати қариб 50 хонаводаю 150 оила маводҳои этнографӣ ҷамъоварӣ мекунад. Инчунин, дар хусуси ҷараёнҳои пайдоиши қавмҳои нав, муносибатҳои оилавӣ вобаста ба никоҳ дар байни аъзоёни гурӯҳҳои этникӣ, дар бораи машғулияти аҳолӣ маводҳои илмӣ ҷамъоварӣ намудааст. Ниҳоят ба М.С. Андреев муяссар мегардад, ки дар асоси ҳамаи маводҳои ҷамъовардаи илмӣ харитаи махсуси этнографиро оиди тоҷикон тартиб диҳад. Дар рӯи харита ҳамаи қишлоқҳое, ки дар онҳо тоҷикон зиндагӣ мекарданд муайян карда шудаанд. В.В. Бартолд дар дафтари қайдҳояш (15 май – 20 июни соли 1925) оиди вохӯрӣ бо М.С. Андреев чунин навиштааст: "Бегоҳии рӯзи 16 майи соли 1925 ба назди М.С. Андреев даромадам. Аз рӯи гуфтугӯ маълум буд, ки М.С. Андреев ва Е.М. Пешерова боз ба экспедитсия ба Бухорои Шарқӣ тайёрӣ мебинанд. Аммо дар наздикиҳои Душанбе вазъият хатарнок буд, яъне босмачиён тохтутоз доштанд. М.С. Андреев харитаҳои этнографиро нишон дод, ки онҳо натиҷаи сафарҳои илмиаш буданд. Дар ин харитаҳо ҳамаи деҳаҳои тоҷикнишин бо ранг ишора карда шуда буданд".

Ҳамин тариқ, М.С. Андреев аз қадамҳои аввалини фаъолияти илмиаш дар соҳаи этнография ба маданияти маънавии Осиёи Миёна, диндорӣ, урфу одат, расму оин,

тасаввури демонолоӣ ва космогонии онҳо шавқу завқ зоҳир кард. Ин шавқу завқ дар ӯ то охири умраш боқӣ монд.

Соли 1896 таҳти унвони ”Қайдҳои таърихӣ дар бораи Хуҷанд” мақолаи дигари Михаил Степанович Андреев чоп шуд. Муаллиф дар он ба ғайр аз афсонаю таърихи истилои Искандари Македонӣ то ҳамроҳшавии он ба Россия, инчунин дар хусуси бозёфтҳои пулӣ тангаи мансуб ба замонҳои гуногуни таърихи Хуҷанд, дар бораи ёдгориҳои археологӣ ва этнографии доманаи кӯҳи Муғул маълумотҳо овардааст. Худи ҳамон сол “ Мавзеи аз ҷиҳати археологӣ мароқангези Туркистон” ном кори илмии ӯ чоп гардид. Дар ин мақолаи илмиаш оиди боқимондаҳои манзилгоҳҳои сангии “Хонаи Муғ”, дар бораи нақшҳои сурати мор, саг, оҳу, ки дар рӯи санги қуллаи кӯҳ сабт ёфтаанд, инчунин навиштаҷоти кӯҳнаи рӯи сангҳои кӯҳи Муғул, дараи Битиқлиқ, дар бораи қалъаи “Қалъаи Муғ”, ки болотар аз Хуҷанд воқеъ аст, оиди дар водии дарёи Ангрен коркарди оҳан аз давраи қадим, ғори Кони Ғут, навиштаҷотҳои дар дараи Ворух пайдокардааш маълумотҳои зиёдеро ба табъ расонид [1, с.20].

Солҳои бистуми асри XX дар шаҳри Тошканд якчанд ташкилоти шарқшиносӣ амал мекард. М.С. Андреев дар кори илмии онҳо фаъолона иштирок дошт. Вай дар осорхонаи асосии осиёимиёнагӣ мудири шуъбаи этнография шуда кор мекард. Олим солҳои 1925 – 1930 бо “Ҷамъияти доир ба омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои эронӣ берун аз ҳудудҳои он” алоқаи зич дошт, яке аз аъзоёни фаъолу таъсисдиҳандаи ҳамин ҷамъият буд. Ҷамъияти мазкур 9 январи соли 1925 дар Тошканд таъсис ёфта буд [11]. Михаил Степанович дар маҷлиси навбатии ҷамъият 25 январи соли 1925 мудири шуъбаи таъриху филология ва этнография интихоб мешавад. Вай қариб дар ҳамаи маҷлисҳои ҷамъият иштирок дошт, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад мекард. Ӯ дар маҷлиси 30 январи соли 1925 дар бораи кори пешбинишудаи шӯъбаи таъриху филология ва этнография маърӯза хонд. Бо ташаббуси М.С. Андреев донандагони бузургтарини Осиёи Миёна, профессорон В.В. Бартолд ва А.А. Фрейман ба кори ҷамъият ҷалб карда шуданд [1, с.33].

Бо туфайли тарафдорони Ҳукумат ва кӯшишу ғайрати аъзоёни ҷамъият дар муддати кӯтоҳ таҳти унвони “Тоҷикистон” маҷмӯаи мақолаҳо ба чоп тайёр карда шуд, ки дар он мақолаи М.С. Андреев “Доир ба этнографияи тоҷикон” нашр гардид. Муаллиф дар ин мақола тоҷиконро ҳамчун халқи қадимтаррини Осиёи Миёна тавсиф медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки роли маданияти онҳо дар таърихи инсоният бағоят бузург аст.

Михаил Степанович маънои калимаҳои “тоҷик”, “сарт”, “ғалча” – ро аз ҷиҳати этникӣ муфассал шаҳр дода ба тасвири территорияҳои тоҷикнишин мегузарад. Харитаҳои пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар он баъзе маҳалҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна тасвир ёфтаанд, аҳамияти калони илмӣ доранд. Қисмати асосии мақола ба масъалаҳои бевосита ба масъалаҳои этнографияи халқи тоҷик далхдор бахшида шудааст. Маводҳои дар бораи урфу одатҳои қадимӣ, меҳмоннавозию инсондӯстӣ, тарбия кардани кӯдакон ва дигар хулқу рафтори мардуми кишвари тоҷик овардаи муаллиф хеле ҷолиб мебошанд. Муаллиф, халқи тоҷикро ҳамчун мардумони чорводору зироаткор ва меҳнатдӯст, косиб ва тоҷирони моҳир тасвир мекунад. Дар мақола масъалаҳои мавқеи зан дар рӯзгор ва оила ҷои махсусро ишғол мекунанд. Зан дар ҳаёти тоҷикони кӯҳистонӣ ёрдамчии боэътимоди шавҳар ва посбони хонадон аст. Қариб кори тамоми хоҷагии хона ба ӯҳдаи ӯст, вай ғайр аз ин дар корҳои саҳроӣ иштирок мекунад. Дар як қатор районҳои кӯҳӣ занон дар қатори мардон кишту кор мекунанд, ғалла меғундоранд, ба ҳайвонот обу хӯрок тайёр карда медиҳанд. Саҳми занонро дар соҳаи чорводорӣ, дӯзандагӣ, косибӣ хеле арзанда мешуморад.

М.С. Андреев солҳои 1930 – 1931 бо таклифи ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар кори ташкил кардани донишгоҳи муттаҳидаи давлатии илмӣ – тадқиқотии Тоҷикистон

иштирок менамояд. Ӯ аввал профессори ду кафедра интихоб мегардад, баъд ҷонишини директори ҳамин донишгоҳ таъин карда мешавад. Донишгоҳи мазкур баъди ба сектори таъриху лингвистикаи базаи тоҷикистонии Академияи фанҳои ИҶШС (моҳи маи соли 1933) табдил дода шуданаш дар боби аз ҷиҳати назария кор карда баромадан ва амалан ёрӣ расонидан дар ҳалли масъалаҳои ҷудогонаи сохтмони мадании ҷумҳури, тайёр намудани кадрҳои илмӣ роли калон бозид. М.С. Андреев аз соли 1932 то нимаи соли 1934 дар донишгоҳи педагогии Қазоқистон доир ба забони тоҷикӣ лексия хонд. Дар ҳамин давра ӯ дар донишгоҳи илмӣ – тадқиқотии Қазоқистон дар соҳаи омӯзиши забон ва адабиёт кор карда ва дар баробари ин мудири шуъбаи этнографияи осорхонаи марказии Қазоқистон буд [1, с. 36].

Соли 1934 дар шаҳри Тошканди ҶШС Ӯзбекистон осорхонаи осиёимиёнагии санъат ташкил шуд. М.С. Андреевро дар ҳамин осорхона ба вазифаи консултантӣ таъин карданд. Аз соли 1940 ӯ дар асоси қарори Совети Комиссарони Халқи ҶШС Ӯзбекистон дар сексияи таърих аъзои Совети Олии таълимӣ – методӣ пешбарӣ карда мешавад. Соли 1941 вай бо филиали узбекистонии АИ ИҶШС, ки нав ташкил шуда буд, мегузарад.

Ба душвориҳои замони ҷанг нигоҳ накарда, партия ва ҳукумат 27 сентябри соли 1943 дар бораи ташкил намудани Академияи фанҳои ҶШС Ӯзбекистон – аввалин Академия дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна қарор бароварда. Михаил Степанович, ки аъзои ҳақиқии Академияи фанҳои ҷумҳурӣ интихоб шуда буд, шуъбаи этнографияи институти таърих ва археологияи Академияро ташкил дод ва ба он то соли 1947 роҳбарӣ кард. Дар баробари ин ӯ дар кори Донишгоҳи шарқшиносии АИ ИҶШС, ки ба Тошканд кӯчонида шуда буд, фаъолона иштирок намуд [1, с.37-40].

Михаил Степанович Андреев дар бораи мероси мадании халқи тоҷик хотирнишон намуда, чунин навиштааст: “Мероси адабие, ки аз қаъри асрҳои гузашта, аз бисёр наслҳои мутафаккирон, шоирон, олимон, устодони моҳири сухан, ки асарҳояшон то ҳанӯз сарварони адабиёти ҷаҳониро ба ҳайрат меандозанд, бузург аст. Ин мерос холо ҳам ба ҳар як тоҷики саводнок дастрас мебошад. Вай сарват ва ифтихори халқи тоҷик аст. Мумкин аст, насли наврас қимати онро пурра надонад, вале он вуҷуд дорад”.

Михаил Степанович Андреев соли 1947 ба Душанбе омад ва дар донишкадаи таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии АИ ИҶШС ба кор сар кард. Ӯ дар ин ҷо барои ташкил намудани осорхонаи археология ва этнография кори бисёри ташкилӣ кард. Бо ташаббуси ӯ ба аспирантура доир ба этнография гурӯҳи ҷавонони тоҷик ҷалб карда шуд. Ба онҳо худи Михаил Степанович Андреев роҳбар шуд.

М.С. Андреев 10 ноябри соли 1948 дар Душанбе вафот мекунад. Асари асосии М.С. Андреев доир ба этнографияи халқи тоҷик монографияи дуҷилдае мебошад, ки ҷилди якумаш соли 1953 ва дуюмаш соли 1958 таҳти унвони “Тоҷикони водии Хуф” бо ташаббуси меҳнати завҷа ва ҳампешааш А. К. Писарчик чоп шуда буд. Асари мазкур то ҳозир ҳам роҷеъ ба этнографияи Кӯҳистони Бадахшон ягона таҳқиқоти ҷамъбастӣ ба шумор меравад.

Адабиёт:

1. Акрамов Н.М., Акрамова Х.Ф. Андреев М.С. – Тадқиқотчии таърихи тоҷикони куҳистон / Н.М. Акрамов, Х.Ф.Акрамова, М.С. Андреев. – Душанбе: Ирфон, 1977. С. 27.

2. Андреев М.С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму - дарьи). – Вып. I / М.С. Андреев. – Сталинабад. АН Таджикской ССР, 1953. – 247 с.

3. Андреев М.С. Таджики долины Хуф (Верховья Амударьи). – Выпуск II / Андреев М.С. – Сталинабад. АН Таджикской ССР, 1958. – С. 522.

4. Андреев М.С., Половцов А.А. Ишкашим и Вахан. Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии / М.С.Андреев, А.А.Половцов. – СПб, 1911. – 41 с.

5. Андреев М.С., Половцов А.А. Материалы по этнографии иранских племен. Ишкашим и Вахан / Андреев М.С., Половцов А.А. – СПб., 1911. С. 41

6. Бубнова М.А., Коновалова Н.А. Древние солнечные календари Памира. Памирская экспедиция (статьи и материалы полевых исследований) / М.А. Бубнова, Н.А. Коновалова. – М., 2006. – С. 170 – 209.

7. Воситова Н. Вклад М.С.Андреева в музееведение Таджикистана / Н.Воситова // В сб. Научный вклад М.С.Андреева в изучение истории и этнографии таджикского народа. – Душанбе. 2014. – С. 136-139.

8. Германов В. Симбиоз разведки и науки в особе Михаила Андреева / В.Германов // С. мат-лов Научны вклад М.С.Андреева в изучение истории и этнографии таджикского народа. – Душанбе. 2014. – С.73-85.

9. Давыдов А.С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана (Памира) / А.С. Давыдов. – Душанбе, 2005. – 152с.

10. Додхудоева Л. Жизнь и научная деятельность М.С.Андреева в фотодокументах / Л.Додхудоева // В сб. Научный вклад М.С.Андреева в изучение истории и этнографии таджиксого народа. Материалы научно-практической международной конференции. – Душанбе. 2014. – С.18-29.

11. Карамшоев Д. Олимони советӣ дар бораи Помир / Д. Карамшоев. – Душанбе, 1968.

12. Ходжибеков Э. Экспедитционная деятельность М.С.Андреева / Э. Ходжибеков // В сб. Научный вклад М.С.Андреева в изучение истории и этнографии таджиксого народа. Материалы научно-практической международной конференции. – Душанбе, 2014. –С.121-130с.

13. Шишов А. Таджики (Этнографическое исследование) / А.Шишов. – Алматы, 2006. – 392с.

14. Шоинбеков А.А. Традиционная погребально - поминальная обрядность исмаилитов Западного Памира (конец XIX – начало XXI вв.): Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук / А.А. Шоинбеков. – СПб., 2007. – 17 с.

15. Юсуфбекова З. М.С.Андреев - первый таджикский этнограф / З. Юсуфбекова / В сб. Научный вклад М.С.Андреева в изучение истории и этнографии таджикского народа. – Душанбе, 2014. – С.86-92.

САҲМИ ПРОФЕССОР АНДРЕЕВ М. С. ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН

Пас аз ба даст овардани истиқлолият худшиносии миллии тоҷикон боз ҳам қавитар гардид. Бесабаб набуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърихи тоҷикон рӯ овард ва олимони таърихшиносро даъват намуд, ки гузаштаи халқро бо диди нав аз нигоҳи ҳақиқат тадқиқ намоянд. Ин даъвати ӯ олимонро водор намуд, ки ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва муаррихони тоҷик дар ин ҷода корҳои пурмаҳсулеро ба анҷом расониданд. Аз ин лиҳоз, омӯхтани урфу одати кӯҳани тоҷикони кӯҳистон айни замон буда, саҳифаи навро дар таърихнигории тоҷик боз менамояд.

Саҳми профессор М.С.Андреев дар омӯзиши этнографияи вахониҳо ва ишкошимиҳо, расму оини онҳо дар замони ҳозира, ки яке аз рукнҳои омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикони ҷаҳон ба шумор меравад, хеле ҳам рӯзмарра буда, дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои нав ворид месозад ва ба бисёр масоили баҳсталаб равшанӣ меандозад. Доир ба масъалаи омӯзиши тоҷикони кӯҳистон ва

водии Хуф М.С.Андреев як қатор тадқиқотҳо гузаронидааст, ки ин саҳми бузурги олим дар омӯзиши таърих ва этнографияи тоҷикон мебошад.

Калидвожаҳо: М.С.Андреев, кӯҳистон, тоҷикон, этнография, саҳм, Вахон, Хуф, археология, таърихнигорӣ, татқиқот.

ВКЛАД ПРОФЕССОРА АНДРЕЕВА М. С. В ИЗУЧЕНИИ ИСТОРИИ ГОРНЫХ ТАДЖИКОВ

После обретения независимости, национальное самосознание таджиков более укрепилось. Не безосновательно Основоположник мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон обращаясь к истории таджиков, призвал учёных-историков изучать прошлое народа с новой точки зрения, с позиции историзма. Призыв Лидера нации побудил ученых уделять больше внимание этому вопросу и таджикские историки в этом направлении добились определенных результатов. С этой целью, изучение древних традиций горных таджиков является актуальной проблемой и открывает новую страницу в этом направлении.

Вклад профессора М.С Андреева в изучении этнографии ваханцев и ишкашимцев, их бытовых традиций, которые в настоящее время являются неотделимой частью истории таджиков мира и ее исследование вносит определенные уточнения в решении ряда спорных, нерешенных вопросов. В изучении и исследовании горных таджиков и таджиков долины Хуф, в изучении истории и этнографии таджиков вклад М.С. Андреева бесспорно является бесценным.

Ключевые слова: М.С.Андреев, горы, таджики, этнография, вклад, Вахон, Хуф, археология, историография, исследования.

CONTRIBUTION OF PROFESSOR M. ANDREEV TO THE STUDY OF THE HISTORY OF MOUNTAIN TAJIKS

After the Tajiks gained independence, the national self-awareness of the Tajiks became stronger. Not without reason The Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation - President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, referring to the history of Tajiks, called on historians to study the past of the people from a new point of view, from the standpoint of historicism. The appeal of the Leader of the Nation prompted scientists to pay more attention to this issue and Tajik historians have achieved certain results in this direction. To this end, the study of the ancient traditions of mountain tajiks is an urgent problem and opens a new page in this direction.

The contribution of professor M.S. Andreev to the study of the ethnography of the Vakhans and Ishkashim people, their everyday traditions, which are currently an integral part of the history of the tajiks of the world and its study makes certain clarifications in solving a number of controversial, unresolved issues. Study and research of mountain tajiks and tajiks of the Khuf valley, contribution of M.S. Andreeva is indisputably invaluable in the study of the history and ethnography of tajiks.

Key words: M.S. Andreev, mountains, tajiks, ethnography, contribution, Vakhon, Khuf, archeology, historiography, research.

Маълумот дар бораи муаллифон: Абдуллоев Маҳмуд Холович-*доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб кӯчаи С.Сафаров 16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru; Телефон: +992918685205.*

Сведения об авторах: *Абдуллоев Махмуд Холович – доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени А.Рудаки. Адрес. 735360 г. Куляб ул. С.Сафарова, 16., E-mail: abdulloev.48@mail.ru; Телефон: +992918685205.*

***Information about the authors**: **Abdulloev Mahmud, Holovich** – doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of History of the Tajik People Kulyab State University named after A. Rudak. Address. 735360 Kulob st. S. Safarov 16.,E-mail: abdulloev.48@mail.ru; Phone:+992918685205.*

***Каримов Юсуф-** магистранти курси 2-юми ихтисоси таърихи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Сурога 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб кӯчаи С.Сафаров, 16.*

***Каримов Юсуф-** магистрант 2-го курса по специальности история, факультет истории, права и международных отношений Кулябского государственного университета имени А.Рудаки. Адрес. 735360 г. Куляб ул. С.Сафарова, 16.*

***Karimov Yusuf** - 2nd year undergraduate student in the specialty of history, Faculty of history, provo and international relations Kulob State University named after A. Rudak. Address. 735360 Kulob st. S. Safarov, 16.*

УДК:321(2т) ,
ББК-60+66(2т),
Б-74.

К ВОПРОСУ О СОЦИАЛЬНО-ГУМАНИСТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ КЛАССИКОВ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Пирназаров Э.А., Бобоев Д.Х.
Кулябский государственной университет имени Абубабдуллох Рудаки

Известно, что в Средней Азии в эпоху перехода от рабовладения к феодализму на рубеже V и VII веков идеи социального равенства находят выражение в широком народном движении. Многообразные антиэксплуататорские идеи, связанные с различными выступлениями подневольных крестьянских масс, возникают и развиваются именно в эпоху феодализма. В разного рода народных социально-религиозных и гуманистических учениях, в произведениях устного творчества выражаются мечты о социальном равенстве своего рода, уравнительный коммунизм проповедовали и в других средневековых странах.

Основной пафос такого рода народно-утопической антиэксплуататорской идеологии состоял в революционном отрицании существующего. Что же касается заключающихся в ней политических требований, социальных идеалов, то они носили весьма смутный характер и были в значительной степени обращены назад, к статью патриархального рабства.

Можно назвать целую плеяду создателей учений, великих гуманистов, которые значительно обогащали гуманистическое содержание и дух общества в разные периоды исторического развития.

Нам хотелось бы отметить, что эти мыслители жили в разные исторические эпохи, они были к тому же, выходцами из разных классов и социальных слоёв – от самых привилегированных до предельно близких к самым глубоким народным низам.

Но одно великое начало объединяло, роднило, сближало всех этих мыслителей: все они являлись предтечами, провозвестниками социального равенства, когда об обществе подлинной свободы и равенства можно было разве только мечтать. В этом смысле все они независимо от их отношения к классовой борьбе и политическим движениям, были революционерами. Таким образом, своими глубокими корнями идея построения социального равенства, очищенного от угнетения человека, уходит в далёкое прошлое.

Проблемы изучения исходных позиций культурно-исторического развития таджикского народа эпохи средневековья, особенно ряда аспектов таджикского Эхьё

(Возрождения) от Сасанидов до Саманидов в той или иной степени изучалась и рассматривалась в гуманитарных науках [10]. В этих важнейших исторических источниках показывается, что выдающиеся мыслители средневековья, классики персидско-таджикской литературы внесли огромный вклад в духовную сокровищницу человечества, обогащали идеи гуманизма, идеи равенства, добра, истины как символ культуры, цель которой всеобщая победа над ложью и над злом, достижения на Земле социального равенства, вечного царства света, разума [11].

Сейчас, возрождение народа за годы независимости, естественно, вызывает интерес к его прошлому, к вершинам его культуры эпохи истории и, особенно в эпоху другого «возрождения» происходившего в совершено новых условиях. Поэзия великих классиков персидско-таджикской литературы до сих пор пленяет и волнует нас, людей XXI века. Одним из объективных причин этого является то, что в своих стихах они воспевали равенство, справедливость, милосердие, правдивость, мудрость, ценили истинно человеческие качества людей и считали это основным критерием миролюбия и благосостояние народа.

И глубоко обоснованно, совершено справедливо отмечает один из ведущих специалистов и знатоков этой области И. Брагинский, когда пишет, что «… можно так определить сущность передового направления в персидско-таджикской поэзии средних веков, выражающего народную тенденцию: это поэзия гуманизма, причём вполне определённого исторического типа; гуманизма, хотя и развивающегося всеми духу Средневековья; гуманизма, провозвестника нового, зарождающегося в недрах старого общества мировоззрения; гуманизма свободной человеческой личности, признающего её самоценность и достоинство, - одним словом, гуманизма, известного нам в мировой культуре как гуманизма эпохи Ренессанса» [3, с.6]. Именно упомянутые выше черты и особенности, отличающие поэзию персидско-таджикских классиков, даёт основание определить её как поэзию Возрождения.

К примеру стихи Абуабдулло Джафар ибн Мухаммад Рудаки (858-941, основоположник классической таджикской литературы), искренне выражают помысли и чувства человека. Именно любовь к человеку – один из главных мотивов, который охватывает все его творчество. Рудаки отразил быт крестьян, социальный гнёт, которому они подвергаются, но он в гораздо большой мере был выразителем идей и представлений городской культуры своего времени, точнее, идеологом образованного слоя, своеобразной средневековой интеллигенции в больших городах (врачей, учёных, писцов, зодчих, придворных поэтов), обеспечивающего себя умственным трудом. А города при Саманидов достигли расцвета благодаря развитию караванной и морской торговли, ремесел, архитектуры и прикладных наук. Любовь к человеку был одним из главных мотивов творчества поэта. Он умел ценить в человеке его достоинство и под человечностью он понимал справедливость, доброту, мужество, дружбу и благородство. Мыслитель видел благородство человека, прежде всего в заботе о нуждающихся людях, делиться с ними, считал он, долг благородных людей.

Известно однако, что «Страдание становится состраданием (двойным, совместным, разделённым страданием), и это соединяющая, связующая природа гуманизма имеет… антологический характер, отражая великое содружество явлений и процессов мироздания, солидарность всего существующего» [13, с.198]. Именно поэтому мыслитель считал, что гуманизм, социальное равенство, справедливость, человеколюбие, милосердия есть в самом серьёзном смысле слова Закон Природы или, точнее, замысел бытия о себе самом, объективных условиях своего существования.

Главным и основным в творчестве Фирдоуси, в частности в его бессмертном «Шах-наме» является гуманистические идеи и выдвинутых на первый план образы героической личности: богатырь Рустам, кузнец Кова, поднявший восстание против царя–тирана Заххока, поэтому и вошла эпопея в сознание современного читателя не как «Книга царей», а как «Царь-книга». В данной эпопее он отражает такие незыблемые

социально-гуманистические постулаты, на воспитание гуманизма и патриотизма, социального равенства. Мыслитель отводил разуму самое важное и почётное место, и это видно из того, что в «Шах-наме» восхваление разума идёт сразу после восхваления Бога, творца и является основой развития гуманистических идей. людей, постоянно творящих добро, он называл великими, согласно мыслителю, велик тот, кто кроме семян добра ничего другого не посеял. Первым признаком разума является то, что мудрый остерегается зла и держится подальше от него. Человек должен смотреть на мир глазами разума, т.е. должен хвалить добро, что разум для человека превыше всего и священен.

Следует учесть, что эпоха в которой жил великий мыслитель были чрезвычайно сложной. Несмотря на это в общем возрожденческом ритме государственных и общественных интересов развивалась и научно-литературное, в целом социально-гуманистическое течение, наиболее чётко проявившиеся в литературе, о чём свидетельствует подобного рода суждения великого Фирдоуси. В целом с социально-гуманистической позиции поэт рассуждает и отстаивает мнение о том, что мудрый человек никогда не желает зла другим, он не сожалеет о содеянном, он находит удовлетворение в постижении наук и совершении добрых дел.

Таким образом, поэт учит людей всегда прислуживаться к мудрым ибо мудрец, с точки зрения Фирдоуси, представляет собой зрелого, умного, много знающего, воспитанного человека, в котором сосредоточены все качества нравственности.

Известно, что социальная и гуманистическая идея, пронизывающая классическую поэзию, достигла философской вершины в творчестве Омара Хайяма (1048-1131). Отметим, что популярность Хайяма уже в начале XX века была настолько велика, что игнорировать его всемирную славу и стремление к человеческих сердец не было никакой возможности. В своём творчестве Омар Хайям поднимает идеи гуманизма и социального равенства на более высокую ступень. Он в своих прекрасных поэтических строках (рубаи) утверждает гуманность в отношениях людей друг к другу. Он воспевал радость жизни, внушал молодому поколению чувства оптимизма и творческого наслаждения. Он призывал молодых быть правдивыми и честными, держать данное обещание, быть верным своему слову, ценить человеческую доброту, решительно предостерегая молодое поколение от зазнайства, высокомерия, самовлюблённости. Мыслитель боролся за торжество деятельности человека, за его счастье на земле, он был ярким представителем гуманистических идеалов, социального равенства людей, мечтал о времени, когда не будет ни рабов, ни господ. «Удары хайямского рубаи по обскурантизму, ханжеству, тупости, произволу, бесчеловечности были неотразимы» [3, с. 16].

Становление здравого смысла, проницательности ума, острой интуиции, высокой нравственности человека, равенство между людьми, добродетельность – главная цель великого мыслителя.

Особенность и сущность нравственного, гуманистического учения другого великого мыслителя Джалалиддина Балхи (1207-1273) заключается в том, что он концентрировал своё внимание на индивиде как на совершеннейшем творении абсолютной идеи. Хотя понятие «совершенного человека» базируется на исламском понимании совершенства, мыслитель наполняет его новым земным, гуманным содержанием, основанным на интеллекте, физических и духовных силах конкретного человека. Идеалом добра становится сам человек, который не только наделяется способностью самосовершенствования, но и получает возможность сопоставлять свои поступки со своим нравственным идеалом. Он считал, что идеалом добра становится сам человек.

В «Маснавии маънави» (духовное маснави) поэт отмечает, что человек имеет право распознавать добро и зло подобно тому, как зеркало отражает и хорошее и плохое, так и совершенный человек не использует добро и зло объясняя их. Отраженное

ими добро и зло на них самих уже не действует подобно тому, как превратившееся в вино более не станет виноградом. Он считает самым большим недостатком человека его пассивность, инертность, не целеустремлённость к лицезрению лика возлюбленной и не желание лицезреть красоту Божественного лика. Созидание, благородство, равенство людей, добродетельность, трудолюбие, искренность, воспитанность, образованность – это главные черты человека, которые составляли суть социально-гуманистических идей Джалалиддина Балхи.

Выдающиеся мыслитель Муслихиддин Саади (1213-1292) высмеивал лжесуфийское лицемерие и аскетизм, гораздо больше внимания уделял земной поэзии и земной мудрости. Как поэт-гуманист он проводил свою агитацию за нравственность в рамках канонов человечности Саади как пропагандист прекрасных человеческих качеств, воспитанности, прежде всего критерием своих гуманистических воззрений избрал разные аспекты нравственных устоев человечности вообще. Он полагает, что истинная ценность человека определяется не богатством, а его качествами. При этом основными личностными качествами человека мыслитель считал гуманность, великодушие и добродетельность. Согласно его учению, науки надо изучать не ради удовлетворения собственных желаний и личной выгоды, а для того, чтобы благодаря им приносить пользу людям, благодетельствовать, поддерживать беспомощных в трудностях, творить добро и противостоять злу.

В целом, идея формирования совершенного человека Саади основывается на гуманизме, социального равенства, трудолюбии и мире на земле.

Изложенное в данной статье, средневековая таджикско-персидская литература, затрагивающие посвящающие гуманистические тенденции чрезвычайно богата, разнообразна и поучительна. Затрагивая тематику гуманизма и социального равенств, таджикско-персидские поэты и прозаики показывали его идеи и свершения, противопоставляя их идеологии правящего класса.

Литература:

1. Азамов Х.С. Гуманизм и гуманистические учения / Х.С. Азамов. – Душанбе: Ирфон, 2018 - 504 стр.
2. Ариана и Арйанведжа. – Худжанд, 2006 – 710 стр.
3. Брагинский И. Поэзия возрождения. В кн.: «Звёзды поэзии» / И.Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 154 стр.
4. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. – М., 1972-664 стр.
5. Девина В.И. Гуманизм и свободомыслие / В.И. Девина // Научно-аналитический сборник. – Москва: Науке, 1992. – 320 стр.
6. Занд М.И. Шесть веков слова. Очерки персидско-таджикской литературы / М.И. Занд. – М, Наука, 1964. – 252 стр.
7. История политических и правовых учений. – Москва: Политиздат, 1983. – 580 стр.
8. Куртц П. Мужество стать: добродетели гуманизма / П. Куртц. – Москва: Рос, Гуманистчество – 2000. – 160 стр.
9. Литература Востока в средние века. Часть II, М.: Изд-во МГУ, 1970. – 461 стр.
10. Негматов Н.Н. Государство Соманидов. (Мовараннахр и Хорасан в IX- X вв.) / Н.Н. Негматов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 150 стр.
11. Негматов Н.Н. Таджикский феномен. История и теория / Н.Н. Негматов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 стр.
12. Омар Хайям. М.: ЭКСМО, 2008. – 480 стр.
13. Освобождение духа. Под ред. А.А. Гусейнова, В.Н. Толстых. – М.: Полит - издат, 1991. – 352 стр.

14. Рудаки. Душанбе: Ирфон, 2008. – 240 стр.
15. Саади. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 1988-1990, т. 1. – 428 стр.

К ВОПРОСУ О СОЦИАЛЬНО-ГУМАНИСТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ КЛАССИКОВ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В статье вкратце излагается огромный вклад ряда таджикско-персидских мыслителей в духовную сокровищницу человечества, обогащение ими идеи гуманизма и социального равенства, идеи добра, истины как символа культуры, цель которой – всеобщая победа над ложью и над злом, достижения на земле вечного царства света, разума.

Особое внимание уделяется учению ряда выдающихся мыслителей таджикско-персидской литературы по вопросу социального равенства людей и гуманизма, порядочности, добродетельности, правдивости, милосердия.

В статье красной нитью выражена мысль о том, что формирование социальной прослойки, образованной средневековой интеллигенции, которая в противовес господствующему реакционному духовности, выдвигали из своей среды выдающихся представителей – гуманистов, выразителей идеи свободной личности. Они учили также, что человек должен избавиться от порабощающих и парализующих его иллюзий, он должен осознать действительность внутри и вне себя и создать мир, не нуждающийся в иллюзиях.

В статье автор заключает, что согласно мнению выдающихся таджикско-персидских мыслителей, достигнуть свободы и независимость можно лишь тогда, когда разорваны оковы иллюзий. Они верили в самосовершенствование человека и не сомневались, что это обязательно пробудится в будущем, а человек достигнет этой цели.

Ключевые слова: средневековье, эпоха Возрождения, равенство, справедливость, добродетельность, сокровищница, независимость, поэзия, классики, гуманизм, милосердие, поэт, страдание, личность, добро, зло, воспитание образованность, идея, братство.

МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ-ИНСОНДӮСТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ КЛАССИКОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Дар мақола саҳми азими як қатор мутафаккирони тоҷику форс дар ганҷинаи маънавии инсоният, ғанигардонии ғояи гуманизм ва баробарии иҷтимоӣ, ғояи некӣ, ҳақиқат ҳамчун рамзи фарҳанг, ки ҳадафи он пирӯзии саросарӣ бар дурӯғ ва бадӣ, ба даст овардани салтанати ҷовидонии нур ва ақл дар рӯи замин аст, баррасӣ гардидааст.

Ба таълими як қатор мутафаккирони барҷастаи адабиёти тоҷику форс оид ба масъалаҳои баробарии иҷтимоии одамон ва гуманизм, одоб, фазилат, ростгӯй, шафқат диққати махсус дода мешавад.

Мақола ба мисли риштаи сурх мегузарад, ки ташаккули як қишри иҷтимоиро, ки зиёиёни асримиёнагӣ ташкил додаанд ва дар муқоиса бо маънавияти ҳукмрони реаксионӣ намояндагони барҷастаро аз миёни онҳо - гуманистҳо, нишондиҳандаҳои ғояи шахсияти озод пешбарӣ карданд. Онҳо инчунин таълим медоданд, ки инсон бояд аз тасаввуроте, ки ӯро ғулом ва фалаҷ мекунад, халос шавад, вай воқеияти дарунӣ ва берунии худро дарк кунад ва ҷаҳоне созад, ки ба хаёлот ниёз надорад.

Дар мақола муаллиф ба хулосае меояд, ки тибқи андешаи мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс, озодӣ ва истиқлол танҳо дар сурате шикаста мешавад, ки занҷири хаёлот шикаста шавад. Онҳо ба такомули инсон боварӣ доштанд ва шубҳа накарданд, ки он бешубҳа дар оянда бедор хоҳад шуд ва шахс ба ин ҳадаф хоҳад расид.

Калидвожаҳо: Асрҳои миёна, даврони Эҳё, баробарӣ, адолат, фазилат, хазинадорӣ, истиқлолият, шеър, классикон, гуманизм, шафқат, шоир, азоб, шахсият, некӣ, бадӣ, таълим, идея, бародарӣ.

SOCIAL AND HUMANITARIAN ISSUES IN THE TEACHINGS OF PERSIAN AND TAJIK CLASSICS

The article briefly outlines the huge contribution of a number of Tajik-Persian thinkers to the spiritual treasury of mankind, their enrichment of the idea of humanism and social equality, the idea of good, truth as a symbol of culture, the goal of which is a universal victory over lies and evil, the achievement of the eternal kingdom of light and reason on earth. Particular attention is paid to the teaching of a number of prominent thinkers of Tajik-Persian literature on the issue of social equality of people and humanism, decency, virtue, truthfulness, mercy.

The article runs like a red thread that the formation of a social stratum, formed by the medieval intelligentsia, which, in contrast to the dominant reactionary spirituality, nominated prominent representatives from their midst - humanists, exponents of the idea of a free personality. They also taught that a person must get rid of the illusions that enslave and paralyze him, he must realize the reality inside and outside himself and create a world that does not need illusions. In the article, the author concludes that according to the opinion of prominent Tajik-Persian thinkers, freedom and independence can be achieved only when the shackles of illusion are broken. They believed in human self-improvement and did not doubt that it would definitely awaken in the future, and the person would achieve this goal.

Keywords: middle ages, era, renaissance, equality, justice, virtue, treasury, independence, poetry, classics, humanism, mercy, poet, suffering, personality, good, evil, education, idea, brotherhood.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Пирназаров Эмомназар Анварович, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к.С.Сафаров-16. Тел: 919212153.*

Сведения об авторах: *Пирназаров Эмомназар Анварович, кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой политологии Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел: 919212153.*

Information about the author: Pirnazarov Emomnazar Anvarovich candidate of political science of *Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: 919212153.*

Бобоев Дилшод Холмуродович, *омӯзгори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к.С.Сафаров-16. Тел: 985 47 33 54. Почтаи электронӣ: bozfeb-05@bk.ru*

Бобоев Дилшод Холмуродович*, ассистент кафедры политологии Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел: 985 47 33 54. Почтаи электронӣ: bozfeb-05@bk.ru*

Boboev Dilshod Kholmurodovich *teacher of the chair of political science of Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: 985 47 33 54. E-mail: bozfeb-05@bk.ru*

ББК-63 (2 тоҷ)
УДК-930 (2 тоҷ)
З-30

ГУСТАРИШЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАСИРИ ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИН

Пирназаров Э.А., Зарифов Ҳ.Р.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҳамасола Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар” ироа мегардад. Дар ҳар як паёму баромадҳои Пешвои миллат самти сиёсати хориҷӣ самти афзалиятнок дониста шуда, барои ташаккул ва пешрафти сиёсати хориҷӣ тадбирҳои саривақтӣ андешида мешаванд. Дар густариш ва такмилёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат то ба имрӯз хизматҳои шоён кардаанд ва карда истодаанд, ки инро аз ҳар як паёму баромадҳояшон метавон мушоҳида кард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳақиқат поягузори мактаби нав дар сиёсати хориҷӣ ва равобити байналмилалист. Зеро, замоне ки ӯ масъулияти кишвари ҷангзада ва дар ҳоли фурӯпоширо бар ӯҳда гирифт, ҳеҷ поя ва заминае барои пешбурди сиёсати хориҷӣ вуҷуд надошт. Ҳама медонем, ки агар Тоҷикистони мо дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар идоракунии бахши иқтисодию иҷтимоӣ замина ва таҷрибае дошт, дар бахши равобити байналмилалӣ чунин таҷриба ё вуҷуд надошт ва ё хеле маҳдуд буд. Дар даврони истиқлол низ ҳанӯз фурсати ин кор ба даст наомада буд [4].

Субеъкти асосии муносибатҳои байналхалқӣ давлатҳои мустақили миллӣ ба ҳисоб мераванд. Давлат ҳамаи имкониятҳоро дорад, ки сиёсати хориҷиро амалӣ гардонад. Дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ мақоми муайянро гурӯҳи давлатҳо, иттифоқи давлатҳо, иттиҳодияҳо, созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ соҳиб гаштаанд. Тадриҷан таъсири онҳо дар ҳалли масъалаҳои мураккабтарини байналхалқӣ муассир мегарданд [8, с. 248].

Густаришдиҳии сиёсати хориҷӣ, барқарории равобити хориҷӣ ва шиносонидани Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил яке аз муҳимтарин ва дар айни ҳол мушкилтарин бахшҳои давлатсозӣ дар солҳои аввали истиқлолият буд. Пешвои миллат 29 сентябри соли 1993 нахустин бор аз минбари Созмони Милали Муттаҳид сухан ронда, ҷомеаи ҷаҳониро бо ҳадафҳои сиёсии сулҳҷӯёна ва таҳкиму тақвияти ҳамкориҳо бо ҳама кишварҳои дӯсту сулҳпарвари ҷаҳон ошно намуд [7, с. 318].

Масъалаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии ҳамкориҳои байналмилалии кишвар доимо дар маркази диққати олимону донишмандон қарор дорад. Дар мақолаи мазкур низ асарҳоеро мавриди омӯзиш қарор додаем, ки онҳо дар солҳои истиқлолият таҳия гардидаанд ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишварро дар бар мегиранд. Дар самти таҳлилу баррасии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва робитаҳои дипломатии кишвар чунин олимон ба монанди Т. Назаров, А. Сатторзода, Ҳамрохон Зарифӣ, З.Ш. Сайидзода, Х.У. Умаров, Р.Ш. Нуриддинов ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Ҳамзамон, таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки дар рушду инкишофи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ кишвари мо бо ҳодисаҳои фоҷеабори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, рӯзҳои сангинро паси сар кард. Хотима бахшидан ба ҷанг, ба ҳам овардани тарафҳои даргир, таъмини сулҳу субот ва ҳамзамон бо ин барқарор намудани муносибатҳои дипломативу ҳамкориҳои созанда бо

кишварҳои олам барои мо аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафтанд. Бо вуҷуди душвориҳои мавҷуда, маҳз, бо шарофати сиёсати “дарҳои кушода” ва сулҳҷӯёна, ба мо муяссар шуд, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазовори худро пайдо ва рушди устувори кишварро таъмин намоем [13].

Дар оғоз баъзе сиёсатмадорон бар ин андеша буданд, ки дар шароти баъдиҷангӣ шояд сиёсати дарҳои кушода барои Тоҷикистон чандон мувофиқ набошад ва беҳтар аст, ки ба хотири ҳифзи суботу амният ва пешгирии дахолати бегонагон то чанд муддат кишвар каме баста боқӣ бимонад. Аммо, Пешвои миллат, ки вазъи дохилӣ ва авзои ҷаҳониро беҳтар аз ҳар каси дигар медонист, дар ин мавқеъ устувор монд ва сиёсати дарҳои бозро идома дод.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз бадаст овардани Истиқлолияти давлатӣ марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Яке аз вазифаҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дур намудани хатарҳои берунае мебошад, ки худи бақои тоҷиконро ҳамчун миллати мустақил ва дорои ҳувияти хос зери таҳдид мегузорад. Иҷрои ин вазифа дар ҳолате имконпазир мегардад, ки амнияти давлатӣ тоҷикон ва истиқлолияти он таъмин бошад. Дар тайи ин самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва авлавиятҳои он ба назар гирифтани махсусиятҳои мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муҳим аст. Усули асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол 19 ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси нави Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар “Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон” эълон гардида буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш пазируфта шуд ва дастгирӣ ёфт [15, с. 140].

Роҳбари давлат ва ҳукумат дар нахустин мурочиатномааш ба мардуми ҷумҳурӣ ҳангоми баршумурдани масъалаҳои ҳаётии муҳиме, ки дар назди ҳар як давлати соҳибистиқлол меистад, баъд аз зикри он, ки бояд “асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти нормаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсис дода, барои бунёди давлати нав, давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст, ҳамчунин пас аз таъкиди зарурати таъсис додани артиши миллӣ, пурзӯр кардани дифои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз чанд масъалаи муҳиме ёд овардааст, ки ҳама ба соҳаи сиёсати хориҷӣ дахл доранд. Он масъалаҳо аз рӯи тартибе, ки дар мурочиатномаи номбурда омадаанд, чунинанд:

- ❖ Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- ❖ Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;
- ❖ Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;
- ❖ Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбакистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;
- ❖ Дар асоси усули баробар, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико;
- ❖ Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ [6, с. 106].

Баҳри татбиқи сиёсати хориҷӣ, пеш аз ҳама муайян намудани самтҳои асосии он зарур мебошад. Бо назардошти омилҳои объективӣ ва субъективӣ самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон шартан чунин тасвир намуд:

- Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои ИДМ (пеш аз ҳама бо Русия);
- Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамҷавори форсизабон;

- Тоҷикистон бо кишварҳои бузурги минтақа;
- Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳони ислом;
- Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Амрико [16, с.88].

Имрӯзҳо мо самараи чунин робитаи гуногунсамту гуногунҷанбаро дар арсаҳои мухталиф мебинем ва кишварҳои минтақа низ мантиқи сиёсати дарҳои бозро эътироф мекунанду қобили пайравӣ медонанд. Зеро ин сиёсат боис шуд, то кишвари мо на танҳо мавқеияти худро қавитар созад, балки бо ёфтани равиши хоси дипломатияи худ, дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намояд [4, с.186].

Дар ин қарн зарурияти баланд бардоштани обрӯи байналмилалии ҷумҳурӣ ва пайдо намудани мавқеи арзандаи он дар арсаи ҷаҳонӣ дар фаъолияти Пешвои миллат аз оғоз мавқеи марказиро ишғол менамояд. Ӯ дар нахуст муроҷиатномаи худ ба мардуми ҷумҳурӣ оид ба ҳадафи ниҳоии ҷомеаи кишвар сухан ронда, онро чунин арзёбӣ намуда буд: «Дар ниҳояти кор кӯҳандиёри мо, Тоҷикистони азиз, бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои худро ёбад» [5, с.6].

Сиёсати сулҳҷӯёнаи роҳбари ҷавони давлати навтаъсис аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш мавриди дастгирии на танҳо мардуми шарифи Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ низ қарор гирифт ва заминаи хубе шуд барои ба роҳ мондани сиёсати хориҷӣ ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани давлати тоҷикон. Ин аст, ки нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ сол ба сол боло меравад ва кишварҳои олам тамоюли худро барои густариши равобит бо мо эълом медоранд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо 178 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ барқарор карда, узви фаъоли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид. Дар ин замина муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мо, пеш аз ҳама, бо ҳамсояҳои наздикамон–кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон мақоми хосса доранд, дар ҳамаи самтҳо тақвият ёфта истодаанд ва мо ин сиёсатро дар оянда низ густариш медиҳем.

Масъалаҳои таҳкиму густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба бо шарикони стратегӣ ва рушди мо - Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иттиҳоди Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чун ҳамеша дар сархати авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонанд. Мо ҳамчунин, мутобиқ бо ҳадафҳои дарозмуддати стратегии худ муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судмандро бо кишварҳои ба мо дӯсту хайрхоҳи ҷаҳони ислом, Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ, Ҷанубу Шарқӣ, Уқёнуси Ором, Африқову Амрико ба роҳ монда, рушду тавсеа хоҳем бахшид [11].

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 2007 ислоҳоти низоми рафтуомади шаҳрвандони хориҷиро идома дода, ҳоло барои шаҳрвандони 112 кишвар тартиби соддаи таҳия ва ба расмият даровардани раводидро муқаррар кардааст. Ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ ин раванд боз ҳам такмил дода мешавад. Мо муносибатҳои шарикиро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар чорчӯби созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ роҳандозӣ намуда, рушди ҳамкориҳоро дар ин самт идома хоҳем дод. Дар ин робита, мо ҳамкориро бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои тахассусии он, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчунин, бо шарикони рушд ва ниҳодҳои молиявии байналмилаливу минтақавӣ идома ва густариш медиҳем [11].

Соли 2021 Тоҷикистон раёсатро дар сохторҳои бонуфузи минтақавӣ - Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ба ӯҳда дорад. Имсол аз таъсисёбии Созмони ҳамкории Шанхай бист сол сипарӣ гардид. Тоҷикистон ҳамчун яке аз муассисони Созмони ҳамкории Шанхай аз рӯзҳои аввали таъсис ёфтани он дар пешрафту такомули ин созмон саҳми босазо гузошта истодааст.

Тоҷикистон ба туфайли татбиқи пайгиронаи сиёсати хориҷии худ тавонист, ки то имрӯз дар баррасӣ ва ҳалли мушкилоти гуногуни глобалӣ низ саҳми назаррас гузорад. Дар ин замина, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси кишвари пешбар дар ҳалли масоили мубрами амниятӣ, обу экология ва тағйирёбии иқлим эътироф гардидааст. Ҳифзи сулҳу субот ва таъмини амнияти пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, тавре ки борҳо таъкид карда будем, дар сархати авлавиятҳои калидии сиёсати хориҷии давлати мо қарор дорад. Пӯшида нест, ки Тоҷикистон дар хатти пеши мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои замони муосир қарор дошта, дар таъмини амнияти минтақа нақши муҳим дорад [11].

Аз ин лиҳоз, мо минбаъд бо кишварҳои минтақа ва ҳамҷавор, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар шарикони худ ҳамкории зичу судмандро дар соҳаи амният идома хоҳем дод. Итминони комил аст, ки ба суботу амнияти пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавон танҳо аз тариқи раванди сулҳе расид, ки аз ҷониби Ҳукумати Афғонистон ва мардуми он идора, назорат ва пеш бурда мешавад[11].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати сиёсати хирадмандона ва муваффақонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар даврони истиқлолият на танҳо равобити судманде бо ҷаҳони хориҷ барқарор созад, балки бо пайдо намудани равиши хоси дипломатияи худ, ки бар ҳифзи манофеи миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили глобалӣ шинохта шавад [14, с 57].

Идомаи муаррифии шоистаи нақшаҳои бунёдкорона, иқдомҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неку созандаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин, ҳузури фаъоли кишвари мо дар раванди ҳаллу фасли мушкилоти олами муосир аз ҷумлаи ҳадафҳое мебошанд, ки барои расидан ба онҳо минбаъд низ кӯшиш ба харҷ хоҳем дод. Ба ин манзур, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ фаъолияти байналмилалии худро мутобиқ ба муқаррароти Консепсияи сиёсати хориҷии давлатамон бо саъю талоши бештар идома хоҳад дод.

Густаришёбии сиёсати хориҷӣ, обрӯ ва нуфузи имрӯзаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ самараи талошҳои пайгирона ва хастагинопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Ӯ бо қабули масъулияти кишвар дар солҳои басо вазнин ва пайгирии ҳадафҳои олии созандагӣ манфиати умумимиллиро аз ҳамаи манфиатҳои дигар боло гузошта, боварии халқро соҳиб шуд. Корҳое, ки тайи солҳои гузашта анҷом дод, боис шуд, ки дар дохили мамлакат тамоми халқ, махсусан равшанфикрон ва нерӯҳои ақлонӣ ба нақшаву барномаҳои ояндаи ӯ бо диди умед бингаранд ва бо боварӣ пайрави роҳаш бошанд. Пешвои миллат ҳанӯз дар рӯзҳои душвор ва печидаи кишвар, дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон, роҳандозии тамосу равобити дӯстона бо кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва муаррифии кишвару миллат дар ақсои олам нақши созанда ва беназир доранд. Бо таъкид дар ҳар як паёмашон дар ин самт истода, дастурҳои мушаххас медиҳанд [4].

Ин аст, ки Пешвои миллат аз рӯзҳои аввал то имрӯз заминаҳои ҳуқуқии робитаҳои хориҷиро мувофиқ ба талаботи замон ва ниёзҳои Тоҷикистон ба вуҷуд оварда, тадриҷан мукаммал намуд, ки ҳамчун намуна ба чанде аз онҳо метавон ишора кард: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ” (1999), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати дипломатӣ» (2014), Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хориҷӣ» (2015) [9].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳар як паёмашон ҳамчунин дар ҳар як мулоқоту суханрониҳояшон вазъи сиёсати хориҷиро таҳлил ва натиҷагирӣ мекунанд. Самти сиёсати хориҷӣ самти афзалиятнок буда, Пешвои миллат зимни ироаи ҳар як паём дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд. Роҳҳои ҳалли мушкилот ва расидан ба

қуллаҳои муродро натанҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари ҷавон бо туфайли “сиёсати дарҳои боз” ва сиёсатҳои сулҳҷӯёнаи пешгирифтаи Пешвои миллат дар арсаи ҷаҳонӣ ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардида истодааст. Маҳзи ин муваффақиятҳо аз пай дар пай натиҷагириҳо ва тадбирҳои саривақтӣ андешидани Пешвои миллат дарак медиҳанд. Самараи ин заҳматҳо дар самти сиёсати хориҷӣ чунин муваффақиятҳо мебошанд:

- Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;
- Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;
- Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;
- Дар асоси усули баробар, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико;
- Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- Ҳар сол миёни Тоҷикистон ва беш аз 100 кишвари ҷаҳон табодули мол сурат мегирад. Соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи яке аз созмонҳои бонуфузтарини дунё - Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид;
- То имрӯз Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни олам беш аз 1200 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расонидааст, ки масъалаҳои муносибату ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳоро фаро мегиранд [3].
- Ағлаби ташаббусҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳаллу фасли мухолифати шаҳрвандӣ тариқи гуфтушунид, мусоидат ба ҳалли мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, як зумра ташаббусҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир, инчунин дигар пешниҳодҳои арзишманди роҳбарияти олии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ва дастгирӣ пайдо намудаанд [13].
- Тоҷикистон бунёдгузори форматҳои нави муколама дар доираи кишварҳои форсизабон (сегонаи Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон) ва кишварҳои “Чаҳоргонаи Душанбе” (Тоҷикистон-Россия-Афғонистон-Покистон) мебошад;
- Соли 2002 пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба ҳайси “Шаҳри сулҳ” сазовори ҷоизаи ЮНЕСКО гардид;
- Соли 2003 “Шашмақом” ҳамчун мусиқии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба ҳайси шоҳкориҳои шифоҳӣ ва фарҳангии мероси ғайримоддии башарият ба феҳристи ЮНЕСКО ворид карда шуд;
- Соли 2010 бо қарори 34-умин Ҷаласаи Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шаҳраки қадимаи «Саразм» ба феҳристи мусаввараҳои мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд;
- Соли 2013 бо қарори 36-умин Ҷаласаи Кумитаи Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО “Боғи миллии Тоҷикистон - Кӯҳҳои Помир” ба феҳристи Мероси табии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардид;
- Соли 2013 дар шаҳри Париж дар қароргоҳи ЮНЕСКО муаррифии китоби «Меъмори сулҳ», ки ба саҳми пуразиши Президенти Тоҷикистон – муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу суботи комил дар кишвар бахшида шуда буд, баргузор гашт;

- Соли 2013 бо эътирофи пайравии пайваста ба ҳадафҳои ташаккули сулҳи пойдор ва пешбурди рушди устувор, аз ҷумла тавассути ташаббусҳо оид ба пешбурди ҳамкорӣ ва муколамаи байналмилалӣ дар соҳаи об, табодули донишҳои илмӣ ва мусоидат ба пешрафт дар самти татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва ҳадафҳои рушди дар сатҳи байналмилалӣ ҳамоҳангшуда, Созмони ЮНЕСКО Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо Медали ҷашнии "60-солагии ЮНЕСКО" сарфароз гардонид [12, с.65].
- Соли 2013 дар ш. Париж дар рафти 37-умин иҷлосияи Конфронси генералии ЮНЕСКО ҷашнҳои 3000-солагии Ҳисор, 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон) ва 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ ба феҳристи ҷашнҳое, ки бо иштироки ЮНЕСКО дар солҳои 2014-2015 таҷлил мешаванд, ворид гардиданд [3].
- Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ (1 октябри 1999) – эълон намудани соли 2003 – Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд.
- Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”. 23 декабри соли 2003 Маҷмааи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул кард;
- Ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо. Ин масъала аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3-юми ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август - 4 сентябри соли 2009 дар шаҳри Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7-8 декабри соли 2009 пешниҳод гардида буд қабул шуд.
- Ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои амниятӣ, мубориза бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд;
- Эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010);
- Таъсис додани маркази минтақавӣ оид ба масъалаи минаҳо;
- Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» қабул гардиданд.

Бояд гуфт, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати санҷидашуда, прагматикӣ ва воқеъбинона буда, ҳамзамон бо пазириши меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ва эҳтиром ба манофеи шарикон, риояи қатъии манфиатҳои миллиро дар тамоми фаъолияти дипломатӣ дар мадди аввал мегузорад.

Дар ин росто сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои миллат ва фаъолияти пурсамари ӯ ҳамчун сиёсатсолори миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ гарави он аст, ки Тоҷикистон минбаъд низ дар сиёсати дохиливу хориҷии худ ба арзишҳои умумиинсонӣ содиқ монда, татбиқи принсипҳои универсалии он таъмини сулҳу субот, ҳуқуқбунёдӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалии баробарҳуқуқро идома хоҳад дод [12, с.70].

Метавон гуфт, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки тавассути иштироки фаъолу муассири он дар равандҳои бисёрҷанбаи минтақавию глобалии ҷаҳони имрӯза муваффақона роҳандозӣ мегардад, ба баланд шудани нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Бо туфайли ин сиёсат имрӯз саҳми ҷумҳурӣ дар амалӣ

намудани ҳадафҳои глобалии ҷаҳони муосир таъмини амният ва сулҳу субот, ҳаёти осоишта ва созанда дар паҳнои сайёра аз ҷониби ҳамёрони минтақавию байналмилалӣ ва дар маҷмуъ ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф карда шудааст [10, с.53].

Дар баробари ин, дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчунин идораи асосии тадбиққунандаи сиёсати хориҷии давлат, намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, дигар сохторҳои давлатие, ки ба роҳандозии ҳамкориҳо бо ҳамёрони хориҷӣ сарукор доранд, вазифаҳои зиёде истодаанд.

Сиёсати «дарҳои боз» ба мо имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиамонро афзоиш диҳем. Дар ин масъалаҳо корҳои зиёде дар пешанд ва дипломатияи иқтисодии мо бояд нақши фаъолтар дошта бошад. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, институтҳои моливии ҷаҳонӣ сарфи назар аз дастовардҳои қаблӣ, муносибати ҷиддитар ва назари фарохтарро тақозо дорад [1].

Дараҷаи омӯзиш ва хулосаи тадқиқот нишон дод, ки мавриди омӯзиш қарор додани марҳилаҳои нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳким бахшидани марҳилаҳои нави давлатдорӣ дар замони муосир хидмат карда метавонад. Мавриди омӯзиш қарор додани сиёсати хориҷӣ ва ташаккул додани ин соҳа василаи хубест барои мавқеъ пайдо намудан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Корсозиҳои хирадмандона ва дурандешонаи сиёсии Пешвои миллат дар ҷодаи дифоъ аз манфиатҳои кишвар ва эҷоди таносубу тавозуни оқилона миёни арзишу ормонҳои миллӣ ва ниёзҳои ҷаҳони муосир муҷиби афзудани эътибори байналмилалии Тоҷикистон гардид. Тоҷикистон имрӯз ба ҳайси кишвари соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта ва пазируфта шудааст. Ин дастоварди таърихист, ки ормонҳои миллии тоҷиконро ба воқеият табдил додааст.

Адабиёт:

1. Азизов А., Маҳмудов Н. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон - сиёсати «дарҳои кушод». / Азизов А., Маҳмудов Н // Газетаи “Садои мардум”. 12 апрели соли 2016, - №70.

2. Аслов С. **Санади қутбнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** [манбаи электронӣ]. URL: **http: //** www.mfa.tj (санаи истифодабарӣ: 11.10.2017 с.).

3. Аслов С. **Эмомалӣ Раҳмон-Асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ //** С. Аслов // Газетаи **«Ҷумҳурият», 13.04.2016. - №:71.**

4. Зарифӣ Ҳ. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири Истиқлолият / Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 186 с.

5. Зарифӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон - бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 17 с.

6. Зарифов Ҳ.Р Дастовардҳо, самтҳо ва густаришёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият / Ҳ.Р. Зарифов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ». (ш. Душанбе, 28 сентябри соли 2021) – Душанбе, 2021. – С.104-110.

7. Зарифов Ҳ.Р. Нақши пешвои миллат дар сиёсати хориҷии кишвар / Ҳ.Р. Зарифов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Мактаби сиёсии Пешвои миллат-Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон”. (ш. Бохтар, 10 декабри соли 2020) – Бохтар, 2020-1. – С.318-325.

8. Зокиров Г.Н. Давлат. Монографияи илмӣ // Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 248 с.

9. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Душанбе-2015. (бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 январи соли 2015, №332).

10. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. Китоби дарсӣ /

Назаров Т., Сатторзода А. – Душанбе, 2006. – 53 с.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, 26.01.2021.

12. Саидзода З. Фаъолияти байналмилали Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ: Монография / З.Саидзода. – Душанбе: Дунёи дониш, 2016. – 70 с.

13. Суханронии Пешвои миллат дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 76-уми Маҷмааи Умумии СММ. Шаҳри Душанбе, 24.09.2021.

14. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Китоби дарсӣ / Усмонов И. – Хуҷанд, 2003. - 57 с.

15. Шарифзода А., Асадов А. “Тоҷикистон” (Бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) / А.Шарифзода, А.Асадов. – Душанбе, 2011. – 140 с.

16. Шарифов А., Мирзоев Н. Асосҳои дипломатия. Китоби дарсӣ / А.Шарифов, Н.Мирзоев. – Душанбе, 2015. – 88 с.

ГУСТАРИШЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАСИРИ ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИН

Мақолаи илмӣ ба мавзӯи нисбатан муҳими илмҳои сиёсӣ мансуб буда, аз баррасии масъалаҳои сиёсие, ки дар дар замони соҳибистиқлолӣ рӯи кор омадаанд ва масъалаҳои сиёсие, ки дар паёмҳои Пешвои миллат ироа мегарданд иборат мебошад. Инчунин даврaҳои густаришёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият фаро мегирад.

Муаллифон, дар мақолаи мазкур мақоми сиёсати хориҷӣ ва нақши Пешвои миллатро оиди густаришёбии сиёсати хориҷӣ, тадбирандешии созандаи ӯро аз паёмҳояшон таҳлилу баррасӣ намуда, вазъи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Муаллифон ба таҳқиқи муҳаққиқони ватанӣ ба монанди Э. Раҳмон, Ҳ.Зарифӣ, С. Аслов, Т.Назаров, А.Сатторзода, ки дар самти сиёсати хориҷӣ таҳқиқот анҷом додаанд, такя намуда, густаришёбии самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони сиҳибистиқлолӣ муайян намудаанд.

Дар мақола муаллифон аз муваффақиятҳои сиёсати хориҷӣ изҳори назар карда, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалиро барои ояндаи дур ва наздик дар меҳвари сиёсати “дарҳои боз” нишон додаанд. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият бо равобиту ҳамкориҳои судмандаш дар ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намудаанд, ки ин ҳамкориҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтаанд.

Зимни таҳқиқи сиёсати бобарор ва сулҳҷӯёни Пешвои миллатро дар ҳалли масоили сиёсати хориҷии кишвар ва ҳалли масоили глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ зикр намудаанд, ки дар сиёсати хориҷии кишвар аҳамияти бузург ва назаррас доранд. Аз ин рӯ қайд намуданд, ки Тоҷикистон ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта мешавад.

Калидвожаҳо: Пешвои миллат, паёмҳо, сиёсати хориҷӣ, давлатдорӣ, таърих, сиёсати “дарҳои боз”, ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамкориҳои судманд, ташаббусҳои созанда, манфиатҳои миллӣ.

РАСШИРЕНИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ИСТОРИИ НОВОГО ГОСУДАРСТВА

Научная статья является относительно важной темой в политических науках и исследует политические вопросы, возникшие после обретения независимости, и

политические вопросы, поднятые в посланиях Лидера нации. Она также охватывает период развития внешней политики Республики Таджикистан в период независимости.

В данной статье авторы анализируют состояние внешней политики и роль Лидера нации в развитии внешней политики, его конструктивные меры из своих посланий, а также исследуют геополитическое положение Республики Таджикистан на мировой арене.

Авторы ссылаются на исследования отечественных исследователей, таких как Э.Рахмон, Х.Зарифи, С.Аслов, Т.Назаров, А.Сатторзода, проводившие исследования в области внешней политики, определили развитие основных направлений внешней политики Республики Таджикистан с момента обретения независимости.

В статье авторы комментируют успехи внешней политики, подчеркивая защиту национальных интересов и международное сотрудничество на обозримую перспективу в политике «открытых дверей». Внешняя политика Республики Таджикистан в период независимости подтверждена ее плодотворными отношениями и сотрудничеством в мировом сообществе, которое основано на защите национальных интересов и уважении общечеловеческих ценностей.

Авторы отмечают успешную и миролюбивую политику Лидера нации в решении внешней политики страны и мирового сообщества, что имеет большое значение во внешней политике страны. В этой связи, в статы отмечено, что Таджикистан признан активной и влиятельной страной в решении глобальных проблем.

Ключевые слова: Лидер нации, сообщения, внешняя политика, государственность, история, политика «открытых дверей», мировое сообщество, взаимовыгодное сотрудничество, творческие инициативы, национальные интересы.

EXPANSION OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE HISTORY OF THE NEW STATE

The scientific article is a relatively important topic in the political sciences and examines the political issues that have arisen since independence and the political issues raised in the messages of the Leader of the Nation. It also covers the period of development of the foreign policy of the Republic of Tajikistan during the period of independence.

In this article, the authors analyze the status of foreign policy and the role of the Leader of the Nation in the development of foreign policy, his constructive measures from their messages, and study the geopolitical situation of the Republic of Tajikistan on the world stage.

The authors refer to the research of domestic researchers such as E. Rahmon, H. Zarifi, Aslov S., T. Nazarov, A. Sattorzoda, who conducted research in the field of foreign policy, identified the development of the main directions of foreign policy of the Republic of Tajikistan since independence.

In the article, the authors comment on the successes of foreign policy and highlight the protection of national interests and international cooperation for the foreseeable future in the "open door" policy. The foreign policy of the Republic of Tajikistan during the period of independence has been proved by its fruitful relations and cooperation in the world community, which is based on the protection of national interests and respect for universal values.

The authors note the successful and peaceful policy of the Leader of the Nation in addressing the country's foreign policy and the global community, which is of great importance in the country's foreign policy. In this regard, it was noted that Tajikistan is recognized as an active and influential country in addressing global issues.

Keywords: Leader of the nation, messages, foreign policy, statehood, history, "open doors" policy, the world community, mutually beneficial cooperation, creative initiatives, national interests.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Пирназаров Эмомназар Анварович-номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.* ***Сурога:*** *ҶТ, 735360. ш. Кӯлоб, маҳаллаи С. Сафаров 16.* ***Тел:*** *(+992) 918-17-30-30.*

Сведения об автореах: *Пирназаров Эмомназар Анварович-кандидат политических наук, доцент, зав. кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *РТ, 735360. г. Куляб, улица С. Сафарова 16.* ***Тел:*** *(+992) 918-17-30-30.*

Information about the authors: *Pirnazarov Emomnazar Anvarovich- candidate of political science, docent, head of the chair of political science Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki.****Address:*** *RT, 735360, Kulob town, street S. Safarov 16.* ***Phone:*** *(+992) 918-17-30-30.*

Зарифов Ҳабибулло Раҳматуллоевич *- докторанти (PhD)-и соли 2-юми ихтисоси сиёсатшиносӣ, кафедраи сиёсатшиносӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.* ***Сурога:*** *ҶТ, 735360. ш. Кӯлоб, маҳаллаи С. Сафаров 16.* ***E-mail****: zarifov1995@list.ru.,* ***Тел:*** *(+992) 944-88-88-68.*

Зарифов Хабибулло Рахматуллоевич *– доктор (PhD) 2-го курса по специальности политология, кафедра политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *РТ, 735360. г. Куляб, улица С. Сафарова 16.* ***E-mail****: zarifov1995@list.ru.,* ***Тел:*** *(+992) 944-88-88-68.*

Zarifov Habibullo Rahmatulloevich*- doctor (PhD) 2-nd year, majoring in political science, Department of political science, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.* ***Address:*** *RT, 735360, Kulob town, street S. Safarov 16. E-mail: zarifov1995@list.ru., Phone: (+992) 944-88-88-68.*

ББК – 930 (2. тоҷ)
УДК – 63 (2. тоҷ)
Н - 18

АЗ ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Назарзода П.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои алоқаманд ба таърихи давлатдории халқият ва миллатҳо масъалаи нав набуда, аз ҷониби олимони бахшҳои гуногуни илмҳои соҳаи таърих ва дигар илмҳои бахшҳои ҷомеашиносӣ пайваста мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор мегирад. Аз ҷумла, нахустин маротиба баъзе аз масъалаҳои давлатдорӣ ва ҳокимият дар асарҳои донишмандони қадим ба мисли Арасту, Афлотун, Ситсерон ва муҳаққиқони онҳо В.С. Нерсесянс, А.Ф. Лосев мавриди таҳлил қарор гирифтааст [3].

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо, ки таърихи хеле қадим дорад, даврaҳои ҷудогонаи таърихи далатдории гузаштаи халқи тоҷик дар асарҳои як қатор донишмандон, мутафаккирони Шарқи қадим ба мисли Ибни Қутайба (828- 889); Ал-Берунӣ, (соли вафоташ 924), Байҳақӣ (995-1007), Табарӣ (соли вафоташ 923), Фирдавсӣ (934-1021), Берунӣ (973 -1051), Абу Наср Ал Форобӣ (асрҳои 10-11), Гардизӣ (асри XI), Утбӣ (асрҳои X-XI), Ҷузҷонӣ (соли вафоташ 1047), Ҷувайнӣ (1225-1283), Шомӣ (асрҳои XIV- XV), Ҳофизи Абру (соли вафоташ 1430), Абдураззоқи Самарқандӣ (соли вафоташ 1482), Мирхонд (соли вафоташ 1448), Камолиддин Биноӣ (1453-1512), Ҳофиз Таниш (1549-1635), Муншӣ (XVII), Аҳмади Дониш (1826-1896) мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Минбаъд бошад, дар давраи Шӯравӣ масъалаҳои таърихи давлатдорӣ ва хусусиятҳои хоси идоракунии давлатҳои қадими тоҷикон аз ҷониби як қатор олимони

бахши таърих ба мисли: Б. Ғафуров, Н. Неъматов, С.А, Раҷабов, Ш. Азимов, З. Раҷабов, Р. Масов ва дигарон мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст [6].

Баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ соли 1991 Тоҷикистон роҳи бунёди сохти ҷомеаи демократиро пеш гирифт. Дар саромади ин роҳ ҷомеаи тоҷик бо як қатор мушкилоту душвориҳо ва муқовиматҳои сиёсӣ рубарӯ гардид, ки раванди муътадили бунёди ҷомеаи навро ноором намуда, кишварро ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ кашид. Ба андешаи дигар, давраи гузариш аз сохти идораи авторитарӣ ба сохти идораи демократӣ бо душвориҳои вазнин ба амал бароварда мешуд, ки таҳлили илмӣ –назариявии ин давра таҷассуми худро дар як қатор асарҳои олимони намоёни бахши ҷомеашиносии муосири тоҷик, аз қабили М.К. Ғаффорова, В.А. Фомин, М.Д. Диноршоев, Ф.Т. Тоҳиров, Қ.Р. Расулов, М.Г. Гулаҳмедов, С.Р. Раҷабов, С.И. Шарипов, А.Н. Маҳмадов, М.У. Хидирова ва дигарон ёфтаанд [2].

Илова бар он, метавон ин ҷо маводи зиёду ғанӣ дар мавриди хислати таърихии давлатдории навини тоҷикон, аз асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайдо намуд, ки бо назардошти таърихи бисёрасраи кишварамон ва дурнамои имрӯз ва фардои ватани азизамон барои мо қиммати пуразриш доранд [13].

Бо вуҷуди ин, аз омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии дар боло оварда шуда маълум мегардад, ки масъалаҳои алоқаманд ба таърих ва марҳилаҳои давлатдории тоҷикон дар шакли умумӣ баррасӣ гардидаанд. Бинобарин, бисёр масъалаҳои норавшан дар мавриди таҳлилу баррасии таърихи давлатдорӣ ва марҳалаҳои инкишофи он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол боқӣ мемонад, ки дар оянда таҳқиқоти илмию бунёдиро аз ҷониби олимони бахши таърих ва ҷомеашиносӣ тақозо дорад.

Ҳадафи мо дар ин мақола аз баррасии таърихи давлатдории тоҷикон ва дар ин замина нишон додани марҳалаҳои рушди он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол иборат аст. Бо назардошти ин, метавон мавзуи моро як навъ таҳлили таърихӣ - сиёсӣ низ арзёбӣ намуд.

Таҳлили амиқи воқеаҳои таърихӣ ва адабиётҳои зиёди илмӣ - назариявӣ ва таърихию сиёсии олимони гузашта ва имрӯзро анҷом дода, метавон таърихи давлатдории халқи тоҷик ва марҳилаҳои инкишофи онро ба се давраи зерин ҷудо намоем.

1. Аз ибтидои давлатдории Сомониён (қарни IX) то таназзул ва сукути он (охири қарни X).

2. Аз воқеаҳои Инқилоби Октябри соли 1917 ва таъсис ёфтани ҶШС Тоҷикистон - то пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ дар охири соли 1991.

3. Аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар Тоҷикистон 9-сентябри соли 1991 то ба имрӯз.

Пеш аз он ки таҳлил ва таҳқиқи ин масъаларо баррасӣ намоем, мувофиқи мақсад мебуд, аз таърихи гузаштаи халқи тоҷик ёдовар шавем. Олими шӯҳратманд, донишманди таърих ва ходими намоёни давлатии мо – Б. Ғафуров таъкид намуда буд, ки «Имрӯз мо, ба таърихи гузаштаи худ на барои он муроҷиат мекунем, ки таърих моро шӯҳратманду ғанӣ мегардонад, балки барои он муроҷиат мекунем, ки вай моро меомӯзонаду маҷбур мекунад, ки ба имрӯз аз назари дигар нигарем ва ёрӣ мерасонад, ки қонунҳои инкишофи таърихро донем» [7, с. 346].

Халқи тоҷик, ки дорои таърихи куҳан аст, ҳанӯз дар марҳалаҳои нахустини ташаккули худ давлатдории худро дошт. Илова бар он, гузаштагони мо худро дар саҳифаҳои таърих номгузорӣ намуда, барои барпо намудан ва инкишофи нахустдавлатҳои Суғду Бохтар ва инчунин давлати Ҳахоманишҳо (асрҳои IX–III пеш аз милод) саҳмгузоранд [8, с. 113].

Минбаъд бошад, дар ибтидои солшумории мелодӣ бевосита дар ташаккул ва идоракунии чунин давлатҳои шӯҳратманди Осиёи Марказӣ ба мисли давлатҳои

Ашкониён, Кӯшониён, Эфталитҳо, Сосониҳо, Тоҳириён ва Сомониён иштирок намудаанд.

Чуноне ки таҳлили сарчашмаҳои илмӣ- таърихӣ бавуҷудоии давлатдории халқи тоҷикро нишон медиҳад, дар воқеъ «Давлати Сомониён дар ниҳояти кор ҷавлонгаҳе шуд, ки кишвари фарҳангхезу миллати фарҳангпарвари тоҷик бори дигар заковати фитриву ҳуввияти миллии хешро дар ин давра ба ҷаҳони мутамаддин нишон дод. Ин давра чун ҷамъбасти таърихии ташаккули халқи тоҷик ва ба авҷи камол расидани давлату давлатдории миллии тоҷикон эътироф шудааст» [17, с.4].

Халқи тоҷик дар давраи давлатдории Сомониён ба дараҷаи баланди идоракунии давлатӣ расида буд. Аксарияти давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки баъди таназзули давлати Сомониён зуҳур доштанд, аз қабили давлатҳои Ғазнавиён, Хоразмшоҳиён, Салчуқиён, Темуриён, Шайбониҳо, Аштархониҳо, Манғитиҳо аз таҷрибаи идоракунии давлати Сомониён васеъ истифода бурдаанд.

Дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ яке аз асосгузорони давлат ва сиёсатмадори дурандеши замони худ, ҳукумати марказӣ мустаҳкам гардида, инкишофи иқтисодии кишвар ва муносибатҳои ҳарбӣ–сиёсии Сомониён афзун мегардад. Комёбии аз ҳама бузурги давлати Сомониён аз он иборат буд, ки ин давлати мутамарказ буд. Ба андешаи донишманди мо – Ш. Азимов «Танҳо давлате, ки мутамарказ аст, метавонад ба имкониятҳои авҷи баланди фарҳангиву хоҷагидорӣ ва имконияти ба даст овардани соҳибистиқлолии худ умед бандад». [2, с. 6].

Халқи тоҷик дар давраи давлатдории Сомониён ба комёбиҳои баланд ноил гардида, саҳми худро дар фарҳанги умумиҷаҳонӣ бо шинохти беҳтарин донишмандону мутафаккирон ба мисли Ал-Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва классикони адабиёти ҷаҳонӣ асосгузори адабиёти классики форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯмансур Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Балхӣ, Марвазӣ, таърихшиносон Табарӣ ва Наршахӣ ва дигар ходимони намоёни илму фарҳанг ва афкори ҷамъиятию сиёсӣ гузаштаанд [5].

Ҳамин тариқ, мо метавонем давраи Сомониёнро комёбии бузурги таърихи халқи тоҷик муаррифӣ намоем, ки ба туфайли он нахустин маротиба марҳалаи аввали давлатдории тоҷикон оғоз гардидааст. Давлати Сомониён давлати феодалӣ буд. Ҳокимиятро шоҳ идора мекард. Пас низоми идораи давлатдорӣ низ авторитарӣ буд, ки мутобиқи он ҳокимияти як нафар ва амри марказ афзалият дошт.

Рафти минбаъдаи омӯзиши масъалаи мазкур собит месозад, ки баъди шикасти давлати Сомониён аз рӯи мақоми худ, марҳалаи дуюми инкишофи давлатдории халқи тоҷик ба воқеаҳои Инқилоби Октябр дар соли 1917 рост меояд, ки бо туфайли он халқи тоҷик баъди 1000 сол истиқлолияти миллӣ ва сиёсӣ аз нав ба даст оварда, дар харитаи ҷаҳон бо номи ҶШС Тоҷикистон шинохта мешавад. Ин марҳалаи таърихӣ давраи шӯравӣ буда, зиёда аз 70 сол идома ёфт. Маҳз дар ҳамин марҳилаи таърихӣ Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба комёбиҳои баланди сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ ноил мегардад.

Баъди мустаҳкам гардидани ҳокимияти шӯравӣ ва ташкил ёфтани ИҶШС (СССР) дар соли 1922 масъалаи нисбатан муҳим - тақсимоти миллӣ – ҳудудии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба шумор мерафт, ки бо туфайли он Тоҷикистон дар соли 1924 ҳамчун Ҷумҳурии Автономии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон қарор гирифт [16, с. 167]. Ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон дар қатори дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллии шарқ дар он марҳила аҳамияти калони байналхалқӣ дошт.

25 феврали соли 1931 Конститутсияи нави ҶШС Тоҷикистон аз нав таҳия гардид. Ҳамин тариқ, баъди қабул гардидани Конститутсияи нав асосҳои сохторӣ-ҳуқуқии ҶСШ Тоҷикистон бунёд гардид, ки барои ин ташкил ёфтани РСФСР ва ИҶШС (СССР) мусоидат намуд [15, с. 255].

Ташкил ёфтани ҷумҳуриҳои миллии шӯравӣ, имкониятҳои фароҳам барои мустаҳкам намудан ва инкишофи давлатҳои миллии шӯравии халқҳои Осиёи Миёнаро оварданд. Бояд ин ҷо ин нуқтаро таъкид намуд, ки дар раванди инкишофи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ба халқи тоҷик саҳми ёрию дастгирии халқи рус бениҳоят калон аст [11, с. 445].

Чуноне ки таҷрибаи таърихи ба Россия ҳамроҳшавии Осиёи Миёна собит месозад, новобаста аз сиёсати реаксионию мустамликадоронаи царизм ва минбаъд, бештар аз 70 сол дар доираи оилаи ягонаи халқҳои шӯравӣ бо ҳам зистан барои халқи тоҷик, дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт дигаргуниву комёбиҳоро фароҳам овард. Дар ибтидо амалисозии фарҳанги пешқадами рус ба ҳаёт ва зиндагии халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна таъсири амиқи худро гузошт. «Барои инкишофи афкори ҷамъиятӣ- сиёсии халқи тоҷик мусоидат намуд, ки дар натиҷа нахустин падидаҳои худшиносии миллӣ рӯи кор омад ва минбаъд ба он оварда расонид, ки халқияти тоҷик ба дараҷаи миллат расид» [10] .

Низоми идораи марҳилаи дувуми давлатдории тоҷикон- давраи шӯравӣ мутобиқи назари ҷомеашиносон низоми авторитарӣ - тоталитарӣ буда, бо шакл ва хислати худ аз низоми давлатдории дигар давлатҳо фарқ мекард [12, с. 18]. Ин марҳалаи давлатдории тоҷикон то пош хӯрдани давлати абарқудрати шӯравӣ, ибтидои солҳои 90-уми қарни XX идома меёбад.

Чуноне ки дар боло ҳам ишора рафт, баъди сукути давлати шӯравӣ Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳо ба шоҳроҳи нави таърихи- бунёди ҷомеаи демократӣ қадам ниҳод. Вобаста ба хислати давлатдории мо, ин давра марҳилаи сеюми давлатдории тоҷикон мебошад, ки низоми идораи он демократӣ мебошад. Ибтидои ин шоҳроҳи нави давлатдорӣ аз воқеаи бузурги таърихии 9 сентябри соли 1991 аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пош хӯрдани давлати абадқудрати Шӯравӣ- декабри соли 1991 оғоз гардида, то ба имрӯз идома дорад.

Маълум аст, ки раванди гузариш аз як сохти идораи давлатӣ ба дигар сохти идораи давлат бо як қатор хислату хусусиятҳо ва қонуниятҳои зиёде амалӣ мегардад, ки аз дигар вазъияту шароитҳои инкишофи ҷомеаи пештар фарқ мекунад. Инро дар маҷмӯъ «давраи гузариш» меноманд.

Бунёди давлатдории нави ҷомеаи демократӣ барои Тоҷикистон таҷрибаи нав буда, раванди амалисозии принсипҳои он бо душвориҳо ба даст омад. Дар Тоҷикистон олимони ҷомеашинос ба омӯзиши ин масъала акнун пардохтаанд ва бинобар он паҳлӯҳои норавшани ин раванд хеле зиёданд ва таҳқиқотҳои илмӣ- назариявиро нигарон мебошанд.

Хушбахтона, солҳои охир як қатор асарҳои илмӣ- назариявӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии ходимони давлатӣ, олимони бахши сиёсат ва ҷомеашиносӣ, ба мисли - Эмомалӣ Раҳмон, С.Р. Рачабов, С. Фатоев, К.Р. Расулов, М.Г. Гулахмедов, А.Н. Маҳмадов, Г.Н. Зокиров, С.И. Шарипов ва дигарон ба табъ расидаанд, ки раванди демократикунонии ҷомеа ва таъриху инкишофи давлатдории навини тоҷиконро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додаанд.

Мусаллам аст, ки ин таҳлилҳо ҳама паҳлӯҳо ва шароитҳои инкишофи низоми давлатдории навини мо тоҷиконро, дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ пурра нишон дода наметавонанд. Ба хусус, дар ҳоле ки «давраи гузариш» дар Тоҷикистон бо душвориҳо ва муноқишаҳои шадиди сиёсӣ, то ба даргирии ҷанги шаҳрвандӣ омада расид, ки то имрӯз осори онро давлат ва ҷомеаи тоҷик эҳсос менамояд. Бо назардошти ин баъди таҳлили амиқи масъала ва хулосагирӣ аз инкишофи давраи нави бунёди давлатдории навини демократӣ дар Тоҷикистон, мо метавонем ин марҳиларо ба 3 давра ҷудо намоем:

- давраи аввал, аз соли 1990 (бо пайдоиши нахустин падидаҳои тафаккури демократӣ, ки дар шакли ҳизбу ҳаракатҳои нав зуҳур мекард) ва ба даст овардани

истиқлолияти сиёсӣ дар соли 1991 оғоз гардида, то моҳи ноябри соли 1992 - то Иҷлосияи XVI- уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфт;

- давраи дуюм, аз соли 1992 давраи муқовиматҳои шадиди сиёсӣ баҳри ҳокимият ва давраи ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардида, то баста шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 идома ёфт;

- давраи сеюм аз нимаи дуюми соли 1997 (аз бастани Созишномаи сулҳ, 27 июни соли 1997) оғоз гардида, то замони мо идома дорад.

Хислату хусусиятҳои муҳими ин давраҳои нишондодашуда аз инҳо иборат аст. Дар давраи аввал, нахустин падидаҳои озодандешӣ ва зуҳуроти азнавсозии ҷамъият дар симои ҳизбҳои сиёсии навтаъсисёфтаи Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби мамнуи наҳзати исломии Тоҷикистон, ҷамъияту ҳаракатҳои халқии «Растохез», «Ошкоро», «Ваҳдат», «Бохтар» ва як қатор клубҳои сиёсӣ, ба мисли «Меҳри Хатлон», «Истаравшан», «Лаъли Бадахшон» ва дигарҳо ба вуҷуд омаданд, ки иродаи аъзоёни ҷамъиятро дар доираи андешаҳои сиёсӣ ва нуфузи минтақавӣ ба ҳам меоварданд. Ин арзишҳои нави сиёсӣ то ҷое ба бедории сиёсии халқи тоҷик мусоидат карда бошад ҳам, аз ҷониби дигар сабабгори даргириҳои сиёсии солҳои 90- уми Тоҷикистон ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ низ гардиданд. Падидаи аз ҳама неки ин давра ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар рӯзи 9 сентябри соли 1991 ба шумор мерафт.

Дар даври дуюм, ки аз воқеаҳои давраи ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ соли 1992 оғоз меёбад ва то бастани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ - 27 июни соли 1997 давом меёбад, Тоҷикистон дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт. Муҳимтарин дастоварди ин давра баргузор гардидани иҷлосияи XVI -уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 буд, ки дар натиҷа ҳокимияти конститутсионӣ ба сари қудрат омад. Роҳбарии сиёсии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро Эмомалӣ Раҳмон пешвои хирадманду дурандеш ба ӯҳда гирифт, ки минбаъд дар ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ ва хомӯш намудани оташи ҷанги шаҳрвандӣ саҳми беандоза бузургро адо намуд[1, с. 132] Комёбиҳои минбаъдаи кишвар дар роҳи мустаҳкам намудан ва рушди давлатдории навини демократӣ ба номи ӯ сахт алоқаманд аст. Муҳимтарин мушаррафоти арзишманди назари Эмомалӣ Раҳмон, ки дар рӯзи ба ҳайси раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданаш иброз дошта буд «Оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем….» [14] дар дили пиру ҷавони кишвари азизамон умеду бақои ояндаи давлатдории навинамонро дар роҳи ҷомеаи демократӣ ҷой кард.

Баъди сипарӣ гардидани ду даҳсола, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш ба истиқболи 20 – умин солгарди ин иҷлосияи воқеан ҳам таърихӣ дар бораи нақш, мақом ва аҳамияти он иброз дошта буд, ки «Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи ҳамин гуна рӯйдодҳои сарнавиштсоз аст, ки барои раҳоии давлати нав ба истиқлолрасидаи мо аз оташи ҷанги харобиовар ва ҳамчунин барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам овард» [18].

Минбаъд дар соли 1994, нахустин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолии кишвар қабул гардид. Баъди андаке муътадил гардидани шароитҳо аз нав идоракунии президентӣ ба роҳ монда шуд. Соли 1994 Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид [9, с. 37]. Дар заминаи ин имкониятҳо баҳри амалисозии принсипҳои демократӣ ба вуҷуд омад. Барномаи аз роҳи мухолифат берун баромадан дар сатҳи ҳукумат рӯи кор омад ва дар натиҷа 27 июни соли 1997 Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ баста шуд. Тоҷикистон аз роҳи муноқишаҳои сиёсӣ ба роҳи сулҳу оштӣ ва саодату хушбахтӣ ворид гардид. Ин муҳимтарин комёбии халқи тоҷик дар марҳалаи дуюм буд.

Давраи сеюм, аз бастани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 оғоз гардида, то замони мо идома дорад. Дар ин давра имкониятҳо барои амалисозии дигаргунсозиҳои демократӣ ба вуҷуд омад. Соли 2000-ум Парламенти думаҷлиса ба кори худ оғоз кард. Ҳама сохторҳои ҳукумат аз марказ то маҳал ба кори пурсамар гузаштанд. Давраи бунёдкорию созандагӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ рӯи кор омад. Рӯҳи худшиносии миллии аҳолӣ боло гирифта, умед ба ояндаи нек дар дили хурду калон ҷой гирифт. Тоҷикистон аз кишвари ҷангзада ва азназарафтода ба кишвари рӯ ба тараққӣ табдил ёфт, ки роҳи бунёди давлатдории навини ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро барои худ интихоб намуд. Дар ин роҳ бо дастгирии ҷомеаи мутамаддин устуворона пеш меравад. Натиҷаҳои бадастовардаи бахши иқтисодии кишвар меафзояд. Имкониятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат рӯз аз рӯз афзун гардида, доираи ҳамкориҳои байнидавлатӣ васеъ мегардад. Тоҷикистонро имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати давлати амн ва демократӣ эътироф менамояд.

Ҳамин тариқ, масъалаи таърихи давлатдории халқи тоҷик ва марҳилаҳои рушди онро дар Тоҷикистон баррасӣ намуда, ба хулосаи амиқ меоем, ки халқи тоҷик бо омад ва ноомади таърих дорои таърихи қадими давлатдорӣ буда, дар ин радиф таҷрибаи кори идораи давлатии он рушд намудааст. Дар замони муосир бо назардошти ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ ва интихоби роҳи нави давлатдории демократӣ, ки имсол мо 30 – солагии онро ҷашн гирифтем, бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистони мо дар роҳи ташаккул ва рушди давлатдори миллӣ қарор мегирад ва мо умед ба он мебандем, ки солҳои наздик кишварамон дар қатори давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон қарор хоҳад гирифт.

Адабиёт:

1. Абдуллов К. Дар ин дунё. Китоби 6. Иҷлосияи сарнавиштсоз. Монография / К. Абдуллоев. – Хӯҷанд. - 2002.- 378 с.

2. Азимов Ш. Государство и право Сомонидов. Монография / Ш. Азимов. – Душанбе. 1999. – 398 с.

3. Аристотель. Политика, соч 4-х том. Монография / Аристотель. – М.: Мысль, 1983. - 347 с.; Он же: Античная цивилизация. / Аристотель. - М.: Наука, 1973. – 373 с.; Платон и его эпоха. Монография / Платон. - М.: Мысль, 1979. - 443 с.; Он же: Из истории политических и правовых мысли. Монография / Платон. – М., 1984. - 279 с.; Цецерон И. Т. Диологи о государстве. О законах. Монография / И.Т. Цецерон. - М.: Мысль, 1996. - 534 с.; Он же: Античное общество и государство. Проблемы социально-политической истории. Монография / И.Т. Цецерон. - Л.: Изд. ЛГУ, 1988. - 361 с.; Нерсесянс В.С. Политические учения древной Греции. Монография / В.С. Нерсесянс. - М.: Наука, 1997. - 436 с.; Он же: Общая теория права и государства. Учебное пособие / .В.С. Нерсесянс. – М, 2002. - 392 с.. Лосев А.Ф. Жизненый и творческий путь Платона. Сочинение в 3-х темах. Т,1. Монография / А.Ф. Лосев.- М., 1968. – 438 с.

4. Гафорова М. К., Фомин В. А, Общественное сознание. Монография / М.К. Гафорова, В.А. Фомин. – Душанбе, 2001. – 236 с.; Диноршоев М.Д. Проблемы политической независимости Таджикистана / М.Д. Диноршоев // Материалы международной научно - практической конференции: Место Таджикистана в новом международном порядке. Известия А. Н. Таджикистана. Серия, философия и прававедения. – 1997. - №14. - С.34-39.; Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929). Монограия / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2001. - 372с.; Расулов Қ.Р., Гулахмедов М.Г. Равандҳои миллӣ ва сиёсии истиқлолияти Тоҷикистон. Монография / Қ.Р. Расулов., М.Г. Гулахмедов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 121с; Расулов С.Р. Дунявият иродаи халқ аст. Монография / С.Р. Расулов. – Душанбе, 1999. – 169с.; Шарифов С.И. Таджикистан. Демократизация политических отношений. Монография / С.И. Шарифов. – Душанбе, 2000. - 167с.; Маҳмадов А.Н. Тоҷикистон дар

масири истиқлолият (Таҷрибаи таҳлили низоъ ва равандҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ). Монография / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе, 2000. – 234с.; Хидирова М.У. Конфликт как социальный феномен. Автореферат конд, полит. наук. 23.00.02. / М.У. Хидирова. – Душанбе, 1999. – 23 с. ва дигарон.

5. Гулахмедов. Г.Г. Дирӯз, имрӯз ва фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол / Г.Г. Гулахмедов // Ҷумҳурият, 2001. 27 май. - №78.

6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 1. Монография / Б.Ғафуров. – Душанбе, 1983. - 476 с.; Ҳамон муаллиф: Тоҷикон. Китоби 2. Монография / Б. Ғафуров.- Душанбе, 1985. - 407 с.; Ҳамон муаллиф: Избранное труды. Монография / Б. Ғафуров. – М,. 1985. – 508 с. Неъматов Н. Давлати Сомониён. Монография / Н. Неъматов. - Душанбе, 1998. 389 с.; Таджикский феномен. История и теория. Монография / Н. Неъмонов. – Душанбе, 1997. – 358с.; Раҷабов С.А. В.И.Ленин и советская национальная государственность. Моногрфия / С.А. Раджабов. – Душанбе, 1997. 531с.; Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик дар нимаи 2-и асри XIX. Монография / З. Раджабов. – Сталинобод, 1959. – 494 с.; Масов Р. История топорного разделения. Монография / Р. Масов. – Душанбе, 1991. – 267с.; Ҳамон муаллиф: Таджики: история с грифом (Совершенно секретно). Монография / Р. Масов. – Душанбе, 1995 . – 256 с. ва дигарон.

7. Ғафуров Б. Избранные труды. Монография / Б.Ғафуров. - М.: Наука. 1985. – 480 с.

8. Ғафуров Б.. Тоҷикон. Монография / Б. Ғафуров. – Душанбе, 1998. – 443с; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 1. Аз Ориён то Сомониён. Монография / Эмомалӣ Раҳмон. – Лондон. 1999. – 240 с.

9. Достиев А. Тоҷикистон-шикастанҳо ва бастанҳо. Монография / А. Достиев. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 248 с.

10. Пирумшоев Х. Роль русских исследователей в формировании национального симпознания таджикского народа / Х. Пирумшоев. // Голос Таджикистана, июнь 2005. – № 5 (57).

11. Раджабов С.А. В.И. Ленин и советская национальная государственность. Монография / С.А. Раджабов. – Душанбе, 1970. - 445 с.

12. Раҷабов С. Дунявият иродаи халқ аст. Монография / С. Раҷабов. – Душанбе: Садои Шарқ, 1999. – 247 с.

13. Рахмонов Э.Ш. Таджикистан на пути демократии и цивилизационного общества. Монография / Э.Ш. Рахмонов. – Душанбе, 1996.- 312 с.; Он же: Молодежь – будущее нации Монография / Э.Ш. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 1998. - 86 с.: Он же: Долгий путь к миру Монография / Э.Ш. Рахмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. - 100с; Он же: 1100-летие образования государства Саманидов Монография / Э.Ш. Рахмонов. – Санкт-Петербург, 1999. - 310 с. Он же: Таджики в зеркале истории. Книга первая от Арийцев до Саманидов Монография / Э.Ш. Рахмонов. – Лондон, 1999.- 240 с.

14. Стенограмаи Иҷлосияи XVI-ӯми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 1992. - №9.

15. Тоҳиров Ф. Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 345 с.

16. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н. Ҳотамов. – Душанбе. 2007. - 432 с.

17. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 1. Аз Ориён то Сомониён. Монография / Эмомалӣ Раҳмон. – Лондон. 1999. 240 с.

18. Эмомалӣ Раҳмон. Иҷлосияи XVI саҳифаи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон. (Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷлиси ботантана бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). шаҳри Душанбе, 16 ноябри соли 2012. / Эмомалӣ Раҳмон // Рӯзномаи «Ҷумҳурият». 2012. – 17 ноябр. - №103.

АЗ ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар таҳқиқи мавзӯъ муаллиф бар он ақида аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои омӯзиши таърихи давлатдории халки тоҷик дар ибтидо аз ҷониби як зумра олимон ва мутафаккирони боунвону олимони Шарқ дар даврои асрҳои миёна оғоз гардида, минбаъд дар замони шӯравӣ аз ҷониби як қатор олимон ба мисли Б. Ғафуров, Н. Неъматов, С.А. Рачабов, Ш. Азимов, З. Рачабов, Р. Масов ва дигарон анҷом гирифтааст. Омӯзиши нисбатан васеи таърихи давлатдории тоҷикон ва марҳилаҳои рушди он ба замони соҳибистиқлолии кишвар рост меояд. Дар замони нав як зумра олимони бахши таърих ва дигар соҳаҳои илмҳои ҷомеашиносӣ ба омӯзиши масъалаҳои гуногуни алоқаманд ба саҳифаҳои таърихи давлатдорӣ ва рушди он пардохтанд. Новобаста аз он боз ба назар мерасад, ки масъалаҳои зиёди норавшан дар мавриди таҳлилу баррасии таърихи давлатдорӣ ва марҳалаҳои инкишофи он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол боқӣ мемонад, ки дар оянда таҳқиқотҳои илмию бунёдиро аз ҷониби олимони бахши таърих ва ҷомеашиносӣ тақозо дорад.

Муаллиф дар ин мақола, як навъ омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ таърихӣ ва илмӣ-сиёсиро анҷом дода, масъалаи таърихи давлатдории халқи тоҷик ва марҳилаҳои рушди онро дар Тоҷикистон баррасӣ намуда, ба хулосаи амиқ омадааст, ки халқи тоҷик бо омад ва ноомади таърих дорои таърихи қадими давлатдорӣ буда, дар ин радиф таҷрибаи кори идораи давлатии он, махсус дар замони соҳибистиқлолӣ зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушд намудааст.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, таърих, давлатдорӣ, марҳилаҳо, давлати Сомониён, ИҶШС, рушд, соҳибистиклолӣ, даврои гузариш, давлати демократӣ, давлати ҳуқуқбунёд, давлати миллӣ.

ИЗ ИСТОРИИ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ И ЭТАПЫ ЕГО РАЗВИТИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В изучении темы по мнению автора в Республике Таджикистан изучение истории государственности таджикского народа первоначально было инициировано рядом ученых и мыслителей средневековья, а затем, в советское время, такими учеными как Б. Гафуров, Н. Нематов С.А., Рачабов Ш. Азимов, З. Рачабов, Р. Масов и др. Наиболее обширное исследование истории таджикской государственности и этапов ее развития относится к периоду независимости страны. В наше время ряд ученых в области истории и других областей общественных наук посвятили себя изучению различных вопросов, связанных с историей государственности и ее развитием. Тем не менее, ещё остается много неясных вопросов в анализе истории государственности и этапов ее развития в независимом Таджикистане, которые в будущем станут базой для научных и фундаментальных исследований историков и обществоведов.

В данной статье автор проводит своеобразное научно - историческое и научно - политическое исследование по рассмотрению вопросов истории государственности таджикского народа и этапы его развития в Таджикистане, и приходит к выводу, что таджикский народ с приходом и отсутствием история имеет древнюю историю государственности, а также опыт государственного управления, особенно в период независимости под мудрым руководством Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона.

Ключевые слова: Таджикистан, история, государственность, этапы, государство Саманидов, СССР, развитие, суверенитет, переходный период, демократическое государство, правовое государство, национальное государство

FROM THE HISTORY OF STATEHOOD AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT IN TAJIKISTAN

The study and consideration of issues related to the history of statehood of peoples and nations is not a new problem and is constantly being studied by scientists from various branches of history and other equity sciences.

For the first time, some issues of statehood and power were reflected in the writings of ancient Greek scientists, and then scientists of other nations. In the Republic of Tajikistan, the study of the history of the statehood of the Tajik people was initially initially initiated by series of scientists and thinkers of the Middle Ages, and then, in Soviet times, rows of scientists. As B. Gafurov, N. Nematov S.A., Ralabov Sh. Azimov, Z. Rajabov, R. Masov, etc. The most extensive study of the history of Tajik statehood and its development phases belongs to the period of independence of the country. Nowadays, a number of scholars in the field of history and other areas of both issues devoted themselves to the study of various issues related to the history of statehood and its development. Nevertheless, the Mesho remains a lot of unclear issues in the analysis of the history of statehood and its development stages in independent Tajikistan, which in the future will become the basis for scientific and fundamental studies of historians and orphans.

In this article, the author conducts a kind of scientific - historical and scientific - political research on the viewing of the question of the history of the statehood of the Tajik people and the stages of its development in Tajikistan, and it comes to the conclusion that the Tajik people with the arrival and lack of history have an ancient history of statehood, as well as the experience of state Management, especially during the period of independence under the wise leadership of the founder of the world and national unity, the leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rakhmon

Keywords: Tajikistan, history, statehood, stages, state of the Samanids, USSR, development, sovereignty, transitional period, democratic state, legal state, national state,

Маълумот дар бораи муаллиф: Пиралӣ Назарзода., *- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел: 931701765.Email: Nsadi79@mail.ru*

Сведения об авторе: Пирали Назарзода *- кандидат политических наук, доцент кафедры истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: 931701765 Email:Nsadi79@mail.ru*

Information about the author:Pirali Nazarzoda *- candidate of political sciences, associate professor of the Department of History and Methods of Teaching History at Abuabdulloh Rudaki Kulob State University. tell.: 931701765 Email: Nsadi79@mail.ru*

УДК – 65,3
(907,5)

ИСТОРИКО-ЭТНОГРАФИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ГОРНЫХ ТАДЖИКОВ В ТРУДАХ Б. Л. ГРОМБЧЕВСКОГО

Бакиев Р.У., Назридодова К.
Кулябский государственный университет имени Абубабдуллох Рудаки

Труды русских исследователей об истории таджиков сохраняют научную ценность, так как основаны на огромном личном опыте и непосредственном участии в организации и проведении этнографических экспедиций. Собранные ими богатый научно-исследовательский историко-этнографический материал раскрывают особенности жизни и быта, культуры таджикского народа. Русские этнографы впервые доказали, что горные народы Таджикистана являются творцами и обладателями

огромных культурных ценностей, которые вошли в сокровищницу мировой науки. Определяя научное значение русских исследователей, зарубежные исследователи отметили, что «… русские исследователи начали свои исследования позже других, но дали более точные изыскания северных и центральных провинций Памира, имея возможность производить там непрерывные наблюдения» [1, с. 4].

По справедливому замечанию знаменитого историка В.В. Бартольда, в изучении истории народов Средней Азии« …ученый мир почти всецело обязан русской науке» [3, с.110]. Первые сведения о таджиках были отражены в работах русских ученых А. Хорошхина «Таджики», И. Минаева «Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи», Ф. Миддендорфа «Очерки Ферганской долины», В.И. Кушелевского «Таджики», С. Масловского «Гальча», А.А. Семенова «Горные таджики», А. Шишова «Таджики», В.И. Масальского «Таджики», П. Кузнецова «О таджиках Ташкентского уезда» и «О таджиках Наманганского уезда», М.С. Андреева «По этнографии таджиков», В.В. Бартольда «Таджики» [4, с.89].

Работа по изучению истории и этнографии таджиков проводилась целой плеядой русских ученых, которые в течение Х1Х-начала ХХ вв. несмотря на трудности по крупинкам собирали материалы. Одним из неутомимым тружеником, посвятившего свои знания, энергию и организаторский талант изучению богатого событиями прошлого народов верховьев Аму-Дарьи, являлся Бронислав Людвигович Громбчевский (1855-1926гг.). И русская, и польская и таджикская наука должна гордиться именем этого путешественника и ученого, чьей родиной является страна, которой он посвятил свои исследования, т.е. о таджикском народе. Б.Л. Громбчевский был крупнейшим исследователем Средней Азии, в частности горных таджиков. Богатое научное наследие Б. Громбчевского, особенно его дневник экспедиции в Дарваз, Памир и север Тибета (1889-1890 гг.) из более 900 страниц является бесценным историко-этнографическим источником о народах, проживающих на Памире и Припамирье [2, с.32].

Научное наследие Б. Громбчевского велико, исторические концепции ученого оставались типичными для простого русского ученого. Результатом исследований территорий не только Бухарского, по и Кокандского и Хивинского ханства Б.Громбчевского явились, изданная его книга: «Путешествие по Средней Азии». Б Громбчевский великолепно владел, как и все русские востоковеды, всеми языками народов Туркестана. В 1924 году им были опубликованы на польском языке «Воспоминания», которые имеют огромную научную ценность в области изучения истории, археологии и этнографии таджикского народа. Эта работа исследователя является библиографической редкостью. Б. Громбческий на протяжении многих лет собрал огромное количество материалов о прошлой и современной ему жизни народов Памира и Припамирья. Определяя научное значение этих материалов необходимо отметить, что Б. Громбчевским были собраны у различных народов Средней Азии, особенно в Западном Памире, богатые исторические, этнографические, географические и ботанические материалы [3, с.31]. К великому сожалению, огромная часть собранных исследовательских материалов Б. Громбчевского об истории и этнографии горных таджиков остались необнародованной.

Обеспокоенный судьбою огромных фактических материалов по истории, археологии и этнографии таджикского народа, сконцентрированных в руках Б. Громбчевского, академик А.А. Семенов упрекая русский царизм, отметил: «Было бы весьма желательно сохранить за русскими первенство не только в деле исследования Центральной Азии, но и ее окраин, в чем они не имеют соперников, но и в деле опубликования результатов, купленных ценою усилий, на которые способен лишь русский человек» [1, с.11].

В 1885-1888 Б.Л. Громбчевский по поручению правительства России направляется в Кашгарию в качестве начальника русского топографического отряда,

которая состояла из 8 человек. Во время экспедиции он исследовал Памир, в урочище Пиль на Раскем-Дарьи. Б. Громбчевскому удалось открыть на территории Бадахшана залежи нефрита [10, с.13]. Ему далось увидеть собственно залежи заброшенных рудников по просьбе И.В. Мушкетова. Его также заинтересовал нефрит из гробницы Тимура в Гур-Эмире, прикрытую колоссальным монолитным нефритом, имеющего два метра в длину и полутора в ширину. После, Б. Громбачевский привез в Санкт-Петербург образец памирского нефрита, который подтвердил происхождение монолита из гробницы Тимура.

За вклад Б. Громбчевского в изучение районов русско-индийской пограничной зоны командование царской России возвысило его до звание капитана, а Русское Географическое Общество наградило его золотой медалью [11, с.23]. Исследователь проводил исследования и на территории Афганистана, в частности его интересовал Кафиристан, страной расположенный на южных склонах Гиндукуша [13, с.34]. Он располагал сведениями о стране заселенной немногочисленной, но воинствующим народом, горцами - сияхпушами (одетые в черном) [8, с.21].

В июле 1889 Б. Громбачевский побывал в Каратегине (ныне Рахш). В своих воспоминаниях указывает, что население бекства Каратегина не сплошь таджики, в верховьях Сурх-Об Алайской долины состоит часть киргизского населения, т.е. окиргизившие таджики. Они в домах живут только зимой, летом они кочевали в горах, где пасли свой скот. Б.Л. Громбачевскй отмечал: «Поневоле удивляешься таджику, который не имея представления о термометре в метереологии, собственным опытом пришёл к выводу, где и что надлежит сеять, где что вызревает и дает урожай, вознаграждая вложенный труд» [8, с.65].

Б.Громбчевский интересовался и вопросами промывки золота каратегинцами, которая проводилась предварительно на реке Мук-Су, ниже слияния с рекой Кызыл-Су.[9.,с.116]. Он, описывая социальное положение бедных золотоискателей таджиков-каратегинцев, которые работали артелями по 4 человека в течение 30-40 дней (осенью), главное внимание уделял находчивостью приемов и способов добычи золота [8, с.28].

В первой половине Х1Х в. свое политическое влияние в Восточном Туркестане Какандские ханы используют для решения пограничных вопросов, и прежде всего для закрепления своего контроля в кочевьях припамирских киргизов, в Восточном Памире и Сарыколе, населенных теми же киргизами и таджиками. «Здесь, - писал Б.Л. Громбчевский, - среди местного населения, при Мадали-хане, т.е. 1822-1842 гг. появляются кокандские чиновники-правители, первым из которых был таджик Ляшкар Кушбеги» [10, с.55].

Бекство Вахиё населено исключительно таджиками, отмечал в своих исследованиях Б. Громбчевский, это народ арийского происхождения, высокого роста, со смуглою кожею, обильно поросшей волосами и красивыми правильными чертами лица [5, с.31]. К числу этнографических сведений, которые приведены в рукописи ученого, относится его сообщения о том, что вахиёчи одеваются в темные шерстяные халаты, рубашки и штаны из ткани из белого хлопка, на голове носит ситцевые красные тюбетейки, на ногах сапоги из кожи, но без каблуков и твердой подошвы. По административному устройству, Вахиё делилось на два бекства: Вахиёи- Боло и Вахиёи - Поён. Б. Громбачевский изобличил разорительную сущность налоговой политики Бухарского эмира бесчинства, злоупотребления его чиновников при сборе налогов и повинностей [5, с.43].

В Бухаре каждое бекство обложено несколько другой платой в пользу казны. Так, например, соседний с Дарвазом Каратегин платит кроме барана, 1/10 урожая 5 литров масла и 3 тюбетейки сыра с каждого дома. Кроме сего, 12 тенге никаны и тариконы, 12 тенге или 1 чекмень с 5 дворов и с лиц возвращающегося с заработка и кусок ситца [8, с.69] Б. Громбачевский отмечает, что «…в Дарвазе с баранов пригоняемых из Куляба взимается в пользу правителя бекства по три барана гурта под

предлогом, что горы и трава собственность казны». Около мостов помещался сборщик закята, человек поставленный кушбеги из Бухары, он взимает по 10 коп. закят за каждого барана, т.к. в то время в Кулябе один баран стоил 1р.60 коп. помимо указанных Б. Громбчевским податей, в горных областях Бухарского ханства взимались следующие виды налогов: дудана, шура, танобимулк, мир дараи хона (налог с недвижимости), зякет со скота, закотичакана, кош - пули, аминона, танап-пули, алаф-пули, миробона, осиё-пули, алым (аламона)- состоящий со средней таджикской семьи - 2 быка, кувшин масла, определенное количество дров и т.д. Кроме того в Дарвазе в пользу бека взымались поземельные подати – херадж, существовали различного рода штрафы [13,с.48]. В рукописях ученого содержатся важные сведения о передаче земли в качестве «танхо», как формы феодального землевладения и образования частной земельной собственности. Помимо этого, населения Вахиё, Каратегина и Дарваза платили всяческие религиозные подати[1, с.75].Налоговая политика Бухарского эмирата носила грабительский характер. Правители Восточной Бухары не «знали никаких границ и пределов в грабеже местного населения и в издевательстве над ним». Б.Громбчевский излагая бедственное положение население Вахиё, больше внимания уделяет также описанию земледелия и садоводства [1, с.76].

Также ценными материалами по истории и этнографии народов Каратегина, Дарваза, Вахиё, Ванча, Шугнана, Памира является его огромное количество фотографий. Б.Громбчевский, описывая свадьбу горных таджиков, указывал на то, что ни одна свадьба не совершалась без уплаты калыма за невесту. Ученый в своих исследованиях описал также и похоронные обряды горных таджиков.

Интересными являются сведения Б. Громбчевского о выработке железа в Вандже. Процесс выплавки являлся самым примитивным, первобытным. Ученый посетил Вандж именно тогда, когда повсеместно производились процесс выплавки металла, в связи с чем ученому удалось подробно описать сам процесс его получения [3, с.34].

Б. Громбчевский как человек, прекрасно знавший не только таджикский, но и узбекский языки не только собирал историко-этнографические материалы, являлся прекрасным ученым, изучавшим труды других авторов. Он, также выступал против тех ученых, которые утрировали факты. Например, капитан Н.Н. Покотило опубликовал в 1888 году отчет о своей поездке в Бухарское ханство, где отметил, что в Дарвазе «нередко приходилось встретить стариков, которые от рождения не ели ни мяса, ни хлеба» [11, с.65].

Б.Громбачевский возражая против такого поспешного заключения Н.Н. Покотило, отметил, что «факт совершенно неверный» [1, с.73]. Таких не только стариков, но и детей в Дарвазе нет. Конечно, они мясо употребляют редко, но и наш русский мужик видит его не часто, но хлеб старики и дети в Дарвазе едят ежедневно. Другим ошибочным фактом Н.Н. Покотило является то, что он упоминает об отсутствии в Дарвазе травы и скота. Б.Грмбчевский отмечает, что капитан Н.Н. Покотило побывал в Дарвазе летом, и не видел скота, который был в этот период на летовках и отсюда вывод, что в Дарвазе ни скотаний травы нет. Также, противоречивыми являются данные Н.Н. Покотило продолжительности жизни населения Дарваза. Он в частности указывает, что из-за скудного питания и тяжелого климата она не превышает 40-45 лет [11, с.84]. Это наблюдение сильно отличается от данных Г.А. Арандаренко, упоминающего, что среди населения области «в возрасте от 60-80 лет встречаются много как мужчин, так и женщин». Однако, нужно отметить и интересные данные Н.Н Покотило по архитектуре жилых домов Дарваза [11, с.86]. Им впервые в русской этнографической науке описаны двухэтажные каменные дома, встреченные в этой области Бухарского ханства [11, с.85]. В рукописи ученого имеются данные, подтверждавшие, что в Дарвазе росли также сливы, вишни, огурцы и хлопчатник. Б. Громбчевский также отмечает: «Население Дарваза-таджики, по типу

чистые арийцы, часто необыкновенной красоты. Особенно красивы женщины, с бледным матовым лицом, необыкновенно правильными, строгими чертами и чудными глазами» [5, с.84].

Видный ученый В.В. Дубовицкий в отношении экспедиций организованные русскими исследователями писал: «Даже будучи чисто военно-прикладными по своему характеру, научные экспедиции непременно включали, наряду с топографическими, геологическими, зооботаническими и другими исследованиями этнографические наблюдения. Это характерно для таких учёных, как Н.Н. Покотило, А.К. Разгонов, Б.Л. Громбчевский» [7, с.51]. Труды Б. Громбчевского полны историческими, археологическими и этнографическими материалами о дореволюционном Таджикистане, в частности о Памире, Каратегине, Дарвазе, Вандже, Худжанде и Канибадаме. Его экспедиции внесли определенные поправки в историко-этнографическом материале о местах проживания не только таджиков, но и киргизов и узбеков.

В работах Б. Громбчевского содержится интересный материал с подробным описанием средств переправы и водного транспорта на горных реках. В частности, в них указано, что некоторые из этих средств, например гупсары, (надутые меха из коровьих и лошадиных шкур), известны в Средней Азии с глубокой древности и обладают не только хорошей управляемостью в воде, но и значительной грузоподъемностью: «Для перевозки по воде тяжестей вместе 15-20 гупсаров. Такой плот с дощатой сверху настилкой поднимает до 50 пудов и управляется 4-мя пловцами. Зимой при малой воде в Пяндже, переправа совершается на неуклюжих бухарских лодках (кама) [5,с.34].

Результаты экспедиций Б. Громбчевского вынудили признать англичан, что в области истории и этнографии русские знают больше о Средней Азии, чем они. В 1892 году он собрал огромный материал о численности и районах кочевья киргизского населения Памира. Как отметил Б.А. Федченко, именно усилиями Б. Громбчевского была построена дорога на Памир [2, с.76].

В г. Ош Кыргызстана, в 2016 г. в Дни Российской культуры под названием «Ош - в истории российской науки» прошла выставка раритетных материалов архива и библиотеки Русского Географического Общества. Среди них ряд комплексов экспозиции отражающие исследования А.Ф. Миддендорфа, В.Ф. Ошанина и Б.Л. Громбчевского были выставлены на показ [12, с.45].

Вклад исследователя Б.Л. Громбчевского в изучение истории и этнографии горных таджиков огромен. Представленные отчеты и собранные ученым научные материалы и сведения основаны на личных контактах с местным населением - таджиками. Человек огромной воли неустрашимого характера, беспредельной любознательности, неутомимой энергии Бронислав Громбчевский счастливо сочетал в себе дар путешественника и ученого.

Литература:

1. Акрамов Н.М., Акрамова Ф.Х. Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира и Припамирья в трудах Б.Л. Громбчевского / Н.М.Акрамов, Ф.Х. Акрамова. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 129 с.
2. Агаханянц О.Е. Бронислав Громбчевский. Известия Всесоюзного географического общества. Т.35. вып.3 / О.Е. Агаханянц. – СПб,1961. – 377с.
3. Архив Географического общества СССР. СПб, ф.45.оп.1.д.6.лл-11-119.
4. Бобомуллоев С. Таджики в источниках и трудах исследователей / С. Бобомуллоев. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 278с.
5. Боголепов М. Памяти Б.Л. Громбчевского. – М. Боголепов. – СПб. 1983. – С.25-93.

6. Громбчевский В.Л. Доклад капитана Б.Л. Громбчевского о путешествии в 1889-1890 гг. с картой / Громбчевский В.Л. // Изв.РГО.-1891.-Т.27.вчп.2.- С.97-118.

7. Доклад капитана Б.Л. Громбчевского о путешествии 1889-1890 гг. Известия ИРГО. - СПб, 1890. Т.27. С.43-56.

8. Дубовицкий В.В. Деятельность Туркестанского Отдела РГО по изучению территории Таджикистана (1897-1917 гг.) / В.В. Дубовицкий // АН РТ Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша. – Душанбе, 2006. – 187с.

9. Кисляков Н.А. Очерки по истории Каратегина. Таджгосиздат. Сталинабад. 1954. Вып.2 / Н.А. Кисляков. Сталинабад: Таджгосиздат, 1954. – 223с.

10. Кисляков Н.А. Абрамзон М.С. Добыча золота – один из древних промыслов горных таджиков / Н.А. Кисляков, М.С. Абрамзон. СЭ, №2, 1971. – С.114-122.

11. Лебедев Д.М. Русские географические открытия и исследования с древнейших времен до 1917 года / Д.М. Лебедев. – М., 1971. – 520 с.

12. Михалевич Г.П. Нефрит. Сведения о нем в персидских источниках / Г.П. Михалевич // Памроведение. – Душанбе, 1984.-Вып.1. – С.61-67.

13. Мушкетов И.В. Заметки о нефрите с Восточного Памира / И.В. Мушкетов // Изв.РГО.1889.Т.25с.18-31. / Архив ф.15.оп.1.д.15.лл. 11-26.

14. Назаршоев М. Социально-экономическое положение дореволюционного Памира / М.Назаршоев. – Душанбе: Ирфон, - 234с.

15. Покотило Н.И. Отчет о поездке в пределы Центральной и ВосточнойБухары в 1886 году. – Ташкент, 1882, – С.12-29.

16. Сайт: Под Российским флагом на Памир. Время просмотра: 8.08.2017.

17. Семенов А.А. История полувековой деятельности РГО. 1845-1895 / Семенов А.А. – СПб.1896. – С. – 1075.

ИСТОРИКО - ЭТНОГРАФИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ГОРНЫХ ТАДЖИКОВ В ТРУДАХ Б. Л. ГРОМБЧЕВСКОГО

Статья посвящена научному вкладу русского исследователя, этнографу-таджиковеду дореволюционного (1917) Таджикистана Б.Л. Громбчевскому. Б.Громбчевский являлся одним из неутомимым тружеником, посвятивших свои знания, энергию и организаторский талант изучению богатого событиями прошлого народов верховья Аму-Дарьи, особенно таджиков. Авторы среди заслуг Б. Громбчевского по изучению истории таджиков отмечают, что по представленному маршруту учёного, царская Россия за короткий срок провела дорогу на Памир еще в Х1Х в. Иследовательские материалы ученого внесли определенный вклад в изучение истории и этнографии таджиков, проживающие не только на Памире, но и в Каратегине, Вахио, Дарваз и Вандже. Авторы опираясь на рукописи ученого сопоставляют жизненный уклад горных таджиков не только одного Дарваза, но и Вахиё, основное население которого Б.Громбчевский относит к чисто арийской расе. Наиболее интересными являются сведения Б.Громбчевского о выработке железа в Вандже, процесс выплавки являлся самым примитивным, первобытным. Ученый посетил Вандж именно тогда, когда повсеместно производились процесс выплавки металла, в связи с чем ученому удалось подробно описать этот процесс в своих трудах.

Авторы указывают, что Б. Громбчевский наряду с историческими и этнографическими материалами огромное внимание уделял на сбор сведений топографического, геологического, ботанического характера. Представленные отчеты и собранные ученым научные материалы и сведения основаны не только на исторических источниках, но и в личных контактах ученого с коренным местным населением - таджиками

Ключевые слова: вклад, ученый, сведения, экспедиция, исследование, история, этнография, археология, традиция, население.

ТАҲҚИҚОТҲОИ ТАЪРИХӢ - ЭТНОГРАФИИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН ДАР АСАРҲОИ Б. Л. ГРОМБЧЕВСКИЙ

Мақола ба саҳми илмии таҳқиқотчии рус, этнограф-тоҷикшиноси тоинқилобии (1917) Тоҷикистон Б.Л.Громбчевский бахшида шудааст. Б.Громбчевский яке аз ходими содиқи илм, таҳқиқотчиест, ки дониш, маҳорат, малакаву истеъдодашро барои омӯзиши таърихи бойи мардумони болооби Аму-Дарё, хусусан тоҷикон равона кардааст. Муаллифон дар баробари таҳқиқоти илмии Б.Громбчевский, ки оид ба тоҷикони кӯҳистон гузаронидааст, нақшаи таъсиси роҳи хоҷагии Помирро олим ба генерал-губернатории Туркистон пешниҳод кардааст, ки дар натиҷа дар як муддати кӯтоҳ ба ин минтақа бо маблағгузории муайян аз тарафи Россияи подшоҳӣ ҳанӯз дар асри XIX ин роҳи хоҷагидорӣ сохта шуда буд. Таҳқиқот ва маълумоти олим дар омӯзиши таърих ва этнографияи тоҷикони на танҳо Помир, балки Қаратегин, Вахиё, Дарвоз ва Ванҷ саҳми калон дорад. Муаллифон бо такя ба дастхатҳои олим, ки дар он тарзи зиндагии тоҷикони кӯҳистони на танхо Дарвоз, балки Вахиёро, ки аҳолии асосии онҳоро Б.Громбчевский ба нажоди сирф ориёиҳо мутаалиқ медонад, муқоиса мекунанд. Аз ҳама ҷолиб ин маълумоти Б.Громбчевский дар бораи истеҳсоли оҳан дар Ванҷ мебошанд, ки тарзи гудохтани он аз давраи ибтидоӣ то ҳол дигар нашудааст. Олим ба Ванҷ маҳз дар ҳамон вакте омада буд, ки дар ҳама ҷо ҷараёни коркарди оҳан давом дошт ва бинобар ин олим дар асарҳои худ ин ҷараёнро муфассал инъикос кардааст.

Муаллифон қайд кардаанд, ки Б. Громбчевский дар баробари маълумоти таърихӣ ва этнографӣ, ҳамчунин ба ҷамъоварии маълумоти топографӣ, маъданшиносӣ ва зооботаникӣ аҳамияти калон медод. Маълумотҳо ва ҳисоботҳои илмӣ на танҳо дар натиҷаи ба даст овардани сарчашмаҳои таърихӣ, балки дар натиҷаи баҳсҳо ва мулоқотҳои олим бо мардумони муқимӣ –тоҷикон дастрас карда шудаанд.

Калидвожаҳо: саҳм, олим, маълумот, экспедитсия, таҳқиқот, таърих, этнография, бостоншиносӣ, анъанаҳо.

HISTORICAL AND ETHNOGRAPHIC STUDY OF MOUNTAIN TAJIKS IN THE WORKS OF B.L. GROMBCHEVSKY

The article is devoted to the scientific contribution of the Russian researcher, ethnographer-Tajik scholar of pre-revolutionary (1917) Tajikistan B.L. Grombchevsky. B. Grombchevsky was one of the tireless workers who devoted their knowledge, energy and organizational talent to the study of the eventful past of the peoples of the upper reaches of the Amu Darya, especially the Tajiks.The authors, among the merits of B Grombchevsky in the study of the history of Tajiks, notes that along the route presented by the scientist, tsarist Russia in a short time spent a road to the Pamirs in the 19th century. The research materials of the scientist made a certain contribution to the study of the history and ethnography of Tajiks living not only in the Pamirs, but also in Karategin, Vakhio, Darvaz and Vanj.The authors, relying on the scientist's manuscripts, compare the lifestyle of mountain Tajiks not only of Darvaz, but also of Vakhiyo, the main population of which B. Grombchevsky refers to a purely Aryan race.The most interesting are the information of B. Grombchevsky about the production of iron in Vanj, the smelting process was the most primitive, primitive. The scientist visited Vanj exactly when the metal smelting process was being carried out everywhere, and therefore the scientist was able to describe this process in detail in his writings.

The authors point out that B. Grombchevsky, along with historical and ethnographic materials, paid great attention to collecting information of a topographic, geological, botanical nature. The reports presented and the scientific materials and information collected by the scientist are based not only on historical sources, but also on the scientist's personal contacts with the indigenous local population - Tajiks.

Key words: contribution, scientist, information, expedition, research, history, ethnography, archeology, tradition, population.

Маълумот дар бораи муаллифон: *Боқиев Рузибек Усмонович -н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Сурога 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. тел:901001169;*

Сведения об авторах: *Бакиев Рузибек Усмонович – к.и.н., доцент, заведующий кафедрой истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени А.Рудаки. Адрес. 735360 г. Куляб ул. С.Сафарова, 16., тел: 901001169;*

Information about authors: *Bakiev Ruzibek Usmonovich - Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of History of the Tajik People Kulob State University named after A. Rudak. Address. 735360 Kulob st. S. Safarov, 16. Phon: 901001169;*

Назридодова К. *- ассистетнти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Сурога 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб кӯчаи С.Сафаров, 16.*

Назридодова К. *–ассистентка кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени А.Рудаки. Адрес. 735360 г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16.*

Nazridodova K. *- Assistant of the Department of the History of the Tajik People of the Kulob State University named after A. Rudak. Address. 735360 Kulob st. S. Safarov, 16.*

УДК – 930 (2 тоҷ)
ББК – 63 (2 тоҷ)
С - 23

ИНЪИКОСИ САРУ ЛИБОСҲОИ МИЛЛӢ ДАР САРЧАШМАИ ИЛМӢ-ТАЪРИХИИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Сайдалиев Р.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Халқи тоҷик аз замонҳои қадим дорои либосҳои миллӣ мебошанд, ки дар бобати шинохти ҳамаҷонибаи ҳаёти илмӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ниёгонамон мусоидат менамояд. Агар мо ба таърихи пайдоиши сару либос ва тадқиқу баррасии он назар афканем, таърихи пайдоиши сару либос ба рӯзгори қадимтарини ҷомеаи инсонӣ рост меояд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин масъала аҳамияти хоссаро касб намудааст. Дар байни мардуми соҳибтамаддуни тоҷик ҳунарҳои гуногуни дӯхти сару либосҳои гуногун аз қабили: ҷома, чакман, яктаҳ, фута, дастор, тоқӣ, пӯстин, тунбон, курта, рӯймол ва амсоли инҳо пайдошуда, ба пешаи ҳунари духти сару либос дар ҳаёти мардумони қаламрави минтақаҳои Осиёи Миёна ва Марказӣ таъсири мусбии худро расонидааст.

Вобаста ба авзои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ одамон сару либосҳоро ба тан мепӯшанд. Пӯшидани сару либос ин нишонаи маданият ва фарҳанги волои инсонҳоро нишон медиҳад. Вақте ки шахс ба меҳмонӣ, сайру саёҳат равона мешавад, мувофиқи он либос мепӯшад. Ҳар як халқу миллат либоси миллии худро дорад, аммо робитаҳои байниҳамдигарии онҳо ба тарзи либоспӯшиашон низ таъсир мерасонад. Дар дӯхт ва интихоби либос мардумони олам диққати калон медоданд, то ин ки ба тани шахс шинаму зебанда ва ҷавобгӯй бошад. Ба ҷавонон ба бар кардани ҷомаи зардӯзӣ, ҷомаи беқасаб, миёнбанд, тоқӣ, тунбон, куртаи карбосӣ ва ба бонувон ҷома, поҷома, камзул, сарандоз, рӯймол, куртаи шоҳӣ, куртаи чакан, адрас, тоқӣ хело зебанда мебошад. Ҳар як сару либос мавқеъ ва ҷойи пӯшидани худро дорад.

Дар охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI ҳар як либос аз нигоҳи мазмун ба ягон маросим ва ё воқеаи муҳимме алоқамандӣ дошт. Дар ин давра дар маданияти либоспӯшии мардумон тақлидкорӣ вуҷуд надошт. Мардҳо ва занон ба қаду қомати худ либоси мувофиқеро мепӯшиданд. Аз ин рӯ, мо либосҳои асримиёнагии сарзамини тоҷиконро ба чунин тарз тақсимбандӣ намудем: либосҳои рӯзмарра, идона, тӯёна, азодорӣ, ҷангӣ, шоҳона, сайёҳӣ, меҳмонӣ, сафирӣ, рӯҳонӣ, қозӣ, толибилмон, миршабӣ, варзишӣ ва ғайра. Дар навбати худ либосҳоро боз ба сару либосҳои занона, мардона ва кӯдакона ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо аз ҷиҳати дӯхт, шакл, ҳаҷм, интихоби матоъ аз ҳам фарқ доранд.

Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба тарзи либоспӯшии сокинони маскуни мардумони қаламрави вилояти Хуросон – Ироқ, Эрон, Машҳад, Ҳирот ва вилояти Мовароуннаҳр – Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Саврон, Шаҳрисабз ва дигар шаҳрҳои саёҳатнамудааш диққати бештар додааст. Вобаста ба фаслҳои сол ва мавқеи ҷуғрофӣ истифодаи либосҳо дар байни сокинони ин сарзамин ба роҳ монда мешуд.

Тибқи маълумотҳои сарчашмаи илмӣ-таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ сару либоси мардумони ин сарзамин аз матоъҳои истеҳсолнамудаи хеш ба воситаи меҳнати дастӣ тайёр карда мешуданд. Дар рӯзгори мардумони ин сарзамин дар истифодаи сарулибос хусусиятҳои хос ба назар мерасид. Либоспӯшии тоҷикон аз дигар қавму қабилаҳо дар баробари қаробат фарқиятҳо низ дошт.

Сару либоси халқҳои Осиёи Миёна хусусиятҳои хоси миллии худро доранд. Либосҳои мардона вобаста ба маҳал хусусиятҳои хоси худро дошт. Масалан, ӯзбекҳои Хоразм, туркманҳо ва қароқалпоқҳо либосҳои аз матои рангаш сурх духташударо мепӯшиданд. Тоҷикон ва ӯзбекҳои Фарғона либосҳои рангашон сабз ва кабуд тайёркардашударо истифода менамуданд. Туппиҳои халқҳои бошандагони ин минтақа хеле рангоранг буда, вобаста ба шароити маҳалли зист тайёр карда мешуданд. Қайд кардан лозим аст, ки то охирҳои асри XIX камзулҳои занонаи халқҳои Осиёи Миёна хусусиятҳои ба худ хос, рангу бор ва духти қадимаи худро нигоҳ медоштанд.

Каллапӯши кулли халқҳо дар ҳама ҷо аз токӣ (туппӣ) ва кулоҳ иборат аст. Токӣ дар асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ дар 13 ҷой дучор омадааст. Дар ин бора Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» чунин ишорате кардааст: «Тоқияи ҳазор бахияи гули шафтолӯ бар сар касе мегузашт» [3, с. 553].

Дар гузашта ҳар як минтақа ва маҳалла намунаҳои фарққунандаи дӯхти тоқии худро дошт. Чунончӣ тоқии бадахшӣ дигару тоқии чакани кӯлобӣ дигар аст ва тоқии чоргули зебо, асосан, ба мардуми шимол хос мебошад [4, с. 6].

Токӣ аз матои сиёҳ ва ё сатини торики рангаш сабз тайёр карда мешуд. Ин тоқиҳоро аз Чуст, Қуқанд, Намангон меовардаанд. Дар шаҳри Самарқанд дар гузашта ва имрӯзҳо низ бозори махсус барои фурӯши тоқиҳои истеҳсолнамудаи маҳаллӣ мавҷуд аст, ки мардум ин пешаи аҷдодиро такмил дода, нигоҳ дошта истодаанд. Дар ин ҷо беҳтарин навъи тоқиҳо, аз ҷумла тоқии чустӣ ба савдо мерафт.

Токӣ ё каллапӯш бештар ба иқлим, ҷуғрофияи табиӣ ва хусусиятҳои фолклории минтақаи Осиёи Миёна вобаста мебошад. Токӣ сари инсонро аз офтоб ва ҳавои сард ҳифз карда, нишонаи зебу зиннат ва ҳамчунин нишонаи тақводории ӯро ифода менамояд.

Токӣ, туппӣ яке аз навъҳои маъмули каллапӯши халқҳои Осиёи Миёна, аҳолии ҷанубии Қирғизистон, Афғонистон, Эрон ва Туркия мебошад. Токӣ аз тора, кизак, абра, ҷияк (шероза, зеҳ) иборат аст. Хелҳои маъмули токӣ: чуст, чоргула, ироқӣ, тагдӯзӣ, зардӯзӣ, пӯпакдор, арақчин, духоб, кабуд, тавилбегӣ ва ғайра мебошад [15, с. 391].

Кулоҳ дар асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар 3 ҷой дучор омадааст. Чунончӣ: «Агар шахсе кулоҳе ки бар вай зангула ва думи рӯбоҳ таъбия карда бошанд…» [2, с. 1127]. Ё ин кӣ « Қизилбошсифат аз диёри мағриб бо кулоҳи сурхи шафақ…» [2, с. 1325].

Кулоҳро аз матоъ ва мӯина, чарм, моҳут, махмал дӯхта истифода мекарданд. Кулоҳи қизилбошии аҳолии Ироқ бо зангула ва думи рӯбоҳ доштан аз кулоҳи мардумони маҳаллӣ фарқ мекард ва бештар хосияти динӣ низ дошт.

Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ дар соҳаи омӯзиши «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони басо таҳқиқоти мушикофона намудааст. Устод Садриддин Айнӣ дар бораи кулоҳи аҳолии истилогар ва ҷанговари Сафавиёни Ироқ дар асараш «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» махсус чунин ишорате дорад: «Сафавиён ва аскарони онҳо ба сифати як аломати мазҳабӣ – ҳарбӣ кулоҳи сурхи тоҷдори дувоздаҳтарка мепӯшиданд ва ба ин сабаб раҳбарони онҳо, ки ирқан турк буданд, худро «қизилбош» (сурхкулоҳ) меномиданд» [10, с. 13].

Қисми болоии каллапӯши туркманҳо, ӯзбекҳо, қароқалпоқҳо бо матои мӯина пӯшонида мешуд, кулоҳи қазоқу қирғизҳо бошад, аз намад, ӯзбеку тоҷикон то даврањои наздик аз арақчин ба болопӯш-салла бо урфияти динӣ марбут иборат буд [11].

Кулоҳҳои занона шакли гуногун дошт. Онҳо бештар хусусияти миллӣ ва фарқияти қабилавиро нишон медоданд. Бахусус, фарқияти қабилавиро дар ашёҳои каллапушӣ низ дидан мумкин буд.

Дар ин сарчашмаи илмӣ - таърихӣ маълумотҳои фаровон оиди сару либосҳоро дидан мумкин аст. Ин нишонаи он аст, ки ҳамаи мардуми ин минтақа дар як сарзамин бо ҳамдигар пайваста зиндагонӣ мекардаанд. Сару либоси анъанавии мардумони Осиёи Миёна дар баробари тафовутҳои ба худ хоси миллӣ ва музофотӣ хусусиятҳои бисёри умумиро низ дорост. Пайравони мазҳаби суннӣ бо сарандоз, куртаҳои кушод ва дароз рӯймолҳои рангашон сурх, сафед, сабз ва кабудро (ғайр аз сиёҳ) ба бар мекарданд. Дар тарзи либоспӯшии мадумони пайрави мазҳаби шиа каме фарқиятҳо дида мешавад. Онҳо баъзан рӯймоли сарпӯши рангаш сиёҳро ба сар карда, аксари дигар сари луч ва курта ва поҷомаҳои танги мардуми аврупоиро ба тан мепӯшиданд, ки ин аз рӯи одоб ва олами зебоӣ нест. Ҷомаҳои серпахтаю кампахтаи абраю астардор, ки дар лаби доман, сари остин зеҳ мешиниданд, инчунин, чакмани моҳутӣ, пашмин ва пӯстин либосҳои зимистонаи аҳолӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Зайниддин Восифӣ дар бораи либоси ҷома менависад: «Сандуқҳои ҷомаро кушоданд ва ҷомае берун оварданд, аз гиребон то ба домон мурассаъ ба ҷавоҳир. Мир Ёдгор гуфт дар ин ҷома си ҳазор танга харҷ шуда» [2, с. 1127].

Ҷома дар асари Зайниддин Восифӣ дар 70 ҷой дучор омадааст.Ҷома либоси тани на танҳо аҳолии табақаи миёнаи шаҳр ва деҳот буд, балки аъёну ашрофон низ онро дар тан мепӯшиданд. Ҳокимони маҳаллӣ низ ҷома ба бар мекарданд. Восифӣ дар бораи либоси ҳокими шаҳри Машҳад Айнулқуззот чунин менависад: «Ҷомаи зарбофт дар бар ва тоҷӣ шоҳӣ бар сар ва футаи зардӯзӣ пӯшида…» [2, с. 1076].

Яке аз адибони машҳури давраи асрҳои XV- XVI Алишер Навоӣ мебошад. Ӯ дар бораи сару либоси Абдураҳмони Ҷомӣ чунин маълумот додааст: «Ҷомӣ бошад, дар тобистон ва зимистон як ҷомаи серпахтаи оддӣ пӯшида, миёнашро аз рӯй бо футаи ҳаммомиён мебаст, нугҳои футаро овезон сар медод. Ба сараш тоқии убайдӣ (каллапӯши сафедӣ бегули самарқандӣ) мепӯшид, аз рӯи вай саллаи хурде мебаст» [15, с. 166].

Ҷомаҳои ин давра аз ҷомаҳои чинӣ, зарбофт, ҷомаи сиёҳ (туркҳо), ҷомаҳои хосмулаббас, ҷомаи катонгули пунбон, ки ҷайб ва тирози он бо зар ва гуҳар музайян буд, ҷомаи кабуд, ҷомаҳои ҳисорӣ ва ғайра иборат буданд. Ҷома аз матоъҳои гуногуни мушки зафар, атлас ё худ шоҳӣ, балх, банот ва ғайра дӯхта мешуд. Ҷомаҳои беқасабу балхро мардумони минтақаи ҷануб бештар истифода мекарданд. Аввал қад ва остини ҷомаро бо андозаи муайян чен карда пора менамуданд. Пахтаро ба воситаи пахта пай, паида, дар даруни астари ҷома гузошта, бо риштаю сӯзан медӯхтанд. Қисмҳои ҷомаро ба таври алоҳида - алоҳида дӯхта, сонӣ васл менамуданд. Ду намуди ҷома дар байни мардуми тоҷик дӯхта мешуд: ҷомаи майдадӯзӣ ва ҷомаи калондӯзӣ. Баъд аз дӯхта тамом кардани ҷомаҳои мардона дар нугҳои остин ва гирдогирди ҷома шероз гузошта

медӯхтанд. Аз дохили ҷома кисса ё ҷебак духта мешуд. Асбобҳои дӯхти ҷома аз сӯзан, ришта ва уймоқ иборат буд.

Пӯстин либоси маъмулии мардуми кӯҳистон мебошад, ки дар асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ дар 13 ҷой дучор омадааст. Чунончӣ: «Ҳаво сард буд, пӯстине ба ӯ инъом фармуд» [2, с. 1236]. Ё ин ки «Ва ишонро ба меҳмондорӣ ба хона талабида аз барои ин камина пӯстини мӯина ва сару пои муносиб ва аз барои ҳар яке аз талаба пӯстини барра ва пироҳан ва тунбони гарм ҳадя намуд» [4].

Шаклҳои маъмули пӯстин инҳоянд: пӯстини самур, пӯстини кешӣ, пӯстини бур, пӯстини барра, пӯстини мӯина. Пӯстини Кешӣ, ки абраҳи он аз атласи Хитоӣ иборат буд, дар он давра харидорони зиёд дошт. Чакман дар асари Восифӣ дар 7 ҷой дучор меояд. Чунончӣ: «Шайхулислом мавлоно шайх Ҳисайнро канор гирифтанд ва чакмани сақирлот, ки дар бар доштанд, бар китфи вай андохтанд» [3].

Чакман либоси мардонаи пешкушоду дарозеро мегӯянд. Чакманро аз моҳут ва ё аз матои ғафси пашмин медӯзанд, ки аз болои ҷома ба тан мепӯшиданд.

Яктаҳ либосест, ки дар асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»- Восифӣ дар 2 ҷой дучор омадааст. Яктаҳ либоси сабуки тобистонаи мардон аст. Пешкушоди дароз, гиребонаш рост аст. Дар бари пеш ду камарча ё тугма ва сӯрохии тугмагузаронӣ дорад. Аз карбос, тик, суфи сафед ва матои сабзи рахдор бе астар дӯхта мешуд. Яктаҳ либоси кӯҳансолон буд. Фӯта либоси миллӣ дар асари Восифӣ дар 15 ҷой дучор мегардад. Чунончӣ: «…Фӯта ва кафш ва фарачи худро ба вай додам» [2, с. 1137].

Профессор Н. Турсунов зимни омӯзиши ҳаёти шаҳрии мардуми Хуҷанд дар бораи фӯта чунин навиштааст: «… Фӯта ҳамчун матои машҳур зикр шудааст. Фӯта порчае тораш аз пунба ва пудаш аз пашми буз буд, ки барои либос, камарбанд ва дастор аз ҷониби мардуми мусалмон ва ғайри мусалмони улуси Чағатой ва хориҷи он истифода мешуд» [8, с. 58]. Фӯта аз порчаи матои сербари дароз иборат буд, ки ҳамчун миёнбанд, лунгӣ ё салла истифода мебурданд. Аз матоъҳои гуногун тайёр карда мешуд. Ҳамчунин, барои дастрӯймол ва ҷойнамоз низ истифода мебурданд. Фӯтаҳои маъмули асрҳои миёна инҳоянд: фӯтаи зарбофти язидӣ, фӯтаи зардӯзӣ, фӯтаи ҳаммомӣ ва ғайра. Фӯтаро аз рӯи тоқӣ то ба пеши абрӯвон мепечониданд. Вобаста ба синну сол подшоҳони шайбонитабор, аз ҷумла «Мирзо Бойсунғур дар сар дастор мебастанд» [2, с. 1170].

Тунбон либоси варзишгарон буда, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ дар 7 ҷой дучор омадааст. Либоси тунбон як навъ шалвори чармини гуштингирии дароз буда, аксаран паҳлавонон мепӯшиданд. Чунончӣ: «Подшоҳ фармуд, ки паҳлавонон тунбон пӯшанд» [4].

Фаранҷӣ ё курта либоси рӯ (рӯпӯш) буда, ҳамчун яктаҳ истифода мешуд. Дар он давра фаранҷии маъмули махмалини қирмизӣ маъруф буд. Либосҳои занон аз курта, поҷома, сарбанд, фаранҷӣ иборат буд. Куртаҳои занона аз духтарона танҳо бо духти гиребон фарқ мекард. Либоси болоӣ аз халат иборат буд. Шакли гуногунранги халат-болопӯш ё сарпӯш-фаранҷӣ дар байни ӯзбеку тоҷикдухтарон бо чачван (тур аз болои мӯй овезон) рӯйро мепӯшонид, ба бар мекарданд. Бе ин гуна либосҳо онҳо аз хона ба берун намебаромаданд. Либоси тагпӯши мардон аз поҷомаи дароз ва курта иборат буд. Дарозии либоси тагпӯши мардон аз зону поён буд. Дар аксар ноҳияҳо аз болои курта яктаҳ, ҷелаки беастар мепӯшиданд. Яктаҳҳои пешкушодро ба ҷои курта мепӯшиданд. Баъзан аёну ашрофони маҳаллӣ дар пӯшидани сару либос худнамоӣ нишон медоданд.

Зайниддин Восифӣ муқобили зоҳирпарастон баромад карда, ин худнамоию худпарастии онҳоро сахт мазаммат кардааст.

Зимни омӯзиши масъалаи сару либосҳо дар асари Зайниддин Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» як идда одамон вомехӯранд, ки танҳо ба ороиши зоҳирии худ машғул буданд. Ин бештар хоси рӯҳониён буд. Масалан, Восифӣ сару либоспӯшиҳои қозӣ Низомуддинро тасвир карда, чунин менависад: «Саллаи худро яке аз паси дигар тобиш ва гардиш дода, ӯро чунон калон сохт, ки монанди чарх буд» [2, с. 912].

Либоси сарпӯши салла аз матои маҳаллии рангаш сафед ё хокистаранг тайёр карда мешуд, ки дарозиаш аз 8 то 10 метр буд. Салла либоси рӯҳониён ё ин ки табақаи соҳибимтиёз ба шумор мерафт. Барои рӯҳониён аз карбос ва ҷавонон аз матои гардии рангаш сурх салла тайёр карда мешуд. Дар вақти бастани салла қисми охир - фаши он ба китф аз тарафи чап ба андозаи 25 см. овезон карда мешуд.

Нависандаи ҳаҷвнигор ва эҷодгари латифаҳои халқӣ Абдураҳмони Мушфиқӣ (1538-1588) ҳамзамони Зайниддин Восифӣ мебошад. Дар яке аз шеърҳои ҳаҷвии Мушфиқӣ, ки дар тақсими мерос навиштааст, дар баробари нобаробарҳуқуқии занонро нишон додан, ҳамчунин ӯ сару либосҳои мавҷудаи мардумиро низ номбар намудааст. Чунончӣ:

Дастору, ҷома, футаи бобо аз они ман,
Бетоқативу нолаи шабҳо аз они ту [1, с.626].

Дар асарҳои муаррихони маърӯфи халқи тоҷик, аз ҷумла аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» мусаввараҳои зиёде низ мавҷуданд, аз ҷумла расми амир Темур - мусаввараи асри XV аз шаҳри Самарқанд ва вазири одил ҷавони роҳзанро аз қатл наҷот медиҳад - минётураи асри XVI аз шаҳри Бухоро, ки ба тан пӯшидани сару либосҳои миллии аҳолии маҳаллӣ ва ҳокимони давру замонро баръало дидан мумкин аст [1, с. 565, 621, 622].

Чакандӯзӣ аз тарзҳои дӯхтани нақшу нигор ва тасвирҳои рамзнок иборат буд. Чакандӯзон аз риштаҳои рангаи қолаби пахтагини бо гиёҳо рангкардашудаи маҳаллӣ ба таври васеъ истифода мебурданд. Бо усули гулдӯзии чакан курта, чодар, болишт, парда, тоқӣ, дастмол, рӯймол ва ғайра медӯхтанд [5, с. 8].

Чакандӯзон нақшҳои офаридаи хешро бо номҳои табиат ва набототу ҳайвонот алоқаманд менамуданд. Ҳар як нақши офарида дар ҷой ва мавқеи хеш истифода мешуд. Чакандӯзӣ машаққат ва сабру таҳаммули соҳибкасбро тақозо менамуд.

Куртаи чакан яке аз либосҳои муҳими арӯсӣ ба шумор мерафт. Домод бошад, тоқии гулдӯзӣ бар сар мепӯшид. Мардҳо аз миёнбандҳои чакандӯхтаи маҳаллӣ бештар истифода мебурданд. Дар ҷашну маросимҳои идона духтарон ҳатман куртаҳои чаканро ба тан, рӯймоли чаканро бар сар мекарданд. Ба андешаи мо чакан рамзи фарҳанги миллати қадимаи мардуми тоҷик дониста мешуд.

Хулоса, Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, пӯшидани сару либос диққати бештар додааст. Либоси тозаю озода ва мувофиқ пӯшидан шаҳодати маданият, идрок ва ақлу тамизи волои шахс аст. Тафсири сару либос бо хусусиятҳои хоси давр баён ёфта, дар он бештар омехтагии халқиятҳоро дидан мумкин аст. Ба сатҳи маданият, одоб, олами зебоӣ ва ғановати маънавии инсонҳо ва мардумони гуногуни олам аз рӯи либоспӯшӣ метавон баҳои арзанда дод.

Адабиёт:

1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1- 2. / Б.Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 975 с.
2. Зайниддин Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. К. 2. Матни интиқодӣ… М.: ИВЛ, 1961. – 1351 с.
3. Зайниддин Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. К.1. / Восифӣ З. // Матни интиқодӣ бо муқаддима ва феҳрастҳо бо қалами А.Н. Болдырев – М.: ИВЛ,1961. – 682 с.
4. Ҷавонони Тоҷикистон, №31(9094), 6 августи соли 2009. – С. 6.
5. Маҷаллаи «Омӯзгор» № 50, 10 декабри соли 2020. – С. 8.
6. Мухторов А. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр / А. Мухторов. – Душанбе, 2001. 154 с.
7. Н. Турсунов. Ҳафтхони Темурмалик. Тадқиқоти илмӣ / Н. Турсунов. – Хуҷанд, 2003. – С.58.
8. С. Айнӣ. Алишер Навоӣ / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1948. – С. 166.

9. С.А. Токарев. Основы этнографии / С.А. Токарев. – М., 1967. С. 325.
10. С. Айнӣ Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» / С. Айнӣ – Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 356 с.
11. Сайдалиев Р. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» - Хулосагирии илмӣ-таърихӣ ва таҳлили монографя / Р. Сайдалиев. – Душанбе: Ирфон, 2019. 168 с.
12. Сайдалиев Р. Асосҳои мардумшиносӣ Р. Сайдалиев. – Душанбе: Эр-граф, 2016. 268 с.
13. Сайфуллоҳи Муллоҷон. «Таърихи Масъудӣ»-и А. Байҳақӣ / Сайфуллоҳи Муллоҷон. – Душанбе: Ирфон, 2013. 240 с.
14. Улуғзода С. Достонҳои «Шоҳнома» Китоби 1-2. / С. Улуғзода. – Душанбе: Маориф, 1987. 475 с.
15. ЭСТ. қ. 7. – Душанбе, 1987. – С. 391.

ИНЪИКОСИ САРУ ЛИБОСҲОИ МИЛЛӢ ДАР САРЧАШМАИ ИЛМӢ-ТАЪРИХИИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»- И ЗАНИДДИН МУҲАММАД ВОСИФӢ

Мавзуи мазкур ба масъалаи нисбатан муҳимми алоқаманд ба таърихи сару либосҳои миллӣ дар давраи асрҳои миёна - замони ҳукмронии яке аз сулолаҳои шинохтаи таърихӣ сулолаи Темуриёну Шайбониён ва фарҳанги либоспӯшии миллати тоҷик дар асари яке аз нависандагони воқеанигору таърихнигори маъруфи ин давра Зайниддин Маҳмуди Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бахшида шудааст. Муаллиф муътақид бар он андеша аст, ки дар замони зиндагонии муаррихи барҷаста Зайниддин Маҳмуди Восифӣ сару либосҳои хеле зиёд дар рӯзгори мардумон мавриди истифода қарор доштанд ва ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ дар саҳифаҳои дурахшони таърихи халқи тоҷик нақши худро гузоштаанд.

Аз қадимулайём дар байни мардуми тоҷик ҳунарҳои гуногуни дӯхтани сару либос мавҷуд буд. Аксари ин либосҳо вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, иқлим ва фаслҳои сол истифода бурда мешуданд.

Ҳар як халқи маскуни ин минтақа хусусияти хоси пӯшидани сару либосро дошт. Масалан, қунғуротҳо, лақайҳо ва тоҷикон либосҳои махсус доштанд.

Ҳар як сару либоси ба бар намуда, аз нигоҳи мазмун ба ягон маросим алоқаманд буда, дар рӯзҳои муайян мавриди истифода қарор дода мешуд.

Ба сатҳи маданият, олами зебоӣ ва ғановати маънавии инсонҳо дар дилхоҳ марҳалаи таърихӣ мо аз рӯи тарзи либоспӯшӣ баҳо дода метавонем. Чакандӯзӣ ва тарзҳои дӯхтани нақшҳои рамзнок бо риштаи рангаи табиии маҳаллӣ дар байни мардуми минтақаи ҷануби ҷумҳурӣ аз замонҳои қадим амал мекард. Ин пешаи аҷдодӣ аз қаъри асрҳо ба садамаҳои таърих нигоҳ накарда, то ба замони мо расида, аз нав эҳё шуда истодааст.

Калидвожаҳо: Ҷома, фута, дастор, тоқӣ, пӯстин, чакман, тунбон, кӯлоҳ, рӯймол, фаранҷӣ.

ОТРАЖЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ КОСТЮМОВ В НАУЧНО-ИСТОРИЧЕСКОМ ИСТОЧНИКЕ "БАДОЕ-УЛЬ-ВАКОЕ" З. М. ВОСИФИ

Эта тема связана с важнейшим вопросом, связанным с историей национальной одежды, костюмов и культурой таджикского народа в средние века, в период правления одной из самых известных исторических династий Тимуридов и Шайбанидов.

Автор убежден, что при жизни великого историка Зайниддина Махмуда Васифи многие костюмы использовались в быту и сыграли важную роль на ярких страницах истории таджикского народа как часть национальной культуры. С незапамятных времен таджикский народ занимался разнообразными ремеслами. Большинство из этих одежд использовалсь в зависимости от географического положения, климата и времени года.

У каждой нации был свой стиль одежды. Например, кунураты, лагаи, таджики носили специальную одежду. По тому, как они одеваются, мы можем оценить уровень культуры, мир красоты и духовного богатства людей на любом историческом этапе. Вышивка и способы вышивания символических узоров натуральными цветными нитками практиковались у жителей южной части страны с давних времен.

Ключевые слова. Халат, накидка, чалма, тюбетейка, шуба, чекмень, туники, шапки, шарфы, шали.

REFLECTION OF NATIONAL COSTUMES IN THE SCIENTIFIC AND HISTORICAL SOURCE "BADOE-UL-WAKOE" Z.M. VOSIFI

This topic is associated with the most important issue related to the history of national costume in the Middle Ages, during the reign of one of the most famous historical dynasties, the Timurid and Shaibani dynasties, and the costume culture of the Tajik people. " loyal.

The author is convinced that during the lifetime of the great historian Zainiddin Mahmud Vasifi, many costumes were used in everyday life and played an important role on the bright pages of the history of the Tajik people as part of national culture. Since time immemorial, the Tajik people have been engaged in a variety of crafts. Most of these costumes were used depending on geographical location, climate and time of year.

Each nation had its own style of clothing. For example, kungurats, lagai, tajiks wore special clothes. By the way they dress, we can appreciate the level of culture, the world of beauty and the spiritual wealth of people at any historical stage. Embroidery and methods of embroidering symbolic patterns with natural colored threads have been practiced by residents of the southern part of the country since ancient times.

Keywords. dressing gown, cape, turban, skullcap, coats, cekmen, tunics, hats, scarves, shawls.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайдалиев Рустам Абдуллоевич *- муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.* ***Сурога:*** *ҶТ, 735360. ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Тел: 989-19-82-30. Email: Nsadi79@mail.ru*

Сведения об авторе: Сайдалиев Рустам Абдуллоевич *- старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *РТ, 735360. г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Тел .: 989-19-82-30. Email: Nsadi79@mail.ru*

Information about author: Saidaliyev Rustam Abdulloevich *is a senior lecturer in the Department of History and Methods of Teaching History at Abuabdulloh Rudaki Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT, 735360, Kulob str. S. Safarov 16. Phone: Tel.: 989-19-82-30. Email: Nsadi79@mail.ru*

УДК-2-1+28 (2 тоҷ)
М-49

АҲАМИЯТИ ДИНИ ИСЛОМ ДАР ҶОМЕАИ ИМРӮЗА ВА ГУСТАРИШИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Маҳсудинов Р.И.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Имрӯзҳо перомуни мавзӯи арзишҳои динӣ ва идеали ҷомеаи башарӣ мақолаҳои зиёд ба табъ расидаанд ва ҳар кас ба ақидаи худаш онро таҳлил мекунад, шарҳу тавзеҳ медиҳад ва пешниҳодҳои худро оид ба ин масоил иброз менамояд. Яке онҳоро дар пояи мазҳабӣ, дигаре дар равиши зиндагии дунявӣ ва савумин дар бойгонии таърихии

салтанати пешиниён меҷӯяд. Аммо яқин аст, ки имрӯз дар харитаи ҷаҳон давлате нест, ки фақат аз як нажод, як дину мазҳаб ва ё аз як халқияту миллат иборат бошад. Ва, инчунин, Тоҷикистони азизи мо низ аз ин гуна равиш дар канор нест. Мафҳумҳое ба монанди чандфарҳангӣ, гуногунандешӣ ва чандгонагӣ дар дунё хақиқати мутлақ ҳастанд, ки мо наметавонем дар Тоҷикистон ҳам онҳоро сарфи назар кунем. Аз ин рӯ, кулли шаҳрвандони давлати мустақили Тоҷикистонро имрӯз ба қатори сирф мазҳабиён ва ё сирф дунявиён тақсим кардан низ ғайриимкон аст. Новобаста аз нажод, забон, мазҳаб ва ғайра ҳамаи онҳое, ки қисматашонро бо Тоҷикистон пайвастаанд, дар он таваллуд шудаанд ё кору зиндагӣ мекунанд, ҳаққи шинохти ҳуввияти шаҳрвандии Тоҷикистонро доранд ва андешаҳои худро тибқи фаҳмиши ғояи миллӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ баён мекунанд [3, с.48].

Бояд қайд намуд, ки кам кишварҳое ҳастанд, ки ба ҳамдигар тақлид ва пайравӣ менамоянд ва Тоҷикистон давлатест ва тоҷик миллатест, ки онҳоро на ба ягон кишвар ва на ба ягон халқу миллати дигар муташобеҳ сохт. Тоҷикон аз даврони давлати Сомониён сар карда, то ба имрӯз он дину мазҳаби худро, ки нигоҳ доштанд, агарчи аз чандин тарафҳо ва гурӯҳҳои мухталиф ба дину мазҳаби аҷдодии мо рахна ва ихтилофҳо мехостанд, ворид кунанд, хушбахтона натавонистанд, зеро шахсиятҳои мутадаийн ва нобиғаи мо, ки то ба имрӯз дар олам номи онҳо нуфӯз дорад, барои марзу буми кишвар ва аз байн нарафтани дину оини худ хизматҳои арзандае намудаанд. Асарҳои эшон, ки то ба имрӯз боқӣ мондаанд гувоҳи гуфтаҳои боло мебошад. Бинобар ин, фарҳангу маданият ва он расму оине, ки ниёгони мо доштанд, набояд онро фаромӯш кард. Қобили зикр аст проблемаҳое, ки имрӯз мардуми Тоҷикистон ва умуман, ҷаҳон бо онҳо рӯ ба рӯ шудаанд, ба мисли бархурди тамаддунҳо, сироятҳои гуногун, технологикунонии истеҳсолот, муҳоҷирати мехнатӣ, фишори иттилоот аз роҳҳои мухталиф ва ғайра дар даврони пешин вуҷуд надошта буданд. Фарҳанг ва тамаддуне, ки ниёгони мо дар тули таърих доштанд, порае аз таърихи мост ва омӯзиши он барои ҳар як шаҳрванд зарур аст, то зиндагии хешро тавонад ба фарҳанги аҷдодонаш қиёс кунад ва дар тасмимгириҳо дар зиндагии имрӯзу фардояш хулоса намояд. Эълон гардидани «Солҳои 2019-2021 рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» нишонаи он аст, ки дар баробари рушди илм, маърифат ва ҳамқадам будан бо ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нигоҳи техника ва технология, он дину оин ва анъанаҳое, ки ниёгони мо доштанд, онро бояд нигоҳ дошт.

Аз назари мавқеи ҷуғрофӣ Тоҷикистон аз чаҳор тараф бо давлатҳою фарҳангҳои мухталиф иҳота шудааст, ки ин низ қобили таваҷҷуҳи ҳамагон аст. Тоҷикистон давлатест, ки дар сиёсати ҷуғрофихоҳии давлатҳои хурду бузург мақоми хосаи худро дорад. Дар тӯли таърих чандин бор андозаи ҷуғрофи тоҷикнишин дигаргуниҳо шуда буд, чандин шаҳру маҳаллаҳо агарчи маскунонашон тоҷикон буданд, ба дигар миллату қавмиятҳо пайваст гардидаанд. «қисмате аз онҳо то ҳанӯз чашми умед ба зоту аҷдоди хеш доранд ва онҳо низ пораи ногусастание аз таъриху намояндагии тоҷикони берун аз марзи имрӯзи мо ҳастанд. Дар қаламрави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ, имрӯз ноҳияҳое ҳастанд, ки қисми зиёди теъдоди аҳолиашон бо забони ғайри точикӣ ҳарф мезананд. Аз ин рӯ, ҳанӯз силсилаи мавҷҳои берун аз марзии фарҳангию иттилоотӣ ё идеологияҳои рақобатсоз аз нигоҳи фарҳангӣ ва динию мазҳабӣ низ мавҷуданд, ки ба мардуми тоҷик таъсири худро расонда истоданд. Худи шаҳрвандони Тоҷикистон то ба имрӯз чандин фарҳангҳоро аз сар гузаронидаанд, ки ин фарҳангҳо дар зиндагии онҳо нақши хоси худро гузоштаанд. Мисоли ин фарҳангҳо ҷаҳони ислом, давраи коммунистӣ ва имрӯза олами Ғарб мебошанд. Ҳангоми ҳарф задан аз идеали миллӣ ва сухан гуфтан аз мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, мо набояд аз таъсири ин фарҳангҳо ба мардуми тоҷик фаромӯш кунем ва ё онҳоро сарфи назар намоем. Фикр мекунам, ки пояи асосӣ ва зербинои идеали миллӣ ё маншаи аслии идеали миллии тоҷикон низ ин се фарҳанг хоҳад буд, ки дар худ арзишҳои қобили таваҷҷуҳро доранд [14, с.144].

Аввалтар аз ҳама ин, ки ҷаҳони ислом дар рафти чаҳордаҳ аср дар эътиқод ва афкори мардуми дунё нақши босазои худро гузоштааст ва барои миллионҳо мардум дар зиндагиашон раҳнамо ва пуштибон аст. Ва сабаби ҷовидона будани ин дин дар шинохти мақоми ақл ва хусусиятҳои ахлоқии он буд ҳаст, ва мемонад. Ахлоқи исломӣ ба мисли баробарии зиндагии руҳонӣ ва моддӣ, бародарӣ, баробарӣ, таҳаммул, фурӯтанӣ, хизмати ифтихорӣ, масъулияти муштарак ва садақа яке аз арзишҳои беҳтарини ин дин - ин фарҳанг дар масири таърих буданд, ки ҳатто новобаста аз саҳву иштибоҳоте, ки мусалмонон дар тӯли қарнҳо ва дар мавзеъ ва мавқеъҳои мухталиф карда буданд, ин арзишҳо онҳоро дифоъ мекарданд.

Савум ин таъсири фарҳанги ҷаҳони Ғарб ба Тоҷикистон аст. Баъзан онро фарҳанги бегона меноманд, аммо ман бар ин ақидаам, ки ин фарҳанг низ ҷойгузини мардуми тоҷик буд ва ҳаст. Мафҳумҳое ба мисли ҳуқуқи башар, интихоби шахси лаёқатманд ба роҳбарӣ аз тариқи раъйпурсии умум, баланд бардоштани мақоми илму маърифат ва истифодаи дониш барои рафъи мушкилоти замони ҷадид ва ғайра аз қабили арзишҳое ҳастанд, ки дар ҷаҳони Ғарб зиёдтар рушд ёфтаанд ва ногузир мо низ ба онҳо эҳтиёҷ дорем. Ҳар як давлат дорои парчам, суруди миллӣ, нишони давлатӣ, забони миллӣ ва сарҳад аст, ки ин ҳастии давлат ва ҳувияти миллии онро нишон медиҳад. Аммо дар навбати худ барои пойдор монданаш, барои ҳамдигарфаҳмии миллиаш ва роҳи мустақилу ояндабинии дур доштанаш ҳар як давлат ба идеяи миллии хоси худаш чун роҳнамои ботинӣ зарурат дорад.

Пас яқин аст, ки дар ҳар мақомоте, ки бошад, аз боло сар карда, то поин аз дастгоҳи қонунгузор, то мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва ҳар шаҳрванди қаторӣ арзишҳои ин фарҳангҳои номбаршуда бояд риоя карда шаванд. Ҳар як ҳизби сиёсие, ки хоҳони пирӯзӣ ва ба даст гирифтани роҳбарияти давлат бошад, пеш аз ҳама, бояд дар барномаи дарозмуддати худ даъвои дифои идеали миллии тоҷикиро дошта бошад. Ба ақидаи шахсии ман пеш аз ҳама чунин корҳоро бояд анҷом дод, то барои пайдо шудани замина барои бунёди идеали миллии тоҷикон мусоидат шавад.

1. Бо назардошти раъйи умум давлати Тоҷикистон чун давлати ягонаи демократии ҳуқуқбунёди замонавӣ шинохта шавад. Чаро? Чунки равиши демократия, ҳуқуқи инсон, арзишҳои динӣ, кайфияти зиндагӣ ва мақоми илму маърифат ҳеҷ вақт дар сангарҳои муқобил набуда, дар ҳама замон ҳамоҳангсози якдигар ҳастанд. Дунявӣ будани давлат барои зиёда аз наваду панҷ дарсад аҳолии мусулмони давлати Тоҷикистон фикр мекунам, ҳамеша зери суол хоҳад монд.

2.Омӯзиши арзишҳои динӣ, ки онҳо, хушбахтона, барои тамоми динҳои дунё муташобеҳ, ҳастанд, дар ҳар яке аз муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шаванд. Фанҳои омӯзиши арзишҳои динӣ барои хурдсолон ва ҷавонон дар мактаб омода шуда, мутахассисони ин фан тайёр карда шаванд. Аз синфҳои миёна ба боло, зина ба зина, таърих ва фалсафаи адёни мухталиф барои толибилмон мувофиқи барномаи таъсисдодаи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад. Барномаи мазкур ҳатман ҷиҳатҳои гуногунфикрию гуногунандешии мусулмонон ва мазоҳибу ақидаҳои онҳоро дар тӯли таърих ба таври мусбат инъикос карда тавонад.

3. Роҳҳои рифоҳи иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи ахлоқи башарӣ барои кулли мардум ташвиқу тарғиб карда шаванд. Олимон, шоирон ва умуман, тамоми равшанфикрон таъминоти ин ғояҳоро ба мардум расонанд. Ҳангоми густариши зиндагии моддӣ ва баландбардории кайфияти зиндагии хонаводаашон зарурати амалкард дар чаҳорчӯби ахлоқи башарӣ барои ҳамаи табақаҳои мардум ташвиқ, шуда роҳҳо, ҳуқуқ ва масъулияти онҳо возеҳ карда шаванд. Дар зеҳни мардум зинаҳои дарёфти мақоми баланди шаҳрвандӣ аз тариқи: аввал дастрасӣ ба омӯзиши босифат, сипас роҳ ёфтан ба бозори кушоди рақобатнок ва пасон кори ба лаёқат мувофиқу сердаромад, ки метавонад мақоми шахсро дар ҷомеа аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мушаххас кунад, ташвиқ шуда, давлат ба чунин пайдарпайии дастрасӣ ба мақоми олии шаҳрвандӣ кафолат диҳад.

4. Мафҳуми гуногунфарҳангӣ ва гуногунандешӣ дар байни шаҳрвандони Тоҷикистон чун омили мусбат ва воқеият талқин ва раҳнамоӣ карда шавад, то кӯдакон ва ҷавонон дар раванди бозфикрӣ ва озодандешӣ тарбия ёбанд. Ин раванд ба суннатҳои ақлонӣ ва таҳаммули андешаҳои гуногун фазои муносибро эҷод карда, дӯстии байни шаҳрвандони Тоҷикистонро новобаста аз нажод, забон, мазҳаб ва андешаҳои сиёсиашон мустаҳкам ва ривоҷ хоҳад дод.

5.Раванди «маҳви камсаводӣ» дар Тоҷикистон ҳамчун як барномаи дарозмуддати дорои арзиши миллӣ - давлатидошта пиёда карда шавад. Дар ин барнома ба шаҳрвандон ёдрас карда шавад, ки онҳо бояд тамоми ҳуқуқҳояшонро чун шаҳрвандони кишварашон омӯхта, ба низоми нави иқтисодӣ ҳар чӣ тезтар ошно шаванд. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд имрӯз на кам аз се забонро донад; омӯзиши забони тоҷикии адабӣ бидуни шеваҳои маҳаллӣ, ки тамоми коргузории давлатӣ ба он ҷой шудааст, омӯхтани забони русӣ чун забони муошират байни қавмию миллатҳои давлатҳои ҳамсояи собиқ шӯравӣ ва забони англисӣ чун манбаи иттилооти ғанӣ ё забони дорои майдони васеи ҷаҳонибуда вазифаи ҳар яки хурду бузург аст. Хуб мешуд дар баробари ин мо ба ҳуруфи арабиасоси дарӣ – форсӣ низ ошно мешудем, то ки бо он аз навиштаҳои аслии осори адабии класикии худ назар андохта тавонем.

6.Шоиста аст, агар тамоми муассисаҳои динӣ - мазҳабӣ ба монанди мадрасаҳо, ҷамоатхонаҳо, масоҷид ва ғайра, агар шахсоне, ки воқеан аз улуми динӣ ба вижа ислом огоҳ ҳастанд, дар бораи эълони «ҷиҳод», алайҳи «нодонӣ», «гурӯҳбозӣ» ва «ҳаракатҳои хатарзо» суханронӣ кунанд, то рафъи мушкилоти ватаниро ҳар чи зудтар даст ба даст ҳал карда тавонем. Чунки бисёр касоне, ки ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил шудаанд, ақидаҳои диниро истифода мебаранд. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки манбаъҳои диниро хуб ва дақиқ омӯзем, зеро дини ислом ягона динест, ки барои беҳбудии башарият аз ҷониби Худованд омадааст.

7.Айни муддаост, ки дар донишгоҳҳои Тоҷикистон, ё яке аз Институтҳои Академияи улуми Тоҷикистон бахши «Омӯзиши тамаддуни ниёгон» — ро ифтитоҳ карда, онро аз рӯи раванди омӯзиши фосилавӣ (online), тариқи васоити электронӣ барои тамоми довталабони берун аз Тоҷикистон низ муҳайё созад. Таълимоти арзишҳои беҳтарини фарҳангҳои мухталиф, адёни гуногун, суннат, намунаҳои беҳтарини соҳаи меъморӣ ва адабиёти классикию муосире, ки ба мардуми тоҷик дар замонҳои мухталиф таъсири мусбати худро гузоштаанд, ба нақшаи таълимии он ворид карда шаванд. Зарураташ он аст, ки теъдоди ҷавонони мамлакат ва онҳое, ки дар берун аз Тоҷикистон ба кору шуғли дигар машғуланд, шароити омӯзиши фарҳангу тамаддун ва расму русуми тоҷиконаашро дар чаҳорчӯбаи илмӣ омӯхта, дар истифода ва танзими расму ойин ва суннатҳои мазҳабӣ ё маҳаллӣ ба онҳо аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию мазҳабӣ мутобиқи замонашон баҳои муносиб хоҳанд дод. Инчунин, он ҷавонон метавонанд дорои мадрак (диплом) ҳам шаванд, ки дар тарбияи насли баъдин заминаи мусбате хоҳанд гузошт.

8.Ҳукуматҳои маҳаллӣ барои ҷудо кардани ҷойҳои мувофиқ, барои муассисаҳои динӣ мисли масоҷид, мадрасаҳо ва дигар ибодатгоҳҳо, ки мардум дар онҳо ба хотири оромиши рӯҳу ҷон ва рушди ҷаҳони маънавӣ ҷамъ меоянд, кӯмак кунанд. Ин биноҳо бояд чи аз мавқеи ҷойи сохтмон, чи аз нигоҳи меъморӣ ва аз чи аз нигоҳи дастрасии мардум ба онҳо сохта шаванд. Он гоҳ, ин ибодатхонаҳои мухталиф, ки аз нигоҳи ботинӣ маънии ҷойи муқаддасро мемонанд, аз тарафи дигар шаҳрамонро боз ҳам зеботару ободтар хоҳанд кард.

9.Дар зеҳну дарки мардуми тоҷик аз даврaҳои қадим мафҳуми кӯмак ба бепарасторон, додани садақа ба ниёзмандон, дастгирии мардуми камбағал ва ба ҷо овардани ҳурмати пирону дармондагон ҳамчун масъулияти фардию ҷамъиятӣ сахт ҷойгузин шудааст. Аз ин сабаб, агар ҳар як шаҳрванди дорои қобилияти корӣ як соати изофии корашро дар як ҳафта ба фоидаи эҳтиёҷмандон бахшад ва муассисаҳои

давлатию ғайридавлатӣ он ҳар чиро бо раҳнамоию назорати «кумитаи кормандони ифтихорӣ», ки аз ҳамаи қишрҳои мардуми шомили он бошанд, ба манфиати табақаи эҳтиёҷманд сарф кунад, чи намунаи хубе хоҳад буд барои насли ҷавони ояндаи тоҷик ва, умуман, ҷаҳони инсоният. Агар мо ин заминаҳоро барои бунёди мафҳуми идеали миллӣ барпо накунем, он гоҳ, қудратҳои бегонаи хурду бузурге метавонанд ҷойгузини он шаванд. Мафҳумҳои маҳалгароӣ, ришвахорӣ, гурӯҳбозӣ ва эътироф накардани манфиатҳои миллӣ намунае аз унсурҳои манфии ҷамъият ҳастанд, ки аз заифии идеали миллӣ маншаъ гирифта, рушд меёбанд ва барои миллат ва давлат оқибат ба хайр нахоҳад буд.

Адабиёт:

1. Абдуллоев Ш. Омили исломӣ дар сиёсат ва идеологияи мамлакатҳои Шарқи хориҷӣ / Ш. Абдуллоев // Уфуққои илм. – Душанбе: Дониш, 1986.
2. Абдулозода Ш. Муқаддимаи фалсафа / Ш. Абдуллозода. – Душанбе -2004. – 345 с.
3. Абдулҳалим Орифӣ. Одоб ва ахлоқи исломӣ / Орифӣ Абдулҳалим. –Душанбе, 2005.
4. Асадуллоев Р, Шарифов М. Ҷавонон- нерӯи пешбари ҷомеа / Р. Асадуллоев, М. Шарифов. - Душанбе: Деваштиҷ, 2005.
5. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. – Душанбе, 2002. – 412с.
6. Ғаффорова М. Асосҳои фалсафа / М. Ғаффорова. – Душанбе, 1999. -465с.
7. Донолд Г. Фалсафаи илм дар қарни бистум / Г. Доналд // Тарҷимаи Ҳасани Миёндорӣ. – Қум-Теҳрон, 1381, 432с.
8. Ёқуби К. Типҳои таърихии фалсафа / К. Ёқуб. – Душанбе, 1996. – 431с.
9. Комилов Р.С. Фалсафаи илм / Р.С. Комилов. – Душанбе, 2008. – 223с.
10. Қулматов Н. Очеркҳои таърихи фалсафа / Н. Қулматов. – Душанбе, 1982. – 532с.
11. Муҳаммад Иқболи Лохурӣ. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. - Душанбе, 1998.
12. Муҳаммад Алӣ ал-Ҳошимӣ. Шахсият-ул-муслим. – Дору-л-Қуръон 1983.
13. Муҳаммад ибни Иброҳим Ҳамад. Уқуқ-ул-волидайн, асбобуҳу, мазоҳируҳу, субул-ул-илоҷ. – Арабистони Саудӣ 1423с.
14. Муҳаммад Шафиъи Усмони Девбандӣ. Тафсири маъорифӯл-қуръон. - Турбати ҷом: Аҳмади ҷом, 1377ҳ.
15. Файзуллоев Ғ.Ф. Саҳми Имоми Аъзам дар ташаккули арзишҳои миллӣ / Файзуллоев Ғ.Ф. // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон - 2012. - №3/5 (93). - С. 251 – 257.

АҲАМИЯТИ ДИНИ ИСЛОМ ДАР ҶОМЕАИ ИМРӮЗА ВА ГУСТАРИШИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур махсусиятҳои замони ташаккули фарҳангҳои гузашта, ба хусус, фарҳанги дини ислом оварда шудаанд, ки заминаи муҳими афкорӣ на танҳо мазҳабӣ, балки тамоми ҷанбаъҳои илмиву динии онро ташкил медиҳад. Тоҷикистон даврaҳои таърихиро аз сар гузаронидааст, албатта ҳар як фарҳанг таъсири худро дар ин даврaҳо ба ин миллат гузоштааст. Имрӯз мардуми Тоҷикистонро лозим аст, ки он фарҳангеро аз худ намоянд, ки тоҷиконро дар дигар кишварҳо муаррифӣ намояд. Кишварҳои Шарқу Ғарб дарк намоянд, ки воқеан Тоҷикистон он фарҳангу тамаддуне, ки дошт онро аз даст надодааст ва мардумонаш дар рушди фарҳанги худ саҳми худро гузошта истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки кам кишварҳое ҳастанд, ки ба ҳамдигар тақлид ва пайравӣ менамоянд ва Тоҷикистон давлатест ва тоҷик миллатест, ки онҳоро наметавон на ба ягон кишвар ва на ба ягон халқу миллати дигар муташобеҳ сохт. Тоҷикон аз даврони давлати Сомониён сар карда, то ба имрӯз он дину мазҳаби худро нигоҳ доштанд,

агарчӣ аз чандин тарафҳо ва гурӯҳҳои мухталиф ба дину мазҳаби аҷдодии мо рахна ва ихтилофҳо мехостанд ворид кунанд, хушбахтона натавосианд, зеро шахсиятҳои мутадаийн ва нобиғаи мо, ки то ба имрӯз дар олам номи онҳо нуфуз дорад, барои марзу буми кишвар ва аз байн нарафтани дину оини худ хизматҳои арзанде намудаанд.

Агар аз назари мавқеи ҷуғрофӣ Тоҷикистон аз чаҳор тараф бо давлатҳою фарҳангҳои мухталиф иҳота шудааст, ки ин низ қобили таваҷҷуҳи ҳамагон аст. Тоҷикистон давлатест, ки дар сиёсати ҷуғрофиҳохии давлатҳои хурду бузург мақоми хосаи худро дорад. Дар тули таърих чандин бор андозаи ҷуғрофии тоҷикнишин дигаргуниҳо шуда буд, чандин шаҳру маҳаллаҳо агарчи маскунонашон тоҷикон буданд, ба дигар миллату қавмиятҳо пайваст гардидаанд. «қисмате аз онҳо то ҳанӯз чашми умед ба зоту аҷдоди хеш доранд ва онҳо низ пораи ногусастание аз таъриху намояндагии тоҷикони берун аз марзи имрӯзи мо ҳастанд. Дар қаламрави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ, имрӯз ноҳияҳое ҳастанд, ки қисми зиёди теъдоди аҳолиашон бо забони ғайри точикӣ ҳарф мезананд. Аз ин рӯ, ҳанӯз силсилаи мавҷҳои берун аз марзи фарҳангию иттилоотӣ ё идеологияҳои рақобатсоз аз нигоҳи фарҳангӣ ва динию мазҳабӣ низ мавҷуданд, ки ба мардуми тоҷик таъсири худро расонда истоданд.

Калидвожаҳо: даврони ислом, фалсафа, "Бародарони покӣ", Аббосиён, ғоя, ҷомеа, рисолаҳо.

ЗНАЧЕНИЕ ИСЛАМА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ И ЕГО РАЗВИТИЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье представлены особенности времени формирования прошлых культур, особенно исламской культуры, которая составляет важную мировоззренческую основу не только религиозной, но и всех ее научных и религиозных аспектов. Таджикистан, конечно, пережил исторические периоды, каждая культура оказала влияние на этот народ в эти периоды. Сегодня народ Таджикистана должен изучить культуру, которая позволит им представлять таджиков в других странах. Страны востока и запада должны осознать, что Таджикистан не потерял свою культуру и цивилизацию, а его народы вносят свой вклад в развитие их культуры. Следует отметить, что есть несколько стран, которые подражают друг другу и следуют друг за другом, и Таджикистан - это государство, а таджикский народ - это нация, которую не сравнивают ни с одной другой страной или с другими народами и нациями. Таджики со времен государства Саманидов до наших дней сохранили свою религию, хотя хотели проникнуть в нашу исконную религию и секты с самых разных сторон и групп. К счастью преданные и гениальные личности, по сей день их имена влиятельны в мире, и они внесли ценный вклад в границы страны и сохранение своей религии.

Если с географической точки зрения Таджикистан с четырех сторон окружен разными странами и культурами, это тоже представляет интерес. Таджикистан - страна, занимающая особое место в географической политике малых и больших стран. На протяжении всей истории географический размер таджикского населения несколько раз менялся, и некоторые города, хотя и населены таджиками, были связаны с другими народами и этническими группами. «У некоторых из них все еще есть надежда на своих предков, и они являются неотъемлемой частью истории и представления таджиков за пределами наших границ сегодня. На территории независимого государства Таджикистан сегодня есть районы, где большинство населения говорит не на таджикском языке. Таким образом, все еще существует серия волн за пределами культурных и информационных границ или конкурентных идеологий с культурной, религиозной точки зрения, которые влияют на таджикский народ.

Ключевые слова: эпоха, ислам, философия, «Братья чистоты», Аббасиды, идея, общество, трактаты.

THE IMPORTANCE OF ISLAM IN MODERN SOCIETY AND ITS DEVELOPMENT IN TAJIKISTAN

The article presents the features of the formation time of past cultures, especially Islamic culture, which constitutes an important ideological basis of not only religious, but also all its scientific and religious aspects. Tajikistan, of course, has gone through historical periods, each culture influenced this people during these periods. today, the people of Tajikistan must learn a culture that will enable them to represent Tajiks in other countries. The article presents the features of the formation time of past cultures, especially Islamic culture, which constitutes an important ideological basis of not only religious, but also all its scientific and religious aspects. Tajikistan, of course, has gone through historical periods, each culture influenced this people during these periods. today, the people of Tajikistan must learn a culture that will enable them to represent Tajiks in other countries. The article presents the features of the formation time of past cultures, especially Islamic culture, which constitutes an important ideological basis of not only religious, but also all its scientific and religious aspects. Tajikistan, of course, has gone through historical periods, each culture influenced this people during these periods. today, the people of Tajikistan must learn a culture that will enable them to represent Tajiks in other countries.

Keywords: era, Islam, philosophy, Brothers of Purity, Abbasids, idea, society, treatises.

Дар бораи муаллиф*: Маҳсудинов Рамазон Исмоналиевич – аспиранти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Тел: (992) 985-57-71-17, Email: Mahsiddinov1989@inbox.ru*

Сведение об авторе*: Махсудинов Рамазон Исмоналиевич – аспирант кафедры языкознания и сравнительной типологии Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки. Тел: (992) 985-57-71-17, Email: Mahsiddinov1989@inbox.ru*

About the author*: Mahsudinov Ramazon Ismoilovich – postgraduate of Department of Linguistics and Typology comparative of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, mobile phone: (992) 985-57-71-17, Email: Mahsiddinov1989@inbox.ru*

ПЕДАГОГИКА

ББК-22.3
УДК-530.1
Ч-87

МЕТОДҲОИ ҲОЗИРАЗАМОНИ ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ФИЗИКА БАРОИ СИНФҲОИ 10 – 11

Ҳамид М.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Лутфияи Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Педагоги машҳури шӯравӣ К.Д. Ушинский доир ба вуҷуд овардани вазъиятҳое, ки хонандаро дар роҳи азхудкунии донишҳо ба вуҷуд меоварад, чунин ибрози ақида намудааст: «Дар ниҳоди инсон таваҷҷуҳи самимиро доир ба ҳама чизи фоидабахши таълимӣ ва тарбиявӣ ангезиш диҳед. Дар ин ҳол шумо метавонед бо хотири ҷамъ осуда бошед, ки ӯ ҳеҷ гоҳ шарафи инсониро аз даст намедиҳад» [8, с.24 - 25].

Кор ҳамон вақт натиҷаҳои мусбат медиҳад, ки агар он дар шакли муайян – система ташкил шуда бошад. Зери мафҳуми система чунин коре фаҳмида мешавад, ки он якҷояшавии ҳамаи навъҳои фаъолияти бо ҳам алоқамандро дарбар гирад. Самарабахшии кори мустақилона ҳамон вақт муяссар мегардад, ки агар он яке аз элементҳои асосии раванди таълим ба ҳисоб равад. Барои гузаронидани корҳои мустақилона дар ҳар як дарс бояд вақти муайян ҷудо карда шавад.

Ҳангоми таълими фанни физика намудҳои гуногуни корҳои мустақилона истифода бурда мешаванд, ки онҳоро аз рӯи мақсадҳои дидактикӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

I. Ба ин гурӯҳ корҳои мустақилонае дохил мешаванд, ки мақсади асосии онҳо гирифтани дониш ва пайдо намудани қобилияти нав, ташаккул додани истеъдодҳое мебошад, ки барои соҳиб гардидан ба донишҳо аз манбаъҳои нав мусоидат намояд.

Ба ин гурӯҳ намудҳои зерини кори мустақилонаи хонандагон шомиланд:

- кор бо китобҳои дарсӣ, омӯзиши маводҳои нав, кор бо ҷадвалҳо;
- мушоҳидаҳо вобаста ба мавзӯи дарс;
- гузаронидани таҷрибаҳо дар дарс ва дар шароити хона;
- кор бо маводҳои тақсимотӣ;
- омӯзиши сохт ва принсипи кори асбобҳои физикӣ аз рӯи модел ва нақшаҳо;
- хосиятҳои ҷисм ва моддаҳо, ҳодисаҳо ва шаклҳои ҳаракат;
- тасвир ва маънидоди нақшаҳо ва занҷирҳои электрикӣ.

II. Корҳои мустақилонае, ки мақсади асосии онҳо дар хонандагон ташаккул додани қобилият ва малакаҳои тавсифи амалидошта мебошанд:

- тартиб додани масъала ва саволҳои гуногун;
- сохтан ва таҳлил намудани графикҳо;
- ҷамъ намудани асбобҳо аз деталҳои тайёр;
- истифода набудани асбобҳо ва бартарафсозии норасоиҳои онҳо;
- тайёр намудани асбобҳо аз рӯи нақшаҳо;
- чен кардани бузургиҳои физикӣ.
- тартиб додани занҷирҳои электрикӣ ва ҳисоб намудани тавсифҳои асосии онҳо.

III. Корҳои мустақилонае, ки мақсади асосии онҳо инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон аст:

- тайёр намудани маърӯзаҳо ва рефератҳо;

- коркарди вариантҳои нави таҷрибаҳо;
- коркарди методикаи гузаронидани таҷрибаҳо;
- воридсозии тағйирот дар лоиҳаи асбоб;
- моделиронии техникӣ ва лоиҳавӣ;
- тартиб додани масъалаҳо доир ба истифодабарии мафҳумҳои нав;
- пешниҳоди фарзияҳо;
- иҷрои таҷрибаҳо бо элементҳои таҳқиқотӣ;
- иҷрои супоришҳои фардӣ ва гурӯҳӣ дар алоқамандӣ бо экскурсияҳо ва мушоҳидаҳо дар табиат.

Китоби дарсӣ аз фанни физика– ҷамъбасти мухтасари маълумоти илмӣ мебошад. Он ҳаҷм, дараҷа ва сохтори минималии донишҳои физикиеро, ки ба хонандагон расонидан лозим аст, муайян мекунад. Кор бо китоби дарсӣ бояд яке аз методҳои муҳим дар дарс бошад. Аппарати методии китоби дарсӣ низ ба ҳамин мақсад асос ёфтааст: ҷудокунии мафҳумҳои асосии матни бо ҳарфҳои фарқкунанда, нақшаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо, саволҳо доир ба мавзӯъҳо ва фаслҳои ҷудогона, системаи масъала ва машқҳо, нишондодҳои предметӣ – номӣ, навишти корҳои лабораторӣ, китоби дарсӣ дар дарс бо мақсади азхудкунии маводҳои нав, ки фаъолнокии таълимгирандагонро дар раванди омӯзиш таъмин месозад, истифода бурда мешавад. Аз китоби дарсӣ дар ҳолатҳои зерин истифода бурдан самарабахш мебошад:

а) истифодаи китоби дарсӣ аз фанни физика ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ.

Масалан, ҳангоми омӯзиши лаппишҳои маҷбурӣ барои мушоҳидаи резонанс бо рақосаки математикӣ таҷриба гузаронида мешавад.

Диққати хонандагон ба он ҷалб карда мешавад, ки ин падида ҳангоми як бора афзудани амплитудаи лаппишҳои маҷбурӣ ҳангоми ба басомади лаппиши қувваи маҷбуркунанда ν баробар гардидани басомади хусусии системаи лапанда ν_0 ба амал меояд. Инро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст? Чунин супориш дода мешавад: шарҳро аз китоб ёбед. Баъди гузаронидани кори мустақилона, дар ҷамъбаст моҳияти падидаи резонанс кушода мешавад, нишондоди он мустаҳкам карда шуда, хати каҷи резонансӣ дар доска тасвир карда мешавад.

б) Мустақилона омӯхтани мавзӯъ аз китоби дарсӣ. Ин дар он ҳолат имкон дорад, ки агар китобҳои дарсӣ захираҳои донишҳои заруриро барои дуруст дарк намудани мавзӯи нав дошта бошанд.

в) Омӯхтани таърифҳо аз китоби дарсӣ.

Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Лаппишҳои озод» таҷрибаи зеринро мегузаронем. Маятникро ба мавқеи аз ҳолати оромӣ фарқкунанда ҷой иваз мекунем ва онро сар медиҳем. Чунин савол мегузорем: «Аз ҳисоби кадом энергия маятник ҳаракат мекунад?»[7, с. 45-46]. Маълум аст, ки он аз ҳисоби энергияи потенсиалии дар ибтидо ба маятник бахшида ҳаракат мекунад. Ин гуна лаппишҳоро озод меноманд. Чунин масъала гузошта мешавад, ки лаппишҳои озодро таъриф диҳем. Хонандагон мавзӯъро хонда чунин таърифро мехонанд: «Лаппишҳое, ки бо ёрии энергияи аввалаи ба маятник дода шуда ба амал меоянд, лаппишҳои озод номида мешаванд. Чӣ хеле, ки аз таҷрибаи корӣ бармеояд, истифодаи ин гуна методика, суханронии омӯзгор ва истифодабарии китоби дарсиро самаранок мегардонад ва хонандагон на танҳо мазмуну мундариҷаи мавзӯъро аз худ намоянд, балки ифодасозии онҳоро дар хотир нигоҳ доранд [7, с. 47-50].

г) методикаи умумисозии маводи таълимӣ дар дарс. Он аз рӯи китоби дарсӣ тавассути таҳлили матни хондашуда гузаронида мешавад. Аз рӯи нишондодҳо ва саволҳои пешниҳод гардида хонандагон ба матни китоби дарсӣ рӯ меоранд: дар ин ҳангом на ҳама матни мавзӯъро мехонанд, (барои хондани пурраи матн вақти зиёд лозим мешавад) балки он қисми онро мехонанд, ки барои ҷавоб додан ба саволҳо мусоидат мекунад.

Масалан, аз рӯи мавзӯи «Лаппиш ва мавҷҳо» ва «Садо» умумисозӣ ва ба системадарории донишҳои азхудшуда ба таври зерин гузаронида мешавад. Як миқдор саволҳо аз рӯи мавзӯъҳои зикргардида ба хонандагон пешниҳод мешаванд ва онҳо бо истифода аз китоби дарсӣ (вобаста ба зарурият) ба онҳо ҷавоб медиҳанд.

Саволҳои пешниҳод гардида:

1. Чӣ гуна лаппишҳоро гармоникӣ меноманд?
2. Кадом бузургиҳо лаппишҳои гармоникиро тавсиф медиҳанд?
3. Қонунҳои лаппишҳои гармоникӣ ба чӣ асос ёфтаанд?
4. Чӣ гуна лаппишҳо озод ва чӣ гуна лаппишҳо маҷбурӣ номида мешаванд?
5. Падидаи резонанс ба чӣ вобастагӣ дорад? Шарти баамалоии онро баён кунед.

Дар ин маврид ба системадароии маводҳои таълимӣ ба таври амиқ дарк карда мешавад. Супоришҳои хонагӣ аз рӯи такрори фаслҳо чандон мураккаб намешавад [9, с.150 -160].

д) Ба ҳам мувофиқ наомадани баёни мавзӯъ бо матни китоби дарсӣ. Вақте, ки омӯзгор доир ба мавзӯъ аз рӯи дигар нақша дарс мегузарад, ки он аз гузориши китоб фарқ мекунад, бояд ӯ ин вазъиятро ба хонандагон ёдрас шавад. Ӯ бояд тарҳи дарси худро дар доска нависад, ки он ба муҳтавои мавзӯъ алоқамандӣ дорад.

Физикаро бе ҳалли масъалаҳо тасаввур намудан имконнопазир аст. Дар ин замина ташаккулдиҳии қобилияти умумисозии ҳалли масъалаҳо, коркарди равишҳои умумӣ ба онҳо аҳамияти калон дорад. Ифодасозии чунин муносибатҳои умумӣ алгоритмҳо ба ҳисоб мераванд: масалан, алгоритми ҳалли масъалаҳо доир ба қонуни дуюми динамика, доир ба қонуни бақои импулс, ҳисоббарорӣ аз рӯи занҷирҳои электрикӣ [5, с.110].

Воридсозии элементҳои корҳои мустақилона дар ҳалли масъалаҳои физикӣ бо пайдарпаии мувофиқ бо назардошти афзоиши дараҷаи мушкилии онҳо амалӣ карда мешаванд.

Истифодабарии супориш-карточкаҳо имконияти таълими фардиро фароҳам оварда, назорати фавриро дар ҷараёни таълим осон гардонида, такмилдиҳии сифати донишҳои хонандагонро ба амал меорад.

Мундариҷаи карточкаҳо барои санҷиши се дараҷаи қобилиятҳо равона мегардад:

- баёни маводи китоби дарсӣ;
- ҳосил намудани донишҳо дар вазъиятҳои бо маводҳои китоби дарсӣ монанд;
- истифодаи эҷодкоронаи донишҳо дар шароитҳои нав.

Дафтари корӣ. Ҳамаи маводҳои дафтари корӣ дар мувофиқат бо китоби дарсӣ таҳия мешаванд. Кор бо дафтари корӣ имкониятҳои зеринро ба амал меорад: коркарди амалии ҳамаи масъалаҳои китоби дарсӣ, гузаронидани таҷрибаҳои зарурӣ, омӯхтани тарзҳои ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ, графикӣ, сифатӣ ва экспериментолӣ. Супоришҳои санҷишӣ имкон медиҳанд, ки донишҳои хонандагон санҷида шаванд. Дафтари корӣ барои истифодабарӣ дар синф ва хона пешбинӣ карда мешавад.

Истифодаи технологияи компютерӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки коркарди маълумотҳоро бо суръати баланд ва саҳеҳияти зиёд амалӣ созад. Бо истифодаи ин воситаҳо тестиронии компютерӣ барои санҷиши донишҳои хонандагон гузаронида мешаванд.

Мутобиқи стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳар як хонанда бояд мустақилона мақсади омӯзиши худро муайян намуда, дар таҳсил ва фаъолияти маърифатии худ масъалаҳои навро пеш гузошта, мақсад ва таваҷҷуҳи худро дар ин самт инкишоф дода, маҳорати мустақилона банақшагирии роҳҳои расидан ба мақсади гузошташударо ҳосил намуда, асосҳои худназораткуниро соҳиб шуда, қарори худро оид ба масъалаи амалӣ намудани интихоби бошуурона дар фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ бароварда тавонад.

Танҳо мақсадгузории системанокии кори мустақилонаи ҳар як хонанда имконият фароҳам меоварад, ки онҳо асосҳои илмро амиқ азхуд сохта, маҳорати хешро коркард ва устувор намуда, онҳоро ба меҳнати фикрии мутобиқ ба онҳо табдил диҳад.

Саҳми намоёнро дар инкишофи корҳои мустақилонаи хонандагон педагогҳои намоён Ю.К. Бабанкий, М.А. Данилов, Б.Н. Есипов, И.Я. Лернес, М.Н. Скаткин ва ғ. равоншиносон Д.Н. Богоявленский, Л.С. Выгодский, П.Я. Галыперин, В.В. Давыдов, Л.В. Занков, А.М. Матшкин, Н.А. Менчиниская, А.Н. Леонтыв, С.Л. Рубинштейн, Д.Б. Эльконин, А.Ф. Эсадлов, гузоштаанд. Таҳқиқодҳои тӯлонии ин олимон муқаррар намудаанд, ки яке аз воситаҳои манфиатовар дар эҷодкорӣ ва мустақилияти хонандагон ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона мебошад. Моҳияти мафҳуми корҳои мустақилона мақсад, масъалаҳо, принсипҳои дидактикӣ, функсияҳои корҳои мустақилона, шакл ва методҳои ташкил намудани онҳо дар раванди таълим ба таври амиқ ва пурра дар таҳқиқотҳои М.Г. Гарунова, Б.Е. Королькова, Д.А. Нильсона, В.Г. Орловский, П.И. Пидкасистого, А.Я. Цукар, Н.И. Чикадев таҳлил шудаанд [5, с.6-7].

Яке аз проблемаи асосии методикаи таълими физика ташкил намудани корҳои мустақилона дар дарси физика мебошад. Ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон бояд ба барангехтаи фаъолияти онҳо ва нигоҳ доштани фардикунонӣ дар раванди таълим равона гардад. Дар азхудкунии маводи таълимӣ аксаран мавқеи асосиро аз тарафи омӯгор ташкил намудани корҳои мустақилона ишғол мекунад. Мафҳуми «корҳои мустақилона», ки дар дидактика яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол намуда, танҳо маънои лафзиро доро нест. Дар як маврид он шакл ва методи ташкили таълим буда, дар он фаъолияти педагог ва хонанда нишон дода мешавад, аз тарафи дигар он вазифаи махсус аст, ки барои иҷрои мустақилона пешбинӣ шудааст[6, с.150-160].

Ҳатто оддитарин намудҳои кори мустақилона аз хонандагон амалҳои фаъолро тақозо менамоянд, ки онро хонанда бояд ҳатман иҷро намояд. Дар алоқамандӣ ба фаълияти маърифатии хонандагон дигар аломатҳои корҳои мустақилонае, ки онҳо ҷиҳатҳои зоҳирӣ ва ташкилиро инъикос менамоянд, муоина мегарданд. Дигар гурӯҳи дидактикҳо диққати асосиро ба дигар махсусияти корҳои мустақилона - ангезиш, ҷалби хонандагон ба фикронии фаъол равона намудаанд. Дар ин ҳолатҳо нақши асосиро масъалаҳои таълимӣ мебозад, ки дар назди хонанда гузошта мешавад. Хонандагон ин масъалаҳои гузошташударо аз худ намуда, онҳоро ба барангезандагони ботинӣ дар амал табдил намуда, сармашқи кори хеш менамоянд.

Муаллифи мақолаи «Корҳои мустақилона дар дарсҳои физика ва математика» Н.С. Лазарев чунин қайд менамояд: «Дар дарсҳои физика ва математика ба воситаи корҳои мустақилонаи гуногун хонандагон дониш, маҳорат ва малакаҳои асосиро аз бар мекунанд. Инунин корҳо ҳамон вақт натиҷаҳои мусбат медиҳанд, ки онҳо ба таври муайян ташкил ва гузаронида шаванд, яъне системаро ташкил медиҳанд. Системаи корҳои мустақилона гуфта, мо пеш аз ҳама корҳои дар маҷмӯъ алоқаманд ва тавқиятдиҳандаи ҳамдигарро меномем, ки яке аз дигаре мантиқан берун оянд. Ҳар як система бояд принсипҳо ва талаботҳои муайянро қаноатбахш намояд. Дар ҳолати яке аз он системаро ташкил надодан, ҷамъи далелҳо, обектҳо ва ҳодисаҳои тасодуфӣ мебошад» [1, с. 120-125].

Дар ба нақшагирии дарси муосир муайян намудани нақш ва мақеи корҳои мустақилона муҳимтарин чиз мебошад. Чунки хусусиятҳои сифати хонанда хамчун: диққат, устуворӣ, майлдоштан ба эҷодкорӣ, саҳеҳкорӣ, ботартибӣ аз малакаҳои корҳои мустақилона вобастагӣ дорад. Бомуваффақият иҷро намудани корҳои мустақилона ба ғайр аз қаноатмандии рӯҳӣ дар хонандагон, инчунин хоҳиши дар оянда кор карданро ба вуҷуд меорад.

Муаллиф аз таҳқиқоти худ хулоса бароварда чунин менависад: «ҷамъбасти кори мустақилона имконият медиҳад, ки хонанда пешравии худро бинад». Бинобар, ин вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки кори мустақилонаро дар дарс бояд тавре ташкил намояд, ки он хонандаро ба кори фаъол ҷалб намуда, барои омӯзиши коркарди усули

пешниҳодшуда равона сохта, маҳорати ташаккул додан ба нақшагирии фаъолияти худро пайдо намуда, бошуурона муносибат намудан ба маводи таълимиро омӯзонад. Дар ин кори таҳқиқоти мо муайян намудем, ки кори мустақилонаи таълимӣ, чунин тарзи омӯзишӣ мебошад, ки дар он хонанда аз рӯи масъалаи гузошташудаи омӯзгор ва роҳбарии ӯ дар ин кор ҳалли масъалаҳои маърифатӣ ё иҷрои кори амалиро бо гузоштани нерӯи зеҳнӣ ва фаъолнокӣ иҷро менамояд.

Адабиёт:

1. Бурнк В.К. Самостоятельная дифференцированная работа школьников / В.К.Бурнк // Физика в школе. - 1982. - № 4. - С. 60-61.
2. Буряк В.К. Самостоятельная работа учащихся / В.К. Буряк. - М.: Аспект пресс, 2005. - 272 с.
3. Маҷидов Ҳ., Хусаинов Б., Худойдодв М., Мирзоев Р. Кори мустақилонаи донишҷӯён / Ҳ.Маҷидов, Б.Ҳусайнов, М.Худойдодв, Р.Мирзоев. – Душанбе: «Эр – граф», 209. – 72с.
4. Мякишев Г.Я., Буховцев Б.Б. Физика: Китоби дарсӣ барои синфи XI мактаби миёна / Г.Я.Мякишев, Б.Б.Буховцев. – Душанбе: Маориф, 1994.
5. Парвинаи У.С. Асосҳои педагогии ташаккули малакаи кори мустақилонаи хонандагон дар таълими фанни физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / У.С.Парвина. – Кӯлоб, 2020. – 187с.
6. Пидкасистый, П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении / П.И. Пидкасистый. - М.: Педагогика, 2000. - 386 с.
7. Раҳимов Б., Шукуров Т., Рачабов П. Физика-10 / Б.Раҳимов, Т.Шукуров, П.Рачабов. – Душанбе: Матбуот, 2006.
8. Ушинский К.Д. О ползе педагогический – литературы. / К.Д Ушинский // Сбор.соч., Т.2, саҳ. 26.
9. Шарифов, Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим / Ҷ. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1996 – 242с.
10. Шилов В.Ф. Организация самостоятельной работы учащихся с учебником / В.Ф. Шилов // Физика в школе. - 1994. - № 4. - С. 34.

МЕТОДҲОИ ҲОЗИРАЗАМОНИ ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН АЗ ФИЗИКА БАРОИ СИНФҲОИ 10-11

Дар ниҳоди инсон таваҷҷуҳи самимиро доир ба ҳама чизи фоидабахши таълимӣ ва тарбиявӣ ангезиш додан омили асосии ҷалби ӯ барои расидан ба шарафи инсонӣ мебошад. Нуқтаи асосиро дар таълифи мақола гуфтори фавқ ташкил медиҳад. Ташкили корҳои мустақилона барои хонанда воситаҳои асосиро барои соҳиб гардидан ба чунин шароит фароҳам меоварад. Таҳқиқот ба масъалаи муҳими таълиму тарбия – ташаккул додани мустақилияти тафаккур, омодагӣ ба фаъолияти эҷодии касбӣ – дахл намуда, ҷанбаҳои педагогӣ, методӣ ва илмии он тавзеҳ ёфтаанд. Муаллиф бар он ақида аст, ки корҳои мустақилонаро ба шакли система дароварда, онро дар маҷмӯъ ба амал баровардан ба манфиати кор хоҳад буд. Гурӯҳбандии корҳои мустақилона дар асоси мақсадҳои дидактикӣ дар мавод таҳқиқ шуда, доир ба ҳар яки онҳо гузоришҳои алоҳида баён ёфтааст. Ташкили корҳои мустақилона аз рӯи китоби дарсӣ бар асоси гурӯҳбандии овардашуда қисмати дигари таҳқиқоти муаллиф дар мақола мебошад. Китоби дарсӣ барои хонанда муҳимтарин воситаи омӯзишӣ буда, истифодаи мақсадноки он боиси рушди зеҳнӣ ва малакавии он мегардад. Омӯзгор танҳо дар сурати дуруст истифода намудани китоби дарсӣ ва мусалсал аз рӯи он гузаронидани

фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар кори хеш муваффақ мешавад. Ин нуқта дар гузориш бартарият пайдо намудааст. Ҷиҳати амалии гузориш нишон додани ташкил ва гузаронидани кори мустақилона аз рӯи мавзӯи муайян – таҳқиқотро пурра тақвият бахшидааст. Ҳалли масъала ва ба ин васила ташкил намудани корҳои мустақилона воситаи дигари ҷалби хонанда ба омӯзиш мебошад. Диққати омӯзгорон ба ин навъи кор ҷалб шуда, роҳҳои самараноки гузаронидани он нишон дода шуда аст. Ташкили дафтари корӣ муҳимтарин воситаи корӣ буда, таҳмили он ба хонанда омили пешрафти раванди донишандӯзӣ мебошад. Муаллиф ба ин кор тавсияҳои хоси худро пешниҳод намудааст. Инчунин барои омӯзгорон тавсия намудани мутолиа ва корбасти коркардҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар мақола нишон дода шудааст. Ин гузориш имкон медиҳад, ки мутахассисони соҳа аз он баҳравар шуда барои пешрафти кори худ имконият пайдо намоянд.

Калидвожаҳо: Мустақилияти тафаккур, системаи корҳои мустақилона, мақсадҳои дидактикӣ, омодагӣ ба фаъолияти касбӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, пешниҳоди фарзияҳо, системаи масъалаҳо ва машқҳо, методикаи умумисозии маводи таълимӣ, супоришҳои фардӣ ва гурӯҳӣ

ОРГАНИЗАЦИЯ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ ПО ФИЗИКЕ ДЛЯ УЧЕНИКОВ 10-11 КЛАССОВ

Главный фактор в привлечении человека к достижению человеческого достоинства - побудить его уделить искреннее внимание всему, что полезно для обучения и воспитания. Ключевым моментом при написании статьи является красноречие. Организация самостоятельной работы студента является основным средством получения таких условий. В исследовании рассматривается важный вопрос воспитания - формирование самостоятельности мысли, подготовка к профессиональной творческой деятельности - и разъясняются его педагогические, методологические и научные аспекты. Автор считает, что в интересах работы систематизировать самостоятельную работу и проводить ее в целом. В материале изучается классификация самостоятельных работ по дидактическим целям, и по каждой из них представлены отдельные отчеты. Организация самостоятельной работы над учебником на основе данной классификации - еще одна часть исследования автора в статье. Учебник - важнейший инструмент обучения читателя, и его целенаправленное использование способствует его интеллектуальному развитию и развитию навыков. Учитель может добиться успеха в своей работе только в том случае, если он правильно и самостоятельно использует учебник.

Этот момент выделен в статье. Что касается практической стороны статье, то организация и проведение самостоятельной работы по определенной теме полностью укрепили исследование. Решение проблем и, таким образом, организация самостоятельной работы - еще один способ вовлечь студентов в учебу. На этот вид работы обращено внимание учителей, показаны эффективные способы ее выполнения. Создание офиса - самый важный инструмент, и предоставление его студенту - фактор в продвижении учебного процесса. Автор предлагает свои рекомендации к этой работе. Также в статье учителям рекомендуется читать и использовать научные разработки отечественных и зарубежных ученых. Эта статье позволит профессионалам отрасли извлечь из него пользу и продвинуть свою работу.

Ключевые слова. Самостоятельность мышления, система самостоятельной работы, дидактические цели, пропаганда профессиональной деятельности, развитие творческих способностей, изложение гипотез, система задач и упражнений, методы обобщения учебных материалов, индивидуальные и групповые задания.

ORGANIZATION OF MODERN METHODS OF STUDENTS' INDEPENDENT WORK IN PHYSICS 10-11th GRADES

The main factor in attracting a person to achieve human dignity is to encourage him to pay sincere attention to everything that is useful for education and upbringing. The key point when writing an article is eloquence. The organization of the student's independent work is the main means of obtaining such conditions. The study considers an important issue of education - the formation of independence of thought, preparation for professional creative activity - and explains its pedagogical, methodological and scientific aspects. The author believes that in the interests of work, systematize independent work and conduct it as a whole. The material examines the classification of independent works according to didactic goals, and for each of them separate reports are presented.

Organizing independent work on a textbook based on this classification is another part of the author's study in the article. The textbook is the most important tool for teaching the reader, and its purposeful use contributes to its intellectual development and development of skills. A teacher can succeed in his work only if he uses the textbook correctly and independently.

This point is highlighted in the report. As for the practical side of the report, the organization and conduct of independent work on a certain topic has completely strengthened the study. Solving problems and, thus, organizing independent work is another way to involve students in their studies. This type of work is drawn to the attention of teachers, effective ways of its implementation are shown. Creating an office is the most important tool, and providing it to a student is a factor in advancing the educational process. The author offers his recommendations for this work. The article also recommends that teachers read and use the scientific developments of domestic and foreign scientists. This report will allow industry professionals to benefit from it and advance their work.

Keywords. Independence of thinking, system of independent work, didactic goals, promotion of professional activity, development of creative abilities, presentation of hypotheses, system of tasks and exercises, methods of generalization of educational materials, individual and group tasks

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳамид Маҷидов профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ. Тел: 918-24-61-05*

Сведения об авторах: *Меджидов Хамид, профессор Таджикского университета коммерции, ученый и техник Таджикистана, доктор технических наук. Тел: 918-24-61-05*

Information about the authors: *Mejidov Hamid, professor at the Tajik University of Commerce, scientist and technician of Tajikistan, doctor of technical sciences. Tel: 918-24-61-05*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Лутфияи Ҷурахон, ассистенти кафедраи физика, МТф ва ТМ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: ҶТ 735360, ш. Кӯлоб, кучаи С. Сафаров 16. тел: (992) 987-26-93-09*

Сведения об авторе: *Лутфияи Джурахон, ассистент кафедры физики МПФ, Кулябского Государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки. 735360, г. Куляб, улица С. Сафаров 16. тел:(992) 987-26-93-09*

Information about the author: *Lutfiyai Jurkhon., is an assistant Chair of the ITF KSU the Kulob State university named after Abuabdulloh Rudaki. Address: The Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki. 734065, Kulob, S. Safarov Street16. ph. 987-26-93-09.*

УДК -947 575.3
ББК – 63.
С- 97

КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛЁБИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИИШИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Расулов Д., Гулрӯи С.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогикаи муосир ин ташаккул додани ҳисси худшиносии миллӣ нисбат ба таҳсили хонандагон мебошад. Шарти асосии ташаккул додани ҳисси худшиносии миллии хонандагон ба ақидаи мо, ин самаранок истифода бурдани корҳои беруназдарсӣ мебошад.

Мафҳуми “Корҳои беруназдарсӣ”- ин фаъолияти ғайридарсие мебошад, ки он дар худи мактаб, берун аз ҷадвали дарсӣ гузаронида мешавад. Корҳои беруназдарсӣ қисми таркибии таълиму тарбия буда, барои такмил додани дониш, маҳорат, малака, инкишофи мустақилияти хонандагон мусоидат мекунад.

Корҳои беруназдарсии хонандагон хангоми омӯзиши фанҳои ҷамеашиносӣ, махсусан ҳангои омӯзиши фанни таърихи халки точик, ҳамчун як намуди фаъолияти таълимӣ метавонад марҳила ба марҳила ҳисси худшиносии миллии хонандагонро ба тариқи эҷодӣ ташаккул диҳад.

Истифодаи бомавқею бомақсадонаи корҳои беруназдарсӣ дар пайвастагӣ ба таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон нақши муҳим мебозад [7, с.235].

Таҷриба нишон медиҳад, ки кӯдакону наврасон ба шунидани нақлу ҳикояҳо шавқу ҳаваси зиёд доранд. Нақлу ҳикояҳо бошад дар айни замон воситаи таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтор буда, ба ташаккулёбии сифатҳои шахсии хонандагон, аз ҷумла ҳисси худшиносии миллии онҳо ёрӣ мерасонад.

Муаллимонро лозим аст, ки вобаста ба қобилияти синнусоли хонандагон дар соатҳои тарбиявӣ ва маҳфили фаннӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик нақлу ҳикояҳоеро истифода намоянд, ки мазмуни худшиносии миллӣ дошта бошанд.

Масалан, ҳикояи Эраҷ Паҳлавон метавонад яке аз намунаҳои соатҳои тарбиявӣ ё ин ки мавзӯи маҳфили фаннӣ бошад, ки ин ҳикоя ба дарки худшиносии миллии хонандагон бевосита таъсир мерасонад. Мазмуни ҳикоя чунин аст:

Дар кишваре Сафар ном сангтарош, паҳлавони боғайрат зиндагӣ мекард. Ӯ ҳамроҳи ҳамдеҳагонаш чандин маротиба бо аждаҳорҳои ба деҳа ҳуҷумкунанда ҷангида ғолиб мебарояд. Вале дар ҷанги аждаҳори аз ҳама пурқувват асир меафтад. Вай Эраҷ ном писаре дошт. Эраҷ чун паҳлавони дорои бозувони боқувват дар яке аз мусобиқаҳои гӯштингирӣ паҳлавони номии дигар, деҳаро мағлуб месозад. Ҳамдеҳагонаш шоду хурсанд мешаванд ва мегӯянд, ки ту ҳам ба мисли падарат ҷанговари моҳир мешавӣ. Ин сухан ба Эраҷ сахт таъсир мекунаду худ ба худ мегӯяд «Падари ман асири душман асту, ман бепарво дар ин ҷо нишастаам».

Баъди ин Эраҷ барои озод кардани падараш ба сафар мебарояд. Дар роҳ мардеро вомехӯрад, ки сараш хам меистод. Онҳо аз ҳамдигар пурсон мешаванд. Баъди шиносоию мақсади ҳамдигарро фаҳмидан он мард мегӯяд, агар ин тавр бошад бо махлуқҳо ҳамроҳ меҷангем. Ман роҳбари ту мешавам, ту дар оянда танҳо ба ваъдаат устувор бош. Бе шуҷоату диловарӣ, мардонагӣ мақсад ба даст намеояд. Эраҷ розӣ мешавад. Он мард ба Эраҷ шамшер медиҳад ва сирраширо ҳам мегӯяд.

Эраҷ баъди чанд вақт роҳ рафтан қасри сиёҳеро мебинад, ки дар назди он чанд ҳазор ҷангиён истодаанд. Аз қаср ҳазорҳо нафар аҷузаҳо ба тарафи ҷангиён меоянд. Аз

тарафи ҷангиён ҷавони пурқувват ба майдони ҷанг мебарояд. Аз тарафи аҷузаҳо низ деви бадҳайбат ба майдон мебарояд. Паҳлавонҷавон он дев ва боз чандтои дигари онҳоро зада мекушад. Вале аз тарафи аҷузаҳо деви аз ҳама калон бо номи Ҳенгел ӯро асир мегираду ба қаср мебарад ва боз ба майдони ҷанг бармегардад.

Эраҷ дигар тоқат накарда, ба Ҳенгел мегӯяд: муддати дароз ҳаст, ки қаҳру ғазабамро нисбат ба ту дар дил нигоҳ доштам, акнун ба даст афтодӣ. Ва ӯро ба ханҷар мезанад, ки дар ҷояш ҷон медиҳад.

Эраҷ бо ҳамроҳии ҷангиёни дигар душманонро зада несту нобуд мекунанд. Эраҷ падарашро аз зиндон озод карда, ҳамроҳ ба деҳаашон бар мегардад ва аҳли деҳа шоду хурсандӣ мекунанду минбаъд оромона зиндагӣ ба сар мебаранд.

Баъди ин корнамоиҳо Эраҷ дар байни мардум бо лақаби Эраҷ Паҳлавон машҳур гардид.

Дар анҷоми ҳикоя барои дарк намудани ҳисси худшиносии онҳо муаллимон бо хонандагон, аз рӯи саволҳои зерин суҳбат ташкил намуданд, ки аз ҷониби хонандагон чунин ҷавонбҳо шунида шуд:

1.Чӣ Эраҷро маҷбур кард, ки паҳлавони ғолибро ба гӯштин даъват намояд?

Ҷавоб: Нангу номуси мардонагӣ ва ҳамдеҳагӣ.

2.Аҷубаҳо ё девҳо ба фикри шумо киҳо буданд?

Ҷавоб: Он душманони бегонае, ки халқи маҳаллиро қатл карда, асир гирифта, мулкашонро ғорат мекарданд.

3.Шумо дар мисоли Эраҷ ва паҳлавонони дигаре, ки зидди аҷубаҳо ҷангиданд, чӣ гуна мардонро мебинед?

Ҷавоб: Мардони далеру ҳимоягари мардумро аз душман мебинем.

Маълум гардид, ки хонандагон моҳияти ҳикояро дуруст дарк кардаанд. Хулосаҳои баровардаи онҳо дар бораи ҳамфикрӣ, муттаҳидӣ ва зидди душман ҷангидан, ба ҳимояи мардум бархестан масъалаҳои муҳими худшиносии миллӣ ва сатҳи дар хонандагон ташаккул ёфтани он мебошад.

Ҳар як ҳодисаҳои таърихӣ ё ин ки ҳикояҳои таърихӣ бояд ба синнусоли хонандагон вобаста бошад. Масалан дар синфҳои шашум муаллимон бояд ҳикояи таърихии «Салим Паҳлавон»-ро бо як эҳсосоти таъсирбахш ва ҳисси баланди худшиносӣ ба хонандагон нақл намоянд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон хуб донистану дарк кардани роҳҳою шароитҳои душвори ба даст омадани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон ва аҳамияту моҳияти он нақши муҳим мебозад.

Вобаста ба он ки дар раванди дарс ба хонандагон баён намудани ҳамаи паҳлуҳои масъалаи мазкур ғайриимкон аст, аз ин рӯ бояд сикли суҳбатҳои беруназдарсӣ гузаронида шавад.

Муаллимон дар бораи саъю кӯшиши тарафдорони давлати миллии Конститутсионӣ, ки миллати тоҷикро аз парокандагӣ ва истиқлолияти миллиро аз барҳамхӯрӣ эмин доштан, дар бораи Иҷлосияи XVI тақдирсоз ва ба вазифаи он вақт раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон, ташкил шудани музокироти байни тоҷикон (5-19-апрели соли 1994), созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ, (17-уми сентябри соли 1994 дар Теҳрон), вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарии Иттиҳоди Мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ (23-юми декабри соли 1996) ва бо иштироки намояндагони махсуси Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид таъсис ёфтани Комиссияи оштии миллӣ ва нақши он дар ба даст омадани сулҳу ваҳдат дар ҷумҳурӣ, ҷидду ҷаҳди қуввахои пешқадам дар дохили мамлакат ва берун аз мамлакат (бо ёрии софдилонаю бевоситаи сарварони Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил, ташкилотҳою созмонҳои байналхалқӣ), 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ имзо наудани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» 3-юми августи соли 1999 бо супориши Саид

Абдуллоҳи Нурӣ барҳам додани дастаҳои низомии мухолифин ва бо ваҳдати миллӣ анҷом ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон [11, с138] бояд суҳбатҳо гузаронад.

Маълумотҳои наверо, ки хонандагон дар раванди суҳбати беруназдарсӣ аз худ намуданд, донишҳои дар дарсҳо оид ба масъалаи мазкур гирифтаашонро пурраю мукаммал гардонида, дар ташаккулёбии худшиносии онҳо эҳсосоти наверо бедор менамояд.

Муаллимони дар соатҳои тарбиявӣ ба маълумоти хонандагон расониданд, ки барои ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ роҳбарони ҳизбҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, ходимони намоёни давлатӣ, илму маданият ва собиқадорони ҷангу меҳнат ба хулосае омаданд, ки «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон»-ро ташкил диҳанд. Ин ташаббус аз ҷониби сардори давлат дастгирӣ ёфт. 18-уми июли соли 1997 600-нафар вакилон аз тамоми ҷумҳурӣ дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ҷамъ омада, ин ҳаракатро таъсис доданд ва раиси он Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид.

Муаллимон ҳангоми ба хонандагон фаҳмонидани моҳияту аҳамияти Ваҳдати миллӣ аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати милли-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври васеъ бояд истифода баранд. Аз ҷумла «Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти бебаҳост, зеро он барои амалӣ гардонидани орзую ормони халқи тоҷик, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу осоиштагӣ ва дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи устувор гузошт. [5, с.39].

Дар асоси гуфтаҳои Президенти мамлакат мову шумоён бояд хуб донем, ки ваҳдати миллӣ барои миллати тоҷик беҳтарин неъмати дунё, орзую ормони халқ, таҳкими сулҳу амонӣ, наҷоти миллат, муттаҳидӣ, дӯстию рафоқат, ҳамдигарфаҳмию ёрии ҳамдигарӣ, шодию хурсандӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум, истиқлолияти иқтисодию фарҳангӣ, энергетикӣ ва ғайра мебошад.

Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки Ваҳдати миллӣ ҳастии миллати тоҷик аст ва онро муқаддас донистану ба он ифтихор доштан вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст.

Ваҳдати миллӣ аслан марбут ба ташаккули давлати миллӣ, зарурати ба даст овардани эҳсоси умумияти ягонагии сиёсии мардум, ки дар як воҳиди маъмурӣ зиндагӣ мекунанд, боло меравад.

Дар асоси истифодабарии далелҳои таърихӣ муаллимон бо роҳи корҳои беруназдарсӣ хонандагонро бовар кунониданд, ки ҳар қавму миллат ба хотири мероси бою рангини хеш, осори арзишманди таърихию фарҳангии гузаштагони худ дар ҷаҳон маълум ва шинохта мешавад.

Халқи ориёӣ, ки мо меросбарони асили онҳо ҳастем аз худ мероси бою рангинро барои наслҳои оянда боқӣ гузоштаанд, ки дар баробари дигар падидаҳои таърихию фарҳангӣ анъанаҳо, идҳо ва расму оинҳо ба ҳисоб мераванд. Ин падидаҳо дар давоми асрҳо дар тарбияву ба камол расонидани насли наврасу ҷавонон нақши муҳим бозидаанд.

Аз ин рӯ, мақсад гузошта шуд, ки имкониятҳои ҷашнҳои аҷдодии «Наврӯз», «Меҳргон», «Садда» ҳамчун падидаи таърихӣ дар ташаккулдиҳии худшиносии миллии хонандагон истифода бурда шавад ва дар маҳфилҳои фанни сикли суҳбатҳои беруназдарсӣ ба ин ҷашнҳо бахшида шавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҷашни Наврӯз бо тайёрии ҳамаҷонибаю боҳашамат ҷашн гирифта мешавад. Диққати асосӣ ба ҷиҳатҳои бадеию эстетикии он дода мешавад, аз ҷумла, ороиши дастархони ҷашнӣ бо ҳафсину ҳафтшин, қироати шеъру суруд, намоиши бозӣ ва ҳунарҳову расму оинҳои суннатӣ ва ғайра бевосита ба тарбияи маънавию эстетикӣ ва худшиносии хонандагон таъсир мерасонад.

Дар баробари ҳамасола ҷашн гирифтани ин идҳои қадимаи аҷдодии «Наврӯз», «Меҳргон» ва «Садда» донистани таърихи онҳо барои бедор намудани ҳисси худшиносии хонандагон шатр ва зарур аст.

Муаллимон дар соатҳои тарбиявӣ ба маълумоти хонандагон мерасонанд, ки ҷашни Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимии ориёии тоҷикон аст ва таърихи зиёда аз 3-ҳазорсола дорад ва ба замони Зардушт рост меояд. Он ба рӯзи аввали солшумории шамсии 1-уми Фарвардин (аввали моҳи ҳамал) ё 21 моҳи марти солшумории мелодӣ рост меояд. Дар он рӯз офтоб ба хатти экватор (истино) меояд ва шабу рӯз баробар мешавад. Рӯзи якуми Фарвардинро мардум рӯзи якуми баҳор, саршавии кишту кор, бедоршавии табиат, олами наботот, такмили дунёи нав меписанданд.

Ривоят ҳаст, ки Наврӯз дар аввал 30 рӯз давом мекард. Дар панҷ рӯзи аввал шоҳони замон ба фаҳмидану ҳал намудани эҳтиёҷи табақаҳои гуногуни аҳолӣ машғул мешуданд. Дар рӯзи 6-уми ҷашни Наврӯз худро аз ҳама гуна корҳои давлатӣ дур медоштанд.

Панҷ рӯзи дигари Наврӯзро мардуми шаҳру деҳот бо тӯйю тамошо ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ мегузаронанд. Панҷ рӯзи дигарро мардум дар дарбори шоҳҳо бо тантана ҷашн мегирифтанд. Понздаҳ рӯзи боқимондаро дар саҳро ба сайри Наврӯзӣ мебахшиданд.

Абулқосим Фирдавсӣ пайдоиши Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед нисбат дода, дар «Шоҳнома»-и худ чунин гуфтааст:

Ба Ҷамшед бар гуҳар арш шинонданд,
Мар он рӯзро «Рӯзи нав» хонданд…

Абӯрайҳони Берунӣ гуфтааст: Чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тоза буд, Ҷамшед ид гирифт, агар чи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд.

Умари Хаём дар «Наврӯзнома» овардааст, сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки офтоб дар ҳар 365 шабонарӯз ва рӯзе ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд ва чун Ҷамшед аз он огоҳӣ ёфт, Наврӯз ном ниҳод. Пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон ба ӯ иқтидо карданд ва он рӯзро ҷашн гирифтанд ва ба ҷаҳониён хабар доданд, ки то ҷашну расми мулкро ба ҷой оранд ва баҳри муборакӣ ва хуррамӣ кардан дар аввали сол. Ва ҳар кас дар Наврӯз ҷашн кунанд, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ гузаронад [3].

Душманони мардуми тоҷик, аз ҷумла, арабҳо ва муғулҳо барои аз байн бурдани иди Наврӯз кӯшишҳои зиёде карданд. Вале вобаста ба он ки Наврӯз суннатҳои хеле зиёди иҷтимоию маънавӣ дошт, онро аз байн бурда натавонистанд.

Бо кӯшишҳои зиёди ватандӯстонаю миллатдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати милли-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳуриитоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо қарори Иҷлосияи 64 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 20-феврали соли 2017 таҳти «Фарҳанги ҷаҳон» Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон мегардад, ки онро бештар аз 140 давлати ҷаҳон дастгирӣ карда буд. Ҷашни байналмилалӣ гардидани Наврӯз ифтихори миллати тоҷик мебошад.

Ҷашни Меҳргон бошад дуюмин ҷашни бузурги миллии Ориёиҳо мебошад, ки он бозгашти офтоб ва дуюмбора ба хатти истифо (экватор) омадану боз баробар шудани шабу рӯз бахшида шудааст. Оғози Меҳргон 16 моҳи Меҳргон, рӯзи фариштаи Меҳр аст ва ба 16-уми сентябр рост меояд.

Ҷашни Меҳргон 6 рӯз аст - аз 16-уми сентябр оғоз ёфта то рӯзи 21, ки Ром ном дорад, давом мекунад. Рӯзи оғозро Меҳргони омма ва рӯзи анҷомёбиро Меҳргони хоса меноманд.

Дар рӯзи ҷашни Меҳргон дастархони ҳама аз неъматҳои мавҷуда- нонҳои ҳархела, себ, нок, ангури сафед, анҷир, асал, лиму, шакар, гули нилуфар пур карда мешавад ва мардум базм меоростанд. Меҳргон то истилои муғул дар саросари мулки Ориёно ҷашн гирифта мешуд.

Ҷашни Меҳргон ба давраи ҷамъоварии ҳосилот рост меояд. Дар солҳои вуҷуддории Ҳукумати Шӯравӣ ба ҷои Меҳргон дар мактабҳо иди ҳосилот бо тантана ҷашн гирифта мешуд.

Ҷашни Сада низ яке аз ҷашнҳои бостонии аҷдодӣ аст, ки рӯзи даҳуми моҳи ёздаҳуми солшумории шамсӣ Баҳман барпо мегардид. Азбаски аз даҳуми Баҳман то ҷашни Наврӯз 50 шабонарӯз аст, ин рӯзро аҷдодони гузашта Сада номидаанд. Зеро ниёгони мо шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд.

Мувофиқи ривояти «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ Ҳушанг ин ҷашнро асос гузоштааст. Гӯё Ҳушанг ҳамроҳи дарбориён дар саҳро ба море дучор меоянд. Ӯ сангро ба сӯи мор мепартояд. Санг ба санги дигар расида, аз он оташ мебарояд ва ба ҳамин роҳ оташ пайдо мешавад. Минбаъд одамон ба ин муносибат оташ даргиронда, ба он сачда мекарданд. Аҷдодони гузаштаи мо дар ин рӯз ҷашн ороста, тамоми шаб гулхан афрӯхта, дар гирди он рақсу бозӣ мекарданд, суруд низ мехонданд, шодию хурсандӣ мекарданд. Сада то асрҳои XII ҷашн гирифта мешуд ва минбаъд аз таъқиби мардуми бефарҳангӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ ҳукмрон буда аз байн меравад. Вале нишонаҳои он- гулхан афрӯхтан ва дар гирди он базму бозӣ оростан, то ҳол дар байни мардуми тоҷик ҷой дорад [3, с.126].

.Донистани хусусиятҳои таърихии ҷашнҳои Меҳргон ва Садда ҳамчун суннати қадимаи аҷдодӣ низ ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон таъсири мусбат мерасонад, зеро донишҳои дар ин соҳа аз худ гардида, боварию эътимоди хонандагонро ба бою бисёрсоҳа будани анъанаҳои миллии халқи тоҷик устувору мустаҳкам мегардонад. Ин ҳолат барои ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон заруру аҳамиятнок мебошад.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тиҷик. Темурмалик. Исёни муқана. С. Айнӣ – Душанбе: Маориф. – 1978. – 153с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: Ирфон, 2013. – 24с.
3. Назаров С., Абдулвоҳидов Ш. Пайки ориёно / С.Назаров, Ш.Абдулвоҳидов. – Кӯлоб, 2008 -126с.
4. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи-9 / Н.Ҳотамов - Душанбе: Маориф, 2015.- 274с
5. Паёми пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Шарқи озод, 2016.-39с.
6. Расулов Д. ва дг. Педагогика. (Назарияи тарбия). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни шуъбаи МТУ, донишгоҳи омӯзгорӣ / Д. Расулов ва дг. - Душанбе: Студент, 2013.
7. Расулов Д. Ғафурова Д. Тарбияи инсондӯсти, дустию рафиқӣ ва ватандӯстӣ дар педагогикаи ниёгони тоҷик / Д. Расулов, Д. Ғафурова – Кӯлоб, 2005.- 48с.
8. Раҳмон С. Ҳазору як корнамоӣ / С. Раҳмон // Сарпед. илм. энем. Тоҷикистон Ҷ.1. - Душанбе: 1995. – 567с.
9. Раҳмонов Э.Ш. Ҷавонон ояндаи миллатанд. / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1998.-96с.
10. Раҳмонов Э.Ш. Мақсади мо ягонагии миллат / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997.-70с.
11. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 138с
12. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар роҳи демакратикунонии ҷамъият ва тамаддун / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 220с.

13. Салимов Н. Фалсафаи Ваҳдати миллӣ / Н.Салимов. – Душанбе: АФФТ., 2000. – 135с.

14. Сухомлинский В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Қисми 1 / В.А. Сухомлинский. – Душанбе: Маориф, 1982. – 619.

15. Хоҷаев С. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи-7 / С. Хоҷаев. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 189с.

КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛЁБИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИИШИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Муаллифон дар мақолаи мазкур дар бораи ташаккул додани ҳисси худшиносии миллӣ нисбат ба таҳсили хонандагон маълумот пешниҳод намудаанд. Ба ақидаи муаллифон ташаккул додани ҳисси худшиносии миллӣ бо истифода бурдани корҳои беруназдарсӣ ба ҳисоб меравад. Мафҳуми корҳои беруназсинфиро дар он шабоҳат медиҳанд, ки берун аз ҷадвали дарсӣ дар мактаб гузаронида мешаванд. Хонандагон ба воситаи корҳои беруназдарсӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халки точик ҳамчун як намуди фаъолияти таълимӣ метавонад марҳила ба марҳила ҳисси худшиносии миллии худро ба тариқи эҷоди ташаккул диҳанд.

Истифодаи самаранокии корҳои беруназдарсӣ дар якҷоягӣ бо фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон нақши муҳим мебозад.

Дар мақола паҳлуҳои ҳавасмандии наврасон оид ба гӯш кардани нақлу ҳикояҳо дарҷ гардидааст, ки ин дар айни замон як воситаи таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтор буда, ба ҳисси худшиносии миллии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Вобаста ба ин, муаллимон қобилияти синнусоли хонандагонро ба инобат гирифта, дар машғулиятҳои тарбиявӣ ва маҳфили фаннӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик нақлу ҳикояҳоеро истифода намоянд, ки мазуни худшиносии миллӣ дошта бошанд. Масалан, ҳикояи Эраҷ Паҳлавон метавонад яке аз намунаҳои машғулиятҳои тарбиявӣ ё ин ки мавзӯи маҳфили фаннӣ бошад, ки ин ҳикоя ба дарки худшиносии миллии хонандагон бевосита таъсир мерасонад. Ғайр аз ин мар мақолаи мазкур сухан дар бораи Ваҳдати миллӣ, эҳёи Тоҷикистон, иди Меҳргон ва Наврӯз меравад, ки ҳар як омӯзгор ин суханҳоро дар машғулиятҳои тарбиявӣ суханронӣ намоянд.

Калидвожаҳо: Худшиносии миллӣ, машғулият, хонандагон, муаллим, дониш, маҳорат, малака, Сада, Меҳргон, Наврӯз, Ваҳдати миллӣ, Эраҷ,

ВНЕКЛАССНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В данной статье автор дает информацию о формировании чувства национального самосознания применительно к воспитанию студентов. По мнению автора, формирование чувства национального самосознания за счет использования внеаудиторных занятий. Концепция внеклассных занятий аналогична тем, которые проводятся вне школьных часов. Учащиеся могут постепенно развивать чувство национального самосознания посредством внеклассных занятий по изучению истории таджикского народа как формы образовательной деятельности.

Эффективное использование внеклассных занятий во взаимосвязи с историей таджикского народа играет важную роль в формировании национального самосознания учащихся.

В статье освещается мотивация подростков к прослушиванию рассказов, которая одновременно является средством воздействия на сознание, эмоции и поведение, способствует национальному самосознанию читателей.

В связи с этим учителя с учетом возраста учащихся должны использовать в учебных мероприятиях и клубах по предмету истории таджикского народа рассказы, обладающие чувством национального самосознания. Например, рассказ Эраджа Пахлавона может быть примером образовательной деятельности или темой предметного кружка, который имеет прямое влияние на национальное самосознание учащихся. Кроме того, эта статья посвящена национальному единству, возрождению Таджикистана, празднику Мехрган и Навруз, о котором каждый учитель должен говорить на учебных занятиях.

Ключевые слова: Национальное самосознание, род занятий, студенты, учитель, знания, умения, Сада, Мехрган, Навруз, Национальное единство, Эрадж,

EXTRACURRICULAR ACTIVITIES AN IMPORTANT FACTOR IN THE FORMATION OF NATIONAL SELF-AWARENESS OF STUDENTS IN THE PROCESS OF STUDYING THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE

In this article, the author provides information on the formation of a sense of national self-awareness in relation to the education of students. According to the author, the formation of a sense of national self-awareness through the use of extracurricular activities. The concept of extracurricular activities is similar to those that take place outside of school hours. Students can gradually develop a sense of national self-awareness through extracurricular activities in the study of the history of the Tajik people as a form of educational activity.

The effective use of extracurricular activities in conjunction with the history of the Tajik people plays an important role in the formation of national self-awareness of students.

The article highlights the motivation of adolescents to listen to stories, which at the same time is a means of influencing the consciousness, emotions and behavior, and contributes to the national self-awareness of readers.

In this regard, teachers, taking into account the age of students, should use in the educational activities and clubs of the subject of history of the Tajik people stories that have a sense of national self-awareness. For example, the story of Eraj Pahlavon could be an example of an educational activity or a subject of a subject club, which has a direct impact on the students' national self-awareness. In addition, this article is about national unity, the revival of Tajikistan, the holiday of Mehrgan and Navruz, which every teacher should speak in educational sessions.

Keywords: National self-awareness, occupation, students, teacher, knowledge, skills, Sada, Mehrgan, Navruz, National Unity, Eraj,

Маълумот дар бораи муаллифон: *Расулов Давлатмурод, н.и.п., дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16.*

Сведения об авторах: *Расулов Давлатмурод, к.п.н., доцент кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, к. С. Сафарова-16.*

Information about the author: *Rasulov Davlatmurod, c.p.s. docent department of Pedagogy, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, st. Safarov-16.*

Гулрӯи Сухроб, *саромӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16. Тел.: (+992)988488028*

Гулруи Сухроб, *старщий преподаватель кафеды педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, к. С. Сафарова-16.* E-mail: gulrui.suhrob.92@mail.ru. *Тел: (+992) 988488028*

Gulruhi Sukhrob, *Senior Lecturer, Department of Pedagogy, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, st. Safarov-16. E-mail: gulrui.suhrob.92@mail.ru. Tel.: (+992) 988488028*

ББК-74.20+81.2 (2 тоҷ)
УДК-377+81(2 тоҷ)
Б-78

МАВҚЕЪ ВА МАҚОМИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЛАБАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Бозоров Х.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Ҳамроева Қ.
Коллеҷи омӯзгории ш. Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар ташаккули фаъолияти таълимию маърифатӣ, рушди дараҷаи донишандӯзӣ, маҳорату малака, ҷанбаҳои зеҳнию ақлонӣ, равонӣ, тафаккури эҷодӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон самаранок гузаронидани фаъолияти мустақилона дар ҷараёни омӯзиши забони модарӣ мавқеъ ва мақоми бағоят муҳим доранд. Ҳаёт собит намудааст донише, ки тавассути фаъолияти мутақилона ба даст оварда мешавад, пояндаву пурдошт аст.

Кори мустақилона яке аз воситаҳои асосии ташаккули нутқи навишторию гуфторӣ, баландбардории фаъолияти зеҳнию ақлонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад.

«Аҳамияти кори мустақилона дар баланд бардоштани дараҷаи саводнокӣ, инкишофи нутқи хаттӣ, корҳои эҷодӣ, фаъол гардонидани диққати талабагон ба дарс, пурра аз худ кардани маводи омӯхташуда, дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия кардани хонандагон, аз худ кардани қоидаҳои имлоии омӯхтаашон бузург аст» [3, с. 3]

Барои ташаккули корҳои мустақилонаи хонандагон синфҳои ибтидоӣ, бахусус, дар дарсҳои грамматика ва имло машқҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Масалан, рӯбардоркунӣ, имлоҳои гуногун, таҳлили грамматикӣ, ба саволҳо ҷавоб навиштан,фикр кардани мисолҳо (калима, ҷумла), нақли хаттӣ, хелҳои гуногуни иншо ва ғайра. Муаллим ҳангоми мустаҳкамкунии дарс аз як- ду намуди машқҳо истифода мебарад, ки иҷрои онҳо боиси рушд ёфтани маҳорат ва малакаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон мегардад. Масалан, нақши кори мустақилонаро дар синфҳои камкомплекта пеши назар меорем. Дар ин гуна синфҳо, ки муаллим дар як вақт бо якчанд синф сару кор дорад, талабагон донишҳоро, асосан, бо роҳи хуб ташкил намудани фаъолияти мустақилона аз бар мекунанд.

Дар воқеъ кори мустақилона барои аз худ намудани асосҳои дониш ба талабагон ёрӣ расонда қобилияти фикрии онҳоро инкишоф медиҳад. Академик М.Лутфуллоев дар китоби «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ» [6, с.274] сухани Н. К. Крупскаяро иқтибос оварда, қайд мекунад, ки «…ӯ яке аз вазифаҳои мактабро дар он медид, ки бачаҳоро ба кори мустақилона одат кунонад. «Одаме, ки худаш хонда наметавонад ва танҳо чизҳои муаллим гуфтаро аз худ мекунад, ноуҳдабарост. Ба мо лозим аст, насли наврасро тарзе таълим диҳем, ки худаш мустақилона ба донишҳо мусаллаҳ гардад. Ин яке аз вазифаҳоест, ки бояд мактаб ҳал кунад».

Ин аст, ки дар мавриди гузаронидани дарсҳо муаллим пеш аз ҳама ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон такя карда, ба иштибоҳи ҳар як кори

мустақилонаи хонанда ва тарзи иҷрои он диққати ҷиддӣ медиҳад, назорат мекунад, бо роҳи муҳокимаи умумӣ месанҷад.

Корҳои мустақилона хелҳои зиёдеро дорост ва интихоби онҳо ба тарҳи маводи таълим ва мавзӯъ, инчунин, дараҷаи тайёрӣ ва қобилияти хонандагон вобастааст. Ба ин хотир, ба эътибор гирифтани имконияти ақлию зеҳнии талабагон, барои самаранок гузаронидани корҳои мустақилона аз аҳамият холӣ нест. «Дар маҷмӯи модулҳо оид ба низоми таълими салоҳиятнокӣ» [12, с.-15] ақидаи Л.С.Виготский таъкид ёфтааст, ки ӯ гуфтааст: « Муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муошират доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст».

Корҳои мустақилона ҳангоми аз як синф ба синфи дигар гузаштан такрор ёфта, вобаста ба мундариҷаашон мураккабтар мешаванд. Барои муайян намудани донишҳои замимавии хонадагон муошират ва ҳамкории пайвастаи муаллим лозим аст, то ин ки хонандагон ҳангоми мустақилона фаъолият намудан, ба гирифтани донишҳои нав ба нав ҳавасманд гарданд.

Кори мустақилона ҳамчун қисми ҷудонашавандаи дарс дар лаҳзаҳои баёни мавзӯи нав, мустаҳкам намудани донишҳои ҳосилкарда, такрорӣ, ҷамъбастӣ ва санҷиши вазифаи хонагӣ истифода бурда мешавад.

Муаллим пеш аз он ки талабагонро ба тартиби ҳарфҳои «Алифбо» (алфавит) шинос кунад, аввал ба онҳо якчанд калима тавсия менамояд ва таъкид мекунад, ки ба алфавит нигариста калимаҳои додашударо ба тартиб рӯбардор намоянд. Масалан, «Алифбои тоҷикӣ» [10, с-146] **бачаҳо, китоб, гулҳо, забон, дӯстдоштаатон, алифбо, модар ва ғайра.** Талабагон ба алфавит нигариста калимаҳоро бо тартиби он пайҳам аз ҷумла Алифбо, бачаҳо, гулҳо, дӯстдоштаатон, забон, китоб, модарро менависанд. Дар ин маврид кори мустақилона барои аз худ намудани қоидаи нав ёрӣ мерасонад.

Дар вақти гузаштани мавзӯи нав талабагон дониши муккамал мегиранд, ки мустаҳкам намудани он, асосан, бо роҳи ташкили кори мустақилона суръат мегирад. Муаллим ҳангоми мустаҳкамкунӣ аз як-ду намуди машқҳо истифода мебарад, ки иҷрои онҳо аз талабагон мустақилиятро талаб мекунад. Доираи кори мустақилонае, ки ҳангоми мустаҳкамкунии дониши талабагон ташкил карда мешавад, аз доираи кори мустақилонаи дар аввали дарс ташкилкардашуда, бояд васеътар ва мураккабтар бошад.

Баъзан бо роҳи ташкили кори мустақилона муаллим вазифаи хонагиро месанҷад. Ба ин восита ӯ фаҳмиданӣ мешавад, ки талаба супориши додашударо ҳақиқатан худаш иҷро кардааст ё не.

Ба ин мақсад муаллим монанди вазифаи хонагӣ ба талабагон кори мустақилона месупорад. Забони модарӣ синфи 2. [11 с- 208]. Мисол, амалҳои зеринро хонед ва гӯед, ки ин амалҳоро ба шумо кӣ омӯхтааст. Онҳоро ба сутуни мувофиқ нависед. Як амалро дар якчанд сутун навишта метавонед. Амалҳо: роҳ рафтан, хондан, навиштан, давидан, бозӣ кардан, сухан гуфтан, расм кашидан,суруд хондан, либос пӯшидан,дандон шустан, хона рӯфтан,ҷамъу тарҳ кардан, нақл кардан,побел кардан, роҳро гузаштан,салом додан.

Модар	Падар	Омӯзгор	Дигарон
Хона рӯфтан	Сухан гуфтан	Навиштан	Давидан
Сухан гуфтан	Нақл кардан	Хондан	Суруд хондан
Нақл кардан	Дандон шустан	сухан гуфтан	Либос пушидан
Дандон шустан	Роҳ рафтан	дандон шустан	Бозӣ кардан
Роҳ рафтан	Побел кардан	ҷамъу тарҳ кардан	Сухан гуфтан
Салом додан	Роҳро гузаштан	Салом додан	Побел кардан
Либос пӯшидан	Салом додан	Либос пӯшидан	Салом додан
Роҳро гузаштан	Либос пӯшидан	Расм кашидан	

Супориш: мустақилона вобаста ба амалҳои пешниҳодшуда ҷумла татиб диҳед ва ба дафтаратон нависед

Намуна: **Сухан гуфтанро** аз модарам омӯхтам. Аз падарам **побел карданро** ёд гирифтам. **Бозӣ карданро** аз дигарон **омӯхтам.** Муаллим ба мо **хонданро** ёд дод.

Азбаски супориши кори мустақилона ба супориши вазифаи хонагӣ монанд аст, талабагон аз уҳдаи иҷрои он мебароянд.

Чи тавре ки дидем, дарс ягон лаҳзае надорад, ки бе ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи талабагон гузарад. Дар ҳақиқат, истифодаии корҳои мустақилона ба рафти умумии дарсҳо боиси фаъол гардидани тафаккури эҷодии талабагон мегардад, муносибати шууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълим инкишоф медиҳад. Ба таври дигар гӯем, самаранокии таълим ба он вобаста аст, ки муаллим дар ин ё он лаҳзаи дарс аз кадом хели корҳои мустакилона истифода мебарад ва чӣ тавр диққати аҳли синфро ба иҷрои он сафарбар менамояд.

Дуруст аст, ки ҳангоми истифодаи усули таълими кор бо китоб ҷабҳаи шифоҳии он зиёдтар ҳис карда мешавад, яъне ҳам муаллим ва ҳам талабаҳо баъди хондан натиҷаи онро шифоҳӣ баён менамоянд. Вале ин ба мо ҳуқуқ намедиҳад, ки тарафҳои дигари масъаларо ба назар нагирифта, онро ба гурӯҳи усулҳои шифоҳӣ шомил бисозем: талаба метавонад натиҷаи фаъолияташро аз рӯи китоб ба тарзи таҳрирӣ (хаттӣ) ҳам пешниҳод намояд.Мисол, «Ҳикояти най» Забони модарӣ синфи 4. [4, с.177-178].

Саволҳо:

-Най аввал дар куҷо мезист?

-Ба най чи ҳодиса рӯй дод?

-Ҷалолиддини Румӣ бо навиштани ин ҳикоя чиро меҳоҳад таъкид кунад?

Супориш: Ҷумлаҳои зеринро хонед ва нависед. Гӯед, ки сухан дар бораи чӣ меравад.

1.Рустаниест, ки танаи борику дарози дарунхолиш ҷо-ҷо ҳалқабанд дорад ва дар заминҳои сернам мерӯяд.2.Асбоби мусиқии нафасӣ, ки аз чӯби дарунсӯрох сохта мешавад.

Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад.В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

Чи тавре ки дар боло зикр кардем, талаба метавонад натиҷаи фаъолияташро аз рӯи китоб ба тарзи таҳрирӣ (хаттӣ) ҳам пешниҳод намояд

Усули кор бо китоб яке аз усулҳои кори мустақлонаи талабгон мебошад. Беҳуда нест, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар як ҷо китобро «Аниси кунҷи танҳоӣ» шумурда дар ҷои дигар «Фурӯғи субҳи доноӣ» номидааст.

Педагог методист А.Эшончонов дар китоби «Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ» [15.с-85] сухани А.М.Горкий иқтибос овардааст,ки ӯ гуфтааст: «Китобро дӯст доред: он манбаи дониш аст» Талабагонро аз соли аввали ба мактаб омаданашон ба китобхонӣ одат кунонидан лозим аст,то ки тадриҷан китобхонӣ кори муқарарии онҳо шавад. Кӯдак, ки ҳанӯз ба ҳодисаҳои ҳаёт ва адабиёт сарфаҳм намеравад ба воситаи китобхонӣ фикр карданро ёд мегирад, аз китоб таҷрибаи ҳаётӣ ҷамъ мекунад. Китоб яке аз воситаҳоест, ки фикри бачаро мекушояд, тафаккури ӯро инкишоф медиҳад. Талабагон дар натиҷаи китоб хондан маҷбур мешаванд, ки фикр кунанд. Кор бо китобҳои дарсӣ ва дигар китобҳо тамоми давраи мактабхонӣ давом ва маҳорати махсусро талаб мекунад. Хусусан, дар синфҳои ибтидоӣ талабагон бе муаллим ин гуна маҳоратро ҳосил карда наметавонанд. Дар ихтиёри мактаббачагон ғайр аз китобҳои дарсӣ маводи зиёди иловагӣ мавҷуд аст: маълумотномаҳо, воситаҳои таълим, луғатҳо, албому ҷадвалҳо, хрестоматияҳо, асарҳои гуногуни бадеӣ, илмии оммафаҳм, маҷаллаҳо, рӯзномаҳои гуногун ва ғайра.

Китоб натанҳо воситаи муҳими донишҳосилкунӣ, инчунин дастурест, ки аз рӯи он такрору ҷамъбаст гузаронида шуда, дониши талабагон ба низом оварда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки китобҳои тозанашр (бароориши соли 2012) ба омӯзгор имкон намедиҳад, ки вақтро беҳуда сарф намояд. Раванди дарс пурра ҳамгиро

буда, дар он хондан ва навиштан баробар дар ҷараён аст. Тартиби иҷрои супоришҳо дар китоб пурра қадам ба қадам навишта шудааст. Аз муаллим кордонӣ ва самараноку мақсаднок истифода бурдани вақту иҷрои супоришҳоро талаб мекунад.

Масалан, матни «Оби Шифо» Забони модарӣ барои синфи 3, [1, с. 43-44]. Муаллим оид ба обҳои шифобахши кишварамон ангезиши зеҳн гузаронда, доир ба донишҳои заминавии хонандагон маълумот пайдо карда, ба талабагон супориш медиҳад, ки матни «Оби шифо»-ро аз китоб мустақилона хонда, аз матн сархати дуюмро нависанд ва муайян кунанд, ки он ҳамагӣ аз чанд ҷумла иборат аст.

Савол. Оби гармчашма ба кадом дардҳо дармон мебахшад?

Супориш: Ба расмҳои китоб нигоҳ карда дар бораи манзараи гармчашма мушоҳидаатонро гӯед?

Супориш: Аз матн исмҳоро нависед ва савол гузоред?

Супориш: Ба калимаҳои **об, дарё, соф, шифобахш** ҷумла тартиб диҳед ва нависед?

Агар муаллимон аз тартиби дар китоб пешниҳодшуда истифода баранд, дарс пурра ба кори амалии талабагон, яъне ба кори мустақиллона бахшида мешавад. Дар ин сурат ҳамкории муаллиму хонанда зич гардида, донишҳосилкунии талабагон дучанд меафзояд.

Баъзан вохӯрдан мумкин аст, ки бархе аз муаллимон байни тарзу восита фарқе намебинанд, ҳол он ки ин мафҳумҳо дар таълим тафовути ҷиддӣ доранд. Воситаи таълим гуфта маводеро меноманд, ки ҳам муаллим ва ҳам талабагон барои ба даст овардани ин ё он мақсади муайяни таълимӣ истифода мебаранд. Масалан, ба воситаҳои таълим **китоби дарсӣ, матнҳо, ҷумлаҳо, ибораю калимаҳо, мисолу масъалаҳо, инчунин воситаҳои аёнию маводи дидактикӣ, воситаҳои техникӣ, компютерӣ** дохил мешаванд. Кори мустақилонаи талабагонро бидуни истифодаи ин воситаҳои таълим тасаввур кардан номумкин аст.

Метод ва тарзҳои таълим доимо инкишофу такмил меёбанд. Хусусан, дар замони муосир, ки инкишофи илм ва техника, афзудани доираи маълумот, комилан такмил додани усулҳои таълим хеле муҳим аст, ҷараёни такмили методҳо бояд ба фаъолонидани шавқу ҳаваси маърифатҷӯии талабагон, ба ташаккул ва маҳорату малакаи минбадаи онҳо нигаронда шавад.

Методҳои таълимро методист Сорокин Н.А. ба се гурӯҳ ҷудо кардааст, ки онҳо чи аз ҷиҳати амалӣ ва чи аз ҷиҳати оддигии тарзи ифода ва мавқеи имрӯзаашон мувофиқ мебошанд:

1) методҳои шифоҳӣ;

2) методҳои аёнӣ;

3) методҳои амалӣ.

Айни замон, ба гурӯҳи методҳои омӯзиши мустақилона (таълими проблемавӣ, таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ)-ро илова кадан мумкин аст. Ҳарчанд ки амалиёти мустақилонаи хонандагонро дар дигар усулҳои тадрис мушоҳида кард метавонем, вале ҳангомии истифодаи ин гурӯҳи методҳо талабагон бештар фаъол гашта, кори онҳо ба эҷодкорӣ мепайвандад.

Ба гурӯҳи методҳои таълими шифоҳӣ ҳикоя, суҳбат, лексияи мактабӣ ва мубоҳиса дохил мешавад. Дар солҳои аввали ташкили мактабҳои шӯравӣ методҳои таълими шифоҳиро ҳамчун боқимондаи тарзи таълими гузашта маънидод карда, ба он чандон эътибор намедоданд.

Баъдтар, яъне солҳои 30-юм ба ин гурӯҳи методҳо аз будаш зиёдтар диққати ҷиддӣ дода, дар айни замон самаранок ва дар алоқаи методҳои дигар истифода бурдани онҳоро таъкид мекунанд.

«Каломи зиндаи муаллим, агар ба дархостҳои педагогӣ ҷавоб дода тавонад, натанҳо манбаи ҳақиқии чароғи маърифат,балки талабагонро дар рӯҳияи хулқу атвори

нек тарбия менамояд.Дар ин сурат фаъолияти маърифатчӯии талабагонро дучанд мегардонад» [8, с-512].

Доир ба сифатҳои неку ҳамида ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии талабагон нисбат ба баёни шифоҳии муаллимон дархостҳои зеринро пешниҳод намудаанд:

1) «Аз ҷиҳати илмӣ ва мақсаднокӣ пухта бошад. Ин ҷо интихоби илмии мавод, оҳанги ифода нақши асосӣ дорад.

2) Баён ва ифодаи мантиқӣ, ки мусалсалии муайяни донишҳоро таъмин менамояд.

3) Равшан, фаҳмо ва дастрас будани баёни шифоҳӣ, ки барои ҷамъбасту хулосабарорӣ ва мустаҳкам намудани мавзӯъ кумак мерасонад.

4) Аз ҷиҳати бадеият (образнокӣ) ғанӣ ва пурэҳсос будани нақли муаллим ба тезтар омӯхтани дониш ёрӣ расонда, ба ақлу фаросати бачаҳо ва торҳои нозуки эҳсоси онҳо нохун мезанад.

5) Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну соли талабагон, ки тадриҷан омӯхтани дониш (зина ба зина) ва инкишофи тафаккурро таъмин менамояд» [8, с-512]

Баёни шифоҳии муаллим ҳамон вақт ахамиятнок мегардад, ки агар омӯзгор барои нақл кардан нақша, харита, машқу масъала ва дигар аёнияту маводи дидактикиро дар дарс истифода барад ва дар раванди нақл кардан фаъолиятнокӣ ва шавқу рағбати хонандагонро нисбат ба мавзӯи дарс бедор карда тавонад, талабагонро ба фикр кардан водор созад.

Мисол:Мавзӯи «Ҳифзи табиат» Забони модарӣ синфи 1. [2, с. 72-73].

Муаллим доир ба мавзӯи «Ҳифзи табиат» ба саволи «Табиат чист?» ангезиши зеҳн гузаронда, барои фикр кардан ду дақиқа вақт медиҳад. Хонандагон баъди ду дақиқа фикрҳояшонро баён мекунанд ва муаллим андешаҳои талабагонро дар тахтаи синф менависад.

Табиат чист?

- дарё, ҷангал;
- кӯҳ, саҳро;
- дарахтон, ҳайвонот;
- одамон, гиёҳҳо, буттаҳо ва ғайра.

Муаллим андешаҳои талабагонро тақвият дода илова мекунад. Он чи ки дар гирду атрофамон мебинем, ин табиат аст. Табиат хонаи мо, онро бояд тоза, озода сабзу хуррам нигоҳ дорем.(Мисол, кӯҳ пур аз гиёҳҳои шифобахш, дарё оби мусаффо, ҳаётбахш, дашту саҳро майдони кишту кор, дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан, ҳайвонот барои зиёд шудани насл, фаровон шудани гӯшт, шир, пашм ва ғайра боз чандин мисол овардан мумкин аст, ки онҳо маҳсули табиати маҳали мо мебошанд.

Муаллим суҳбатро идома дода, аз аҳли синф мепурсад «Табиатро чӣ гуна муҳофизат мекунем?». «Ҳифзи табиат чист?» Барои фикр кардан ба талабагон вақт дода мешавад. Баъди ду дақиқа андешаҳои талабагон шунда мешавад:

- Тозаю озода нигоҳ доштани ҳавлию хонаҳо;
- тоза нигоҳ доштани оби чашма ва ҷӯйчаҳо;
- парвариш намудани гулу гиёҳҳо ва буттаҳо;
- ниҳол шинонидан;

Муаллим ба талабагон супориш медиҳад, ки саҳифаи 72-73-и китоби забони модариро кушода « Ҳифзи табиат чист?»-ро мустақилона хонда бароянд.

Барои ҳифзи табиат одамон кадом корҳоро анҷом медиҳанд:

- ✓ нашикастани шохи дарахтон;
- ✓ ниҳол шинонидан;
- ✓ парвариши гулу гиёҳҳо, дарахтон ва буттаҳо;
- ✓ дӯст доштани парандагон, ғамхорӣ ба онҳо;
- ✓ дӯст доштани ҳайвонҳо, ғамхорӣ ба онҳо;

- ✓ тоза нигоҳ доштани об ва сарфа кардани он;
- ✓ тозаю озода нигоҳ доштани ҳавлию майдонҳо;
- ✓ дӯст доштани ҳама мавҷудоти табиат;

«Суръат ва оҳанги нақли муаллим ҳам аз аҳамият холӣ нест. Суръати тези сухани муаллим рафти фаҳмиши мавзӯъро душвор мегардонад. Баръакс, агар суръат аз ҳад зиёд суст бошад, шавқу ҳавас ба он кам шуда, диққатнокӣ барҳам мехӯрад. Оҳанги хеле паст ва баланди сухан ҳам таъсир дорад. Ҳазлу шӯхӣ, суханҳои нишонрас низ муҳиманд. Яъне дар дарс шӯхӣ кардан мумкин, вале онро ба масхара табдил гардондан лозим нест» [8, с.512].

Нақли муаллим дар синфҳои ибтидоӣ 5-10 дақиқа давом мекунад. Муаллим дар давоми нақл асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии таълимро истифода барад ҳам, дар раванди дарс оҳанги ифода, имою ишора, далелҳои аниқ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Суҳбат саволу ҷавоб буда, дар байни муаллиму талаба (талабаҳо) сурат мегирад. Дар суҳбат муаллим ба дониш ва таҷрибаи амалии бачаҳо такя менамояд. Ҳам саволҳо ва ҳам ҷавобҳо ба ҳалли масъалаи муайян нигаронида шуда, аз ҷиҳати илмӣ ва тарзи ифода дурусту равшан баён карда мешаванд. Суҳбатро дар ҳамаи лаҳзаи дарс метавон истифода кард. Суҳбате, ки дар аввали дарс ба мақсади фаҳмонидани мавзӯи нав истифода мебарем, суҳбати эвристикӣ меномем (Аз калимаи юнонии эврика гирифта шуда, маъноаш ёфтам мебошад).

Суҳбат ҳамчун методи таълим фаъолияти мустақилонаи бачаҳоро таъмин менамояд. Вале тайёрӣ ва гузаронидани он аз муаллим меҳнати зиёдро талаб менамояд. Муваффақияти суҳбатро интихоби дурусти мавзӯъ, фаҳмидани мақсади таълимии мавзӯъ, мантиқан дуруст тартиб додани саволҳо, ҷавобҳои гуногун ва иштироки фаъолонаи бачаҳо таъмин менамояд.

Масалан, муаллим ҳангоми таълими матни «Мӯрча ва кабӯтар»- «Забони модарӣ» синфи 2 [11, с.141-142]. Тавассути саволҳои ёридиҳанда аз талабагон баъзе маълумотҳоро оид ба мӯрча ва кабӯтар фаҳмида гирифтан, ба хонандагон супориш медиҳад, ки матни « Мӯрча ва кабӯтар»-ро мустақилона, вале хомӯшона хонанд. Барои хондан вақт дода мешавад. Баъди хондан мазмуни афсона аз хонандагон тариқи саволҳо пурсида мешавад, аз ҷумла:

1.Ҳодиса дар кадом фасли сол рӯй дод?

2.Мӯрчаяк чӣ меҷуст?

3.Бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дод?

4.Кӣ ба вай ёрӣ расонд?

5.Чӣ тавр мӯрча ба некии кабӯтар ҷавоб гардонд?

Азбаски мазмуни афсона ва тарзи баёни он хеле сода ва фаҳмо аст, талабагон зуд оид ба мазмуни он маълумот пайдо намуда, ба саволҳои муаллим ҷавобҳои пурра мегардонад.

Кори мустақилона:

Афсонаро бори дигар хонед. Амалҳои симоҳои матнро дар ҷадвал нависед. [11, с-142].

Симоҳои афсона	Ч кор кард?
Мӯрча	
Кабӯтар	
Шикорчӣ	

Дар вақти савол додан меъёри зерин ба назар гирифта шавад:

1.Саволҳо бояд мантиқан фаҳмо, равшан ва дар шакли кӯтоҳ баён карда шаванд.

2.Вақте ки саволҳоро пешниҳод менамоем, ҷавоби онро низ пешакӣ мепазонем, то ки аз ҳад зиёд кашол наёбад.

3.Пайдарҳамӣ ва тадриҷан душвор шудани саволҳо.

Дар ин маврид қобилияти маърифатҷӯӣ ва фикрии бачаҳоро инкишоф медиҳем.

4. Савол набояд дар доираи як шакл маҳдуд монад.

Дар баъзе синфҳо саволи талабагон ба талабагон, яъне ба ҳамдигар таҷриба карда мешавад. Беҳтараш дар ин маврид савол ба муаллим дода шавад. Муаллим онро ислоҳ карда, ба талаба медиҳад. Яъне саволҳо бояд характери педагогӣ гиранд. Ин чӣ маъно дорад?

Вақте ки як талаба ба дигараш савол медиҳад, вай чанд чизро ба ҳисоб намегирад. Аз ҷумла: а) гаштаю баргашта такрор ёфтани савол; б) дараҷаи дониши талаба; в) сахт расидан ба иззати нафси онҳо.

Баъзан талабаҳо бо мақсади қасд гирифтан чизҳоеро мепурсанд, ки ба мавзӯъ тамоман алоқаманд нест, вақт беҳуда сарф мешавад. Вале, вақте ки савол аввал ба муаллим дода мешавад, вай онро як навъ ғалбер карда, баъд ба талаба медиҳад.

Агар муаллим ҳамаи он чизҳоеро, ки талабаҳо ҳангоми савол додан ба ҳисоб намегиранд, ба назар гирад, савол рӯҳи педагогӣ мегирад. Нақш ва назорати муаллим ҳам ҳини саволборон кардан ҳамин аст.

Айни замон баъзе муаллимон дар дарсҳояшон аз методи мубоҳиса (баҳс) истифода мебаранд. Вале қолаби шахшуда имконият намедиҳад, ки муаллимони мо дар равнди дарс нисбат ба истифода методи мубоҳиса боҷуръат бошанд. Ҳақиқат дар баҳс ошкор мегардад. Барои он ки шогирдонро бо дониши ҳақиқӣ, пойдор, илмӣ ва амалкунанда мусаллаҳ созем, дар раванди дарсҳо аз методи мубоҳиса самаранок истифода кардан лозим аст. Ба хотир биёрем панди Саъдии бузургворро: «Се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорату илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат» [8, с. 515] Мубоҳиса дар гузашта мавқеи муҳим дошт. Дар натиҷаи чунин фаъолият, яъне баҳси беғаразона ва холисона на танҳо дониши шогирдон пухта мегардад, балки девори байни устоду шогирд аз байн бардошта шуда, муносибати инсондӯстӣ , эҳтироми ҳамдигар барқарор мегардад.

«Бояд иқрор шуд, ки мо дар мактабҳои худ ин тарзи таълиму ин тарзи муомиларо аксаран аз даст додаем ва акнун эҳё карданием» [8, с.516].

Вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ аз гуфтану шунидан иборат аст, дар раванди дарс ташкили мубоҳисаи таълимиро ба вуҷуд овардан мушкил аст, зеро мо талабаҳои имрӯзаро бо додани донишҳои тайёр ба шунавандаи камфаолу танбал табдил додаем. Омилҳои дигаре ба мисли дар раванди дарс вуҷуд доштани бенизомӣ, бенақшагӣ (гоҳо бе тайёрӣ ба дарс омадан), набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, дар фаъолияти амалии талабагон, набудани малака ва маҳорати ҷустуҷӯи, эҷодкорона ва мустақилона фикр карда аз бар намудани донишҳо, ҳамаи ин ба шунавандаи камфаъол табдил додани талабагон мебошад.

Ташкили бенизоми фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагон имкон намедиҳад, ки дар онҳо руҳӣи эҷодкорӣ мустақилона амал кардан рушд ёбад. Муаллимони мо бештари вақтро ба нақл кардан, фаҳмондан ва баъзе масъалаҳои дигар мебахшанд, аз ин лиҳоз, барои кори мустақилонаи талабагон, рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо вақт кифоягӣ намекунад.

Сабаб ин аст, ки дар раванди дарсҳо «… ба дарки маъно ва навишти босаводонаи матн кам аҳамият дода мешавад. Имрӯз талабагони бадхат ва ғалатнавис дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ теъдоди зиёдро ташкил медиҳанд» [11, с.237].

Барои рафъи ин камбудӣ, муаллим вазифадор аст, ки ба шогирдонаш роҳи мустақилона донишҳосилкуниро омӯзонда, фикри эҷодии онҳоро инкишоф диҳад.

Дар раванди дарс ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ё истифода бурдан аз усулҳои ҳамфаъол (интерактивӣ) гуногунфикриро дар фаъолияти мустақилонаи талабагон ба вуҷуд оварда, онҳоро ба ҳалли масъала омода сохта ба дарс рӯҳи тоза мебахшад. Истифодаи самараноки усулҳои ҳамфаъол ба муаллим имконият медиҳад, ки

дар симои шогирдонаш на мушоҳидакорони пассив, балки ҳамкорони ҳақиқиеро бинад, ки онҳо нисбат ба омӯхтани мавзӯъ бетараф нестанд. Дар навбати худ, талабаҳо низ дар симои устодашон шарикдарси худро мебинанд, ки масъаларо ба миён гузошта, шогирдонро ба кунҷкобӣ, эҷодкорӣ, баҳс кардан ва мустақилона фаъолият намудан ҳидоят мекунад.

Масалан, матни «Бародар ва хоҳар»-ро бо истифодаи усули «Хониши ботаваққуф» [5, с.75] дида мебароем. Забони модарӣ синфи 2. [11, с-255].

Бародар ва хоҳар

-Ба фикри шумо, дар матн сухан дар бораи киҳо меравад?

Киро бародар ва киро хоҳар мегӯянд?

Исти 1. Ба фикри Шумо онҳо кадом амалҳои хубу некро иҷро карда метавонанд? Андешаи талабагон: накукорӣ, саховатмандӣ, дилсӯзӣ, ростгуйӣ, меҳрубонӣ, хушгуфторӣ, ҳалолкорӣ,ғамхорӣ ва ғайра.

Муаллим:Меҳоҳед фаҳмед, ки бародару хоҳар чӣ кор мекарданд? Пас гӯш кунед.

Падаре як писар ва як духтар дошт. Писараш хеле зебо буд. Аммо духтараш назарногир ва безеб буд. Рӯзе писару духтар бозӣ мекарданд ва аз як хона ба хонаи дигар даву тоз мекарданд. Ногоҳ дар болои мизи модарашон оинаеро диданд.

Исти 2.Ба фикри Шумо, бародару хоҳар оинаро чӣ кор карданд?

Хонадагон ақидаҳои гуногунро пешниҳод мекунанд. (Муаллим ақидаҳои талабагонро дар тахта менависад)

-Меҳоҳед фаҳмед, ки давоми хикоя чӣ мешавад? Пас давомашро гӯш кунед.

Писар худро дар оина дида хеле фахр кард ва зебоии худро таъриф кард. Духтар ғамгин шуда, ба назди падараш рафт ва шикоят кард, ки бародараш аз ҳусну ҷамолаш фахр мекунад.

Исти 3.Ба фикри шумо падар ба фарзандонаш чӣ гуфт?

Хонадагон ақидаҳои гуногунро пешниҳод мекунанд.

-Меҳоҳед фаҳмед, ки давоми хикоя чӣ мешавад? Пас давомашро гӯш кунед.

Падараш ҳарду фарзандашро бо меҳрубони ба оғуш гирифта, насиҳат кард. «Аз шумо хоҳиш дорам, ки ҳар рӯз ба оина нигоҳ кунед. Писарам, ту кушиш кун, ки бо кирдорҳои хубу нек зебоии чеҳраатро зеботар гардонӣ. Ту, духтарам, кӯшиш кун, ки безебии чеҳраатро бо кору амали хуб зеботар ва мақбули дигарон гардонӣ»

Аз «Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким»

- Супориш: Ба писар ва духтар гӯед, ки кадом амалҳои хубу некро иҷро карда метавонанд? Намуна: ростқавлӣ, ростгуйӣ, меҳрубонӣ,..
- Ба писараку духтарак якчанд маслиҳат нависед, то панди падарро фаромӯш накунанд. Намуна: Шумо бояд ростгӯй, меҳрубон, ҳалолкор, хушгуфтор, ғамхор, меҳнатдӯст,саховатманд бошед.
- Даҳ хислати хуби одамонро нависед. Намуна: накукорӣ, саховатмандӣ, дилсӯзӣ, нотарсӣ, ростгуйӣ, меҳрубонӣ, поквиҷдонӣ, хушгуфторӣ, ҳалолкорӣ, ғамхорӣ.

Хулоса, агар муаллим тавассути иҷрои фаъолияти мустақилона дар ҳамкорӣ бо шогирдон қарор дошта бошад, он гоҳ муаллим ба ҷойи калимаи «Ман» калимаи «Мо»-ро истифода бурда, эътибор ва обрӯйи он назди шогирдон дучанд меафзояд, шогирдон дар шахсияти муаллим шахси ёридиҳанда, кӯмаккунанда, шахси аз ҳама наздикашонро мебинанд.

Ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ё истифода бурдан аз усулҳои ҳамфаъол (интерактивӣ) ҷараёни таълимро аз қоидаи маъмули шахшудамондаи «ман мефаҳмонам, шумо дар хотир нигаҳ доред ва баъд такрор мекунем», озод карда, нуфуз ва мавқеи талабаҳоро дар мустақилона омӯхтани мавзӯъ баланд мебардорад.

Адабиёт:

1. Абдуллоев И., АбдуллоевЗ. Забони модарӣ барои синфи 3 / И. Абдуллоев, З. Абдуллоев. – Душанбе, 2012. – 375 с.
2. Байзоев А. Машокирова Г. Забони модарӣ барои синфи 1. / А. Байзоев., Г. Машокирова. Душанбе, 2010.167 с.
3. Давлатова Р., Мирзоев Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба гамматика, имло ва инкишофи нутқ / Р.Довлатова., Р.Мирзоев. – Душанбе, 1990. – 104с
4. Зиёев М., Эрматова У. Забони моадрӣ синфи 4 /М.Зиёев, У.Эрматова. – Душанбе, 2012. -243с.
5. Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ / Ш. Котибова. – Душанбе, 2016. – 195с.
6. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ / М. Лутфуллоев – Душанбе -2007.463с.
7. Лутфуллоев М. Методикаи таҳлими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / / М. Лутфуллоев. – Душанбе. – 1985. – 247с.
8. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М.Лутфуллоев. – Душанбе 2015. – 703.с.
9. Лутфуллоев М., Котибова Ш., Каримов Т. Бозӣ ва инкишофи нутқ / М.Лутфуллоев, Ш.Котибова, Т. Каримов. – Душанбе, 2009. – 95с.
10. ЛутфуллоевМ., Шарифзода Ф., Абдуллоев И. Китоби дарсии «Алифбо» / М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев. – Душанбе, 2013. – 151с.
11. Маҷмӯаи дастурҳои методӣ Душанбе -2015,280 с.
12. Маҷмӯи модулҳо оид ба низоми таълими салоҳиятнокӣ. Душанбе 2016, 226с.
13. Шарифзода Ф., Лутфуллоев М. Забони модарӣ барои синфи 2 / Ф. Шарифзода., М. Лутфуллоев [гурӯҳи муаллифон]. – Душанбе, 2017, 327с.
14. Шарифзода Ф., Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2 // Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев [гурӯҳи муаллифон]. – Душанбе, 2014. – 355с.
15. Эшонҷонов А., Шукуров М., Раҳмонов М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ // А. Эшонҷонов., М.Шукуров., М. Раҳмонов. – Душанбе - 1964. – 263с.

МАВҚЕЪ ВА МАҚОМИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЛАБАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ баррасӣ шудааст.

Яке аз вазифаҳои умдаи илми педагогикаи муосир ташаккул додани тарзҳои фаъолияти маърифатӣ ҳамчун зуҳуроти маданияти зеҳнии талабагон (донишомӯзон) дониста мешавад.

Айни замон, дар дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба муҳимтарин вазифаи таълиму тарбия – рушди зеҳну тафаккури хонандагон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ ва тафаккури мустақилонаю эҷодии шахсиятро муайян менамояд, камтар аҳамият дода мешавад.

Дар раванди дарс ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ё истифода бурдан аз усулҳои ҳамфаъол (интерактивӣ) гуногунфиркриро дар фаъолияти мустақилонаи талабагон ба вуҷуд оварда, онҳоро ба ҳалли масъала омода сохта, ба дарс рӯҳи тоза мебахшад. Истифодаи самараноки усулҳои ҳамфаъол ба муаллим имконият медиҳад, ки дар симои шогирдонаш на мушоҳидачии пассив, балки ҳамкорони ҳақиқиро бинад, ки онҳо нисбат ба омӯхтани мазуъ бетараф нестанд.

Хулоса, дар ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ роҳу усулҳоеро интихоб ва истифода кардан лозим аст, ки худи хонандагон ҳавсаманд бошанд ва дар иҷрои он мустақилона амал кунанд. Мустақилона иҷро намудани

фаъолиятҳо ба қобилияти фикр кардан, ҷустуҷӯ ва таҳлилу хулосабарории талабагон тақвият бахшида, сатҳи маърифатҷӯии онҳоро мукаммал мегардонад.

Калидвожаҳо: кори мустакилона**,** ҳамкорӣ, муҳити эҷодкорӣ, ҷустуҷӯи, рушди зеҳн, маърифат, маданияти зеҳнӣ, тафаккур, рушди қобилияти фикрӣ, инкишофи нутқ, эҷодкорӣ, масъалагузорӣ, усулҳои ҳамфаъол, таҳлилу хулосабарорӣ.

РОЛЬ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ НА УРОКАХ РОДНОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается проблема организации самостоятельной деятельности младших школьников на уроках родного языка.

Одной из основных задач современной педагогической науки является формирование путей познавательной деятельности как проявление интеллектуальной культуры учащихся.

В настоящее время на уроках родного языка в начальных классах на важнейшие задачи обучения и воспитания - интелектуальное развитие мышления учащихся, которое определяет прочную основу интеллектуальной культуры и самостоятельного творческого мышления личности уделяется меньше внимания.

Словом, при организации самостоятельной деятельности учащихся младших классов следует выбирать и использовать методы, при которых учащиеся сами должны быть заинтересованы в их самостоятельном выполнении. Самостоятельная работа улучшает способность учащихся думать, искать, анализировать и делать выводы, а также повышает их познавательный уровень, способствует развитию их интеллектуальных, коммуникативных и творческих способностей.

Ключевые слова: самостоятельная работа, сотрудничество, творческая среда, исследование, интеллектуальное развитие, просвещение, интеллектуальная культура, мышление, интеллектуальное развитие, развитие речи, творчество, исследование, анализ и выводы.

THE ROLE OF INDEPENDENT WORK OF JUNIOR SCHOOLCHILDREN IN THE LESSONS OF NATIVE LANGUAGE

The article examines the problem of organizing the independent activity of primary schoolchildren in the lessons of their native language.

One of the main tasks of modern pedagogical science is the formation of ways of cognitive activity as a manifestation of the intellectual culture of students.

Currently, at the lessons of the native language in primary grades, the most important tasks of teaching and upbringing are the intellectual development of students' thinking, which determines the solid foundation of intellectual culture and independent creative thinking of the individual, less attention is paid.

In a word, when organizing the independent activity of primary school students, you should choose and use methods in which students themselves should be interested in their independent implementation. Independent work improves the ability of students to think, search, analyze and draw conclusions, and also increases their cognitive level, contributes to the development of their intellectual, communication and creative abilities.

Keywords: independent work, cooperation, creative environment, research, intellectual development, education, intellectual culture, thinking, intellectual development, speech development, creativity, research, analysis and conclusions.

Маълумот дар бораи муаллифон: Бозоров Хушвахт, *-номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 734065, ҶТ, ш.Кулоб, кучаи С.Сафарова 16. тел: 985564121*

Сведения об авторах: Бозоров Хушвахт, *- кандидат педагогических наук, доцент кафедры дошкольного обучения Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 734065, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. тел: 985564121*

Information about the authors: *Bozorov Khushvakht, - candidate of pedagogical sciences, docent teacher of the department preschool education, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 734065, RT, Kulob, S. Safarova st. 16. Phone: 985564121*

Ҳамроева Қурбонбӣ, *саромӯзгори Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Хамроева Курбонби*, старший преподаватель педагогического колледжа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки,*

Khamroeva Kurbonbi*, Senior Lecturer at the Pedagogical College of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

УДК – 80 (2-Точ)
А-87

ФОРМИРОВАНИЕ И ПОСЛЕДОВАТЕЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ УМЕНИЙ И НАВЫКОВ СВЯЗНОЙ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ

Файзуллоева Ф. М.
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки

Процесс обучения монологической речи оказывается наиболее эффективным, если он опирается на знание психологических и психолингвистических факторов порождения монологического высказывания. Монологическая речь представляет собой активный творческий речевой процесс, в котором выделяются наиболее важные для него моменты - ориентировка в условиях деятельности, выработка плана в соответствии с результатами ориентировки, реализация плана и контроль, что дает основание рассматривать процесс порождения монологического высказывания как сложную последовательность действий, каждое из которых также включает в себя фазу ориентировки, поиска и выбора решения, фазу осуществления и контроля. Монологическая речь характеризуется предварительной продуманностью, намеренной логичностью и четкой структурной организованностью речевого ряда и предполагает сложную мыслительную деятельность в ее самых разнообразных проявлениях.

Ключевые слова: цель, преемственность, форма, процесс, аспект, образование, неформальный, система, совершенствование, специализация, инструмент, самообучение

THE ROLE OF FORMAL EDUCATION IN FORMATION AND DEVELOPMENT OF ADDITIONAL PREPARATIONS FOR ADULTS

The article is devoted to the problem of non-formal education. The author examines various theoretical aspects of the development of non-formal education, introduces different methodological approaches to the content of the concept itself, highlights the various tasks of this education. He considers it necessary to determine the place of non-formal education in the education system of the Republic of Tajikistan.

From the author's point of view, the study of non-formal education was chosen as the main concept in terms of communicative activity and empirical approach, empirical theory, choice of methods, forms and technologies, student experience, including communicative experience.

The author is convinced that in non-formal education the main role is assigned not to the teacher, but to the trainees (teaching staff), which is the main didactic idea of this education.

According to the author, the most effective system of non-formal education is a system within which there are problems, events, tasks and situations that need to be realized by students in their professional activities and solved only at the workplace, in dialogues through communicative activities.

Thus, the article discusses various options for introducing non-formal education into the system of continuing education. It has been found that this issue is being addressed more and more in the learning environment, and more and more educational resources are being used to improve the teaching staff, taking non-formal education into account.

Keywords: purpose, continuity, form, process, aspect, education, informal, system, improvement, specialization, tool, self-study.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Сафаров Мунир Ватанович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16. Тел.: 918665441. E-mail: munir11@list.ru*

Сведения об авторе: *Сафаров Мунир Ватанович – кандидат педагогических наук, доцент кафедры компьютерных наук Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова-16.Тел.: 918665441. E-mail: munir11@list.ru*

Information about the author: *Safarov Munir Vatanovich - Candidate of Pedagogical Science, docent of department of computer sciences of the Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov st.-16. Phone: 918665441. E-mail:munir11@list.ru*

УДК- 376+62
Ш-30

ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯИ САЙЁРУ МУЛТИМЕДӢ

Шарипов Х.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Марҳилаи муосири рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди иттилоотии пуршиддати он тавсиф мешавад. Иттилооти таълимӣ ҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷодӣ ва беҳтар истифода бурдани ҷанбаҳои илмию педагогӣ, тарбиявӣ ва методологӣ, ки ба татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК), ки дар шароитҳои муассир ва солим истифода мешаванд [13: с. 106). Дар натиҷа як қатор таҳқиқоти бунёдӣ бо фарогирии адабиёти илмӣ оид ба истифодаи ТИК-и нав дар ҷараёни таълим ба вуҷуд омад [12:13:14: 11: 1]. Аксарияти донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди таълим дар платформаҳои электронии E-learning ва MOODLE барои ташкили раванди таълим бо фарогирии шаклҳои гуногуни таҳсилот (рӯзона ва ғоибона) омода ҳастанд.

Тағйироти асосии навсозӣ ва иттилоотии таҳсилот, дар маҷмӯъ ба модернизатсияи омӯзиши забон ва луғат ба таври умумӣ таъсир расониданд. Солҳои охир монографияҳои илмии муҳаққиқони рус [11: 19: 18: 5] ва тадқиқотҳои диссертатсионӣ таълиф ва ичрою ҳимоя шуданд, ки муаллифон методу ҷанбаҳои таълимии забонҳо, намудҳои фаъолияти ибтидоӣ, инчунин ташаккули малакаҳои иҷтимоию фарҳангиро дар асоси ТИК-и Web 1.0 ва Web 2.0. [9: 10: 20: 5] баррасӣ ва арзёбӣ намуданд.

Технологияи сайёру мултимедиа яке аз навтарин навовариҳои таълими забонҳои хориҷӣ мебошад. Технологияҳои сайёру мултимедӣ бояд ҳамчун дастгоҳҳои бесим бо барномаҳои мобилӣ ва дастрасии Интернет фаҳмида шаванд, ки ба донишҷӯён ҳар вақт дастрасӣ ба маводи таълимӣ ва иттилоотию маълумотиро таъмин мекунанд, ҳамчунин ташкили алоқаи шабакавии байни иштирокчиёни раванди таълим (донишҷӯён ва омӯзгор)-ро бо мақсади созмондиҳии ҷанбаҳои малакаи муошират бо забонҳои хориҷӣ мусоидат мекунанд.

Дар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» чунин гуфта шудааст: «…4.Самти татбиқи барномаҳо ва натиҷаҳо: …б) таҳсилоти миёнаи умумӣ: Самтҳои асосии рушди таҳсилоти умумӣ чунинанд: …- коркард ва такмили барномаҳои меъёрӣ (аз синфи 1 то

синфи 11) оид ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти назария ва амалияи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, дар асоси намунаи дарсҳо, машқҳои навъҳои гуногун, технологияи истифодаи онҳо, бархӯрди инноватсионӣ ба раванди таълим, технологияи инноватсионӣ; …- навсозӣ ва такмили мазмуни технологияҳои педагогӣ дар таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар раванди тайёрии лингвометодӣ ва касбии хонандагон…» [3,с.35-390]. Иловатан дар ин ҳуҷҷат чунин таъкид карда мешавад: «9.Таъминоти моддӣ-техникӣ: Дастгирии рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз шартҳои асосии татбиқи воқеӣ ва муваффақонаи раванди таълим мебошад. Дар аксари муассисаҳои таҳсилотӣ заминаи зарурии моддӣ-техникӣ (компютерҳо, синфҳои лингофонӣ, китобхонаҳои электронӣ) вуҷуд надоранд… Самтҳои асосии рушд чунинанд: ҳифз ва рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ мутобиқи талаботи меъёрҳои давлатии таҳсилот, меъёрҳои иҷтимоӣ ва нормативҳо доир ба забонҳои русӣ ва англисӣ. Натиҷаҳои интизории татбиқи Барнома чунинанд: - коркард ва вориднамоии моделҳои дурнамои воситаҳои таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои муосири техникӣ, васоити аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ… [3, с.35-39].

Имрӯз дар Тоҷикистон бештар таваҷҷуҳ ба проблемаи информатизатсия ҳамчун самти асосии модернизатсияи низоми таҳсилот равона карда мешавад, ки акнун ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии стратегии рушди тамаддун баррасӣ ва арзёбӣ карда мешавад. Дар робита ба ин дар солҳои соҳибихтиёрӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба таҳсилот якчанд барномаҳои давлатӣ, қонунҳо ва консепсияҳо қабул карда шуданд. Ба онҳо мансубанд: 1.Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015; 2.Стратегияи давлатии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, таҳти №1174 қабул шудааст; 3. Барномаи давлатии рушд ва вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, таҳти №468 тасдиқ карда шудааст; 4.Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти ҷаҳониро таъкид карда, зикр намуданд: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар мактабҳои бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз, аз ҷумла, компютерҳо таълим диҳем» [4].

Дар «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» вазифаҳои асосии таҳсилоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ чунин муайян карда шудаанд: - таъмини муассисаҳои таҳсилотӣ бо таҷҳизоти компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ; - гузаронидани корҳои илмӣ-методӣ оид ба вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ дар раванди таълим ва тарбия; - омоданамоӣ ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ доир ба истифодабарӣ ва вориднамоии технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; - пайваст намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шабакаи Интернет ва дар ин замина воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилотӣ; - эҷоди низоми ягонаи идоракунии иттилоотии таҳсилоти умумӣ; - таъмини манфиатҳои шахсият, давлат ва ҷомеа дар раванди вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ [3, с. 4-5].

Дар ҳуҷҷати ҳукуматии «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ҳамчунин зарурати муосиргардонии тадриҷии маориф ва истифодаи технологияи иттилоотӣ зикр карда мешавад: «…Тағйири мазмуни таҳсилот: Муосиргардонии мазмуни таҳсилоти умумӣ дар асоси гузариш аз модели донишӣ ба модели салоҳиятноки таълим бо самтнокӣ ба: - ташаккули ҷаҳонбинӣ, ки дар асоси тасаввуроти муосири илмӣ, усулҳои демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда

мешаванд; -муосиргардонии мазмуни вориднамоии шаклҳои гуногуни дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо самтнокӣ ба талаботи бозорҳои маҳаллии меҳнат, дархостҳои оила ва созгории муваффақона ба бозорҳои меҳнати беруна…Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат: Дар соҳаи таҳсилоти касбӣ:… Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва методҳои фосилавӣ барои афзоиши дастрасии барномаҳои таҳсилоти касбӣ…» [7, с.30-31].

Ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои вобаста ба информатизатсияи таҳсилот ва роҳу воситаҳои вориднамоии ТИК дар рафти таълим тавассути чунин олимону муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Ф.С.Комилов, Қ.Б.Қодиров, С.С.Афғонов, Х.М.Аҳмадов, Ҳ.Ю.Ҷӯраева, А.Р.Додихудоев, С.С.Қосимов, Н.Н. Мавлонназаров, А.Р.Мирзоев, С.Х.Мирзоев, М.Муллоҷонов, И.И.Олимов, З.Ф.Раҳмонов, Д.С.Шарофов, Ф.Ф.Шарифов, Б.Ф.Рачабов, Б.Ш.Шодмонов, Н.Н.Шоев ва чанде дигарон мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор дода шудаанд.

Манфиатмандии зиёде таълифоти илмии муҳаққиқон Ф.С.Комилов ва З.Ф. Рахмонов - «Технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», А.Р.Мирзоев - «Асосҳои дидактикии омоданамоии донишҷӯёни мактабҳои олии Тоҷикистон нисбати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», Ф.Ф.Шарифов - «Бархӯрди низомнок нисбати информатизатсияи раванди педагогӣ дар мактаби олӣ - доминанти ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён» ва Х.Ю.Ҷӯраева - «Воситаҳои татбиқи усулҳои дидактикӣ зимни таълими компютерӣ дар мактабҳои Тоҷикистон» доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми таҳсилоти олӣ тағйиротҳои мусбӣ идома доранд. Баррасиҳои васеи масъалаҳои татбиқи низоми кредитиии таълим оғоз ёфтанд. Ба ҷанбаю паҳлӯҳои гуногуни технологияҳои таълим таълифоти олимону муҳаққиқон ва педагогҳои машҳури ҷумҳурӣ - М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, С.Шербоев, Н.Н. Шоев, Б.Маҷидова, Ф.К.Раҳимов, С.Ҳ.Ҳабибов, Н.С.Салимов, Р.Мирзоев, Т.К.Ҳусайнова, Б.Х.Умарова ва дигарон бахшида шудаанд.

Бояд қайд кард, ки барои ҳалли мушкилоти омӯзиши забони англисӣ бо истифодаи технологияи сайёру мултимедӣ аллакай пойгоҳи муътадили корӣ таъсис дода шудааст. Таҳлили корҳои илмӣ нишон дод, ки масъалаҳои зерин дар маркази диққати зиёди муҳаққиқон будаанд:

- асосҳои назариявии бархӯрди салоҳиятнок дар равияҳои забонию забоншиносӣ;
- истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ (блог- технологияҳо);
- асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф;
- асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи таълим;
- маҷмӯаи лингвистӣ;
- тавсифи заминаи методологӣ ва вижагиҳои ғайримаъмулии дастгоҳҳои мобилӣ ва барномаҳо;

Бо вуҷуди тадқиқотҳои мавҷуда оид ба истифодаи ТИК дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бояд қайд карда шавад, ки як қатор мушкилот мавҷуданд, ки ҳанӯз ҳаллу фасл нагаштаанд ва кофӣ омӯхта нашудаанд, яъне:

1) таърифу таъйиноти омӯзиши мобилӣ дар робита бо усулҳои таълими забони англисӣ ва фарҳангӣ дода нашудаанд;

2)вижагиҳо ва вазифаҳои дидактикӣ ва методии технологияҳои сайёру мултимедӣ нисбати методикаи омӯзиши забони англисӣ муайян карда нашудаанд;

3)феҳристи малакаҳои нутқӣ ва забонии шифоҳии донишҷӯёни ғайриихтисоси англисӣ омӯхта нашудаанд, ки дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ рушду

ташаккул меёбанд;

4) шароитҳои методӣ барои омӯзиши забони англисӣ дар технологияҳои сайёру мултимедӣ муайян карда нашудаанд;

5) низоми методии таълими забони англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ таҳия карда нашудааст;

6) технологияи таълими забони англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ таҳия нагаштааст.

Дар робита ба ин, дар муқоиса бо ҳамгироии эълоншудаи ТИК-и муосир дар раванди таълим ва татбиқи амалии онҳо зимни омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ мушкилот вуҷуд дорад; байни зарурати иттилоотии таҳсилот, аз ҷумла, таълими забонҳо ва мавҷуд набудани усулҳои таълими забони англисӣ ва фарҳанги кишваре, ки дар асоси технологияи мултимедӣ омӯхта мешаванд.

Ҳамин тариқ, проблемаи омӯзиши муҳассилини ғайриихтисоси англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ ҳалшаванда буда, омӯзиши махсус талаб карда мешавад.

Адабиёт:

1. *Андреев А.А.* Применение сети Интернет в учебном процессе / *А.А. Андреев //* Информатика и образование. – 2005. № 9. С. 2-7.

2. Государственная программа развития образования Республики Таджикистан на 2010-2015 годы. – Душанбе, 2009.- 48с.

3. Государственная программа компьютеризации общеобразовательных школ Республики Таджикистан на 2011-2015 годы. – Душанбе, 2010. – 42с.

4. *Евстигнеев М.Н.* Компетентность учителя иностранного языка в области использования информационных и коммуникационных технологий / *М.Н. Евстигнеев //* Иностр. языки в школе. – 2011. - № 9. - С. 3-9.

5. *Евстигнеев М.Н.* Методика формирования компетентности учителя иностранного языка в области использования информационных и коммуникационных технологий: Дис... канд. пед. наук. – Москва, 2012. – 158 с.

6. Национальная концепция образования Республики Таджикистан. -Душанбе: Матбуот, 2003. -24 с.

7. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2015 года. - Душанбе: Матбуот, 2007. -81с.

8. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на 2006-2015 гг. - Душанбе: 2005.- 32 с.

9. Павельева Т.Ю. Развитие умений письменной речи студентов средствами учебного Интернет-блога (английский язык, языковой вуз) / Автореферат дис. ... канд. пед. наук. Тамбов, 2010. 21с.

10. *Петрищева Н.С.* Методика формирования социокультурной компетенции студентов специальности «Юриспруденция» посредством учебных Интернет-проектов (английский язык):. Автореферат . кандидата педагогических наук. М.: МГГУ, 2011. 23 с.

11. *Полат Е.С., Бухаркина М.Ю.* Современные педагогические и информационные технологии в системе образования / *Е.С. Полат, М.Ю. Бухаркина.* - М.: Академия, 2008. 368 с.

12. *Роберт И.В.* Информация и информационное взаимодействие, их место и роль в современном образовании / *И.В.Роберт //* Мир психологии. 2010. № 3. С. 54-67.

13. *Роберт И.В.* Основные направления информатизации образования в отечественной школе / *И.В.Роберт //* Вестник московского городского университета.

Серия: Информатика и информатизация образования. 2005. № 5. С. 106-114.

14. *Роберт И.В.* Подготовка научно-педагогических и научных кадров в системе послевузовского педагогического образования в области применения средств информационных и коммуникационных технологий в образовании / *Роберт И.В.* // Труды международного симпозиума «Надежность и качество. - 2006. - № 2. – С. 68.

15. *Роберт И.В.* Развитие дидактики в условиях информатизации образования / *Роберт И.В. //* Ученые записки ИИО РАО. - 2010. - № 33. - С. 3-21.

16. *Сысоев П.В., Евстигнеев М.Н.* Компетенция учителя иностранного языка в области использования информационно-коммуникационных технологий: определение понятий и компонентный состав / *Сысоев П.В., Евстигнеев М.Н.* // Иностранные языки в школе. – 2011. - № 6. - С. 16-20.

17. *Сысоев П.В., Кокорева А.А.* Обучение студентов профессиональной лексике на основе корпуса параллельных текстов / *Сысоев П.В., Евстигнеев М.Н.* // Язык и культура. - 2013. - № 1 (21). – С. 114-124.

18. *Титова С.В.* Ресурсы и службы Интернета в преподавании иностранных языков / *Титова С.В.* - М.: МГУ, 2003. – 263 с.

19. *Черкасов А.К.* Методика развития социокультурных умений студентов посредством веб-форума (английский язык, языковой вуз) / *А.К Черкасов //* Дис. . канд.пед.наук. Москва: МГГУ имени М.А. Шолохова, 2012.

ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯИ САЙЁРУ МУЛТИМЕДӢ

Мақола ба нишон додани муҳиммияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо ёрии технологияҳои сайёру мултимедӣ бахшида шудааст.

Ба андешаи муаллифи мақола, марҳилаи муосири рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди иттилоотии пуршиддати он тавсиф мешавад. Иттилооти таълимӣ ҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷод ва беҳтар истифода бурдани ҷанбаҳои илмию педагогӣ, тарбиявӣ ва методологӣ, ки ба татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар шароити муоссир ва солим истифода мешаванд.

Муаллиф қайд мекунад, ки барои ҳалли мушкилоти омӯзиши забони англисӣ бо истифодаи технологияи сайёру мултимедӣ аллакай пойгоҳи муътадили корӣ таъсис дода шудааст. Таҳлили корҳои илмӣ нишон дод, ки масъалаҳои зерин дар маркази диққати зиёди муҳаққиқон будаанд: - асосҳои назариявии барҳӯрди салоҳиятнок дар равияҳои забонию забоншиносӣ; - истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ (блог- технологияҳо); - асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф; - асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи таълим; - маҷмӯаи лингвистӣ; - тавсифи заминаи методологӣ ва вижагиҳои ғайримаъмулии дастгоҳҳои мобилӣ ва барномаҳо; Дар робита ба ин, дар муқоиса бо ҳамгироии эълоншудаи ТИК-и муосир дар раванди таълим ва татбиқи амалии онҳо зимни омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ мушкилот вуҷуд дорад; байни зарурати иттилоотии таҳсилот, аз ҷумла таълими забонҳо ва мавҷуд набудани усулҳои таълими забони англисӣ ва фарҳанги кишваре, ки дар асоси технологияи мултимедӣ омӯхта мешаванд.

Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф натиҷагирӣ менамояд, ки проблемаи омӯзиши муҳассилини ғайриихтисоси англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ ҳалшаванда буда, омӯзиши махсус талаб карда мешавад.

Калидвожаҳо: муҳим, технологияи сайёру мултимедӣ, технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, маориф, забонҳои хориҷӣ, асосҳои назариявӣ ва амалӣ.

ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ С ПОМОЩЬЮ МОБИЛЬНОЙ И МУЛЬТИМЕДИЙНОЙ ТЕХНОЛОГИЕЙ

Статья посвящена рассмотрению важности изучения иностранных языков с помощью мультимедийных технологий.

По мнению автора статьи, современный этап развития системы образования Республики Таджикистан характеризуется интенсивным информационным процессом. Образовательная информация как целенаправленный процесс обеспечения образования с методологией, технологией, опытом создания и улучшения использования научно-педагогических, учебно-методологических аспектов, применяемый к реализации возможностей информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в эффективных и здоровых условиях.

Автор отмечает, что для решения задач изучения английского языка с использованием портативных и мультимедийных технологий уже создана надежная рабочая база. Анализ научной работы показал, что в центре внимания исследователей были следующие вопросы: - теоретические основы компетентного подхода в лингвистических и лингвистических структурах; - использование современных информационно - коммуникационных технологий в обучении иностранных языков (блоги - технологии); - теоретические основы использования информационных и коммуникационных технологий в сфере образования; лингвистической базы; - описание лингвистической базы и нелинейной специфики мобильных устройств и программ; - в связи с этим существуют проблемы в процессе обучения и практической реализации английского языка в высших учебных заведениях; -информационные потребности в образовании, в том числе обучение языку и отсутствие методов преподавания английского языка и страны, изучаемых на основе мультимедийных технологий по сравнению с анонсированной интеграцией современного НПО.

Подведя итог своих обзоров, автор выясняет, что проблема изучения английского переводчика является неквалифицированной на основе мобильных и мультимедийных технологий и требует специального изучения.

Ключевые слова: важность, передвижные мультимедийные технологии, информационно-коммуникационная технология, образование, зарубежный резерв, теоретические и практические основы.

THE RELEVANCE OF LEARNING FOREIGN LANGUAGES MOBILE AND MULTIMEDIA TECHNOLOGY

The article is devoted to the importance of learning foreign languages using multimedia technologies.

According to the author, the modern stage of development of the education system of the Republic of Tajikistan is characterized by an intensive information process. Educational information as a purposeful process of providing education with methodology, technology, experience in creating and improving the use of scientific, pedagogical, educational and methodological aspects, applied to the implementation of information and communication technologies (ICT) in an effective and healthy environment.

The author notes that a reliable working base has already been created to solve the problems of learning English using portable and multimedia technologies. The analysis of scientific work showed that the focus of the researchers were the following issues: - theoretical foundations of the competent approach in linguistic and linguistic structures; - the use of modern information and communication technologies in the teaching of foreign languages (blogs - technology); - theoretical foundations of the use of information and communication technologies in education.; linguistic base; - description of the linguistic base and non-linear specifics of mobile devices and programs; - in this regard, there are problems in the process of learning and practical implementation of the English language in higher education; - information needs in education, including language teaching and the lack of methods of

teaching English and the country, studied on the basis of multimedia technologies in comparison with the announced integration of modern NGOs.

Summarizing his reviews, the author finds out that the problem of learning English translator is unqualified on the basis of mobile and multimedia technologies and requires special study.

Keywords: importance, mobile multimedia technologies, information and communication technology, education, foreign reserve, theoretical and practical bases.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шарипов Хуршед Алихонович – н.и.п., саромӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С.Сафаров-16. Тел.: 918488703.*

Сведения об авторе: *Шарипов Хуршед Алихонович – к.п.н., Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: 918488703.*

Information about the author: *Sharipov Khurshed Alikhonovich - c.p.s. senior lecturer of the Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: 918488703.*

УДК -511.1+(575.3)
Н-56

ТАТБИҚИ МЕТОДИ ТАФРИҚА ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ПРОГРЕССИЯИ АРИФМЕТИКӢ» ДАР СИНФИ 9

Ниёзов Ҷ.М.
Донишгоҳи давлатии Кӯло ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири боз ҳам беҳтар кардани сифати таълиму тарбия равона гардидааст.

Пешвои миллат изҳор намуданд, ки бояд «назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр намуда, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеию илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд» [2,с. 11].

Таълими тафриқавии математика низ яке аз воситаҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва воситаи тақвият бахшидани қобилияти эҷодии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Маънои таълими тафриқа аз он иборат аст, ки хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда, дараҷаи тайёрӣ ва инкишоф, махсусияти фикрронӣ, хотира, шавқу ҳаваси он ба фан ва ғайраро дониста, барои он характери бештар мақсаднок ва самараноки кор дар дарс муайян карда шавад [16, с.12].

Дарси математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мо бештари маврид бо баҳисобгирии «хонандаи миёнахон» бе ба назаргирии дониши се гурӯҳҳои асосии хонандагони «қобилиятнок», «миёна» ва «суст» ба нақша гирифта мешаванд [7, с.82].

Барои он, ки дар дарсҳои алгебра ҳам хонандагони қобилиятнок, ҳам суст ва ҳам миёна дар меъёри имкониятҳои худ хонанд, ба донишомӯзӣ аз рӯи равиши худ ҳаракат кунанд, дигар тарзи ташкили раванди омӯзиш лозим аст.

Аз таҷрибаи корӣ ва мушоҳидаҳои педагогӣ хулоса бароварда мо дар ин мақола тарзи гурӯҳии омӯзиши тафриқавии фанни алгебраро пешниҳод менамоем, ки ҷойҳои

сусти системаи дарсӣ - синфии таълимро бартараф мекунад, ва азхудкунии бошууронаи ҳамаи хонандагони синфро оид ба ин фан таъмин менамояд.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи “Прогрессияи арифметикӣ” аввало омӯзгорро мебояд ба хонандагон, маводи назариявиро пешниҳод намояд. Ба ақидаи мо, ин раванд бояд чунин ҷараён гирад.

Пайдарпайии ададии зеринро менависем.

$(a_n);\ 1; 6; 11; 16; 21; \ldots$

Дар пайдарпаии $\{a_n\}$ мо ададҳои натуралиеро мебинем, ки ҳар як аъзои пайдарпай аз аъзои дуюм сар карда ба аъзои пешоянди ба ҳамон як адад (d=5) ҷамъ кардашуда ҳосил мешавад.

Таъриф: Пайдарпаие, ки ҳар як аъзояш аз аъзои дуюм сар карда дар натиҷаи ба аъзои пешоянд ҷамъ кардани ҳамон як адад ҳосил мешавад, прогрессияи арифметикӣ номида мешавад (Истилоҳи «прогрессия» калимаи лотинӣ буда, маънояш «ҳаракат ба пеш» аст). Иҷрои шарти $a_{n+1} = a_n + d$ шаҳодат медиҳад, ки пайдарпаии $\{a_n\}$ прогрессияи арифметикӣ мебошад. Аз ин баробари d – ро меёбем.

$d = a_{n+1} - a_n$

Ин маънои онро дорад, ки аз аъзои дуюм сар карда, фарқи байни аъзоҳои пасоянд ва пешоянд ба ҳамон як адад баробар аст. Ин ададро фарқи прогрессияи арифметикӣ меноманд. Аз маълумотҳо ва муҳокимаронихои боло бармеояд, ки барои тартиб додани прогрессияи арифметикӣ донистани аъзои якум ва фарқи он кифоя аст [14, с.198].

Мисоли 1. Пайдарпаии $\{a_n\}$, ки ба аъзои умумии a_n=2n-7 дода шудааст, прогрессияи арифметикӣ мебошад. Инро исбот кунед.

Исбот:

Барои исбот намудан таҳқиқоти дар қисми назариявӣ баёнгаштаро истифода мебарем.

$a_n = 2n - 7;\ a_{n-1} = 2(n-1) - 7 = 2n - 9$

$a_{n+1} = 2(n+1) - 7 = 2n - 5$

Аз ин ҷо бармеояд, ки

$$a_n = 2n - 7 = \frac{(2n-5) + (2n-9)}{2} = \frac{a_{n+1} + a_{n-1}}{2};$$

Ҳаминро исбот намудан лозим буд, ки аъзои дилхоҳи прогрессияи арифметикӣ ба нимсуммаи аъзоҳои пешоянд ва пасоянди он баробар аст [8, с.114].

Барои прогрессияи арифметикии аъзои якумаш a_1 ва фарқаш d, аъзои n-ум бо формулаи $a_n = a_1 + (n-1)d, n \in N$ ҳисоб карда мешавад.

Масалан, агар прогрессияи арифметикии 1,3,5,7,9,11,13,15,17,19,21,….
ададҳои тоқи натуралӣ бо тартиби афзуншавиашон дода шуда бошанд, пас

$$a_n = 1 + 2(n-1) = 2n - 1$$

ҳосил мекунем.

Прогрессияи арифметикии $\{a_n\}$, ки фарқаш ба d баробар аст, ба воситаи формулаи зерин низ ҳисоб карда мешавад.

$a_n = a_k + d(n-k), 1 \le k \le n-1$, ки дар ин ҷо n ва k ададҳои натуралӣ мебошад.

Машқро доир ба прогрессияи арифметикӣ дида мебароем.

Мисоли 2.Оё пайдарпайии додашуда прогрессияи арифметикиро ташкил медиҳад.

а) 1; 4; 10; 11; 14; 17;…

Ҳал.

Дар асоси таърифи прогрессияи арифметикӣ мо формулаи зеринро медонем:

$a_{n+1} = a_n + d$

Барои муайян кардани фарқи прогрессия аз аъзоҳои пасоянд пешояндро тарҳ мекунем: $4-1=3, 10-4-6, 11-10=1, 14-11=3, 17-14=3$. Фарқҳо гуногунанд, пас ин пайдарпайи прогрессияи арифметикӣ намебошад. Яъне шарти аввали прогрессияи арифметикӣ, баробар будани фарқи аъзоҳои пасоянд ва пешоянд мебошад.

Дар барномаи таълимӣ барои омӯзиши ин мавзӯъ 24 соат ҷудо карда шудааст, ки омӯзгор метавонад 2 соати онро барои омӯхтани маводҳои назариявӣ ва боқимонда вақтро барои иҷрои машқҳо, супоришҳо, мустаҳкамкунии мавзӯъ, супоришҳои амалӣ ва мустақилона масраф намояд [15, с. 120].

Дар асоси таърифи прогрессияи арифметикӣ аъзои якум ва фарқи прогрессияро дониста, аъзои дилхоҳи онро ёфтан мумкин аст. Барои ёфтани аъзоҳои рақами тартибиашон калон истифодаи таъриф ва формулаи дар асоси он баёншуда чандон мувофиқ нест, зеро он ҳисобкунии зиёд ва вақти тӯлониро талаб мекунад. Дар асоси таъриф мо метавонем, ифодаҳои зеринро ҳосил намоем:

$a_2 = a_1 + d$

$a_3 = a_2 + d = a_1 + d + d = a_1 + 2d$

$a_4 = a_3 + d = a_1 + 2d + d = a_1 + 3d$

$a_5 = a_4 + d = a_1 + 3d + d = a_1 + 4d$

Яъне барои ёфтани аъзои дилхоҳ бояд аъзои якумро ба адади як воҳид ками шумораи аъзоҳо бо фарқи прогрессия зарб карда шуда ҷамъ кардан лозим аст.

$a_n = a_1 + (n-1)d$

Барои пурра омӯхтан, таҳлил ва тадқиқ намудани мавзӯъ системаи корҳои мустақилонаро мураттаб намудем, ки иҷрои онҳо барои ба таври мукаммал омӯхтан ва мустаҳкам кардани мавзӯъ мусоидат менамояд [15, с. 123].

Омӯзгорон дар ҷараёни дарс хонандагони синфро ба гурӯҳҳо (суст, миёна ва қобилиятноку хушзеҳн) ҷудо намуда, ба ҳар гурӯҳ вобаста ба дарку фаҳмишашон машқ ва масъалаҳо пешниҳод менамоянд.

Бо мақсади кӯмак ба омӯзгорон мавзӯи таълими “Прогрессияи арифметикӣ”-ро бо таълими тафриқавӣ (гурӯҳӣ) нишон медиҳем.

Аввал мисолҳоро вобаста ба қобилияти хонандагон ба 3 гурӯҳ тақсим мекунем: машқҳо барои хонандагони қобилияташон суст, машқҳо барои хонандагони қобилияташон миёна, машқҳо барои хонандагони қобилияташон баланд.

Барои мухтасар ифода намудан барои хонандагони қобилияташон сустро бо аломати – I, машқҳо барои хонандагони қобилияташон миёнаро бо аломати – II, машқҳо барои хонандагони қобилияташон баландро бо аломати – III ишора мекунем.

Барои хонандагони гурӯҳи 1 як масъаларо пурра ба тафсири ҳаллаш пешниҳод намуда, масъалаи ба он монандро барои ҳалли мустақилона месупорем. Ин усулро дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои барои гурӯҳи 1-ум махсусшуда татбиқ менамоем.

Барои хонандагони гурӯҳи дуюм масъалаҳоро пешниҳод намуда, нишондод ба ҳалро тавсия мекунем. Хонандагони ин гурӯҳ бояд дар асоси нишондод аз ӯҳдаи ҳалли масъала баромада тавонанд.

Барои хонандагони гурӯҳи 3-юм масъалаҳоро пешниҳод намуда, танҳо ҷавоби онҳоро нишон медиҳем. Ин хонандагон бояд масъаларо пурра ҳал намуда, ҷавоби худро ба ҷавоби пешакӣ нишондодашуда муқоиса намояд.

Намунаи корҳои мустақилонаро дар таълими тафриқа доир ба прогрессияи арифметикӣ пешниҳод менамоем.

I

Мисоли 1. Ҳафт аъзои аввалини прогрессияи арифметикиро ёбед, ки аъзои якумаш ба 2 ва фарқаш ба 3 баробар бошад.

Ҳал: a_1 =2, $d=3$. $a_2 = a_1 + d = 2 + 3 = 5$;

$a_3 = a_2 + d = 5 + 3 = 8;$

$a_4 = a_3 + d = 8 + 3 = 11;$

$a_5 = a_4 + d = 11 + 3 = 14;$

$a_6 = a_5 + d = 14 + 3 = 17;$

$a_7 = a_6 + d = 17 + 3 = 20.$

Ҷавоб: 2; 5; 8; 11; 14; 17; 20.

Аз намунаи додашуда истифода бурда, мисоли зеринро ҳал кунед:

Мисоли 1.1.Чор аъзои аввалини прогрессияи арифметикиро ёбед, ки аъзои якумаш ба 8 ва фарқаш ба 11 баробар бошад.

Мисоли 2.Панҷ аъзои аввалини прогрессияи арифметикиро ёбед, ки аъзои шашумаш ба -1 ва аъзои ҳафтумаш ба 1 баробар бошад.

Ҳал: $a_6 = -1, a_7 = 1; a_7 = a_6 + d, d = a_7 - a_6 = 1 - (-1) = 2,$

$a_6 = a_5 + d$, -1= a_5 +2, $a_5 = -1 - 2 = -3$,

$a_5 = a_4 + d$, -3 = a_4 +2, $a_4 = -3 - 2 = -5$,

$a_4 = a_3 + d$, -5= a_3 +2, $a_3 = -5 - 2 = -7$,

$a_3 = a_2 + d$, -7= a_2 +2, $a_2 = -7 - 2 = -9$,

$a_2 = a_1 + d$, - 9 = a_5 +2, $a_5 = -9 - 2 = -11.$

Ҷавоб: -11; - 9 ; -7 ; - 5 ; - 3.

Аз намунаи додашуда истифода бурда, мисоли зеринро ҳал кунед:

Мисоли 2.1. Се аъзои аввалини прогрессияи арифметикиро ёбед, ки аъзои панҷумаш ба -2 ва аъзои шашумаш ба 3 баробар бошад.

Мисоли 3. Маълум аст, ки суммаи 5 аъзои аввалини прогрессияи арифметикӣ ба 0 баробар аст, аъзои 3-юми ин прогрессияро ёбед.

Ҳал: $S_n = \frac{a_1 + a_n}{2} \cdot n$, $S_5 = \frac{a_1 + a_5}{2} \cdot 5$, $0 = \frac{a_1 + a_5}{2} \cdot 5$,

$5(a_1 + a_5)=0$, $5a_1 = -5(a_1 + 4d), 5a_1 + 5a_1 = -20d, 10a_1 = -20d,$

$a_1 = -2d, a_3 = a_1 + 2d = -2d + 2d = 0.$

Ҷавоб: $a_3 = 0$.

Аз намунаи додашуда истифода бурда, мисоли зеринро ҳал кунед:

Мисоли 3.1. Маълум аст, ки суммаи 7 аъзои аввалини прогрессияи арифметикӣ ба 0 баробар аст, аъзои 4-юми ин прогрессияро ёбед.

II

Мисоли 1. Агар аъзои ҳафтуми прогрессияи арифметикӣ ба 5 ва аъзои ҳаштумаш ба 8 баробар бошад, панҷ аъзои аввали ин прогрессияро ёбед.

Нишондод: $a_n = a_1 + (n-1)d$,

Мисоли 2. Суммаи ҳафт аъзои аввалини прогрессияи арифметикӣ ба 0 баробар аст. Аъзои чаҳоруми ин прогрессияро ёбед.

Нишондод: $a_4 = a_1 + 3d$, $S_n = \frac{a_1 + a_n}{2} \cdot n$

Мисоли 3. Агар дар прогрессияи арифметикӣ a_n $a_2 = a, a_5 = b$ бошад, фарқи прогрессиро ёбед.

Нишондод: $a_{n+1} - a_n = d$.

III

Мисоли 1. Дар прогрессияи арифметикӣ a_n аъзои якум ба 3 ва d ба 2 баробар аст. Аъзои панҷуми онро ёбед.

Ҷавоб: 11.

Мисоли 2. То 1000 чанд адади натуралӣ ҳаст, ки ба 3 тақсим намудан дар бақия 2 ҳосил мешавад.

Ҷавоб: 332

Мисоли 3.Чанд ададӣ серақамаи тоқ мавҷуд аст?

Ҷавоб: 450 то.

Таҳлили гузаронидашудаи таълими тафриқавӣ аз фанни алгебра, ҳамчунин таҷрибаи тафриқакунии мундариҷаи таълими математика дар мактаб нишон медиҳад, ки:

- омӯзиши тафриқавии алгебра дар синфи 9 яке аз воситаҳои босамари баландбардории сифати таълим, инкишофи қобилиятҳо майлу рағбат, шавқу ҳаваси мактаббачагон: фаъолнокии фаъолияти идроки онҳо мебошад;

- бо чунин тарз ташкил намудани тафриқа дар синфҳои болоӣ, ки хислати қабл аз касбиро моликанд тайёркунии кифояи хатмкунандагони мактабро ба идомаи муваффақонаи маълумот имкон медиҳад, худи чунин тайёрӣ бошад дар замони ҳозира ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии зинаи болоии мактаб дида баромада мешавад;

-тафриқакунии мундариҷаи таълими математика барои хонандагони синфҳои болоӣ воситаи худамаликунӣ, имкони ҳаққонӣ баҳо додан ба қобилиятҳои идрокии хеш мақсаду ниятҳои касбӣ муайян намудани роҳҳои таҳсили минбаъда худмуайянкунии касбӣ мебошад;

- асосҳо барои тафриқаи дараҷагии мундариҷаи таълим соҳаҳои фаннии донишҳо ва мақсаду ниятҳои касбии хонандагон мебошанд.

Ҳалли мушкилоти тафриқаи дараҷагӣ дар бартараф намудани мухолифатҳои ҷиҳати иҷтимоӣ ва рӯҳӣ барпо гардидааст.

Мақсаду мароми тафриқаи дараҷанок тафриқакунӣ, ҷудокунӣ мебошад: вай таълими хонандагонро дар самтҳои гуногун бо мақсади тамоюли касбии онҳо дар назар дорад.

Омӯзгорони фанни алгебра бояд ба ҳамаҷониба тайёр намудани шогирдон ва ҳамоҳанг сохтани донишҳои ҳосилнамудаи онҳо бо шароити иқтисоди бозоргонӣ саҳми бештарро дошта бошанд [10, с.119-121].

Мавриди омӯзиши тафриқавӣ чуноне дар боло нишон додем, аксари масъалаҳое пеш меоянд, ки ҳалли онҳо донишҳои ҳатмии алгебравиро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзонидани масъалаҳои гуногун ва тарзу усулҳои ҳалли онҳо барои хонандаи имрӯз яке аз воситаҳои асосии ба таври фаъол ба ҳаёти ҷомеа ворид гардидани онҳо мегардад.

Ҳалли мисолу масъала фикри хонандаро бедор намуда, ӯро таҳрик менамояд, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва такопӯй бошад. Ин бошад, омӯзгорони фанни алгебраро водор месозад, ки роҳу усулҳои ба мақсад мувофиқи ба ин проблема ҷалб кардани таваҷҷӯҳи шогирдонро ҷустуҷӯ намоянд.

Ба таълими тафриқавии математика танҳо ҳамон усулҳо заминаи боварибахш шуда метавонанд, ки фаъолнокии шахсро зиёд гардонанд ва хонандагонро ба мустақилияту эҷодкорӣ ҳидоят намоянд. Аз ин лиҳоз ҳамон усулҳо самараноку фаъол ҳисобида мешаванд, ки истифодаи мақсадноки онҳо боиси расидан ба ҳадафҳои таълиму тарбия гашта, ба инкишофи зеҳнӣ мусоидат карда, асоси ташаккули хислатҳои ҳамидаи шогирдон гашта тавонанд [4, с.80].

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки тафриқаи дараҷагӣ яке аз методҳои таълими самаранок маҳсуб меёбад. Мақсади мо дар ин мақола аз наздик шинос намудани омӯзгорони ҷавон бо методи таълими тафриқаи дараҷагӣ мавриди омӯзиши мавзӯи “Прогреессияи арифметикӣ” –и алгебраи синфи 9 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат аст.

Моҳияти ин метод дар таълими алгебраи синфи 9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он иборат аст, ки хусусиятҳои фардии хонандагон ба инобат гирифта шуда, ҳар як хонандаи синф мувофиқи қобилият ва имконияташ ба азхудкунии фанни математика машғул мешавад.

Адабиёт:

1. Абдуллоев Н. Дастури ҳалли мисолу масъалаҳои китоби дарсии алгебра барои синфи 9-ум / Н. Абдуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2018. – 253с.
2. Азизбеков Х. Рӯ ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ оред / Х. Азизбеков // Ҳафтаномаи “Омӯзгор” №25, 24 июни с.2021. - С.11.
3. Бударный А.А. Индивидуальный подход в обучении / А.А. Бударный // Советская педагогика. - №7, 1965. - С.70-83.
4. Ғуломов И., Шарипов Н. Ҳамкорӣ -тарзи самарабахши робитаи таълиму тарбия / И.Ғуломов, Н. Шарипов // Таълими математикаи мактабӣ (Маҷмӯи мақолаҳо). –Душанбе: Ирфон, 1992. – С.80-85.
5. Дагиев Н, Ниёзов С.Н, Мирзозода М.А. Тестҳо аз фанни алгебра барои синфи 9 / Н. Дагиев, С.Н.Ниёзов, М.А.Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 96с.
6. Дусовицкий А.К. Развитие личности в учебной деятельности / А.К. Дусовицкий // Журнал «Математика в школе», 1999-2005 гг. –М., 1996.
7. Зубайдов У.З. Таълими тафриқа ва мактаби муосир / У.З. Зубайдов. – Душанбе: Дониш, 2013.– 304с.
8. Ивлев. Б.М, Сорокин Б.В. Дидактические материалны по алгебре и начали анализа для 9 класса / Б.М Ивлев, Б.В. Сорокин. - М.: Просвещение, 1984.-142с
9. Макарычев Ю.Н. Алгебра: Китоби дарсӣ барои синфи 9 / Ю.Н. Макарычев. - Душанбе: Ирфон, 1991. – 320с.
10. Макоев А.З. Дифференцированно - групповое обучение школьни ков математика в условия классно-урочной системы / А.З. Макоев. – Нальчик, 1976. –155с.
11. Макоев А.З. Первое приближение к индувидиализации процесса обучения.Научные основы и методика дифференцированно - групповое обучение школьников математике / А.З. Макоев. – Орджоникидзе: Ирфон, 1974. – С.220.
12. Маҳмудов Т., Сарахонова С., Шарипов Ш., Маликаи А., Ниёзов Ю.М. Машқ ва масъалаҳо аз алгебра / Т. Маҳмудов, С. Сарахонова, Ш. Шарипов, А. Маликаи, Ҷ.М. Ниёзов. - Душанбе: Ирфон, 2001. – 238с.
13. Маҳмудов Т., Ниёзов Ҷ. Ҳалли масъалаҳои тестӣ аз математика. Тавсияҳо барои довталабон. Қисми 1 / Т. Маҳмудов, Ҷ.Ниёзов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 114с.
14. Усмонов Н., Пиров Р. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 9-и МТМУ / Н.Усмонов, Р.Пиров. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 224с.
15. Цыпкин А.Г. Роҳнамо аз математика барои МТМУ / А.Г.Цыпкин. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 510с.
16. Шарифов Ҷ. Таълими тафриқа ва мавқеи он дар ҷараёни таъ лим / Ҷ. Шарифов // Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ. - №2. – Қӯрғонтеппа, 2008. – С.9-12.

ТАТБИҚИ МЕТОДИ ТАФРИҚА ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ «ПРОГРЕССИЯИ АРИФМЕТИКӢ» ДАР СИНФИ 9

Дар ин мақола татбиқи методи тафриқа ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Прогрессияи арифметикӣ» дар синфи 9 дида баромада шудааст. Дар аввал ба хонандагон маводи назариявӣ пешниҳод гардида, мутобиқи методи тафриқаи дараҷагӣ хонандагони синф ба се гурӯҳҳои суст, миёна қобилиятнок ҷудо карда шудаанд.

Барои хонандагони гурӯҳи 1 як масъаларо пурра ба тафсири ҳаллаш пешниҳод намуда, масъалаи ба он монандро барои ҳалли мустақилона пешниҳод менамоем. Ин усулро дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои барои гурӯҳи 1-ум махсусшуда татбиқ менамоем.

Барои хонандагони гурӯҳи дуюм масъалаҳоро пешниҳод намуда, нишондод ба ҳалли онҳоро тавсия мекунем. Хонандагони ин гурӯҳ бояд дар асоси нишондод аз уҳдаи ҳалли масъала баромада тавонанд.

Барои хонандагони гурӯҳи 3-юм масъалаҳоро пешниҳод намуда, танҳо ҷавоби онҳоро нишон медиҳем. Ин хонандагон бояд масъаларо пурра ҳал намуда, ҷавоби худро ба ҷавоби пешакӣ нишондодашуда муқоиса намояд.

Албатта, дар ин мавриди муаллим аз рӯи кори хонандагон назорати умумӣ мебарад.

Таҷриба нишон дод, ки дар вақти бо чунин метод гузаронидани дарсҳо аз фанни алгебра дар мавзӯи «Прогрессияи арифметикӣ» дараҷаи донишазхудкунии хонандагон баландтар мегардад. Моҳияти таълими тафриқаи дараҷагӣ аз он иборат аст, ки вай ба пешрафту инкишофи хонандагони алоҳида ва ё гурӯҳи муайян садди роҳ намешавад. Баръакс, имконият фароҳам меоварад, ки ҳар як хонанда ва ё гурӯҳи муайяни хонандагон мувофиқи дониш, имконият ва қобилияташон таҳсил намоянд. Ба қуллаҳои дониш на аз тариқи маҷбурӣ, тарсу ҳарос, балки бо майлу хоҳиши худ бирасанд.

Татбиқи ин метод собит сохт, ки инкишофи қобилиятҳо, майлу рағбат, шавқу ҳаваси мактаббачагон ба фанни алгебра афзун мешавад.

Калидвожаҳо: методҳои таълим, тафриқа, тафриқаи дараҷагӣ, пайдарпай, прогрессияи арифметикӣ, қобилият, сифати таълим, ниятҳои касбӣ, мустақилият, эҷодкорӣ ва ғайраҳо.

ПРИМЕНЕНИЕ МЕТОДА ДИФФЕРЕНЦИАЦИИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ТЕМЫ “АРИФМЕТИЧЕСКАЯ ПРОГРЕССИЯ” В 9-ОМ КЛАССЕ

В данной статье рассмотрено применение метода дифференциации при изучении темы “Арифметическая прогрессия” в 9-ом классе. Сначала даны учащимся теоратические материалы, затем, в соответствии метода уровневой диференциации, они разделяются на три группы: слабые, средние и способные.

Для учащихся 1-й группы дана одна задача целиком с объяснением ее решения, и подобная задача предлагается для самостоятельного решения. Применяем этот метод ко всем задачам, предназначенных для 1-й группы.

Учащимся второй группы предлагается только указание к данным примерам и формулы которые они должны использовать при их решении.

Учащимся 3-й группы представляем вопросы и показываем только их ответы.

Эти учащиеся должны полностью решить задачу и сравнить свой ответ с заранее показанным ответом. Конечно, в этом случае учитель ведет общий контроль за работой учеников.

Практика показала, что при обучении алгебре таким методом по теме «Арифметическая прогрессия» повышается уровень усвоения знаний учащихся. Суть обучения уровневой дифференциации состоит в том, что оно не препятствует прогрессу и развитию отдельных учащихся или определенной группы.

Напротив, это дает возможность каждому студенту или группе студентов учиться в соответствии со своими знаниями, возможностями и способностями. Достигать вершин познания не силой, страхом, а желанием.

Применение этого метода показало, что повышается развитие способностей, желаний и склонностей, интереса школьников к изучению алгебры.

Ключевые слова: методы обучения, дифференциация, уровневая дифференциация, систематично, арифметическая прогрессия, способность, качество обучения, профессиональные намерения, самостоятельность, творение и т.д.

APPLICATION OF THE METHOD OF DIFFERENTIATION IN THE STUDY OF THE TOPIC "ARITHMETIC PROGRESSION" IN THE 9TH GRADE

This article discusses the application of the method of differentiation in the study of the topic "Arithmetic progression" in the 9th grade. First, students are given theoretical materials, then, in accordance with the method of level differentiation, they are divided into three groups: weak, average and capable.

For students of the 1st group, one problem is given in its entirety with an explanation of its solution, and a similar problem is proposed for an independent solution. We apply this method to all problems intended for the 1st group.

Students of the second group are offered only an indication of these examples and the formulas that they should use when solving them. Students of the 3rd group are presented with questions and show only their answers. These students must solve the problem completely and compare their answer with the previously shown answer. Of course, in this case, the teacher maintains overall control over the work of the students.

Practice has shown that when teaching algebra using this method on the topic "Arithmetic Progression", the level of assimilation of students' knowledge increases. The essence of level differentiation training is that it does not impede the progress and development of individual students or a specific group.

On the contrary, it enables each student or group of students to learn according to their knowledge, capabilities and abilities. To reach the heights of knowledge not by force, by fear, but by desire.

The use of this method has shown that the development of abilities, desires and inclinations, the interest of schoolchildren in the study of algebra, is increasing.

Keywords: teaching methods, differentiation, level differentiation, systematically, arithmetic progression, ability, quality of teaching, professional intentions, independence, creation, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ниёзов Ҷонмаҳмад Муродович номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математика ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Сурога: 734065, РТ, ш.Кулоб, кучаи С.Сафарова 16. тел: 985-54-49-70*

Сведение об авторах: *Ниёзов Джонмахмад Муродович кандидат педагогических наук, доцент кафедры математики и методики преподавания* Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. *Адрес: 734065, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. тел: 985-54-49-70*

Information about the author: *Niyozov Jonmahmad Murodovich, Candidate of Pedagogical Sciences, docent departments of Mathematics and Teaching Methods Kulob state University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 734065, RT, Kulob, S. Safarova st. 16. tel: 985-54-49-70*

ББК 65.9+65.9 (2) (2тадж)
УДК 330.8+331 (2.тоҷик)
И - 73

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И ИДЕИ ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ СРЕДНЕВЕКОВЬЯ ОБ ЭКОНОМИЧЕСКОМ И ТРУДОВОМ ВОСПИТАНИИ

Исоева Д.С.
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки

На современном этапе экономическое образование и воспитание учащихся должно строиться в тесной связи с народными традициями истоками национальной культуры и достижениями педагогической мысли.

Положительное значение народной педагогики в наши дни в трудовом воспитании подрастающего поколения общеизвестно. Поэтому традиции народной педагогики необходимо сохранять и развивать на новой основе. Экономическая подготовка школьников в сельских школах происходит в процессе труда, быта и

отдыха, в общении с нею, поэтому у школьника появляются более богатые представления о видах фермерского труда.

Сельские виды труда, такие как земледелия, виноградарства, садоводства, ковроткачества, вышивания, кузнечного дела и многие другие, которыми сельские жители занимались в прошлом определяют этническое своеобразие отдельных областей Таджикистана по сей день. Например, элементы трудовой подготовки и этнокультурных традиций мы наблюдали в ряде районов Хатлонской области республики, в передаче старшими младшим опыта рукоделия, вышивания, ковроделия и различных видов художественных изделий. Молодое поколение имеет должное представление о технологии их изготовления, и знают распространение национальные расцветки, узоры и т.д. Это способствует формированию экономически значимых качеств, а также развитию творческих и художественных способностей у учащихся. Таким образом, в результате у них формируются такие нравственно-экономические качества как чувство долга, ответственность, дисциплина и взаимопомощь. Они постоянно привыкают к самообслуживанию и самостоятельному труду [11. 341].

Новые социально-экономические условия вносят определенные изменения в положение семьи в обществе, а также во взаимоотношения между учащимся и родителями, учащимся и общественностью. За последнее время увеличилось число семьей, в которых матери являются основным кормильцем и воспитателем (выезд мужчин на заработки, неофициальное двоеженство и другие факторы)[4;143].

Аморальность порождают бездуховность, преклонение перед деньгами, богатством, праздный образ жизни некоторых родителей и т.д.

На протяжении веков народ обобщал свой социально – исторический опыт в поговорках и пословицах.

Народ отобрал в своей многовековой истории все ценное в педагогическом отношении в практике воспитания многих поколений и правил его в форме поучительных афоризмов.

Афоризмы не просто выражают ту или иную воспитательную цель, они созданы, отшлифованы, имеют как бы определенную трудовую задачу, дидактические цели, диктуемые педагогической интуицией народа, принципом целесообразности.

Анализируя пословицы таджикского народа, мы выявили более ста пословиц, непосредственно связанных с экономическим образованием и воспитанием детей и подростков. Эти пословицы о труде и его результатах, времени, природных богатствах, рынке, торговли, деньгах, скупости, щедрости и т.д. Ниже приведем некоторые из них: «Будешь трудиться – поешь», «Потрудишься – добро получишь», «Без еды не будет беседы», «В торговле дружбы нет», «Ум – золото, мысль – серебро», «В поте лица потрудиться - из земли золото вырастает», « Если есть у тебя жизнь на полдня, то собирай богатство на день», «Во время события не забывай того, что ты ел во время голода», «Будь бедным, но не бесчестным» и т.д.

Эти поговорки и пословицы содержат целый комплекс рекомендаций, выражающих народное представление об экономическом воспитании детей и подростков.

В настоящее время существует много традиций и обычаев народной педагогики, которые оказывали и оказывают огромное влияние на экономическое воспитание молодого поколения в современных условиях.

Анализ произведений таджикских мыслителей прошлого показывает, что их идеи об экономическом воспитании, тесно сталкиваются с идеями и мыслями, выраженными в памятниках народной педагогики. В произведениях мыслителей прошлого были высказаны яркие, мудрые и полезные для современных молодых людей советы и назидания, касающихся вопросов богатства хозяйствования, благополучия, бережливости, торговли, труда, времени и т.п.

Источник формирования духовной жизни общества, возникновение общественно-экономических идей, теорий, взглядов нужно искать не в них самих, а в условиях материальной жизни общества, в общественном бытии, отражением которого они являются. Это истина была известна давно. Еще в XIV веке Ибн Хальдун писал: «…что условия, в которых живут поколения, различаются в зависимости от того, как люди добывают средства к существованию» [3;94].

История мировой цивилизации свидетельствует, что народы Востока, равным образом, как и европейцы, внесли достойный вклад в сокровищницу общечеловеческой культуры, в том числе и в различные отрасли экономической мысли.

Андешаҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф хулоса менамояд, ки вазъ бо номутобиқатии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ташкилӣ, методологӣ ва иқтисодӣ ва молиявӣ, набудани асосҳои гуногуни барномавӣ ва методологии ҷараёни таълим дар муассисаҳои томактабӣ, набудани рақобатпазирии намудҳои нави муассисаҳои томактабӣ, санҷишҳои беасос ва носолими мақомоти маҳаллӣ ва набудани баъзе имтиёзҳо ва дигар омилҳое, ки ба рушди муассисаҳои оилавӣ ва муассисаҳои хусусии томактабӣ монеъ мешаванд.

Калидвожаҳо: идоракунӣ, муассисаи таҳсилоти томактабӣ, рақобат, имтиёзҳо, омилҳо, муассисаҳои хусусии томактабӣ, рушди муассисаҳо, вазъият, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, мақомоти маҳаллӣ, фазо ва муҳити муассиса, муассисаҳои оилавӣ.

СОДЕРЖАНИЕ И СУЩНОСТЬ ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В статье исследуются особенности характера и содержания дошкольных образовательных учреждений.

По мнению автора, дошкольное образование как первый этап общеобразовательной системы в Республике Таджикистан играет важную роль в

подготовке детей к начальному образованию. Деятельность дошкольных учреждений с учетом сложившейся социально-экономической ситуации, возрождение гуманитарных методов и культурной самобытности с учетом максимальных психофизиологических особенностей формирования детей дошкольного возраста, создают необходимые условия для эффективного и полноценного развития ребенка, его успешного воспитания и развития. После обретения независимости Республики Таджикистан возникла необходимость создания новых дошкольных учреждений (частных детских центров, детских садов, групп, классов для подготовки детей к школе) с учетом потребностей родителей и задачи воспитания детей в школе.

Обобщая свои взгляды, автор приходит к выводу, что ситуация несовместима с нормативными, организационными, методическими и экономико-финансовыми документами, отсутствием различных программных и методологических основ образовательного процесса в дошкольных учреждениях, недостаточной конкурентоспособностью новых типов дошкольных учреждений, необоснованными и нездоровыми проверками местных органов власти. некоторые льготы и другие факторы, препятствующие развитию семейных и частных дошкольных учреждений.

Ключевые слова: управление, дошкольное образование, конкуренция, льготы, факторы, частные дошкольные учреждения, развитие предпринимательства, ситуация, нормативные документы, местная власть, пространство и среда, семейные учреждения.

THE NATURE AND CONTENT OF PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article explores the features of the nature and content of preschool educational institutions.

According to the author, preschool education as the first stage of the general educational system in the Republic of Tajikistan plays an important role in preparing children for primary education. The activities of preschool institutions, taking into account the current socio-economic situation, the revival of humanitarian methods and cultural identities, taking into account the maximum psychophysiological characteristics of the formation of preschool children, create the necessary conditions for the effective and full development of the child, his successful upbringing and development. After independence of the Republic of Tajikistan, it became necessary to create new preschool institutions (private kindergartens, kindergartens, groups, classes for preparing children for school), taking into account the needs of parents and the task of raising children at school.

Summarizing his views, the author comes to the conclusion that the situation is incompatible with regulatory, organizational, methodological and economic-financial documents, the lack of various program and methodological foundations of the educational process in preschool institutions, the lack of competitiveness of new types of preschool institutions, unreasonable and unhealthy checks of local authorities. some benefits and other factors hindering the development of family and private preschool institutions.

Keywords: management, preschool education, competition, benefits, factors, private preschool institutions, business development, situation, regulatory documents, local authorities, space and environment, family institutions.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Даминзода Хатичамо Азим – саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ, Сурога: 735360,ҶТ, ш. Кӯлоб, к.С.Сафаров -16. Тел.: 918339993*

Сведения об авторе: *Даминзода Хатичамо Азим – старший преподаватель кафедры начального образования Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. Адрес: 735360 РТ, г. Куляб, ул.С.Сафарова -16.. Тел.: 918339993*

***Information about the author**: Daminzoda Khatichamo Azim - senior lecturer of the Department of Primary Education Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S. Safarova-16 St. Ph. 918339993*

УДК-371+371.4
И-21

МАВҚЕИ ОИЛА ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАРБИЯ ВА ТАШАККУЛИ ИНСОН

Иззатова Н.И.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Тарбия ва ташакули шахсияти инсон дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои рӯзафзун табдил ёфтаистодааст. Зеро зиёдшавии ангезандаҳои (пайдошавии равияву унсурҳои дигари иҷтимоӣ) таъсиррасон ақлу ҳуши инсонро ба ҳар тараф майл медиҳад ва воситаи асосии солиммонии зеҳни кӯдакону наврасон ин оила мебошад. Чунки оила асоси ибтидоии ҷамъият буда, тараққиёти шахсияти инсон аз он оғоз мегирад. Раванди сотсиализатсияи шахс низ маҳз аз оила шурӯъ мешавад, зеро он ниҳоди иҷтимоиест, ки ба сифати танзимгари муносибатҳои байни одамон баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, оила низ монанди дигар институтҳои иҷтимоӣ дорои як қатор функсияҳои ба худ хос аст, ки дар қатори муҳимтарини онҳо тавлид ва тарбияи насли нав, таъмини хушбахтии инсон, ба амал овардани ёрии байниҳамдигарӣ ва масъулияти дуҷонибаи ахлоқи байни аъзоёни ин гурӯҳи хурдро дохил кардан мумкин аст. Устувории оила аз иҷрошавии сифатнок ва саривақтии ин функсияҳо вобастагии калон дорад. Маҳз иҷроиши ин функсияҳо муносибати солим ва мувофиқати психологии байни аъзоёни хонаводаро таъмин менамоянд. Гузашта аз ин зиндагии якҷоя дар хонавода ва ҳаёти умумӣ аз ҳар як аъзои он иҷрои вазифаю ӯҳдадориҳои муайянро талаб мекунад. Ҳар як аъзои хонавода вобаста ба мавқеъи ишғолкардааш вазифаҳои ба худ хосро дорад ва ин вазифаҳо мавқеи ӯро дар хонавода мустаҳкам карда, бавуҷудоии муносибатҳои солимро таъмин менамоянд. Дар сурати аз ӯҳдаи ӯҳдадории худ набаромадани ягон узви оила бояд ба ӯ фишори равони наорем, зеро ин метавонад ба солимии оила ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар оила таъсиррасон бошад. “Зуроварии рӯҳӣ дар оила таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътиборӣ як узви оила аз ҷониби дигар узви олиа бо роҳи таҳдид, таҳқир, иҳъоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳукуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломати хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад”[7, с. 1]. Масъалаи муносибати байниҳамдигарӣ дар хонавода ба куллӣ аз сохти ҷамъият, маданият, урфу одатҳо, ҷанбаҳои сиёсӣ ва иқтисодии он вобастагӣ дорад. Ҳамин буд ки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пойдориву устувории оилаҳо як қатор нақшаву чорабиниҳоро ба роҳ мондааст. Соли 2015 эълон гардидан соли оила ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” далели ин гуфтаҳост.

Оила мурабии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як наврас мебошад. Оила ягона манбаест, ки наврасон дар он одоби сухангӯиро меомӯзанд ва минбаъд ин донишу таҷрибаҳои аз худкардаашро ҳангоми ташкили ҳаёти оилавиашон истифода мебаранд. Оид ба ин масъала психолог Разумихина Г. мегӯяд: «дӯст доштанро табиат ба мо ёд намедиҳад, худи оила мактаби аввалини муҳаббат аст. Онро дар муоширати волидайн аз худ мекунад. Зуҳуроти мунтазами муҳаббати волидайн байни худ ва фарзандон (шунавоӣ ва биноӣ, эмотсионалӣ) - ӯро бой мегардонад».

Воқеан ҳам тарбияи кӯдак аз оила оғоз мегарадад. Аз ин рӯ, ба эътибор гирифтани имконияти оила дар ташаккул ва инкишофи кӯдак муҳим аст. Одатан

мафҳуми оиларо бо макони бе хавфу хатар ва пуштибонию ҳимоя алоқаманд менамоянд, ки бошандагон дар он оромиш осудагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пайдо мекунанд[5, с.7]. Пӯшида нест, ки муҳити солими психологӣ дар оила, фарҳангу маънавиёти волидайн дар инкишофи шахсияти кӯдак нақши ҳалкунанда мебозанд. Устувории оила аз иҷрошавии сифатнок ва саривақтии ин функсияҳо вобастагии калон дорад. Маҳз иҷроиши ин функсияҳо муносибати солим ва мувофиқати педагогию психологии байни аъзоёни оиларо таъмин менамоянд. Гузашта аз ин зиндагии якҷоя дар оила ва ҳаёти умумӣ аз ҳар як аъзои он иҷрои вазифаю уҳдадориҳои муайянро талаб мекунад. Ҳар як аъзои оила вобаста ба мавқеъи ишғолкардааш вазифаҳои ба худ хосро дорад ва ин вазифаҳо мавқеи аъзоёнро дар оила мустаҳкам карда, бавуҷудоии муносибатҳои солимро таъмин менамоянд.

Тавре дар боло гуфта гузаштем тарбия ба хусусиятҳои диниву этникӣ ва маданияти оилавӣ вобастагӣ дорад. Кӯдак хусусияти тақлидкорӣ дошта ҳангоми муносибати калонсолон дар оила аз онҳо ҳама чизро меомӯзад ва дар рафти ҳаёт аз онҳо истифода мебарад.

Имрӯзҳо мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки аксаран оилаҳо ин чизро дар тарбияи фарзанд ба инобат намегиранд ва дар назди кӯдакон дар мавзӯҳои мухталифи оилаӣ баҳсу мунозира менамоянд ва кӯдак низ фикр мекунад, ки ин амалҳо дурӯст асту ба онҳо пайравӣ менамоянд. Дигар масъалаи ташвишовар он аст, ки кӯдак ҳанӯз нав гапзаданро ёд гирифта истодааст, он аз дашном (аксаран) оғоз менамояд ва узви оила аз он хурсанд мегарданд. Ин аз фаҳмиши торику маданияти пасти ин гурӯҳи одамон нишон медиҳад.

Муносибатҳои волидайну фарзандон ва методҳои тарбияи оилавӣ. Муносибати байни ҳамсарон дар оила ҳолати амиқу мустаҳкам хоҳад буд, агар онҳо босаброна бошанд. Ин раванд аз мо тарзи кори махсус ва аз ҳама муҳимаш, муҳаббатро талаб мекунад. Чаҳор намуди асосии муносибатҳои оилавӣ вуҷуд доранд:

1. **Психофизиологӣ -** ин муносибати наздики биологӣ ва муносибатҳои ҷинсӣ мебошад;
2. Педагогӣ-**психологӣ** –ин дар худ самимияту кушодадилӣ, боваринокӣ, ғамхорӣ нисбати якдигар, ёрии маънавӣ ба ҳамдигар рсонидан ва ҷиҳатҳои эмотсионалиро таҷассум мекунад масалан дар зодӯзи яке аз аъзоёни оила ҳама шоди мекунанд ва баракс;
3. **Иҷтимоӣ** –ин тақсимоти нақшҳо, вобастагии моддӣ дар оила, инчунин муносибати мавқеиро (обрӯ, роҳбарӣ, итоаткунӣ ва ғайра) дар бар мегирад;
4. **Маданӣ** - ин шакли махсуси алоқаҳо ва муносибатҳои дохили оилавӣ аст, ки бо анъанаҳо, урфу одат, дин вобаста буда, дар шароитҳои маданияти муайян таркиб ёфта ба тарбия ва ташаккули инсон таъсиррасони мекунад.

Қисмати зиёди калонсолон падару модар мебошанд ва қариб, ҳар рӯзу ҳар соат ин нақши ниҳоят мураккабро бозӣ мекунанд. Ин нақш ба гурӯҳе аз одамон хушоянд аст, ба қисмати дигар он қадар писанд намеояд. Баъзеҳо барои иҷрои ин нақш солҳо омодагӣ гирифтаанд, гурӯҳи дигар баъд аз падар ё модар шудан моҳияти онро пай бурдаву ногузир ба он тан додаанд. Худро падар ё модар дарку эҳсос намудан раванди мураккабе мебошад, ки одатан арзёбии моҳияти зиндагӣ, арзишҳо, саъю кӯшишҳо ва самту тамоюлҳоро талаб мекунад. Дар зеҳни падару модар саволҳои тоза пайдо мешаванд: «Тифлаки мо кӣ хоҳад шуд? Чӣ гуна калон хоҳад шуд? Мо барои ӯ чӣ карда метавонем? Ӯро чӣ тавр тарбия намоем? ва ғайра ҷавоб ба ин саволҳо ва ба тарбияи воқеӣ баъзан вақт гуногун мешаванд.

Дар табияи фарзандон ҳар як амали иҷрошуда аз ҷониби волидайн дар ниҳоди кӯдак осори худро мегузорад, хоҳ он мусбӣ бошад хоҳ манфӣ. Аз ин рӯ яке аз шаклҳои муҳим дар тарбияи фарзанд ин муошират дар оила ба шумор меравад. Ташаккулу шахсияти наврасон ду ҷиҳат дорад. Яке аз онҳо иборат аз он аст, ки кӯдак тадриҷан

ҷаҳони атрофашро дарк кунад, мавқеи худро дар он муайян месозад ва ин амал боиси пайдоиши маромҳои нави рафтор мешаваду кӯдакон зери таъсири он рафторҳои нав зоҳир мекунанд. Намунаҳои ахлоқ барои бачаҳо пеш аз ҳама калонсолон ва муносибати мутақобилаи онҳо мебошанд. Ба рафтори бачаҳо ҳамчунин мардуми атроф ва пеш аз ҳама падару модар таъсири махсусро мерасонад. Яке аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи шахсияти кӯдак мавқеи тарбиявии падару модар мебошад, ки тарзи умумии тарбияро муайян менамояд.

Муносибатҳои дохили оилавӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши бузурге мебозад. Аҳамияти ин муносибат дар инкишофи фарзандон вобаста ба он аст, ки онҳо намунаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ин муносибатҳо бо таваллуд ёфтани фарзандон оғоз меёбад ва онҳо низ ба ин васила вориди муносибатҳои ҷамъиятӣ мегарданд. Муносибатҳои дохили оилавӣ ҳар яке ба таври алоҳида хусусиятҳои хоси худро дорад. Муносибати мутақобилаи волидайн қабл аз ҳама аз муносибати ҳамсарон, мувофиқату созиш, тақсими вазифаҳо, дастгирии якдигар ва дӯстдории онҳо вобаста аст. “Мафҳум дар бораи зану шавҳарӣ, вафодорӣ ва садоқат. Қарзи оилавӣ ва намудҳои он: ҳисси қарзу виҷдони зану шавҳарӣ, падарию модарӣ, бародарӣ ва хоҳарӣ, бобоию бибигӣ, наберагӣ, якдигарфаҳмии аъзоёни оила, боварии зану мард нисбат ба якдигар ҳисси муҳаббат нисбат ба бачагон, ва ғамхории бачагон нисбат ба волидон – асоси пойдории оила мебошад” [9, с. 8].

Омилҳои таъсиркунанда ба муносибатҳои оилавӣ, ба ташаккулу инкишофи шахсияти кӯдак ба шакли зеранд:

- таркиб, ҳайат ва сохтори оила, хусусияти муносибатҳои онҳо, махсусан байни падару модар;
- ҳамоҳангсозии нақшаҳои оилавӣ ва аз ҷониби аъзоёни оила дастгирӣ намудани низому тартиби мавҷудаи оила;
- сатҳи маълумоти волидайн, мувофиқат ва фазои умумии психологӣ дар оила;
- муносибати падару модар ба кӯдак ва таъсирбахшии онҳо.

Омили дигаре, ки дар тарбияи кӯдакон ниҳоят муҳим аст, ин мавҷудияти дигар кӯдакон дар оила мебошад. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки кӯдакони дар муҳити ягона тарбияёфта дар амал дорои хусусиятҳои гуногунанд. Барои равшансозӣ ба ин масъала бояд ҳар як кӯдакро ба таври алоҳидагӣ дида баромад.

Кӯдакон аввал то таваллуд шудани кӯдаки дуввум фарзанди ягона ҳисоб мешаванд. Барои падару модар гӯё мавҷуди нав ҳаст, ки ҳоло ӯро хуб намедонад ва аз ин рӯ нобоварию ташвишро барояш эҷод мекунад. Маҳз ба ин хотир чунин фарзанд аз ҷониби падару модар ғамхорӣ ва меҳру муҳаббати фаровон эҳсос мекард. Кӯдакони аввал аксар вақт мавқеи зеринро ишғол мекунанд: «Ман танҳо дар вақте хушбахт ҳастам, ки дигарон ба ман ҳусни таваҷҷӯҳ ва ғамхорӣ зоҳир намоянд». Ин мавқеъ, метавонад оқибатҳои номатлуб дошта бошад, фарзандро худхоҳ ва номустақил гардонад.

Масъалаи дигари тарбияи оилавӣ ин худтарбиякунӣ мебошад. Ба ақиди халқ худтарбиякунӣ дар ҳаёти бачагон нақши ниҳоят калон дорад. Барои ҳамин ҳам халқ доир ба худтарбиякунӣ афоризмҳои зиёде эҷод кардааст, ки ҷавонписарон ва духтаронро ба худтарбиякунӣ сафарбар менамояд: «Падару модарон ба ту ҳаёт мебахшиданд – идоранокиро бошад, худат тарбия намо». Ин афоризм хеле нишонрас аст. Халқ барномаи хоси худтарбиякунии ҷавононро пешниҳод намуд, ки он чунин садо медиҳад: «Хубиро ба андозааш кун, бадро умуман накун», «Агар худро донистан хоҳӣ, фикри одамонро фаҳм», «Ахлоқи хубро дар симои бадахлоқон омӯз», «Хушмуомилагиро аз аблаҳон омӯз», «Аз ҳад зиёд ширин нашав, ки туро мехӯранд ва аз ҳад зиёд талх маваш, ки туро мепартоянд». «Садбор чен кун – як бор бибур», «Кабутари ду бома машав», «Ҳамон тавр рафтор кун, чӣ тавре мехоҳӣ бо ту рафтор кунанд», «Агар зиёфат кунанд, ҳатто об бошадҳам нӯш», «На танпарастӣ, балки душвориро

омӯз», «Бисёр дону кам гӯй», «Кореро ки саркардӣ нек ба анҷом расон», «Шӯҳрат пайдо кардӣ аз худ марав», «Ба ақл, хирад ва ба ҷаҳд худдрориро зам кун», «Агар ба сар шамшер ояд росташро гӯй» чунинанд гуфтаҳои халқии тоҷикон, ӯзбекон, қазоқон, қирғизон, қароқолпақҳо ва дагар халқҳои Осиёи Миёна. Дар ин гуфтаҳо боварии комиле садо медиҳад, то ки ба воситаи худтарбиякунии ҷавонон дар худ сифатҳои беҳтарини инсониро ба вуҷуд оварда (тарбия карда) тавонанд, бамонанди: олиҳиматӣ, хушмуомилагӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳақиқатпарастӣ, поквиҷдониикомил ва ростқавлӣ.

Ҳар як инсон барои инкишофи дурусту муносиб ба меҳру муҳаббати падару модар ниёзманд аст. Ӯ ниёзманди баҳову арзиши сазовору муносиб аст, ҳамчунин эҳтиёҷ, ба касе дорад, ки ӯро фаҳмад. Хар як амали номуносиби падару модар, ки аз рӯи меҳри беандоза сурат мегирад, метавонад боиси халалёбии рафтори кӯдак гардад. Аз ин рӯ, барои инкишофи солими кӯдакон муносибати падару модарон аҳамияти зиёде дорад. Ба қавли Сухамлинский В.Л., дар оилаҳое, ки муносибати ҳамсарон мусолиҳатомезу муносиб аст, роҳ барои фарзандон ҳамеша кушода аст. Дар ин оила эътимоду бовариҳо бо зебогиҳои инсоният на ороишу амнияти ботинӣ зиёд аст. Онҳо ба ҳар чӣ, ки ғайриахлоқӣ ва ё зидди ичтимоӣ аст, оштинопазирона муносибат мекунанд.

Роҳи асосии таъсиррасонии калонсолон ба ташаккули шахсияти кӯдакон, ба онҳо омӯзондани меъёрҳои ахлоқӣ аст. Рафтору муносибатҳои калонсолон пеш аз ҳама метавонад барои кӯдакон намунаи ибрат бошанд. Албатта, ба рафтору кирдори кӯдак рафтору амали мардуми атроф таъсир мерасонад. Равшан аст, ки кӯдакон бо қобилияти хуби тақлидкуниашон фарқ мекунанд. Онҳо тарзи рафтору кирдори калонсолонро зуд таҳлил намуда, ба онҳо тақлид мекунанд, тарзи арзёбӣ ва баҳодиҳиро аз калонсолон қабул менамоянд. Баъд аз он, ки муносибати эмотсионалии кӯдак нисбат ба худаш пайдо мешавад, дар ӯ кӯшиши ба талаботҳои калонсолон мувофиқ шудан ба амал меояд. Ҷиҳати мусбати ин кӯшиш ҳиссиёти ахлоқӣ ва ё виҷдон аст. Ташаккули ахлоқии шахсият донишҳоеро ташкил медиҳанд, ки кӯдак онҳоро қабул мекунад. Дар ин давра барои кӯдак лозим аст, ки ӯро ҳамчун шахсият бишносад ва ба ӯ ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намояд.

Барои ташаккули алоқаҳои маънавии мустаҳкам миёни волидайну кӯдакон сатҳи баланди эътимоди дуҷониба миёни онҳо, эҳтирому боварӣ ва ҳусни тафоҳум лозим аст. Набудани ин шароитҳо метавонад ба рушду инкишофи шахсияти кӯдакон таъсири манфӣ расонад. Дар ташаккули шахсияти кӯдакон ҳар як рӯйдоду ҳодисаи номатлубе, ки дар чаҳор девори оила мегузарад, метавонад таъсири муайян расонад.

Хулоса хар як инсон барои инкишофи дурусту муносиб ба меҳру муҳаббати падару модар ниёзманд аст. Ӯ ниёзманди баҳову арзиши сазовору муносиб аст, ҳамчунин эҳтиёҷ, ба касе дорад, ки ӯро фаҳмад. Хар як амали номуносиби падару модар, ки аз рӯи меҳри беандоза сурат мегирад, метавонад боиси халалёбии рафтори кӯдак гардад. Аз ин рӯ, барои инкишофи солими кӯдакон муносибати падару модарон аҳамияти зиёде дорад. Тибқи нишондодҳои муҳақиқон (Спивоковская ва Кочубей) тарбияи кӯдакон дар оилае, ки муносибатҳои зану шавҳарӣ устувор аст, чунин хусусиятҳоро пайдо мекунанд:

А). Кӯдак рафтореро аз худ мекунанд, ки ба ҷинси ӯ мувофиқ аст;

Б). Дар ниҳоди онҳо сифатҳое мисли хушмуоширатӣ, боинтизомӣ, фаъолнокӣ ва амалҳои иродавӣ ташаккул меёбанд [8, с. 113].

Дар табияи фарзандон ҳар як амали ичрошуда аз ҷониби волидайн дар ниҳоди кӯдак осори худро мегузорад, хоҳ он мусбӣ бошад хоҳ манфӣ. Аз ин рӯ, яке аз шаклҳои муҳим дар тарбияи фарзанд ин муошират дар оила ба шумор меравад. Ташаккулу шахсияти наврасон ду ҷиҳат дорад. Яке аз онҳо иборат аз он аст, ки кӯдак тадриҷан ҷаҳони атрофашро дарк кунад, мавқеи худро дар он муайян месозад ва ин амал боиси

пайдоиши маромҳои нави рафтор мешаваду кӯдакон зери таъсири он рафторҳои нав зоҳир мекунанд. Намунаҳои ахлоқ барои бачаҳо пеш аз ҳама калонсолон ва муносибати мутақобилаи онҳо мебошанд. Ба рафтори бачаҳо ҳамчунин мардуми атроф ва пеш аз ҳама падару модар таъсири махсусро мерасонад. Яке аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи шахсияти кӯдак мавқеи тарбиявии падару модар мебошад, ки тарзи умумии тарбияро муайян менамояд. Аз ин рӯвазифаи авалиндараҷа барои оиилаҳои муосир, ин пеш аз ҳама шароит фароҳам овардан барои тарбияи фарзанд дар фазои солимии психологии оилавӣ мебошад.

Адабиёт:

1. А.И. Сино. Осори мунтахаб. Ҷилдҳои 1-11 / А.И. Сино. – Душанбе, 1989.
2. Абдулоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи авали асри XI / А.Абдулоев. – Душанбе, 1994
3. Айни С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъу-л-вақоеъ» / С.Айнӣ. – Сталинобод. 1956.
4. Айнӣ С. Таҳзиб-ус-сибён / С.Айнӣ. – Душанбе, 1994.
5. Давлатов М. Дастур оид ба офиятбахшии психологии ҷабрдидаҳои зӯровай дар оила / М.Давлатов. – Душанбе, 2020.
6. Дониш А. Асарҳои мунтахаб / А. Дониш. – Сталинобод, 1959.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ” аз 19.03.2013, №954.
8. Миралиев А.М., Давлатов М. Педагогика ва психология / А.М.Миралиев, М. Давлатов. - Душанбе, 2007.
9. Мустафоқулов Т. “Этика ва психологияи ҳаёти оилавӣ” / Т.Мустафоқулов. – Кӯлоб, 1997
10. Обидов И.О. История развития народного образования в Таджикистане (1917-1967) / И.О.Обидов. – Душанбе: Ирфон, 1968
11. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагоги халқи тоҷик / М.Орифӣ. – Душанбе, 1962.
12. Очерки истории школы и педагогической мысли народов СССР. 1919-1986. –М.: Педагогика, 1987.
13. Саъдии Шеърозӣ. Бустон. – Душанбе, 1965.
14. Соколова М.А. и др. Сравнительная педагогика / М.А. Соколова и др. – М.: Просвещение, 1976. – 192с.
15. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ҷилди 9 / А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1946-1966.
16. Ҷомӣ А. Осори мунтахаб. Ҷилди 5./ А. Ҷомӣ. – Душанбе, 2000.

МАВҚЕИ ОИЛА ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАРБИЯ ВА ТАШАККУЛИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур доир ба масъалаи таълиму тарбия дар оила ва воситаҳои ташакули шахсияти инсон, мавқеи оила дар ҷамъият, оила ҳамчу ниҳоди иҷтимоӣ, таъсири муносибатҳои оилавӣ ба таълиму тарбияи фарзанд ва шаклҳо оила сухан меравад.

Роҳи асосии таъсиррасонии калонсолон ба ташаккули шахсияти кӯдакон, ба онҳо омӯзондани меъёрҳои ахлоқӣ аст. Рафтору муносибатҳои калонсолон, пеш аз ҳама метавонад барои кӯдакон намунаи ибрат бошанд. Албатта, ба рафтору кирдори кӯдак рафтору амали мардуми атроф таъсир мерасонад. Равшан аст, ки кӯдакон бо қобилияти хуби тақлидкуниашон фарқ мекунанд. Онҳо тарзи рафтору кирдори калонсолонро зуд таҳлил намуда, ба онҳо тақлид мекунанд, тарзи арзёбӣ ва баҳодиҳиро аз калонсолон қабул менамоянд.

Муносибатҳои дохили оилавӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши бузурге мебозад. Аҳамияти ин муносибат дар инкишофи фарзандон вобаста ба он аст, ки онҳо намунаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ин муносибатҳо бо таваллуд ёфтани фарзандон оғоз меёбад ва онҳо низ ба ин васила вориди муносибатҳои ҷамъиятӣ мегарданд. Муносибатҳои дохили оилавӣ ҳар яке ба таври алоҳида хусусиятҳои хоси худро дорад. Муносибати мутақобилаи волидайн қабл аз ҳама аз муносибати ҳамсарон, мувофиқату созиш, тақсими вазифаҳо, дастгирии якдигар ва дӯстдории онҳо вобаста аст.

Калидвожа: оила, давлат, муҳит, муҳити иҷтимоӣ, ниҳод, тарбия, таълим, фарзанд, падар, модар.

РОЛЬ СЕМЬИ КАК СОЦИАЛЬНОГО ИНСТИТУТА В ВОСПИТАНИИ И ФОРМИРОВАНИИ ЧЕЛОВЕКА

В статье рассматриваются вопросы воспитания в семье и средства формирования личности человека, роль семьи в обществе, семья как социальный институт, влияние семейных отношений на образование и воспитание детей и формы семьи.

Основной способ воздействия взрослых на развитие личности детей - привить им моральные ценности. Прежде всего, поведение взрослых может быть образцом подражания для детей. Конечно, на поведение ребенка влияет поведение окружающих его людей. Понятно, что дети отличаются хорошим подражанием. Они быстро анализируют и имитируют поведение взрослых и принимают методы оценки у взрослых.

Внутрисемейные отношения играют важную роль в развитии личности ребенка. Важность этих отношений в развитии детей зависит от того, что они являются особым примером социальных отношений. Эти отношения начинаются с рождения детей, а также вступают в социальные отношения. Внутрисемейные отношения, каждое из которых имеет свои особенности. Отношения между родителями зависят, прежде всего, от взаимоотношений супругов, согласия и разделения обязанностей, взаимной поддержки и любви.

Ключевые слова: семья, государство, среда, социальная среда, институт, воспитание, образование, ребенок, отец, мать.

THE ROLE OF THE FAMILY AS A SOCIAL INSTITUTION IN THE UPBRINGING AND FORMATION OF THE HUMAN

The article discusses the issues of upbringing in the family and the means of forming a person's personality, the role of the family in society, the family as a social institution, the influence of family relations on the education and upbringing of children and the form of the family.

The main way adults influence the development of the personality of children is to instill in them moral values. First of all, adult behavior can be a role model for children. Of course, the behavior of the child is influenced by the behavior of the people around him. It is clear that children are distinguished by good imitation. They quickly analyze and mimic adult behavior and adopt assessment and assessment techniques from adults.

Intrafamily relationships play an important role in the development of the child's personality. The importance of these relationships in the development of children depends on the fact that they are special example of social relationships. These relationships begin with the birth of children and also enter into social relationships. Intra-family relationships, each of which has its own characteristics. The relationship between parents depends, first of all, on the relationship of spouses, consent and consent, sharing of responsibilities, mutual support and love.

Keywords: family, state, environment, social environment, institution, upbringing, education, child, father, mother.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: Иззатова Нозанин Икромовна - муаллими калони кафедраи равоншиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 734065, ҶТ, ш.Кулоб, кучаи С.Сафарова 16. Тел: 988752904*

***Информация об авторе:** Иззатова Нозанин Икромовна - старший преподаватель кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки. Адрес: 734065, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел .: 988752904*

***Information about the author:** Izzatova Nozanin Ikromovna - Senior Lecturer, Department of Psychology, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 734065, RT, Kulob, st. S. Safarova, 16. Tel.: 988752904,*

УДК 52
ББК 22.6 (2. тоҷкӣ)

МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ҚОНУНҲОИ КЕПЛЕР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ АСТРОНОМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Сулаймони А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Таълими астрономия дар ҳамбастагӣ бо дигар фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити имрӯза яке аз воситаҳои асосии дарки олами воқеӣ буда, бисёр ҳодисаҳои табиӣ, аз қабили афканишоти Офтоб ва хуруҷҳои магнитӣ, радиоалоқа, мадду ҷазр, тағйирёбии иқлим ва дигар равандҳои дар фазои назди Замин ба амалояндаро тавсиф ва шаҳру эзоҳ медиҳад, ки он барои эҳтиёҷоти сокинони кураи Замин - инсон басо муҳим аст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои рушди тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 – 2040 **«Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»** эълон карда шуд.

Дар шароити имрӯза, ки тайёрии хонандагон аз фанҳои дақиқ дар ҳолати рушд қарор дорад, аз омӯзгорон тақозо менамояд, ки муносибаташонро ба мазмуну мундарариҷа ва методикаи таълими фанҳои табиатшиносиву дақиқ сифатан беҳтар намуда, онро ба талаботи замон мувофиқ намоянд, зеро дар асри XXI кашфиёту ихтироот маҳз дар доираи ин фанҳо бештар суръат мегирад.

Ба мақсади ёрии методӣ расонидан ба омӯзгорони фанни астрономия дар таълим яке аз қонунҳои бунёдии ин фан қонунҳои Кеплер, бахусус ҷиҳати дар амалия истифода намудани онҳо нуқтаи назари худро иброз медорем. Дар айни замон омӯзгорони ин фанни таълимӣ аз сабаби мавҷуд набудани адабиёти ба забони тоҷикӣ мушкилӣ мекашанд, зеро ба назар мерасад, ки омӯзгорони ин фан аз сабаби дастрасӣ надоштан ба адабиёти илмӣ ва методии зарурӣ дар таълими ин мавзӯъ ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар асри XVI дар таърихи илмҳои табиатшиносӣ, бахусус астрономия, кашфиёти инқилобӣ ба вуҷуд омад. Ин кашфиёт бо қалами олими лаҳистонӣ Николай Коперник (1473 – 1543) алоқамандӣ дорад. Коперник соли 1543 «Дар бораи гардиши кураҳои осмонӣ» ақидаи заминмарказии Батлимусро инкор карда, фикри худро оид ба Офтоб - марказии оламро иброз дошт, ки мувофиқи он Офтоб маркази галактика мебошад, Иоҳан Кеплер (1571 – 1630) дар асоси мушоҳидаҳои бисёрсолаи устоди худ

Тихо Браге (1546 – 1601) қонунҳои ҳаракати сайёраҳоро кашф кард. Вай дар ибтидои асри XVII даврзании Миррихро дар атрофии Офтоб омӯхта, се қонуни ҳаракати сайёраҳоро кашф намуд [11, с.87].

Қонуни якуми Кеплер

Ҳар як сайёра дар атрофи Офтоб аз рӯи мадори эллипсӣ давр мезанад, ки дар яке аз фокусҳояш Офтоб ҷой гирифтааст.

Мувофиқи қонуни якуми Кеплер сайёраҳо аз рӯи мадорҳои эллипсӣ ҳаракат мекунанд. Эллипс гуфта хати каҷи ҳамвори маҳдудеро меноманд, ки хосияташ чунин аст: ҳосили ҷамъи масофаи ҳар як нуқтаи вай аз нуқтае, ки онҳоро фокус меноманд, доимӣ мемонад. Ин ҳосили ҷамъи масофаҳо ба дарачаи тири калони эллипс DA баробар аст. Нуқтаи O – маркази эллипс, K ва S - қонунҳост. Офтоб дар ин ҳолат дар қонуни S воқеъ аст. $a = DO = OA$ (1) (нимтираи калони эллипс). Нимтираи калони масофаи миёнаи сайёра аз Офтоб мебошад, яъне

$$a = \frac{DS + SA}{2} (1)$$

Нуқтаи ба Офтоб наздиктарини мадор A – ро перигелий ва нуқтаи аз он дуртарин D – ро афелий меноманд. Оид ба нуқтаи ба Офтоб наздиктарин ва дуртарини мадорро дар расми 1 нишон дода шудааст.



Расми 1. Қонуни якуми Кеплер

Дарачаи кашолёбии эллипсро эксентриситети он тавсиф медиҳад. Эксентриситет ба нисбати масофаи қонун аз маркази OK=OS ба дарозии нимтири калон a баробар аст, яъне

$$a = \frac{OS}{OA} (2)$$

Дар мавриде, ки қонунҳо бо марказ ҳамчоя меафтанд ($e = 0$), эллипс ба давра мубаддал мешавад. Дар расми 1 эксентриситети нишон дода шудааст. Формулаи масофаи перигелий, афелий ва эксентриситети мадорро чунин менависем.

$$q = a - c = a - ae = a(1 - e) (3)$$

$$q = a + c = a + ae = a(1 + e) (4)$$

$$e = 1 - \frac{q}{a} (5)$$

Дар формулаҳои (2) ва (3) $e-$ эксентриситети мадори сайёра ном дорад. Мадори сайёраҳо эллипсҳоеанд, ки аз давра кам фарқ доранд, яъне эксентриситети онҳо хеле хурд аст. Барои сайёраҳо қиматҳои он гуногун буда, дар ҷадвали (1) нишон дода шудааст ва бе надонистани эксентриситети сайёраҳо масофаи сайёраҳоро дар нуқтаҳои перигелий ва афелий ҳисоб кардан ғайири имкон аст.

Ҷадвали 1

Сайёраҳои системаи Офтоб мувофиқи қонуни якуми Кеплер

№	Номи сайёраҳои системаи Офтобӣ	Нимтираи калони сайёраҳо		Эксентри-ситети мадори сайёраҳо	Масофа дар перигелий $q,(в.а.)$	Масофа дар афелий $Q,(в.а.)$
		в.а.	млн. км			
1.	Уторид	$a=0{,}3871$	$a=59{,}91$	$e=0{,}2056$	$q=0{,}3075$	$Q=0{,}4667$
2.	Зӯҳра	$a=0{,}7233$	$a=108{,}21$	$e=0{,}0068$	$q=0{,}718$	$Q=0{,}7282$
3.	Замин	$a=1{,}0000$	$a=149{,}60$	$e=0{,}0167$	$q=0{,}9833$	$Q=1{,}167$
4.	Миррих	$a=1{,}5237$	$a=227{,}95$	$e=0{,}0934$	$q=1{,}3814$	$Q=1{,}666$
5.	Муштарӣ	$a=5{,}2028$	$a=778{,}34$	$e=0{,}0481$	$q=4{,}9525$	$Q=5{,}453$
6.	Зуҳал	$a=9{,}5388$	$a=1427{,}00$	$e=0{,}0538$	$q=9{,}0256$	$Q=10{,}052$
7.	Уран	$a=19{,}1910$	$a=2870{,}97$	$e=0{,}0460$	$q=18{,}308$	$Q=20{,}07$
8.	Нептун	$a=30{,}0707$	$a=4498{,}59$	$e=0{,}0079$	$q=29{,}833$	$Q=2405{,}65$

Нимтираи калони мадори сайёраҳо тавассути формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$a=\frac{q+Q}{2} \quad (6)$$

$a-$масофаи миёнаи сайёраро аз Офтоб нишон медиҳад. Масофаи миёнаи Офтобу Заминро, ки ба нимтири калони мадор a_0 баробар аст, ҳамчун воҳиди ченаки масофа дар системаи Офтоб қабул намудаанд, ва онро як воҳиди астрономӣ (в.а.) номидаанд. Мувофиқи ченкуниҳои ҳозиразамон як воҳиди астрономӣ ба $a_0=149{,}6\cdot10^6 км$ баробар аст.

Ҳоло барои возеҳтар дарк намудани қонуни якуми Кеплер аз формулаҳои (2), (3) ва (4) истифода бурда, якчанд масъаларо ҳал карда мебароем.

Намунаи ҳалли масъала оид ба қонуни якуми Кеплер

Масъалаи 1. Масофаи перигелий ва афелйи сайёраи Уран бо в.а. ёфта шавад, агар нимтир калон ба $a=19{,}18 в.а.$ ва эксентриситети мадори вай ба $e=0{,}047$ баробар бошад?

Дода шуда аст:

$a=19{,}18 в.а.$

$e=0{,}047$

$q=?$

$Q=?$

$a=?$

Ҳал:

$q=a(1-e)$ (1) -масофа барои перигелиӣ

$Q=a(1+e)$ (2) -масофа барои афелиӣ

қиматҳои дар шарти масъала додашударо ба ин формулаҳо гузошта, ҳисоб мекунем:

$$q=a(1-e)=19{,}18(1-0{,}047)=19{,}18\cdot0{,}953=18{,}278 в.а\approx18{,}3 в.а.$$

$$a=\frac{q+Q}{2}=\frac{18{,}3+20{,}1}{2}=\frac{38{,}4}{2}=19{,}2 в.а.$$

Ҷавобҳо: $(q\approx18{,}3 в.а., Q\approx20{,}1 в.а., a=19{,}2 в.а.)$

Масъалаи 2. Масофаи перигелийи ва афелий сайёраи Муштарӣ бо в. а. ҳисоб карда шавад, агар нимтири калон ба $a=5.203 в.а.$ ва эксентриситети мадори вай ба $e=0.048$ баробар бошад.

Дода шуда аст:.

$a=5.203 в.а.$

$e=0{,}048$

$q=?$

Ҳал:

Барои ҳал кардани ин масъала аз формулаҳои болоӣ истифода бурда, масофаҳои перигелий ва афелийро барои сайёраи Муштарӣ ҳисоб мекунем.

$Q = ?$ $q = a(1-e) = 5.203(1-0.048) = 5.203 \cdot 0.952 = 4.953в.а$

$a = ?$ $Q = a(1+e) = 5.203(1+0.048) = 5.203 \cdot 1.048 = 5.4527 \approx 5.453в.а$

$$a = \frac{q+Q}{2} = \frac{4{,}953+5{,}453}{2} = \frac{10{,}406}{2} = 5{,}203в.а.$$

Чавобҳо: ($q \approx 4{,}953в.а., Q = 5{,}453в.а., a = 5{,}203в.а.$)

Қонуни дуюми Кеплер (қонуни масоҳатҳо)

Мувофиқи қонуни дуюми Кеплер радиус – вектори сайёра дар фосилаҳои баробари вақт масоҳатҳои баробарро мекашад.

Сайёра ба Офтоб ҳар қадар наздик бошад, суръати вай ҳамон қадар меафзояд. Мувофиқи қонуни якуми Кеплер дар масофаи перигелий ва афелеий суръати ҳаракати сайёраҳо якхела намешаванд. Яъне агар сайёра камонҳои AH ва CD –ро дар фосилаҳои баробари вақт кашад, масофаҳои SAH ва SCD бо ҳам баробар мешаванд (расми 1).

Вале дарозии ин камонҳо, ки масоҳатҳои баробарро маҳдуд мекунанд, гуногун мебошанд. Яъне $AH = CD$ мешавад.

Мувофиқи қонуни дуюми Кеплер сайёраҳо ба Офтоб ҳар қадар наздик бошанд, суръати он аз рӯйи мадор ҳамон қадар зиёд мешавад. Барои ҳамин суръати калонтаринро ϑ_q сайёра дар перигели ва хурдтаринро ϑ_Q дар афелий доро мебошад. Ҳамин тавр, қонуни дуюми Кеплер миқдори тағйир ёфтани суръати ҳаракати сайёраро аз рӯйи мадори эллипсӣ муайян карда мекунад [1, с.81].

Акнун формулаҳои суръати ҳаракати сайёраҳоро дар мадори эллипсӣ барои нуқтаи перигелий ва афелий дар шакли зерин менависем.

$$\vartheta_q = \vartheta_a = \sqrt{\frac{Q}{q}} \quad (1)$$

$$\vartheta_Q = \vartheta_a = \sqrt{\frac{q}{Q}} \quad (2)$$

Мувофиқи қонуни дуюми Кеплер суръати ҳаракати сайёраҳо дар нуқтаи перигелий ва афелий гуногун аст, ки дар ҷадвали 2 барои сайёраҳои системаи Офтобӣ нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2

№	Номи сайёраҳои системаи Офтобӣ	Нимтираи калони сайёраҳо в.а.	Эксентриситети мадори сайёраҳо	Суръати миёнаи орбитаи сайёраҳо $\vartheta_a, (\frac{км}{с})$	Суръати ҳаракати сайёраҳо дар нуқтаи перигелий $\vartheta_q, (\frac{км}{с})$	Суръати ҳаркати сайёраҳо дар нуқтаи афелий $\vartheta_Q, (\frac{км}{с})$
1	Уторид	$a = 0{,}3871$	$e = 0{,}2056$	47,86	59,09	38,82
2	Зӯҳра	$a = 0{,}7233$	$e = 0{,}0068$	35,01	7,13	6,50
3	Замин	$a = 1{,}0000$	$e = 0{,}0167$	29,78	30,28	29,28
4	Миррих	$a = 1{,}5237$	$e = 0{,}0934$	24,12	26,50	21,97
5	Муштарӣ	$a = 5{,}2028$	$e = 0{,}0481$	13,06	13,70	12,44
6	Зуҳал	$a = 9{,}5388$	$e = 0{,}0538$	9,64	10,2	9,11
7	Уран	$a = 19{,}1910$	$e = 0{,}0460$	6,80	7,13	6,503
8	Нептун	$a = 30{,}0707$	$e = 0{,}0079$	5,43	5,46	5,39

Аз формулаҳои (9) ва (10) истифода бурда масъалаеро оид ба суръати ҳаракати сайёраҳо дар нуқтаи перигелий ва афелий ҳал намуда, нишон медиҳем.

Намунаи ҳалли масъала оид ба қонуни дуюми Кеплер.

Масъалаи 3. Суръати ҳаракати сайёраи Уран дар нуқтаҳои перигелий ва афелий ҳисоб карда шавад, агар эксентриситети мадор ба $e = 0{,}04610$ ва суръати миёнаи он ба $\vartheta_a = 6{,}81 км/с$ баробар бошад.

Дода шуда аст:

$e = 0{,}04610$

Ҳал:

$\vartheta_a = 6{,}81 км/с$	Суръати ҳаракати сайёра дар нуқтаи перигелий чунин
$\vartheta_q = ?$	$\vartheta_q = \vartheta_a\sqrt{\frac{Q}{q}}$ (1) ифода карда мешавад. Азбаски масофаи
$\vartheta_Q = ?$	сайёра дар нуқтаи перигелий бо формулаи $q = a(1-e)$ ва масофаи сайёра дар нуқтаи афелийи $Q = a(1+e)$ (2) ифода миёбанд формулаи (1) – ро дар шакли зерин менависем.

$$\vartheta_q = \vartheta_a\sqrt{\frac{a(1+e)}{a(1-e)}} = \vartheta_a\sqrt{\frac{1+e}{1-e}} \quad (3)$$

Ба формулаи (2) қиматҳои дар шарти масъала додашударо гузошта суръати ҳаракати сайёраи Уранро дар нуқтаи перигелий ҳисоб мекунем.

$$\vartheta_q = \vartheta_a\sqrt{\frac{1+e}{1-e}} = 6{,}81\sqrt{\frac{1+0{,}0461}{1-0{,}0461}} = 6{,}81\sqrt{\frac{1{,}0461}{0{,}9539}} = 6{,}81\sqrt{1{,}0966} = 6{,}81\cdot 1{,}0471 = 7{,}13\frac{км}{с}$$

Бо ҳамин тартиб суръати ҳаракати сайёраи Уранро дар нуқтаи афелий ҳисоб мекунем.

$$\vartheta_Q = \vartheta_a\sqrt{\frac{q}{Q}} = \vartheta_a\sqrt{\frac{a(1-e)}{a(1+e)}} = \vartheta_a\sqrt{\frac{1-e}{1+e}} \quad (4)$$

$$\vartheta_Q = \vartheta_a\sqrt{\frac{1-e}{1+e}} = 6{,}81\sqrt{\frac{1-0{,}0461}{1+0{,}0461}} = 6{,}81\sqrt{\frac{0{,}9539}{1{,}0461}} = 6{,}81\sqrt{0{,}91186} = 6{,}81\cdot 0{,}9549 = 6{,}503\frac{км}{с}$$

Ҷавоб: ($\vartheta_q = 7{,}13\frac{км}{с}$, $\vartheta_Q = 6{,}503\frac{км}{с}$ **).**

Масъалаи 4. Суръати миёнаи мадори Зуҳраро ($n = -\infty, e = 0$) будан ҳисоб кунед. Агар массаи Офтоб ба $M_\oplus = 2\cdot 10^{30} кг$ баробар бошад?

Дода шуда аст:

$n = -\infty$	Ҳал:
$e = 0$	Барои муайян кардани нимтираи калони мадори сайёраи
$M_\oplus = 2\cdot 10^{30} кг$	Зуҳра аз формулаи қоидаи Титус-Бодей истифода бурда,
$\vartheta_M = ?$	муайян мекунем: $a_n = 0{,}4 + 0{,}3\cdot 2^n$ (1)

$$a_n = 0{,}4 + 0{,}3\cdot 2^n = 0{,}4 + 0{,}3\cdot 2^{-\infty} = 0{,}4 + 0{,}3\cdot 1 = 0{,}7 в.а.$$

Сипас барои муайян кардани суръати миёнаи ҳаракати Зуҳра дар атрофи Офтоб аз формулаи суръати якуми кайҳонӣ истифода мебарем.

$$\vartheta_M = \sqrt{\frac{G\cdot M_\oplus}{a}} \quad (2)$$

$$\vartheta_M = \sqrt{\frac{G\cdot M_\oplus}{a}} = \sqrt{\frac{6{,}67\cdot 10^{-11}\cdot 2\cdot 10^{30}}{0{,}7\cdot 150\cdot 10^9}} = \sqrt{\frac{13{,}34\cdot 10^{19}}{105\cdot 10^9}} = \sqrt{0{,}13\cdot 10^{10}} = 0{,}356\cdot 10^5 = 35{,}6\frac{км}{с}$$

Ҷавоб: $\vartheta_M = 35{,}6\frac{км}{с}$

Қонуни сеюми Кеплер.

Мувофиқи қонуни сеюми Кеплер - квадратҳои даврҳои гардиши ситоравии сайёраҳо чун куби нимтираи калони мадори онҳо нисбат доранд.

Агар нимтираи калони мадор ва даври гардиши ситорагии як сайёраро бо a_1, T_1, ва аз они сайёраи дигарро бо a_2, T_2, ифода кунем, он гоҳ қонуни сеюми Кеплер ин тавр навиштан мумкин аст:

$$\frac{T_1^2}{T_2^2}=\frac{a_1^3}{a_2^3} \quad (1)$$ аз ин ҷо $$\frac{T_1^2}{a_1^3}=\frac{T_2^3}{a_2^3}=\frac{T_3^2}{a_3^3}=\frac{T_n^2}{a_n^3}=C \quad (2)$$

Барои ҳамаи сайёраҳои низоми Офтобӣ бузургии доимӣ мебошад ва доимии қонуни сеюми Кеплер номида мешавад, ки қимати ададиаш аз воҳидҳои ченкунии қабулкардашуда вобаста мебошад. Ҳамин тариқ, агар T- ро бо даврҳои гардиши Замин (бо солҳои ситорагӣ) ва a- ро бо воҳидҳои астрономӣ (в. а.) ифода намоем, он гоҳ барои Замин $T=1$ ва $a=1$ аз ин ҷо $C=1$ мешавад ва он вақт барои дилхоҳ сайёра ҳосил мекунем.

$$T^2=a^3 \quad (3)$$

ва ин имконият медиҳад, ки аз рӯи натиҷаҳои мушоҳидаҳои даври гардиши ҷирмҳои осмонӣ бо солҳои ситорагӣ дар атрофи Офтоб, ки маълум мебошанд, бо осонӣ масофаи миёнаи гелиомарказӣ бо в.а. ҳисоб карда мешавад.

Дар ифодаи қонуни сеюми Кеплер қиматҳои эксентриситетҳои мадорҳо дохил намешаванд. Барои ҳамин, мадорҳои эксентриситетҳо кадом кашолёбӣ (кашолёбиро) доро набошад ҳам, ҳангоми баробар будани нимтирҳои калони мадорҳо, даврҳои гардишӣ аз рӯи онҳо якхела мебошанд.

Ба воситаи қонуни сеюми Кеплер масофаҳои миёнаи сайёраҳоро аз Офтоб бо даври гардиши сидерӣ ва синодии сайёраҳоро вобаста карда, имконият медиҳад, ки масофаҳои нисбии онҳо аз Офтоб муайян карда шаванд.

Барои фаҳмиши пурраи қонуни сеюми Кеплер якчанд ҳалли масъалаҳоро нишон медиҳем.

Масъалаи 5. Даври гардиши ситорагии Муштарӣ дар атрофи Офтоб $T_1=12сол-$ ро ташкил медиҳад. Масофаи миёна аз Муштари то Офтоб чи қадар аст?

Дода шуда аст: Барои ҳалли ин масъала аз қонуни сеюми Кеплер истифода мебарем.

$T_1=12сол$

$T_2=1сол$

$a_2=1в.а$

$a_1=?$

$$\frac{T_1^2}{T_2^2}=\frac{a_1^3}{a_2^3} \quad (1)$$

$$T_1^2a_2^3=T_2^2a_1^3 \quad (2)$$

Ҳангоми $T_2=1$ сол ва $a_2=1$в.а, будан ҳосил мекунем:

$$T_1^2\cdot 1=1\cdot a_1^3 \quad (3)$$

$T_1^2=a_1^3$ (4) пас, аз ин ҷо $a_1^3=T_1^2$ (5)

$$a_1=\sqrt[3]{T_1^2} \quad (6)$$

Қиматҳои дар шарти масъала додашударо ба формулаи (6) гузошта, ҳисоб менамоем.

$$a_1=\sqrt[3]{T_1^2}=\sqrt[3]{12^2}=\sqrt[3]{144}=5,2414в.а\approx 5,2в.а$$

Азбаски $1в.а.=150млн.км$ аст, он гоҳ $a_1=5,2в.а$ -ро бо млн км ифода мекунем.

$$a_1=5,2в.а\cdot 150млн.км=780млн.км$$

Ҷавоб: $a_1=780млн.км$

Масъалаи 6. Миррих аз Офтоб нисбат ба Замин 1,5 маротиба дур ҷойгир аст. Бо назардошти шакли даврии мадор давомоти солро дар Миррих муайян намоед.

Дода шуда аст:

Ҳал:

$\frac{a_M}{a_3} = 1{,}5 маротиба$

$a_M = 1{,}5a_3 = 1{,}5в, а$

$T = ?$

Аз қонуни сеюми Кеплер истифода бурда масъаларо ҳал мекунем. Формуларо дар шакли зерин менависем.

$$T^2 = a^3 \to (1) \quad T = \sqrt{a^3} \to (2) \quad T = a\sqrt{a} \to (3)$$

Ба формулаи (3) қиматҳои дар шарти масъала овардашударо гузошта ҳисоб мекунем.

$$T = a\sqrt{a} = 1{,}5 \cdot \sqrt{1{,}5} = 1{,}5 \cdot 1{,}225 = 1{,}837 \approx 1{,}84 сол$$

Чавоб: $T \approx 1{,}84 сол$

Масъалаи 7. Агар нисбати кубҳои нимтирҳои калони мадори сайёраҳо ба 64 баробар бошад, пас нисбати даврҳои гардиши онҳо дар атрофи Офтоб ба чанд баробар аст?

Дода шуда аст:

Ҳал:

$\frac{a_1}{a_2} = 64$

$\frac{T_1}{T_2} = ?$

Аз қонуни сеюми Кеплер истифода бурда, барои ду маврид менавсем. $T^2 = a^3 \to (1) \quad T = \sqrt{a^3} \to (2)$

$$T = a\sqrt{a} \to (3) \quad T_1 = a\sqrt{a_1} \to (4) \quad T_2 = a\sqrt{a_2} \to (5)$$

Нисбати формулаи (4) ва (5) – ро мегирем.

$$\frac{T_1}{T_2} = \frac{a \cdot \sqrt{a_1}}{a \cdot \sqrt{a_2}} \to (6) \quad \frac{T_1}{T_2} = \frac{\sqrt{a_1}}{\sqrt{a_2}} \to (7)$$

Қиматҳои дар шарти масъала овардашударо ба формулаи (7) гузошта ҳисоб мекунем.

$$\frac{T_1}{T_2} = \frac{\sqrt{a_1}}{\sqrt{a_2}} = \sqrt{\frac{a_1}{a_2}} = \sqrt{64} = 8$$

Чавоб: $\frac{T_1}{T_2} = 8$

Масъалаи 8. Агар даври ситорагии сайёраи Миррих ба 1,88 соли Замин баробар бошад, даври синодии Сайёраи Миррихро ҳисоб намоед?

Дода шуда аст:

Ҳал:

T=1,88 сол

T_0=1

S – ?

Аз формулаи даври гардиши синодии сайёраҳои беруна сол *истифода бурда дар шакли* зерин менависем:

$$\frac{1}{S} = \frac{1}{T_o} - \frac{1}{T} \quad (1)$$

Ба формулаи (1) махраҷи умумии дода (S) даври синодии сайёраи Миррихро миёбем.

$$S = \frac{T_o \cdot T}{T - T_o} \quad (2)$$

Ба формулаи (2) қиматҳои дар шарти масъала додашударо гузошта ҳисоб мекунем:

$$S = \frac{T_o \cdot T}{T - T_o} = \frac{1{,}88 \cdot 1}{1{,}88 - 1} = \frac{1{,}88}{0{,}88} = 2{,}136 сол$$

Ҷавоб: $S = 2{,}136 сол$

Масъалаи 9. Даври гардиши синодии сайёраи хаёлӣ $S = 3 сол$ солро ташкил медиҳад. Даври гардиши ситорагии он дар наздикии Офтоб чӣ гуна аст?

Дода шуда аст:

Ҳал:

$S = 3 сол$

$T_o = 1 сол$

$T = ?$

Аз формулаи даври гардиши синодии сайёраҳои беруна истифода карда дар шакли зерин менависем:

$$\frac{1}{S} = \frac{1}{T_o} - \frac{1}{T} \quad (1) \qquad T_o \cdot T = S \cdot T - S \cdot T_o \quad (2)$$

$$S \cdot T_o = S \cdot T - T_o \cdot T \quad (3) \quad T = \frac{S \cdot T_o}{S - T_o} \quad (4)$$

Ба формулаи (4) қиматҳои дар шарти масъала додашударо гузошта ҳисоб мекунем:

$$T = \frac{S \cdot T_o}{S - T_o} = \frac{3 \cdot 1}{3 - 1} = \frac{3}{2} = 1{,}5 сол$$

Масъалаи 10. Аз рӯйи даври синодии Нептун, ки ба $s = 367$ шабонарӯз баробар аст, нимтираи калони ин сайёраро ёбед?

Дода шуда аст:

Ҳал:

$S = 367$ ш/з.

$a = ?$

Аввалан барои ёфтани Т ва a мо даври синодии Нептунро бо сол ифода мекунем:

$$S = \frac{S_o}{365} = \frac{367}{365} = 1{,}0055 сол$$

Акнун вобастагии даври синодиии сайёраро аз даври ситорагиаш барои сайёраҳои дохила бо чунин формула ифода мекунанд:

$$\frac{1}{S} = \frac{1}{T_o} - \frac{1}{T} \quad (1)$$

$$T_o \cdot T = S \cdot T - S \cdot T_o \quad (2)$$

$$S \cdot T_o = S \cdot T - T_o \cdot T \quad (3)$$

$$S \cdot T_o = T(S - T_o) \quad (4)$$

$$T = \frac{S \cdot T_o}{S - T_o} \quad (5)$$

Ба формулаи (5) қиматҳои дар шарти масъала додашударо гузошта, ҳисоб мекунем:

$$T = \frac{S \cdot T_o}{S - T_o} = \frac{1{,}0055 \cdot 1}{1{,}0055 - 1} = \frac{1{,}0055}{0{,}0055} = 182{,}82 сол$$

Сипас барои ёфтани нимтираи калони мадори сайёраи Нептун аз формулаи қонуни сеюми Кеплер истифода бурда, дар шакли зерин менависем:

$$T^2 = a^3 \quad (6)$$

$$a = \sqrt[3]{T^2} \quad (7)$$

Ба формулаи (7) қимати ҳосилшудаи даври ситорагии сайёраи Нептунро гузошта, нимтираи калони мадори сайёраро меёбем:

$$a = \sqrt[3]{T^2} = \sqrt[3]{(182{,}82)^2} = \sqrt[3]{33423{,}15} = 32{,}2 в.а.$$

Ҷавобҳо: $S = 1{,}0055 сол$; $T = 182{,}82 сол$; $a = 32{,}2 в.а.$

Масъалаи 11. Агар Замин аз ҳаракат боз монад, он дар чанд вақт ба Офтоб меафтад. Мадори Заминро эллипси дарозшуда ҳисоб намоед?

Дода шуда аст:

Ҳал:

$T = 365 шаб / з$
$t = ?$

Мувофиқи масъалаи зерин агар замин аз ҳаракат боз монад, он чанд вақт давом мекунад, ки ба Офтоб меафтад. Фурӯ рафтани ҷисм аз Замин ба Офтоб метавонад ҳамчун ҳаракат дар мадори хеле дароз тангнашавандаи эллиптикии ба Замин ва Офтоб бошад. Меҳвари асосии чунин эллипс ба масофаи аз Замин то Офтоб баробар бошад. Аз қонуни сеюми Кеплер истифода бурда, ҳаракати Заминро дар атрофи Офтоб бо сукути ҷисми муайян муқоиса мекунем.

$$\frac{T^2}{T_1^2} = \frac{a^3}{a_1^3} \quad (1)$$

Дар ин ҷо: T – даври гардиши Замин дар атрофии Офтоб. a – нимтираи калони мадори Замин. a_1 – нимтираи калони мадори хаёлии ҷисми афтанда мебошад, ки $a_1 = \frac{a}{2}$ баробар аст. T_1 – давраи гардиши ҷисми ба мадори хаёлии афтанда. Аз формулаи (1) T_1 – ро меёбем.

$$T_1^2 = \frac{T^2 \cdot a_1^3}{a^3} \quad (2)$$

Акнун формулаи (2) –ро бо назардошти $a_1 = \frac{a}{2}$ чунин менависем:

$$T_1^2 = \frac{T^2 \cdot \left(\frac{a}{2}\right)^3}{a^3} = \frac{T^2 \cdot a^3}{8 \cdot a^3} = \frac{T^2}{8} \quad (3)$$

$$T_1 = \sqrt{\frac{T^2}{8}} = \sqrt{\frac{T^2}{4 \cdot 2}} = \frac{T}{2\sqrt{2}} \quad (4)$$

Вақти афтидани ҷисми хайёлӣ ҳамеша ба нисфи вақти даври гардиши он баробар аст. Яъне

$$t = \frac{T}{2} \quad (5) \quad t = \frac{T_1}{2} = \frac{T}{2 \cdot 2\sqrt{2}} = \frac{T}{4\sqrt{2}} \quad (6)$$

Ба формулаи (6) қиматҳои дар шарти масъала додашударо гузошта ҳисоб мекунем:

$$t = \frac{T}{4\sqrt{2}} = \frac{365}{4\sqrt{2}} = \frac{365}{4 \cdot 1{,}414} = \frac{365}{5{,}6568} = 64{,}5 \text{ шабонарӯз.}$$

Ҷавоб: $t = 64{,}5$ **шабонарӯз.**

Хулоса: татбиқи қонунҳои Кеплер дар амалия аҳамияти хеле калон дошта, истифодаи онҳо барои муайян кардани масофаи миёнаи сайёраҳо то Офтоб, даври гардиши сайёраҳо дар атрофи Офтоб, муайян кардани массаи сайёраҳо ва ғайраҳо имконият медиҳад.

Адабиёт:

1. Бакулин П.И. Курс общей астрономия / П.И. Бакулин – Москва: Наука, 1983. – 560 с.
2. Веселова М.М. и дурги Утешев Астрофизический дивертисмент задачи и упражнения по астрономии и астрофизике / А. В. Веселова., М. И. Волобуева., М. А. Пирогов., И.А. – Москва, 2018. – 149 ст.
3. Воронцов – Вельяминов Б.А. Сборник задач и упражнений по астрономии / Б.А. Воронцов – Вельяминов. – Москва, 1939. – 100 с.
4. Воронцов - Вельяминов Б.А., Страут Е.К.. Астрономия 11 класс учебник для общобразовательных учебных заведений / Б.А. Воронцов – Вельяминов., Е.К. Страут. Москва: Дрофа, 2003. – 224 с.
5. Воронцов – Вельяминов. Б. А.. Сборник задач по астрономии пособие для учащихся / Б.А. Воронцов – Вельяминов. – Москва: Просвещение, 1980. – 56 с.
6. Воронцов – Вельяминов. И.В.. Сборник задачи и практических упражнений по астрономии / Б.А. Воронцов – Вельяминов. Москва: Издательство «Наука», 1977. – 272 с.
7. Галузо И.В.. Астрономия- учебное пособие для 11 класса / И.В. Галузо., В.А. Голубев., А.А. Шимбалев. – Минск: Народная асвета, 2009 - 216 ст.
8. Гомулина Н.Н. и дурги. Астрономия атлас 10 – 11 классы / Н.Н. Гомулина., И.П. Карачевцева, А.А. Коханов. – Москва: Дрофа-2018. - 60 ст.
9. Гусев. Е.Б.. Сборник вопросов и качестенных задач по астрономии / Е.Б. Гусев. – Москва: Просвещенисе, 2002. – 173 с.
10. Дагаев М.М. Астрономия / М.М.Дагаев - Москва: Просвещение , 1983. – 383 с.
11. Дагаев М.М. Задачник – практикум по курсу общей астрономии / М.М. Дагаев – Москва: Провещение, 1965. – 139 ст.
12. Кирик Л.А и дурги. Астрономия – разноуровневые самостоятельные работы с примерами решения задач / Л.А. Кирик., В.А. Захожай., К.П. Бондаренко. – Москва: Илекса, 2018. - 81 ст.
13. Машонкина Л.И., Сулейманов В.Ф.. Задачи и упражения по общей астрономия / Л.И. Машонкина, В.Ф. Сулейманов. - Казань, 2002.- 65 с.
14. Пришлякт Н.П. Астрономия уровень стандарта академический уровень / Н.П. Пришляк - Украина: - 2011. 160 ст.
15. Шефер. О.Р. Шахматова. В.В. Методика изучения элементов астрономии в курсе физики основной и средней (полной) школьы / О.Р. Шефер. В.В. Шахматова. (Монография). Челябинск, 2010. – 252 с.

МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ҚОНУНҲОИ КЕПЛЕР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ АСТРОНОМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар мақолаи мазкур методикаи омӯзиши қонунҳои Кеплер дар раванди таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ натиҷагирӣ карда шудааст. Омӯхтани қонунҳои Кеплер дар раванди таълими астрономия ҳамчун қонуни бунёдӣ ба шумор меравад.

Инчунин дар мақолаи мазкур тарзи методикаи ҳалли масъалаҳои астрономия ва ва супориши мустақилона оиди ҳал намудани масъалаҳои астрономия, хусусан дар мавзӯи қонунҳои Кеплер мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ба мақсади ёрии методӣ расонидан ба омӯзгорони фанни астрономия дар таълим яке аз қонунҳои бунёдии ин фан қонунҳои Кеплер, бахусус ҷиҳати дар амалия истифода намудани онҳо нуқтаи назари худро иброз медорем. Дар айни замон омӯзгорони ин фанни таълимӣ аз сабаби мавҷуд набудани адабиёти ба забони тоҷикӣ мушкилӣ мекашанд, зеро ба назар мерасад, ки омӯзгорони ин фан аз сабаби дастрасӣ надоштан ба адабиёти илмӣ ва методии зарурӣ дар таълими ин мавзӯъ ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Қонунҳои Кеплер барои омӯзиши ва дарки олами коинот, хусусан ҳаракати шабонарӯзии он дар атрофии Офтобро маънидод менамояд. Аз ин лиҳоз, даври гардиши сайёраҳо дар атрофии Офтоб истифода аз қонунҳои Кеплер муайян карда мешавад.

Калидвожаҳо: эллипсӣ, масофаи перигелий, масофаи афелеий, суръати ҳаракати сайёра дар перигелий, суръати ҳаракати сайёра дар афелий, нимтираи калони сайёра, даври гардиши сидерӣ ва синодии сайёра.

МЕТОДИКА ИЗУЧЕНИЯ ЗАКОНОВ КЕПЛЕРА В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ АСТРОНОМИИ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье обобщены методы изучения законов Кеплера в процессе преподавания астрономии в средней школе. Изучение законов Кеплера в процессе обучения астрономии - фундаментальный закон.

В этой статье также рассматриваются методы решения астрономических задач и решения этих задач самостоятельно, особенно на примере законов Кеплера. В целях оказания методической помощи учителям астрономии в преподавании одного из основных законов этой дисциплины, мы выражаем свое мнение о законах Кеплера, в частности, об их применении на практике. В то же время учителя этого предмета сталкиваются с трудностями из-за отсутствия литературы на таджикском языке, так как кажется, что учителя этого предмета сталкиваются с трудностями при преподавании этого предмета из-за отсутствия доступа к необходимой научно-методической литературе.

Законы Кеплера объясняют движение Вселенной вокруг Солнца, особенно днем и ночью, с целью изучения и понимания Вселенной. Следовательно, орбиты планет вокруг Солнца определяются с помощью законов Кеплера.

Ключевыя слова: эллипсическиӣ, перигелически расстояние, эфеллическое расстояние, скорость движения плонеты в перигелически. скрость движения плонеты в афелие, большая полуось орбиты, период сидерического и синодического вращения планеты.

METHODS OF STUDYING KEPLER'S LAWS IN THE PROCESS OF TEACHING ASTRONOMY IN SECONDARY SCHOOLS

This article summarizes the methods of studying Kepler's laws in the process of teaching astronomy in secondary schools. The study of Kepler's laws in the process of teaching astronomy is a fundamental law.

This article also examines the methods of solving astronomical problems and the task of solving astronomical problems independently, especially on the subject of Kepler's laws. In order to provide methodological assistance to teachers of astronomy in teaching one of the fundamental laws of the discipline, we express our views on Kepler's laws, in particular, on their application in practice. At present, teachers of this subject face difficulties due to the lack of literature in the Tajik language, as it seems that teachers of this subject face difficulties in teaching this subject due to lack of access to the necessary scientific and methodological literature.

Kepler's laws explain the movement of the universe around the Sun, especially it day and nighttime, in order to study and understand the universe. Therefore, the orbits of the planets around the Sun are determined using Kepler's laws.

Keywords: elliptic, perigehelian distance, aphelion distance, speed of the planet in perihelijn, speed of the planet in aphelion, major hemisphere, sidereal and synodic rotation of the planet.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сулаймони Абдуқаххор*** *– докторанти PhD- и кафедраи физика, МТФ ва ТМ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Суроға: *735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к|ч. С. Сафаров 16. Тел: (+992) 985-88-94-02. e-mail: abdukahor. 1992 @mail.ru.*

Сведния об авторах: Сулаймони Абдукахор – *докторант PhD. кафедры физики, МПФ и ТМ Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел: (+992) 985-88-94-02. e-mail: abdukahor. 1992 @mail.ru.*

Information about authors: Sulaimoni Abdukahor - *doctoral student PhD at chair of Physics and MTP and TM, Kulob State University named after A. Rudaki.* ***Address:*** *735360. st. S.Safarov, 16 Kulob town, Republic of Tajikistan.* ***Tel:*** *985889402* ***Email:*** *abdukahor. 1992 @mail.ru.*

УДК-502 (2тоҷ)
ББК-20.1 (2 тоҷ)
А-37

ҚАРОРҲОИ АМАЛКУНАНДА ОИД БА МУҲОФИЗАТИ ТАБИАТ

Азизова Н.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Масъалаҳои садамаҳо, мушкилот ва хатарҳои экологӣ имрӯзҳо тамоми аҳли башарро ба ташвиш овардааст. Аз ин рӯ, нисбат ба хатарҳои Сайёра беаҳамиятӣ, бетарафӣ нашояд, зеро аҳли башар имрӯз танҳо дар ҳамкории якҷоя метавонанд табиати муҳити атроф ва қонуниятҳои онро омӯзанду риоя ва пайваста такмил диҳанд. Ин ҳамкориҳо имконият медиҳад, ки инсоният барои насли ояндаи худ дар табиат чизе мерос гузорад.

Аксари ташкилотҳои байналхалқӣ аз ибтидои асри ХХ сар карда, корҳои илмию амалиро оид ба ҳамкориҳо доир ба масъалаҳои муҳофизати муҳити зист ба сомон расонидаанд. Моҳи октябри соли 1948 бо ташаббуси ЮНЕСКО, (ташкилот оид ба маориф, илм ва санъат), дар Фонтенбло ташкилоти байналхалқӣ бо номи Иттифоқи Байналхалқӣ оид ба муҳофизати муҳити атроф ва сарватҳои табиӣ созмон дода шуд.

Дар кори ин ташкилот намояндагони 18 – давлат, 108 ташкилотҳои миллӣ ва як қатор ташкилотҳои байналхалкӣ ширкат варзиданд. Баъдтар ин иттифоқ ба маркази илмӣ табдил ёфт, ки он 36 давлатро муттаҳид кард. Дар кори иттифоқ 300 давлати дунё ва 75 – муассисаҳои ҷамъиятӣ ба муҳофизати муҳити атроф сару кор дошта ширкат мекарданд. Асоси фаъолияти кори ин ташкилотҳо дар 6 комисия ташкил карда шудааст, ки дар зер оварашудааст:

1. Комиссияи экологӣ.
2. Комиссия оид ба паркҳои миллӣ.
3. Комиссия оид ба маърифатноккунии аҳолӣ.
4. Комиссия оид ба муҳофизати намудҳои нодир ва камфёти олами набототу ҳайвонот.
5. Комиссия оид ба сиёсат ва муҳофизати муҳити атроф.
6. Фонди байналмилалӣ оид ба муҳофизати ҳайвоноти ваҳшӣ.

Иттифоқи мазкур бо як қатор муассисаҳо алоқамад буда, ҳамкорӣ менамояд:

1. Шӯрои байналхалқӣ оид ба муҳофизати паррандагон.
2. Бюрои байналмилалӣ оид ба омӯзиши обшинокунандагон.
3. Федератсияи байналмилалии ҷавонон оид ба омӯзиш ва муҳофизати табиат.
4. Федератсияи ҷаҳонӣ оид ба муҳофизати ҳайвонот.
5. Кумитаи Байналмилалӣ оид ба ҳалқагузаронии паррандагон.

Сол аз сол ҳамкориҳои иттифоқ бо СММ мустаҳкам ва васеъ гашта истодааст. Ба монанди муассисаи хӯрокворӣ ва хоҷагии қишлоқ (ФАО), муассисаи маориф, илм ва санъат (ЮНЕСКО), муассисаи умумиҷаҳонӣ нигоҳдории тандурустӣ, норасогии оби ошомиданиро дар ҷаҳон дарк карда, соли 1959 дар назди СММ маркази инкишофдиҳии захирҳаои обӣ созмон дода шуд.

Ин иқдомро ба назар гирифта, соли 1965 аз тарафи муассисаи маориф, илм ва санъат (ЮНЕСКО) даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ эълон гардида буд. Масъалаҳои асосӣ ивазкунии маълумот оид ба тозакунии об ва ҷобаҷогузории кадрҳои илмӣ ва техникӣ буд. Муассисаи байналмилалии нигоҳдории тандурустӣ (МБНТ) бо панҷ забон, (ба хусус забони русӣ) маводе ба нашр расонид, ки ин аз ифлосшавии ҳавои атмосфера ва таъсиррасонии он ба саломатии инсон дарак медод. Соли 1972 дар шаҳри Стокголм конференсияи СММ баргузор гардид, ки ин аз якҷояшавии ҳамаи давлатҳо дар муҳофизати муҳити зист ва кор карда баромадани барномаи ягона оид ба фаъолияти онҳо буд.

Барномаи СММ дар сессияи XXVII Генаралии Ассамблеяи СММ, Кумитаи муҳофизати муҳити зист (ЮНЕП) созмон дода шуд. Дар соли 1973 намояндагони Иттифоқи Советӣ пешниҳод намудаанд, ки масъалаҳои ин барнома аввалин дараҷа ҳисобида мешаванд:

1. Сабабҳои баландшавии ифлосшавии ҳаво ва об;
2. Аз нав коркард ва ба пуррагӣ истифодабарии партовҳои саноатӣ;
3. Коркарди методи мушоҳида ба ҳолати биосфера (мониторинг).

Ба хотири бештар ҷал бгардонидани ҷомеаи ҷаҳонӣ ва муҳим будани масъалаҳои муҳофизати табиат, ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳатмист.

Аз ин рӯ, Ассамблеяи Генералии СММ соли 1972 5 июнро рӯзи байналмилалии муҳофизати муҳити зист эълон намуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази миллии ташаккули афкори умум (ММТАУ), моҳи марти соли 1999 ба фаъолият шурӯъ кард. Кормандони ин марказ аз соҳаҳои гуногун ҷалб шуда буданд, онҳо дар муддати кӯтоҳ маводи иттилоотии хуберо таҳия намуда, самти фаъолияти худро муайян карданд. Маркази илмӣ тавонист, ки диққати тамоми воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ, радио, телевизион ва тамоми маҷаллаву рӯзномаҳоро ба масъалаи наҷоти Арал, истифодаи самараноки об, муносибати эҳтёткорона нисбат ба сарватҳои табиӣ, усулҳои самарабахши истифодаи об дар кишоварзӣ, ҳифзи заминҳо аз обҳои зеризаминӣ, ботлоқшавӣ, шӯрабандӣ, ҷалб намояд [8, с. 112].

Бо мақсади бартараф намудани фоҷеаи экологии ҳавзаи баҳри Арал, ки фоҷеаи калонтарини экологии асри XX ба шумор меравад, сарварони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ 26 – марти соли 1993 дар Қизлӯрдаи (Қазоқистон) Фонди Байналмилалии Наҷоти Аралро (ФБНА) созмон доданд. Барои ҳалли ин масъалаи характери ҷаҳонӣ дошта назар ва саҳми аксар давлатҳои ҷаҳон, ташкилоту муассисаҳои гуногуни хориҷӣ, аз он ҷумла СММ, гузошта шудааст [6, с. 85].

Моҳи октябри соли 2002 дар шаҳри Душанбе аз тарафи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ қарор дар бораи коркарди барномаи нав, дар асоси барномаи ФБНА, барои солҳои 2003 – 2010 қабул карда шуд, ки вазифа ва фаъолиятҳои мушаххасро дар беҳдошти муҳити зисти ин ҳавза пешниҳод намуд.

27-28 ноябри соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати Президентҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси хазинаи байналмилалии наҷоти Баҳри Арал таъйин гардид [11, с. 53].

Тоҷикистон дар ин самт бисёр корҳои назаррасро анҷом дода, дар миқёси ҷаҳон мавқеи худро нисбат ба ҳифзи муҳити зист муайян кардааст.

Яке аз корҳои анҷомдода ин Форуми Байналмилалии оби тоза 29-30 августи соли 2003 дар шаҳри Душанбе шуда маҳсуб меёбад, ки вакилони 53 кишвар ва 91 созмонҳои

байналмилалӣ ширкат варзиданд. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 1 октябри соли 1999 дар иҷлосияи 54 – уми СММ, соли 2003- соли оби тоза эълон гардид. Ин пешниҳод аз тарафи 148 давлати ҷаҳон тарафдорӣ карда шуд. Ҳамзамон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи СММ қайд карда буд, ки имрӯз қисме аз сокини сайёра аз оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашад, инчунин қисми зиёди онҳо аз оби пастсифати ошомиданӣ истифода мебаранд. Дар ин самт, бо назардошти муҳимияти муҳити зист ва экология бо тақозои замон тайи солҳои истиқлолият тағйироту иловаҳо оид ба аксар қонунгузориҳои ҳифзи табиат ворид карда шудаанд, аз ҷумла:

«Дар бораи истифода ва ҳифзи олами ҳайвонот» (20. 07. 1994. №989).

«Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосферӣ» аз (1.02.1996.№229).

«Дар бораи ҳудуҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» (13.12.1996).

«Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ» (10. 05.2002 . №44.).

«Дар бораи фаъолияти обу ҳавошиносӣ» (2.12.2002.№88).

«Дар бораи экспертизаи экологӣ» (22.04. 2003. № 20).

«Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (17. 05. 2004.№37).

«Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» (29. 04. 2004. №529). ва ғайра қабул гардидаанд [7, с. 92].

Ба боварии комил метавон гуфт, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкурсии мукаммали қонунгузориҳои соҳаи ҳифзи табиат мавҷуд мебошанд, ки ин баҳри ҳаллу фасли самарабахши масоили ҳифзи муҳити зист ва экология мусоидат менамояд.

Яке аз ҳуҷатҳои муҳиме, ки сиёсати экологии кишварро муайян месозад, ин «Барномаи давлатии тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Зарурияти андешидани тадбирҳои мушаххас баҳри ҳифзи захираҳои табиӣ, оқилона истифодабарию барқароркунии онҳо, аз соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овард [8, с. 62].

Эълон гардидани солҳои 2005 – 2015 – «Амалиёти об барои ҳаёт», 10- солаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018-2028) низ яке аз масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбанд. Имрӯз экология ва ҳифзи муҳити зист яке аз самтҳои ҷудонашавандаи сиёсат, иқтисодиёт, тафаккури ҷамъиятии мардум ва саломатии аҳолӣ буда, яке аз бурдбориҳои давлат ба шумор меравад [2, с. 96].

Бо мақсади баланд бардоштани маданияту маърифати экологии сокинони кишвар, аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор чорабиниҳои махсус гузаронида шуда истодааст. Ҷорӣ намудани фанни экология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ташкили кафедарҳои экология дар коллеҷу мактабҳои олӣ, нашрҳои махсуси телевизионӣ, чопи китоб, дастур ва мақолаҳои олимон дар ин бахш, аз зумраи бехдошти ҳолатҳои экологии кишвар ва дар маҷмӯ ҷаҳонро дар бар мегирад.

Нигоҳдорӣ ва муҳофизати ҳамаҷонибаи сокинону бошандагони кураи арз, баҳри рушди тамаддуни фарҳанги экологии насли имрӯзу фардои башар ба шумор мераванд.

Ба ақидаи олимону муҳаққиқон: С. Бобоев, А. Давлатов, «Биосфера хонаи тамоми организмҳои зинда ба шумор меравад». Аз ин рӯ, вазифаи боэътимоди ҳар шахси бохираду заковатманд ин ҳифз, ғамхорӣ ва тозаю озода нигоҳ доштани фазои муҳити фарроху ҳаётбахши табиати муъҷизакору биҳиштосоӣ Сайёра маҳсуб меёбад.

Адабиёт:

1. Агарханянс О.Е. Сарез. / О.Е. Агарханянс. - Гидрометиздат, 1989. - 110с.
2. Баротов Р.Б., Новиков В.П. Каленное чудо Таджикистана / Р.Б. Баротов, В.П.Новиков. – Душанбе: Дониш, 1988. – 115с.
3. Бобоев А.М., Ишук А.Р., Негматуллоев С.Х. Оценка сейсмической опасности горных территории (например Таджикистан) / А.М. Бобоев, А.Р.Ишук, С.Х. Негматуллоев. – Душанбе, 2002. – 87с.

4. Бобоев С.О., Самиҳов Ш.Р., Самиев М.Б. Экология / С.О. Бобоев., Ш.Р. Самиҳов., М.Б. Самиев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 222 с.

5. Давлатов А.С. Асосҳои экология / А.С.Давлатов. – Душанбе: Матбуот, 2005.- 415 с.

6. Забиров Р. Экология / Р. Забиров. – Душанбе: Эр-граф, 2013. - 479 с.

7. Криксунов Е.А., Пасечник В.В., Сидорин А.П. Экология. / Е.А.Криксунов, В.В. Пасечник, А.П.Сидорин. – М.: Дрофа, 1995. – 240с.

8. Мақсадов Х., Саидов М., Қодиров А. Экологияи умумӣ / Х. Мақсадов, М. Саидов., А Қодиров. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 104 с.

9. Рассадкин Ю. П. Вода обыкновенная и необыкновенная / Ю.П. Рассадкин — Санкт-Петербург, Галерея СТО, 2008. - 840 с.

10. Сигев К.И. Научное содержание и основные направления экологии разветка и охрана кадр / К.И. Сигев, 1991. №11. – С. 2-6.

11. Чернова Н. М., Былова А.М. Общая экология / Н.М.Чернова, А. М. Былова // Высшее педагогическое образование.- М.: Издательство: Дрофа, 2004. - 416с.

ҚАРОРҲОИ АМАЛКУНАНДА ОИД БА МУҲОФИЗАТИ ТАБИАТ

Дар ин мақола муаллиф дар бораи масъалаҳои глобалии ҳамкориҳои байналхалқӣ оид ба ҳифзи табиату сарватҳои он, мутобиқан ба иҷлосия ва қатномаҳои Ассамблеяи Генералии СММ, Кумитаи муҳити зист (ЮНЕП), Муассисаи байналмилалии нигоҳдории тандурустӣ (МБНТ), бо таври илмию назариявӣ маълумоти мушаххасро тасиф ва пешниҳод намудааст. Илова бар ин, муаллиф дар бораи масъалаҳои муҳофизати табиат, аз ҷумла об, замин ва атмосфераи ҳаво низ ахборот додаст.

Инчунин масъалаҳои конвенсияҳои байналхалқӣ ва комиссияҳои оид ба проблемаҳои экология, паркҳои миллӣ, Фонди байналхалқии муҳофизати ҳайвонҳои ваҳшӣ, сабабҳои афзудани ифлосшавии атмосфера ва об, коркарду безараргардонии партовҳои муассисаҳои саноатӣ, доир ба муҳити зист тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф қонунҳо оид ба муҳофизати табиат ва муҳити атрофро қайд намудааст. Ба ин тартиб ҷиҳати муҳофизати табиат ва экология Ҷумҳурии Тоҷикистон бетараф набуда, аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар созмонҳои бонуфуз дар ин самт якчанд маротиба садо додааст

Аз мақолаи мазкур бар меояд, ки ҳар як нафари сайёра нисбати табиат ва экология барои хуб нигоҳ доштани вазъи ан боэҳтиёт буданаш лозим аст. Ҳифз намудани сарватҳои табиат ба манфиати кор буда, барои тозаю озода нигоҳ доштани муҳити атроф мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: атмосфера, биосфера, мониторинг, фонтебло, комиссия, фоҷеа, стокголм, фонд.

ДЕЙСТВУЮЩИЕ РЕШЕНИЯ ПО ЗАЩИТЕ ПРИРОДЫ

В этой статье автор предоставил конкретные данные по глобальным вопросам международного сотрудничества в области сохранения природных ресурсов и ресурсов в соответствии с сессиями и резолюциями Комитета Генеральной Ассамблеи ООН по окружающей среде.

Автор также предоставляет информацию об охране природы, в том числе о воде, земле и воздухе.

В данной статье рассматриваются вопросы международных конференций и комиссий по экологическим проблемам национальных парков, которые рассматриваются Международным фондом сохранения животных и причины повышенного загрязнения атмосферы и воды, а также обработки промышленных выбросов в окружающую среду.

В этой статье описаны законы об охране природы и окружающей среды. Республика Таджикистан также не занимает нейтральную позицию в вопросах защиты природы и экологии, и Президент страны Эмомали Рахмон неоднократно высказывался во влиятельных организациях в этой сфере.

Из этой статьи ясно, что каждый на планете должен быть осторожен с природой и окружающей средой, чтобы сохранить ее. Защита природных ресурсов отвечает интересам работы и помогает поддерживать чистоту и порядок в окружающей среде.

Клучевые слова: атмосфера, биосфера, мониторинг, фонтебло, комиссия, трагедия, стокголм, фонд.

INTERNATIONAL COOPERATION ON NATURE PROTECTION

In this article, the author has provided specific data on global issues of international cooperation in the field of conservation of natural resources and resources in accordance with the sessions and resolutions of the UN General Assembly Committee on Environment.

The author also provides information on nature protection, including water, land and air.

In this article the issues of international conferences and commissions on environmental problems of national parks are considered by the International Fund for Conservation of Animals and the causes of increased pollution of the atmosphere and water, and the treatment of industrial emissions by the environment.

This article describes the laws on nature protection and the environment. The Republic of Tajikistan is also not neutral in the protection of nature and ecology, and the President of the country Emomali Rahmon has repeatedly voiced in influential organizations in this area.

It is clear from this article that everyone on the planet needs to be careful about nature and the environment in order to maintain it. Protecting natural resources is in the interest of the work and helps to keep the environment clean and tidy.

Keywords: atmosphere, bisphere, monitoring, fontbole, commission, disaster, Stockholm, fund.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Азизова Низорамо Ҳамидовна - муаллими калони кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога 735360, ҶТ. ш.Кӯлоб, кучаи С. Сафаров 16. тел: (992) 918757069*

Сведения об авторе: *Азизова Низорамо Хамидовна - старший преподаватель кафедры биологии Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки. Адрес 735360, РТ. Куляб, улица С. Сафарова 16. тел: (992) 918757069*

Information about the author: *Azizova Nizoramo Khamidovna - senior Lecturer, department of biology, Kulob State University named after A. Rudaki. Address 735360, RT. Kulob city, S. Street Safarov 16. tel: (992) 918757069*

УДК-510(2тоҷ)
ББК-22.1 (2тоҷ)
Ҳ-91

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКӢ БО ЁРИИ ИФОДАҲО ВА МУОДИЛАҲО ДАР СИНФИ 6

Ҳусайнов Р.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар курси математикаи мактабӣ ҳалли масъалаҳо бо ёрии муодилаҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ҳангоми омӯхтани ҳар як мавзӯъ масъалаҳои гуногун

пешниҳод мешаванд. Омӯзгорон хонандагонро бо ҳалли масъала ва шарҳи ҳал шинос намуда, барои ба таври мустақилона ҳал намудани масъалаҳо тавсияҳои лозимӣ медиҳанд. Ҳангоми гузаронидани корҳои санҷишӣ маълум мешавад, ки аксарияти хонандагон аз уҳдаи ҳалли масъалаҳо баромада наметавонанд. Дар гузаронидани аттестатсияҳои аз синф ба синф гузаронӣ ва хатм низ чунин ҳолатҳоро вохӯрдан мумкин аст.

Яке аз сабабҳои асосии ба ин вазъият дучор омадан аз он иборат аст, ки дар зинаи аввали таҳсил (синфҳои 1-4) аксар омӯзгорон хонандагонро ба иҷрои амалҳо банд намуда, ба ҳалли масъалаҳо чандон эътибор намедиҳанд. Ин раванд дар омӯзиши минбаъдаи таълими математика душвориҳои зиёдро ба амал меорад.

Омӯзгор дар зинаҳои минбаъдаи таҳсил ба омӯхтани масъала ва ҳалли он шурӯъ намуда, бебарории кори хешро эҳсос менамояд. Аз ин рӯ, аксари омӯзгорон аз ҳалли масъалаҳо даст кашида, ба ҳалли машқҳои миқдорӣ мегузаранд.

Ин гуна муносибат ба инкишофи тафаккури математикӣ ва мантиқии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад.

Дар асоси Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (26-уми январи соли 2021) солҳои 2020-2040 солҳои рушди илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ эълон карда шуд. Ин маънои онро дорад, ки таълими амалии ин фанҳо зери назорати қатъи қарор гирифта, баланд бардоштани сатҳи ин навъ илмҳо афзалият пайдо намудааст.

Дар таълими фанҳои риёзӣ масъала ва ҳалли он аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Агар хонанда, донишҷӯ, омӯзгор ва дар маҷмӯъ шаҳрванд аз уҳдаи ҳалли масъала баромада натавонад, ин маънои амалӣ нашудани барномаи давлатиро дар самти омӯзиши ин фанҳо дорад. Аз ин рӯ, омӯзгоронро зарур аст, ки ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ дода, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта тадриҷан кӯшиш намоянд.

Мо бояд масъалаҳоеро ҳангоми таълим пешниҳод намоем, ки онҳо диққати хонандаро ба худ ҷалб намуда, майлу рағбат ва шавқу ҳаваси онҳоро барангезонад. Ҳангоми омӯзиши мавзӯи ҳалли масъалаҳо бо ёрии муодила мо чунин масъалаҳоро пешниҳод менамоем.

Мисоли-1. Ба иштирокчиёни викторинаи мактабӣ 30 савол пешниҳод шуд. Барои ҳар як ҷавоби дуруст ба иштирокчӣ 12 хол дода, барои ҳар як ҷавоби нодуруст аз он 7 хол кам мекунанд. Носир дар маҷмӯъ 227 холро соҳиб гашт. Ӯ ба чанд савол ҷавоби дуруст дод? [13].

Ҳал.

x – миқдори ҷавобҳои дуруст

(30-x) – миқдори ҷавобҳои нодуруст

12x – миқдори холҳои ба дастовардашуда

7(30-x) – миқдори холҳои аз даст додашуда

Дар асоси ин маълумот ва истифодаи шарти масъала чунин муодиларо тартиб дода ҳал мекунем:

$$12x-7(30-x)=227$$

$$12x-210+7x=227$$

$$19x=437$$

$$x=23$$

Ҷавоб: Носир ба 23 савол ҷавоби дуруст додааст.

Мисоли-2. Конфет бо ҳамроҳии коғазаш 15г буда, вазни коғаз 1г мебошад.

Масхарабоз бо ёрии додараш 20-то чунин конфет харид. Додараш якчанд конфетро хӯрда, коғазҳояшро ба яке аз онҳо печонида чунин гуфт. «Коғазро накушода, муайян кунед, ки ман чанд конфет хӯрдам». Масхарабоз конфет ва коғазҳои холиро дар тарозу гузошта вазни онҳоро муайян намуд, ки ба 230г баробар буданд. Ба ин восита

миқдори конфетҳои хӯрдаи додарашро муқаррар кард. Ин корро шумо чӣ тавр иҷро мекунед?

Ҳал.

Масъаларо метавонем тавассути муҳокимаронии зайл ҳал намоем:

$20 \cdot 15 = 300г$ - вазни ҳамаи конфетҳо бо коғазҳояшон;

$300 - 230 = 70г$ -вазни конфетҳои хӯрдашуда;

$15 - 1 = 14г$ -вазни як конфет;

$70 : 14 = 5$ дона – шумораи конфетҳои хӯрдашуда.

Мисоли-3. Дарозии тарафҳои секунҷа ҳамчун $5:7:9$ нисбат доранд. Онҳоро ёбед, агар периметри секунҷа ба 31,5м баробар бошад.

Ҳал.

Азбаски тарафҳо ҳамчун $5:7:9$ нисбат доранд, пас:

5х – дарозии тарафи якум;

7х- дарозии тарафи дуюм;

9х – дарозии тарафи сеюм.

$$\rho = a + в + c = 5x + 7x + 9x = 21x$$

$$21x = 31{,}5;\ x = 31{,}5 : 21;\ x = 1{,}5$$

$$5x = 5 \cdot 1{,}5 = 7{,}5м;\ 7x = 7 \cdot 1{,}5 = 10{,}5м;\ 9x = 9 \cdot 1{,}5 = 13{,}5м.$$

Ҷавоб: 7,5м; 10,5м; 13,5.

Мисоли-4.Масъалаи қадима. Тудаи мурғобиҳои дар парвоз бударо мурғобии танҳо вохӯрда муроҷиат кард: Салом 100-мурғобиҳо. Сардори мурғобиҳо ҷавоб дод. Мо 100-то нестем. Агар ба шумораамон боз ҳамин миқдор ва боз нисф ва чоряки ҳамин миқдор илова намуда, туро ҳамроҳ гирем, баъд 100-то мешавам. Туда чанд мурғобӣ дошт [6].

Бо вуҷуди он ки ин масъала доим такрор мешавад, ҳалли он аз манфиат холӣ нест.

х – шумораи мурғобиҳои туда;

мувофиқи шарти масъала:

$$x + x + \frac{x}{2} + \frac{x}{4} + 1 = 100$$

Ҳамаи аъзоҳои муодиларо ба 4 зарб мекунем.

$$4x + 4x + 2x + x + 4 = 400$$

$$11x = 400 - 4$$

$$11x = 396,\ x = 36$$

Ҷавоб. Туда аз 36 мурғобӣ иборат аст.

Мисоли-5. Дар панҷкунҷа чор тараф баробар буда, тарафи панҷум аз онҳо 2,5см фарқ мекунад. Агар периметри ин панҷкунҷа ба 8см баробар бошад, дарозии тарафҳои онро ёбед [15].

Ҳал. Калимаи фарқ мекунадро ба ду маъно фаҳмидан мумкин аст. Маънои якум: тарафи панҷум аз дигар тарафҳо 2,5 см калон аст. Маънои дуюм тарафи панҷум аз дигар тарафҳо 2,5 см хурд аст. Барои ҷавоби дурустро ҳосил намудан масъаларо барои ҳарду маврид ҳал мекунем.

а) х см – дарозии тарафҳои баробар

х+2,5 – дарозии тарафи панҷум

$$4x + x + 2{,}5 = 8$$

$5x = 8 - 2{,}5;\ 5x = 5{,}5;\ x = 1{,}1см$ - дарозии ҳар яке аз чортарафҳо

$x + 2{,}5 = 1{,}1 + 2{,}5 = 3{,}6см$ - дарозии тарафи панҷум

б) х см-дарозии тарафҳои баробар

$5x = 10{,}5,\ x = 2{,}1см$ - дарозии тарафҳои баробар

$2{,}1 - 2{,}5 = -0{,}4см$

Ҷавоб: 9,6 см; -0,4см.

Мисоли-6. Дар ду анбор 38 тонна биринҷ ҳаст. Агар аз анбори якум 4 тонна биринҷро гирифта ба анбори дуюм андозем, он гоҳ миқдори биринҷи ҳарду анбор баробар мешавад. Дар ҳар як анбор чӣ қадар биринҷ ҳаст?

Ҳал: х – тонна – биринҷи дар анбори якум буда. (38 - х) тонна – биринҷи дар анбори дуюм буда. Протсесси аз рӯи шарти масъала тартиб додани муодила ба таври зерин навишта мешавад:

матни масъала; навишти алгебравӣ.

Агар аз анбори якум 4т

биринҷ гирифта х – 4

ба анбори дуюм андозем (38 - х) + 4

он гоҳ миқдори биринҷи

ҳарду тараф баробар

мешаванд. х – 4 = (38 – х) + 4

Пас, муодиларо ҳал мекунем:

х – 4 = (38 – х) + 4

х – 4 = 38 – х + 4

х + х = 38 + 4 + 4

2х = 46

х = 46 : 2

х = 23

Санҷиш аз рӯи муодила:

23 – 4 = 38 – 23 + 4

19 = 19

Ҷавоб:Анбори якум 23 тонна.

Анбори дуюм (38 - 23) = 15 тонна биринҷ доштааст [2-14].

Мисоли-7. Истеҳсоли трикотажӣ дар соли 1990 дар Тоҷикистон бо адади дурақама (бо млн. адад) ифода меёбад. Агар маълум бошад, ки суммаи рақамҳои он ба 4 ва квадрати рақами даҳиҳо аз рақами воҳидҳо ба 2 хурд аст, пас дар охири панҷсолаи XII дар Тоҷикистон чанд адади трикотажӣ истеҳсол карда шудааст?

Ҳал:ав; $\begin{cases} а + в = 4 \\ в - а^2 = 2 \end{cases} => \begin{cases} в = 4 - а \\ 4 - а - а^2 = 2 \end{cases}$

$-а^2 - а + 4 - 2 = 0$

$-а^2 - а + 2 = {}^{0}/_{(-1)}$

$-а^2 - а - 2 = 0$

$а_{1,2} = \frac{-1 \pm \sqrt{1+8}}{2} = \frac{-1 \pm \sqrt{9}}{2} = \frac{-1 \pm 3}{2}$

$а_1 = \frac{-1-3}{2} = \frac{-4}{2} = -2;\ а_2 = \frac{-1+3}{2} = \frac{2}{2} = 1$

$в = 4 - 1 => в = 3\ а_2 = 1\ а_1 = -2$

Санҷиш: $\begin{cases} а + в = 4 \\ в - а^2 = 2 \end{cases} => \begin{cases} 1 + 3 = 4 \\ 3 - 1^2 = 2 \end{cases} => \begin{cases} 4 = 4 \\ 2 = 2 \end{cases}$

Ҷавоб:$\overline{ав} = 13млн.$

Мисоли-8. Мототсиклрон 105 км роҳро тай намуда, аз сабаби вайронии роҳ дар қисми боқимондаи роҳ, ки 132 км-ро ташкил медод, суръати худро 2 км/соат кам намуд.

Суръати аввалаи мототсиклронро ёбед, агар маълум бошад, ки тамоми роҳро вай дар муддати 7 соат тай кардааст.

Хал. Бигузор х км/соат суръати аввалаи мототсиклрон аст. Суръати камшуда бошад ба (х-2) км/соат баробар мешавад. Мототсиклрон қисми якуми роҳро дар муддати $\frac{105}{x}$ соат ва қисми дуюми роҳро дар муддати $\frac{132}{x-2}$ соат тай мекунад. Пас, вақти дар тамоми роҳ сарфкардашуда ба $\left(\frac{105}{x}+\frac{132}{x-2}\right)$ соат баробар аст.

Мувофиқи шарти масъала ин вақт ба 7 соат баробар аст. Аз ин ҷо

$$\left(\frac{105}{x}+\frac{132}{x-2}\right)=7$$

Ин муодиларо ҳал мекунем:

$$105(x-2)+132x=7x(x-2)$$

$$237x-210=7x^2-14x$$

$$7x^2-14x-237x+210=0$$

$$7x^2-251x+210=0$$

$$x_{1,2}=\frac{251\pm\sqrt{(251)^2-4\cdot7\cdot210}}{14}=\frac{251\pm\sqrt{63001-5880}}{14}=\frac{251\pm\sqrt{57121}}{14}$$

$x_1=\frac{251+239}{14}=\frac{490}{14}=35$ решаи дуюм масъаларо қаноат намекунад.

Ҷавоб: 35 км/соат.

Мисоли-9. Ду қубур ҳавзро дар 16соат аз об пур мекунанд. Пас аз 4 соат қубури якумро бастанд ва қубури дуюм дар муддате ҳавзро аз об пур кард, ки он аз муддати пур кардани тамоми ҳавз аз тарафи қубури якум 12 соат зиёд аст. Дар алоҳидагӣ ҳар як қубур дар чанд соат ҳвзро аз об пур карда метавонист?

Ҳ а л. Фарз мекунем, ки қубури якум ҳавзро дар *х* соат пур мекунад. Пас, дар як соат вай $\frac{1}{x}$ қисми ҳавзро пур менамояд. Ҳангоми якҷоя кор кардани онҳо дар як соат $\frac{1}{16}$ қисми ҳавзро аз об пур менамоянд (Дар 4 соати кори якҷоя онҳо $\frac{1}{4}$ ҳиссаи ҳавзро пур мекунанд). Пас, қубури дуюм дар як соат $\left(\frac{1}{16}-\frac{1}{x}\right)$ қисми ҳавзро аз об пур мекунад. Аз тарафи дигар, дар *(х+12)* соат қубури дуюм ҳавзро аз об пур кард, яъне дар ин муддат $\frac{3}{4}$ ҳиссаи ҳавзро. Пас, дар як соат ин қубур $\frac{3}{4}:(x+12)=\frac{3}{4(x+12)}$ ҳиссаи ҳавзро аз об пур мекунад.

Ин мулоҳизаҳо ба муодилаи зерин меоранд:

$$\frac{1}{16}-\frac{1}{x}=\frac{3}{4(x+12)}$$

Қисмҳои чап ва рости муодила ҳамон як бузургӣ — ҳиссаи ҳавзро, ки дар як соат қубури дуюм онро бо об пур менамояд, ифода менамоянд.

Муодилаи ҳосилкардаамонро ҳал мекунем. Ба махраҷи умумӣ *-16х(х+12)* ҳар ду қисми муодиларо зарб карда ҳосил менамоем:

$$x(x+12)-16(x+12)=12x$$

$$x^2-16x-192=0$$

$$x_{1,2} = 8 \pm \sqrt{64+192} = 8 \pm \sqrt{256} = 8 \pm 16 \;\; x_1 = -8 \text{ ва } x_2 = 24$$

Решаи якум шарти масъаларо қаноат намекунад. Қубури дуюм дар як соат $\frac{1}{16} - \frac{1}{24} = \frac{1}{48}$ ҳиссаи ҳавзро пур мекунад. Пас, вай дар 48 соат ҳавзро пур менамояд.

Ч а в о б: 24 ва 48 соат.

Азбаски дарозии тараф манфӣ буда наметавонад, пас мавриди якум ҳалли асосии масъала аст.

Гузоштани масъалаҳои гуногунмазмун ва усулҳои гуногуни ҳал метавонад хонандаро ба масъала машғул дошта, барои амиқ фикр кардани ӯ шароит фароҳам оварад. Омӯзгори асил бояд пайваста хонандагонро ба ин амал ҷалб намуда, қобилиятҳои зеҳнӣ ва малакаҳои амалиашонро тағйир диҳад [10-15].

Адабиёт:

1. Блох А.Я., Гусев В.А. Методика преподавания математики в средней школе / А.Я.Блох, В.А.Гусев. - Москва, 1987.
2. Брадис В.М. Методика преподования математики в средний школе / В.М. Брадис. – М., 1954.
3. Василевский А.Б. Обучение решению задач. Вишейшая школа / А.Б. Василевский. – Минск, 1979.
4. Дорофеев Г.В., Суворов С.Б. Математика, учебник для 5 класса общеобразеватеьных учреждений / Г.В.Дорофеев, С.Б.Суворов. – Москва, 1997.
5. Қодиров Н. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 5 / Н.Қодиров. - Душанбе, 2001.
6. Маҳмудов Т. Масъалаҳои шавқовари математикӣ / Т. Маҳмудов. – Душанбе, 2016.
7. Қодиров Н. Математика дар синфи 5. Ба ёрии муаллим. – Душанбе, 1972.
8. Маҳмудов Т. ва диг. Машқ ва масъалаҳо аз алгебра. Қ 1- / Т. Маҳмудов ва диг. 2009-2013-2014.
9. Маҳмудов Т. ва диг. Маълумотнома аз математика / Т. Маҳмудов ва диг. – Душанбе: Ховарон, 2012.
10. Метальский Н.В. Дидактика математики / Н.В. Метальский. – Минск, 1982.
11. Н. Қодиров., А.Шарифзода. Математика китоби дарси барои синфи 6 / Н. Қодиров., А.Шарифзода. – Душанбе, 2017.
12. Ниёзов С., Догиев Н. Карҳои санҷишӣ аз математика дар синфҳои 5-11 / С.Ниёзов, Н.Догиев. – Душанбе, 2009.
13. Пойя Д. Математика в правдоподобные рассуждения / Д Пойя. - Москва, 1957.
14. Серия Математика. Число П. Москва, 2017.
15. Тихонов А.Н.. Рассказы о прикладной математике / А.Н.Тихонов. - Москва, 1979.
16. Шарифов У. Дарси математика / У.Шарифов. – Душанбе, 2005.
17. Шеврин Л.Н., Гейн А.Г. Математика. Для 6-го класса / Л.Н.Шеврин, А.Г.Гейн. – Москва, 1997.

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКӢ БО ЁРИИ ИФОДАҲО ВА МУОДИЛАҲО ДАР СИНФИ 6

Масъала яке аз мафҳумҳои муҳимтарини математикӣ буда, он аз талаботи амалии одамон ба вуҷуд меояд. Худи ҳаёт дар назди инсон масъала мегузорад ва ӯро водор месозад, ки ба ҳалли он машғул гардида, онро ба манфиати худ истифода намояд. Муаллифон дар мақола кӯшиш намудаанд, ки асосҳои назариявии масъала ва ҳалли онро тавсиф намуда, бо гузориши масъалаҳои актуалӣ ва усулҳои ҳалли онҳо диққати

хонандаро ба худ ҷалб намоянд. Масъалаҳо аз манбаъҳои гуногун гирифташуда, мутобиқ ба мавзӯъҳои барномаи таълимӣ мебошанд. То андозае масъалаҳо шавқовар буда, диққатҷалбкунанда мебошанд. Ҳангоми кор бо масъалаҳо диққати асосӣ ба тавзеҳ, тарҳ ва таҳлили додашудаҳо ва матлуб равона шуда, ба хонанда имкон медиҳад, ки ӯ мустақилона ин навъи масъалаҳоро омӯхта ба ҳалли бевоситаи онҳо шурӯъ намояд. Ҳангоми навиштани мақола аз адабиётҳои методӣ пурра истифода шуда, нуқтаи назари муаллифон бо онҳо баробар кунонида шудаанд. Ин гузориш метавонад ба мутахассисони ҷавон ҷиҳати кор бо масъалаҳо ёрии амалӣ расонад.

Калидвожаҳо: масъала, роҳҳои ҳалли масъалаҳо, мустақилият дар ҳалли масъала, бо ёрии муодила ҳал намудани масъала, методҳои муқоиса дар ҳалли масъала, тафаккури математикӣ.

РЕШЕНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗАДАЧ С ПОМОЩЬЮ ВЫРАЖЕНИЙ И УРАВНЕНИЙ В 6 КЛАССЕ

Задача является одним из основных математических понятий, она возникает из практических потребностей людей. Сама жизнь ставит перед человеком задачу, которая заставляет человека заниматься её решением для своей выгоды. Авторы, в статье стараясь описывать теоретические основы задачи и её решения, приведя актуальные задачи и способы их решения, привлекают внимание читателя. Задачи выбраны из различных источников и соответствуют учебным программам. Также задачи являются интересными и привлекают особого внимания. При работе с задачами основное внимание направлено на описание, интерпретацию и анализ данных, которые помогут читателю самостоятельно изучать подобные типы задач и их решить. При составлении статьи авторы используя различную методическую литературу, выдвигают новые методы решения задач, что предоставляет практическую помощь молодым специалистам при работе с задачами.

Ключевые слова: задача, пути решения задач, самостоятельность при решении задач, решение с помощью уравнения, методы сравнения в решении задач, математическое мышление.

SOLVING MATHEMATICAL PROBLEMS USING EXPRESSIONS AND EQUATIONS IN CLASS 6

The problem is one of the main mathematical concepts, it arises from the practical needs of people. Life itself sets a task for a person, which forces a person to deal with it for his benefit. The authors, in the article trying to describe the theoretical foundations of the problem and its solutions, citing current problems and ways to solve them, attract the attention of the reader. Tasks are selected from different sources and correspond to training programs. The tasks are also interesting and attract special attention. When working with tasks, the main focus is on describing, interpreting and analyzing data, which will help the reader independently study and solve such types of problems. When compiling the article, the authors, using various methodological literature, put forward new methods for solving problems, which will provide practical assistance to young specialists when working with tasks.

Keywords: problem, ways of solving problems, independence in solving problems, solution with the help of equation, methods of comparison in solving problems, mathematical thinking.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳусейнов Руҳулло - омӯзгори кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб кучаи С.Сафаров, 16. Тел. 988882930*

Сведения об авторах: *Хусайнов Рухулло - преподаватели кафедры математики и методики её преподавания Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудак. Адрес. 735360 г. Куляб ул. С.Сафаров, 16. Тел. 988882930*

Information about the authors: *Husainov Ruhullo - teachers of the Department of Mathematics and its teaching methods Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address. 735360 Kulob st. S. Safarov, 16. Ph. 988882930*

УДК: 372.851.1

МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКӢ ҲАМЧУН РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН

Абдуллоев Д.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аз ҳама он маҳорату малакаҳое, ки хонандагон дар омӯзиши математика дар муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ соҳиб мегардад, барои ҳаёт ва фаъолияти меҳнати ӯ аз ҳама муҳимтаринаш аз уҳдаи ҳалли масъала баромадан мебошад. Дар ҳақиқат, он донишҳое, ки хонанда дар мактаб ҳангоми таҳсили худ мегирад, дар оянда ҳамчун таҳқурсӣ ва воситаи муҳиме барои ҳал кардани масъалаҳои ҳаётӣ, техникӣ, истеҳсолӣ ва таълимию илмӣ хизмат мекунанд. Аз ин ҷост, ки дар курси математикаи мактабӣ масъалаҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Сабаби ба ҳал кардани масъала бисёртар аҳмият доданро дар он бояд дид, ки аксарияти дарсҳои математика барои ҳалли ин ё он масъалаи таълимӣ сарф мешавад. Аммо, мутаассифона аксарияти хонандагоне, ки дар зери роҳбарии муаллим миқдори зиёди масъалаҳоро ҳал кардаанд, дар аснои ба масъалаи нав дучор омаданашон ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд ва аз куҷо оғоз карданро намедонад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки омӯзгорон бо хонандагон ба ҳалли масъалаҳо машғул гардида, ҷустуҷӯи тарзҳои ҳалли масъалаҳоро нишон намедиҳанд. Дар натиҷа шогирдон нигарони нишододҳои устудони худ гардида, баҳри ҷустуҷӯи мустақилонаи усулҳои ҳалли масъалаҳои нав кӯшиш намекунад.

Дар масъалаҳалкунӣ марҳалаи аз ҳама мушкилтарин ва мураккабтарин ҷустуҷӯи ҳалли он мебошад. Вақте ки методи ҳал кардани масъалаи додашударо ёфтем, он гоҳ ҳамаи амалиёти дигар, ки аз иҷрои усулҳои маълум, санҷишу татбиқ ва баёни ҷавоб иборатанд, нисбатан осон мешаванд ва мушкилоти зиёдаро ба вуҷуд намеоваранд [10, с. 87].

Мушкилот дар бораи он ки одам тарзи ҳал кардани масъалаи пешниҳодшударо чӣ тавр ҷустуҷӯ мекунад ва чӣ тавр онро меёбад, дар соҳаҳои гуногуни илм дар муддати садсолаҳо омӯхта мешавад. Дар натиҷаи кӯшишҳои зиёде назарияҳои мухталифи раванди ҷустуҷӯи методҳои масъалаҳои кунҷӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Вале мутаассифона, онҳоро ҳамчун асос қабул кардан имкон надорад, зеро ҳар яке норасоиҳои муайяне дорад. Аммо ҳангоми масъала ҳалкунӣ яке аз онҳоро истифода мекунем.

Чи хеле ки медонем, манбаи пайдоиши масъала вазъияти проблемавӣ мебошад. Раванди ҳалли масъала чӣ тавр аз вазъияти проблемавӣ раҳо ёфтани шахси масъалаҳалкунандаро мухтасар пешниҳод мекунем. Бо ин мақсад воситаҳои зерини ҳалкунии масъала лозиманд:

1. Системаи умумӣ ва махсуси эвристикии ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо, ки шахс дар раванди таълимгирӣ ва дар амалиёти масъалаҳалкунӣ худ аз худ намудааст. Қисмати зиёди схемаҳои эвристикиро худи одам дарк намекунад. Он танҳо ҷузъяти ҳисётии амалиёти ӯро ташкил медиҳад.

2. Системаи донишу маҳорати назариявию амалии ҳамон соҳаи илм, аз ҷумлаи математика, ки дар доираи он масъалаи додашуда ҳал карда, таркиби алгоритмҳои намудҳои гуногун барои ҳал кардани масъалаҳои муайян ва таҷрибаи шахси ба ҳал кардани масъалаҳое, ки алгоритм надоранд, дохил мегарданд.

3. Системаи қоидаҳои мантиқии натиҷабарориҳо ва табдилдиҳиҳои муҳокимаронихо. Ба системаи мазкур, аз ҷумла маҳорати таҳлилкуни синтез намудан, ғайримушаххас кардан, ҷамъбасткунӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Бо ҳамин система натиҷабарориҳо аз рӯи аналогия ва индуксия, ки ҳақиқат наздик бошад, низ дохил мегарданд. Ин системаҳоро мувофиқан компонентҳои эврестикӣ, хос ва мантиқи масъалаҳалкунӣ меноманд.

4. Шахси масъалаҳалкунанда ин воситаҳоро дар якҷоягӣ истифода карда, масъаларо ба системаи асосии зерин табдил медиҳад [1, с. 93].

1. **Вусъатдиҳӣ ва табдилоти шарти масъала**

Он масъалаҳое, ки мо бо онҳо бевосита кордор мешавем, ҳал карда метавонем, аз масъалаҳои маҳдуд, яъне аз масъалаҳои шарташон нопурра иборатанд. Дар онҳо забоне, ки бо шарти масъала баён гардидааст, нишон дода намешавад, он назарияе, ки дар асоси он ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ бояд намуд, ошкор намегардад. Ба ибораи дигар, маълумоте, ки бевосита дода шуда аст ва аз шарти масъала ҷудо карда гирифтан мумкин аст, барои ҳал кардани масъала тамоман кифоя нест. Бинобар ин, шахси ба ҳалли масъала машғул дар асоси воситаҳое ки ба онҳо малик аст, доираи маълумотҳоро то дараҷаи зарурӣ бояд васеъ кунад. Дар айни ҳал шарти масъала маълумотҳои зиёдаро ҳал дошта метавонад, ки он барои ҳалли масъала чизе дода наметавонад. Чунин маълумотро аз сабаби он, ки барои табдилдиҳии шарти масъала халал мерасонад, нобуд сохтан зарур аст.

2. Талаботи масъаларо ба талаботҳои дигар ё системаи онҳо иваз намудан

Дар раванди чунин ивазкуни шахсӣ масъалаҳалкунанда талаботи масъалаи додашударо табдил дода, онро ба қисматҳо ҷудо мекунад ва дар охир талаботи аввалро ба чунин талабот меоварад, ки онҳо ба ӯ шиносанд ё ин ки ба таҷрибаи пешинаи ӯ ба осонӣ меоварад.

3.Ба забони дигар баргардонидани масъала

Аксар бо масъалаҳое дучор меоем, ки тавсифи баёнотианд. Масъалаи дилхоҳ татбиқи методҳои хосеро талаб мекунад, ки онҳоро инсоният дар раванди амалиёти таърихии худ оид ба ҳалли масъалаҳо кор карда баромадааст. Ба ҳар як масъала забони муайяне мувофиқат менамояд. Аммо ҳамон як масъаларо бо забони дигар ҳал ва баён кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, мо бояд масъаларо ки бо забони ба худаш мувофиқ баён шудааст, аз масъалаҳое, ки ба забони дигар баён гардидааст, фарқ кунем. Барои ин мо масъалаи аввалиро аслӣ ва дуюмиро баёнотӣ ё тавсифӣ меномем. Ҳамаи масъалаҳои матниеро, ки мо дар мактаб ҳал кунем ва дар онҳо ҳодисоти равандҳои мухталиф бо забони модарии мо баёну тавсиф меёбанд ба масъалаҳои баёнотӣ дохил мегарданду муодила ё системаи муодилаҳое, ки дар асоси онҳо тартиб дода мешавад, ба масъалаҳои аслӣ мансуб мебошад.

Ҳар як масъалаи баёнотиро бо ёрии кодҳо бо ҳамин гуна забоне ифода кард, ки он бо масъалаиҳои аслӣ мубаддал гардад. Ин амалиётро кодиронӣ меноманд.

Методи асосие, ки барои ҳамагуна табдилотҳо имконият фароҳам меоварад, аз моделиронӣ иборат мебошад. Раванди ҷустуҷӯи тарзи ҳалли масъалаи додашуда, раванди худи масъалаҳалкунӣ аз сохтанҳои пайдарпайи моделҳои мухталафи масъалаи додашуда иборат мешавад [11, с. 47-49].

Нақшаи номунависи ҳалли масъаларо пешниҳод мекунам

Дар баробари маълумоти овардашуда баъзе қоидаҳои эвристикӣ татбиқшавандаро, ки ҳангоми масъалаҳалкунӣ истифода мешаванд, номбар мекунем.

1. Пеш аз ҳама ба таври саҳеҳ муқаррар намудан зарур аст, ки шарт ва талаботи масъала ошкор бошад.

2. Ба ҳал кардани масъала шурӯъ намуда, шарти талаботи масъаларо бо қиматҳои элементарии дар оянда тақсимшаванда ҷудо карда, онҳоро ҳадди имкон бо рамзҳои ишорати математикӣ навиштан лозим аст.

3. Ҳангоми ҳал кардани масъала ҳамаи шартҳои додашударо (ягонтоашро фаромуш накарда) пурра истифода кардан лозим аст.

4. Агар аз шартҳои масъала талаботро ҳосил кардан имконпазир бошад, он гоҳ аз шартҳои додашуда натиҷаҳоро то он даме ҳосил намудан лозим аст, ки аз он натиҷаҳо, талабот барояд.

5. Мафҳумҳои дар масъала додашударо ба таърифҳои математикӣ иваз намудан муфид аст.

6. Дар баъзе мавридҳо бо мақсади ёфтани баёни қулайтари талабот, на шарти масъаларо, балки талаботи онро табдил додан ба маврид аст.

7. Баъди хондани масъала ба хотир овардани масъалаи ба ин мақсади пештар ҳалнамудаатонро ба хотир ored.

8. Ҳангоми кӯшиши муайян намудани номаълуми матлуби масъала ба худ додани чунин савол манфиатнок аст. **«Ин номаълум ба воситаи маълумҳои масъала муайян карда мешавад ё не? ё ин ки онҳо намерасанд ва ё зиёдатианд»** [2, с. 72].

Вобаста ба қоидаҳои баёнёфта қоидаи хотир нигоҳ доштан лозим аст. Масъаларо ҳал намуда, амалиёти дар раванди ҳал кардани ҳамон масъала иҷро кардаатон бори дигар назар афканда ба хотир оваред, ки аз кадом тарзи масъала ҳалкун истифода кардед, бартарияти он дар чист, аз ин коратон чиро дар хотир нигоҳ доштани фоидабахш мешуд.

Фақат дар ҳамин ҳолат заҳматеро, ки барои ҳал кардани масъала сарф кардем, бефоида намеравад, зеро мо масъаларо асосан барои он ҳал мекунем, ки барои ҳалли масъалаҳои дигар замина омода кунем ва аз ӯҳдаи ҳалли ҳаргуна масъала баромада тавонем.

Мафҳуми масъала дар ҳаёт ва соҳаҳои илму фан басо васеъ истифода карда мешавад. Аз ин ҷост, ки таърифи мафҳуми масъала то ба ҳол вуҷуд надорад. Масъалаҳои математикӣ пеш аз ҳама муносибати объект бо амалҳои математикиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ба мафҳуми масъала чунин таъриф додан мумкин аст: «Масъала гуфта чунин объектҳоеро меноманд, ки бо воситаи амалҳои математикӣ муҳокима, таҳлил ва баён карда мешаванд» [14, с.15].

Қисми муҳими таркибии бахши математикаи мактабҳои ибтидоӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ (оид ба чор амал) масъалаҳо мебошад. Ба воситаи масъалаҳо, асосан тамоми мазмуни математика ва мафҳумҳои он омӯхта мешаванд.

Хонандагон ҳангоми ҳал кардани масъалаҳо маънои ҳар як амал ва мавридҳои асосии татбиқи онро фаҳмида мегиранд. Дар вақти масъалаҳалкунӣ малакаҳои ҳисобкуниҳои даҳонӣ ва хаттии хонандагон мустаҳкам карда мешаванд, омӯзиши ҳал кардани масъалаҳо барои инкишофи фикрронии мустақилонаи хонандагон ва барои дар онҳо тарбия намудани фаъолиятнокӣ ва ташаббускорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад [12].

Тавассути фикрронӣ равандҳои дарк намудани мантиқи масъалаҳо ташаккул меёбад. Бо инкишофи фикрронӣ чунин ҳолати психологии ба синну соли хонандагон хос нақшаи амалиёт «дар шуур» ва рефлексия (маҳорати дида баромадан ва баҳодиҳии амалиёти худ) пайдо мешаванд. Математика имкониятҳои воқеӣ барои инкишофи фикрронии хонандагон медиҳад, дар ин ҷо вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки аз ин имкониятҳои математикӣ ҳангоми таълими он пурра истифода барад. Лекин роҳу усул, барномаи ноил шудан ба мақсад мавҷуд нест. Донишҳои ибтидоии математикӣ аз тарафи кӯдакон дар шакли муайяни одаткардашудаи ба фаҳмидани онҳо мутобиқгардида, ки дар онҳо қисме мантиқан алоқаманд будаю яке натиҷаи дигараш мебошад, аз худ карда мешаванд [6, с. 95].

Ҳал кардани масъалаҳо аҳамияти калони таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Ҳалли масъалаҳо ба инкишофи тафаккур, нутқ, тасаввур, диққат ва хотираи хонандагон кӯмак мерасонад. Дар ҷараёни ҳал кардани масъалаҳо мафҳум дар бораи робитаи байни бузургиҳо ташаккул ёфта, малакаю маҳорати ҳисобкунӣ такмил меёбад. Ҳал кардани масъалаҳо дар хонандагон мақсаднокӣ, суботкорӣ, сарфакорона интихоб намудани воситаҳо барои ба мақсад ноил шудан, бо нақша кор кардан, амалиёти худро асоснок ва таҳлил намуданро меомӯзонад. Масъалаҳои математикӣ ба ду қисм ҷудо мешаванд: масъалаҳои сода ва таркибӣ. Барои ҳал кардани масъалаҳои сода якто амал талаб карда мешавад. Барои ҳал кардани масъалаҳои таркибӣ бошад ду ва ё зиёда аз он амалҳо талаб карда мешавад. Масъалаҳо – ҳамчун ҷумлаҳои мантиқӣ аз гуфторҳое таркиб ёфтаанд, ки дар худ бузургиҳои ададиро дарбар гирифта, ба мафҳумҳои дуруст ва нодуруст мубаддал мешаванд. Ин гуна ҷумлаи мантиқиро масъалаҳо меноманд [1, с. 147].

Дар баробари дигар мафҳумҳои математикӣ, аз ҷумла мафҳумҳои алгебравӣ ва геометрӣ, нумератсияи ададҳо, амалҳо бо ададҳо ва ғайраҳо, мафҳуми масъалаҳо дар математикаи синфҳои ибтидоӣ нақши асосиро мебозанд.

Инкишофи тафаккури мантиқӣ бевосита бо ҳалли масъалаҳо алоқаманд аст. Раванди ҳалли масъалаҳо на танҳо тафаккури хонандагонро рушд медиҳад, балки таваҷҷуҳро ба худи раванди дарёфти ҳалли масъала бедор мекунад ва инчунин дар тарбияи хислатҳои шахсӣ, аз қабили матонат, ирода, дақиқӣ мусоидат мекунад. Масъалаҳо ҳамчун воситаи таълим, тарбия ва рушди ақлии мактаббачагон хизмат мекунанд.

Масъалаҳои матни мушкилоте мебошад, ки бо забони табиӣ таҳия шудааст; он ҷанбаи миқдории раванд, падида ё ҳодисаро тавсиф мекунад ва талаб карда мешавад, ки арзиши номаълуми миқдори муайянро мувофиқи хусусиятҳои дигари маълум пайдо кунанд [13, с. 57].

Масъалаи ташаккули тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоӣ вақтҳои охир вазифаи асосии мактаб шудааст ва рӯз то рӯз муҳимтар мегардад. Дар синни мактаби ибтидоӣ, кӯдакон захираҳои назарраси рушд доранд. Ҳангоми ба мактаб омадани кӯдак, таҳти таъсири таҳқиқот, таҷдиди тамоми равандҳои маърифатии ӯ оғоз меёбад. Яке аз малакаҳои маърифатие, ки ба омӯзиши хонандагони хурдсол таъсир мерасонанд, ин қобилияти тафаккури мантиқӣ мебошад. Қобилияти тафаккури мантиқӣ қобилияти хонандаро барои ҳалли масъалаҳо тавассути амалиётҳои зеҳнӣ ё қобилияти ба принсипҳо ё қоидаҳо расидан бо роҳи умумигардонӣ ё абстраксияҳои муайян дар бар мегирад [5, с. 81].

Маҳз синни хурдтари мактабӣ дар рушди тафаккури мантиқӣ ва абстрактӣ самаранок аст. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки кӯдакон ба намудҳои нави фаъолият ва системаҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ ҷалб карда мешаванд, ки аз онҳо сифатҳои нави психологиро талаб мекунанд. Илми муосир тафаккурро ҳамчун раванди олии маърифатӣ, ки шакли инъикоси эҷодкоронаи воқеият дар инсон аст, натиҷа медиҳад, ки дар худи воқеият ё дар мавзӯъ дар як лаҳзаи муайяни вақт вуҷуд надорад. Тафаккури инсонро инчунин ҳамчун тағйироти эҷодии ғояҳо ва тасвирҳо дар хотира дарк кардан мумкин аст [15, с. 95].

Дар адабиёти методӣ (М.И. Моро, А.М. Пышкало, Ю.М. Колягин ва ғ.) Қайд карда мешавад, ки истифодаи вазифаҳо ҳамчун воситаи таълим, тарбия ва рушди хонандагон бо татбиқи таълим, тарбия ва рушд алоқаманд аст. Функсияҳои омӯзиши вазифаҳо функсияҳое мебошанд, ки ба ташаккули системаи дониш, малака ва малакаҳои математикӣ равона карда шудаанд [9. с, 58-60]. Функсияҳои таълимии вазифаҳо функсияҳое мебошанд, ки ба ташаккули шавқи маърифатӣ, сифатҳои ахлоқии шахс, малакаҳои худдорӣ ва худогоҳӣ нигаронида шудаанд. Функсияҳои рушдёбандаи вазифаҳо функсияҳое мебошанд, ки ба рушди равандҳои ақлӣ (тафаккур, тасаввурот,

сухан, диққат ва ғ.) хос мебошад. Ва ташаккули амалҳои равонӣ (таҳлил, синтез, муқоиса, абстраксия, конкретӣ, умумигардонӣ), инчунин қобилияти амалӣ кардани ақидаи дедуктивӣ ва индуктивӣ. Ҳар як вазифа функсияҳои гуногунро иҷро мекунад, аммо дар айни замон ҳамеша функсияи пешбар (ё якчанд функсия) мавҷуд аст, ки онро ҳадафи асосӣ муайян мекунад ва бояд дар ҷои аввал татбиқ карда шавад. Гурӯҳҳои гуногуни масъалаҳои матнӣ мавҷуданд: - аз рӯи шумораи амалҳо - одӣ (дар як амал ҳал карда мешавад) ва мураккаб (дар ду ё зиёда амал ҳал карда мешавад); - Аз рӯи шумораи маълумот ва маълумоти зарурӣ - муайян (дорои миқдори зиёди маълумот барои ҳалли зарурӣ), номуайян ва аз ҳад муайяншуда (шояд маълумоти гумшуда ё зиёдатӣ дошта бошанд); - мувофиқи қитъа - барои ҳаракат, кор, вақт ва ғайра; - Аз рӯи усулҳои ҳал - бо тақсимоти мутаносиб, фоизҳо, миёнаи арифметикӣ, ва ғ. [4, с. 109].

Бо усулҳои ҳалли - арифметикӣ, алгебравӣ, геометрӣ (графикӣ), мантиқӣ ва ғ масъалаҳои матнӣ ҳал карда мешаванд. Биёед усулҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои матни ро муфассалтар дида бароем. Усулҳои асосии ҳалли масъалаҳои калима усулҳои арифметикӣ ва алгебравӣ мебошанд.

Усули арифметикӣ ин ёфтани ҷавоб ба саволи масъала бо иҷрои амалҳои арифметикӣ дар рақамҳо мебошад. Баъзе масъалаҳоро бо роҳҳои гуногуни арифметикӣ ҳал кардан мумкин аст. Усулҳои ҳалли масъала ақаллан бо як ё якчанд амал фарқ мекунанд.

Усули алгебравӣ ёфтани посух ба саволи масъала бо роҳи тартиб додан ва ҳалли муодила ё системаи муодилаҳо мебошад. Масъаларо бо якчанд роҳи алгебравӣ ҳал кардан мумкин аст, агар барои ин масъала муодилаҳои гуногун ё системаҳои муодилаҳо сохтан имконпазир бошад. Ҳамчунин усулҳо ба монанди усулҳои графикӣ, мантиқӣ, амалӣ, ҷадвалӣ ва омехтаи ҳалли масъалаҳо муҳиманд.

Усули графикӣ сохтани нақшест, ки ба шумо имкон медиҳад, ки бидуни иҷрои амали арифметикӣ ба саволи масъала посух диҳед [8, с. 76].

Усули мантиқӣ ин истифодаи ақидаи мантиқӣ дар раванди пайдо кардани роҳи ҳалли масъала мебошад. Барои посух додан ба саволи масъала ба шумо амали арифметикӣ лозим нест. Усули амалӣ иҷро кардани амалҳо аз рӯи маҷмӯаҳои мавзӯъ мебошад, ки вазъияти дар вазифа тасвиршударо инъикос мекунанд. Барои посух додан ба саволи масъала арифметикаро иҷро кардан шарт нест.

Усули ҷадвалӣ ҳалли масъала бо роҳи сохтани ҷадвал мебошад. Ин усулҳо инчунин барои ҳалли масъалаҳои мантиқӣ, комбинативӣ ва ғайристандартӣ истифода мешаванд. Режими омехта истифодаи усулҳои ҳалли масъалаҳо бо роҳҳои гуногун мебошад. Масалан, суҳбат (муаллим хонандагонро ба роҳи муайяни ҳалли масъала мерасонад) ва муҳокимаи роҳҳои ҳалли тайёр (муаллим ба хонандагон роҳҳои гуногуни ҳалли масъаларо пешниҳод мекунад) [3, с, 79-80]. Хулоса ҳал намудани масъалаҳои матни боиси инкишофи фикрронии мантиқии хонандагон мегардад.

Адабиёт:

1. Актуальные проблемы методики обучения математике в начальных классах. Под ред. М.И . Моро и др. – М.: Педагогика, 1997.
2. Бантова М.А., Бельтюкова Г.В. Методика преподавания математики в начальных классах / М.А.Бантова, Г.В.Бельтюкова. – М.: Просвещение, 1984.
3. Волкова, С.И. Развитие познавательных способностей детей на уроках математики во 2 классе / С.И. Волкова. – М.: Просвещение, 2016 – 156 с.
4. Гельфан Е.М. Арифметические игры и упражнения / Е.М. Гельфан. – М.: Просвещение, 2015– 112с.
5. Демидова Т.Е., Тонких А.П. Приемы рациональных вычислений в начальном курсе математики / Т.Е.Демидова, А.П. Тонких // Начальная школа, 2016 – 150 с.

6. Зеленина Е.Б. Развитие познавательной активности школьников педагогическая тактика и стратегия реализации ФГОС в основной школе / Е.Б. Зеленина // Учитель приморья, 2017. – 50 с.

7. Зимовец Н.А., Пащенко В.П. Интересные приемы устных вычислений / Н.А.Зимовец, В.П. Пащенко // Начальная школа, 2016. – 100 с.

8. Кукушин В.С. Современные педагогические технологии / В.С. Кукушин // Начальная школа. Пособие для учителя.– Ростов н/Д.: Феникс, 2003.

9. Кульневич С.В., Лакоценина Т.П. Современный урок / С.В. Кульневич, Т.П. Лакоценина. - Учитель, 2005.- часть I.

10. Лысенкова С.Н. Когда легко учиться / С.Н. Лысенкова. – М.: Педагогика, 1985.

11. Люблинская А.А. Учителю о психологии младшего школьника. Пособие для учителя / А.А. Люблинская. – М.: Просвещение, 1977.

12. Романкова А.А. Классификация и анализ задач по их условию / А.А. Романкова, Е.А. Титова // Молодой ученый. – 2015. – № 5 (85). – С. 524-526.

13. Смирнова А.А. Метод варьирования текстовых задач по математике как средство повышения осознанности знаний учащихся начальных классов / А.А. Смирнова, Н.С, Чернышова, Е.В. Милейко // Начальная школа. – 2009. – № 4. – С.57.

14. Стойлова А.П., Пышкало А.М. Основы начального курса математики: Учебное пособие для учащихся пед. уч-щ по спец. № 2001 Преподавание в начальных классах общеобр. шк. / А.П.Стойлова, А.М. Пышкало. – М.: Просвещение, 1988.

15. Теоретические основы методики обучения математике в начальных классах: Пособие для студентов фак. подгот. учителей нач. классов заоч. отделения. – М.: Институт практической психологии. – Воронеж: НПО “МоДЭК”, 1996.

МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКӢ ҲАМЧУН РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН

Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои педагогӣ-психологӣ ва математикиро дар бар мегирад. Дар он муҳаққиқ вобаста ба масъалаҳои математикӣ ҳамчун рушди қобилияти фикрронии мантиқии насли наврасро баррасӣ намудааст. Инкишоф ва қобилияти ҳаматарафаи шахсияти хонандагон дар ҷараёни таъсиррасонии омилҳои гуногуни биологӣ, психологӣ, педагогӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад. Дар ин самт соҳаи маориф, хосатан муаллимони муассисаҳои таълимӣ ва оилаву ҷомеа нақши бориз мебозанд.

Дар замони муосир мушкилоти донишазхудкунӣ ва татбиқи донишҳои ҳосил гардида, яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаи инсонӣ мебошад. Инсон дар марҳилаҳое қарор дорад, ки ҳаёт бо суръати хеле баланд дар ҳаракат аст. Вориди ин маҷро гардидан бо суръати он ҳаракат намудан вазифаи ҳар як узви ҷомеа аст. Бинобар ин, масъалаи таълим ва тарбия бояд дар сатҳи нав қарор гирифта, ба равиши маҷраи ҳаёт равона гардид. Ба воситаи ҳалли масъалаҳо кӯдакон бо тастиқотҳои муҳими дарккунӣ ва тарбиявӣ ошно мешаванд. Чунки мундариҷаи бисёр масъалаҳои дар синфҳои ибтидоӣ ҳалшаванда, инъикосгари меҳнати кӯдакон ва калонсолон, комёбиҳои мамлакати худ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, техника, илм, санъат ва ғайра мебошанд. Ба илмҳои мавҷуда тарҳи нав ворид сохтани онро ба аҳли ҷомеа такмил намуда, яке аз амалҳои муфидтарин ба ҳисоб меравад. Муаллиф мақолаи мазкурро ба он мақсад руйи кор овардааст, ки омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагони мо ба ҳалли масъалаҳои математикӣ машғул гарданд. Зеро ҳалли масъала фикронии инсонро тақвият бахшида иродаи ӯро мустаҳкам намуда, ба ин васила хислатҳои неки инсонро дар ниҳодаш парвариш медиҳад. Бовари дорем, ки дар мавриди машғул гардидани хонандагон ба ҳалли масъалаҳо савияи дониш, фикрронии мантиқӣ ва ҷаҳонбинии онҳо васеъ мегардад. Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои матнӣ боиси инкишофи фикрронии хонандагон ва ба бештару хубтар азхудшавии муносибатҳои функционалӣ, ривоҷи

маданияти ҳисобкунии онҳо мегардад. Дар раванди ҳалкунии масъалаҳо дар хонандагон маҳорат ва малакаи моделиронии объектҳо ва ҳодисаҳо ташаккул меёбад.

Калидвожаҳо: фикрронӣ, ҷаҳонбинӣ, қобилият, рушд, аналогия, индуксия, моделиронӣ, мушкилот, тафаккур, таълим.

МАТЕМАТИЧЕСКИЕ ЗАДАЧИ КАК РАЗВИТИЕ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ ЧИТАТЕЛЕЙ

В статье рассматриваются педагогические, психологические и математические вопросы. В нем исследователь рассматривает математические задачи, как развитие способности логического мышления подрастающего поколения. Развитие и разносторонние способности личности студентов формируются в процессе воздействия различных биологических, психологических, педагогических, социально-экономических и культурных факторов. Сектор образования, особенно учителей образовательных учреждений, семей и сообществ, играет важную роль в этом направлении.

В наше время проблема приобретения знаний и применения полученных знаний является одной из важнейших проблем человеческого общества. Человек находится на стадии, когда жизнь движется с очень высокой скоростью. Долг каждого члена общества - войти в этот поток и двигаться с его скоростью. Поэтому вопрос образования нужно вывести на новый уровень и сфокусировать на образе жизни. Решая проблемы, дети знакомятся с важными познавательными и образовательными данными. Ведь содержание многих вопросов, решаемых в начальной школе, отражает труд детей и взрослых, достижения их страны в области сельского хозяйства, технологий, науки, искусства и так далее. Одним из наиболее полезных действий является внедрение нового дизайна в существующие науки. Автор разработал эту статью, чтобы помочь нашим учителям, студентам и читателям решать математические задачи. Это потому, что решение проблемы укрепляет мышление человека, укрепляет его волю и, таким образом, воспитывает в нем его хорошие качества. Мы считаем, что уровень знаний, логического мышления и мировоззрения учащихся будет повышаться по мере того, как они будут заниматься решением проблем. Таким образом, решение текстовых задач приводит к развитию мышления студентов и лучшему овладению функциональными связями, развитию их вычислительной культуры. В процессе решения задач у студентов развиваются навыки и умения моделировать предметы и события.

Ключевые слова: мышление, мировоззрение, способности, развитие, аналогия, индукция, моделирование, проблема, мышление, образование.

MATHEMATICAL PROBLEMS AS THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' LOGICAL THINKING SKILLS

This article covers pedagogical, psychological and mathematical issues. In it, the researcher considers mathematical problems as the development of the logical thinking ability of the younger generation. The development and comprehensive abilities of students' personalities are formed in the process of influencing various biological, psychological, pedagogical, socio-economic and cultural factors. The education sector, especially teachers of educational institutions and families and communities, plays an important role in this direction.

In modern times, the problem of acquiring knowledge and applying the acquired knowledge is one of the most important issues of human society. Man is at a stage where life is moving at a very high speed. It is the duty of every member of society to enter this stream and move at its speed. Therefore, the issue of education should be taken to a new level and focused on the way of life. By solving problems, children become acquainted with important cognitive and educational evidence. Because the content of many issues addressed in the primary school, reflects the work of children and adults, the achievements of their country in the field of

agriculture, technology, science, art and so on. One of the most useful actions is to improve the introduction of a new design in the existing sciences. The author has designed this article to help our teachers, students and readers solve mathematical problems. This is because solving a problem strengthens a person's thinking, strengthens his will and thus cultivates his good qualities in him. We believe that the level of knowledge, logical thinking and worldview of students will increase as they engage in problem-solving. Thus, the solution of textual problems leads to the development of students' thinking and the better mastery of functional relationships, the development of their computational culture. In the process of solving problems, students develop the skills and abilities to model objects and events.

Keywords: thinking, worldview, ability, development, analogy, induction, modeling, problem, thinking, education.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Абдуллоев Диловар Анварович - ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ, факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кулоб, кучаи. С. Сафаров 16. тел: (+992) 918172559*

Сведения об авторе: *Абдуллоев Диловар Анварович - ассистент кафедры начального образования факультета педагогики, культуры Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С. Сафарова 16. тел: (+992) 918172559.*

Information about the author: *Abdulloev Dilovar Anvarovich - assistant of the Department of Primary Education, Faculty of Pedagogy, Culture, Kulob State University named after A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, st. S. Safarova 16. tel: (+992) 918172559*

ФИЛОЛОГИЯ

УДК – 80(2-Тоҷ)
А-93

МАХСУСИЯТҲОИ ДИДИ БАДЕИИ ФИРДАВСӢ ВА НИЗОМӢ ДАР ОФАРИНИШИ НАҚШИ ЗАНОН

(*дар мисоли “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва“Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ*)

Ашурова Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар ҷомеаи гузаштаи то замони Фирдавсӣ дар бештари маворид ин асл дар миён будааст, ки зан боиси зиддиятҳо ва бадбахтӣ аст ва ҳеҷ нақши мусбате дар ҷомеа надорад. Ҳатто Арасту занро ноқис медонист ва муътақид буд он ҷо, ки табиат аз офаридани мард нотавон аст, занро меофарад ва занону бандагон аз рӯи табиат маҳкум ба асорат ҳастанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ сазовори ширкат дар корҳои умумӣ нестанд.

Донишманди олмонӣ Сюзан Мюллер роҷеъ ба андешаҳои мутафаккири Юнони бостон Арасту дар мақолааш бо унвони “Баррасии зан аз нигоҳи Арасту” чунин овардааст: “Ба таври куллӣ аз назари Арасту робитаи фармонраво ва фармонбар, арбобу барда ва зану шавҳар робитае аст, ки қобили ҷудо шудан аз якдигар нест, зеро вуҷуди яке мусталзими вуҷуди дигаре аст. Арасту бо баёни ин иборат, ки “фармонбарон ва таҳти султаҳо ҳаммонанди найсозон ҳастанд ва онон, ки фармон медиҳанд ва султагаранд, ба сони найнавозон мебошанд ва аз найе, ки сохтаанд, истифода мекунанд. Ба равшанӣ, ки султаи мардон бар занонро нишон медиҳад. Ӯ бар ин бовар аст, ки занон “ба таври табиӣ” дорои ҷинси паст ва дараҷаи дувум ҳастанд ва табиатан мебоист таҳти султаи мардон, ки аз ҷинси аввал ва бартаранд, қарор гиранд” [15, с. 6].

Ҳамин назар дар ҷомеаҳои асримиёнагӣ дар миёни мардуми Шарқ ҳам ҳукми ғолибро доштааст. Аммо чеҳраи зан дар назари зебобини адибони адабиёти классикии форсу тоҷик аз дарки умумии ҷомеа фарқ дошт. Дар қиёс ба ин ду диди мухталиф, масъалаи чигунагии тасвири зан дар адабиёт ва махсусиятҳои диди бадеии адибон дар офариниши чеҳраи занон ба миён меояд, ки паҳнои фарох дошта, моҳиятан ба ҷаҳонбинии адибон иртибот дорад.

Ба таври умда, проблемаи офариниши образи занон дар адабиёти халқҳои ҷаҳон низ мавқеи хоссае дорад. Агар дар адабиёти Ғарб Бокаччо, Балзак, Стендал, Ҳёте, Шекспир барин бузургон дар таълиф ва офариниши муҷассамаҳои безаволи занон овозадор гашта бошанд, адабиёти халқҳои форсу тоҷик аз симоҳои безаволи занону бонувон ғанӣ ва пурсамар мебошад. Хазинаи адабиёти мо пур аз намунаҳои нодири шоҳасарҳоест, ки дар онҳо занон маҳз боиси илҳоми сипаҳсолорони майдони адаб, сабабгори дар адабиёти ҷаҳонӣ сабт ёфтани номи зумраи муайяни устодони каломи бадеъ гардидаанд [3, с. 17]. Ба қатори чунин шоҳасарҳои адабиёти форсу тоҷик, пеш аз ҳама, “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавиро метавон ҷой дод.

Офариниши образи занон дар адабиёти халқҳои Шарқ реша дар умқи асрҳо дошта, чи дар фолклори халқҳо ва чи дар осори адабиёти хаттӣ инъикос ёфтааст. Дар адабиёти асримиёнагии тоҷик тасвири образи занон, чунонки дар боло ишора шуд, дар асоси ҷаҳонбинии адибон офарида шуда, бештар бо тасвири ҷанбаҳои гуногун ба чашм мехӯрад. Бозтоби чашмгири образи занонро мо бештар дар достонҳои мардумии насрӣ ва офаридаҳои назми ҳамосавии адабиёти форсу тоҷик, ки қуллаи баланди он “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мебошад, дармеёбем.

Фирдавсӣ барои занон бузургӣ ва азамати махсусе дода аст. Аз ин ҷост, ки аз диловариҳо ва ҳушёрии занон сухан ба миён оварда, пеш аз ҳама, чеҳраи занонеро офаридааст, ки онҳо порсову пок ва дорои иффату исмат ҳастанд. Чунин занон аз назари ақлу ҳушёрӣ мумтоз буда, ҳампои мардон вориди иҷтимоъ мегарданд, аз баъзе мардон, раҳбарони ҳушманд ва чеҳраҳои сиёсӣ хирадмандтар ҷилва мекунанд. Ин тоифа занон, гузашта аз покию порсоӣ ғамгусору ройзан ҳастанд:

Зи покиву аз порсоии зан,
Ки ҳам ғамгусор асту ҳам ройзан [13, с. 154].

Яке аз нукоти бисёр ҷолибе, ки дар ашъори Низомии Ганҷавӣ низ метавон ёфт, изҳори вафодории комили зан аст. Зан ба унвони мавҷуде вафодор ва фидокор муаррифӣ шудааст, ба гунае ки дар мавридҳои зиёд вуҷуди худро фидои мардон намуда, барои намоёндани вафодорӣ худро ба вартаи нестӣ мерасонад.

Ҳаким Фирдавсӣ дар адабиёти асрҳои миёна аввалин адибест, ки дар офаридани симои зани муборизу адолатхоҳ, ватандӯсту меҳанпарвар, ҳақшинос ва баробарҳуқуқ бо мардон ҳам дар корҳои давлатдорӣ ва ҳам дар масоили хонаводагӣ иқдом кардааст. Вай аз баландии нигоҳ ба мардону занон якхела менигарад ва ҳамаро яксон ба сӯйи ватандӯстию адолатхоҳӣ ва ҳақиқатталабию хирадофаринӣ раҳнамоӣ менамояд. Ҳамин аст, ки симои зан дар саросари “Шоҳнома” мавқеи намоён дорад. Ҳатто бо итминони комил метавон гуфт, ки дар масъалаи таваҷҷуҳ ба зан дар адабиёти навини форсу тоҷик, ки аз асри IX сарчашма мегираду то ба имрӯз идома дорад, суханвареро чун Ҳаким Фирдавсӣ пайдо кардан муҳол аст.

Дар бораи мавқеи намоён доштани нақши зан дар эҷодиёти Фирдавсӣ ховаршиноси маъруфи шӯравӣ Е. Э. Бертелс чунин андешаҳоро иброз доштааст: “Дар “Шоҳнома” симои занон бисёр дархури нигариш аст. Менамояд, ки Фирдавсӣ дар ин ҷо ба суннатҳои куҳан сахт вафодор монда бошад. Занони номдори “Шоҳнома” канизакон ва парастандагони гӯш ба фармон ва даст ба сина нестанд. Ин занон ёрон ва ҳамроҳони шоистаи паҳлавононанд. Инон медонанд, ки чӣ мехоҳанд ва дар роҳи расидан ба ҳадаф мекӯшанд” [2, с. 260].

Фирдавсӣ ба бузургии инсон дар корҳои ҷаҳон ва ватанпарварӣ арҷ мегузорад ва ин мазмун сартосари “Шоҳнома”-ро фаро гирифта, дар амали қаҳрамонон ва образҳои достон, аз ҷумла, занон нишон дода мешавад. Бо хислатҳои наҷиби ватанпарварӣ ва ҷасорату мардонагӣ шоир ду зани мубориз – Гурдофарид ва Гурдияро бо мардон ҳампоя ва бо сиёсатмадорию давлатдорӣ ва бо маслиҳату машварат додан ба мардон Синдухту Ҳумой, Катоюну Сапенуд, Қайдофаю Ширинро баробар ба шоҳону давлатсарон донистааст. Аммо шигифтовар аз ҳама он аст, ки ин ду адиби бемислу мутафаккирони нотакрор дар офаридаҳояшон сухан аз шаҳре меоранд, ки дар он занон ҳам ҳукмфармоӣ мекунанд ва ҳам сипаҳсолорӣ, ҳам ҳунарманданду ҳам ҳимоятгари шаҳру сокинони он, ки саросар аз занон иборатанд ва ин шаҳр ончунон шуҳратёр будааст, ки мардони тавонои майдони набард ба монанди Искандари Мақдунӣ орзуи дидани он шаҳри шигифтангезу пуровоза ва сокинони диловару размандаашро дар дил мепарваранд.

Дар тасвири шаҳри занҳо бо ҳукумати зан, ки дар он ҷо танҳо занон зиндагӣ мекунанд, умқи назари Фирдавсӣ ва Низомӣ ба масъалаҳо намоён мешавад. Чунонки аз таҳқиқоти Зафар Мирзоён дар бораи сарзамини занони разманда – «амазонзанон» маълум мешавад, «дар адабиёти асотирии юнонӣ оид ба сарзамине гуфта шудааст, ки бошандагонаш ҳама занони шамшерзани разманда – «амазонзанон» (амазонки) буда, мардон ба он ҷо роҳ надошта будаанд. Амазонзанон бо мардоне, ки дар ҷанг аз онҳо шикаст хӯрдаанд, омезиш пайдо карда, танҳо фарзандони духтарро дар шаҳри худ нигаҳ медоштанд, аммо фарзанди писарро аз шаҳрашон берун мекарданд, ба падаронашон месупориданд ё аз байн мебурданд. Ҳамчунин, онҳо синаи рости

духтаронро низ дар кӯдакӣ мебуриданд, то ки битавонанд моҳирона тирандозӣ кунанд. (Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ омадааст, ки синаи чапи духтаронро дар кӯдакӣ мебуридаанд).

Дар бораи шаҳри занон ривоятҳои гуногун вуҷуд дорад, ки аз миёни онҳо се ривоят – яке асотири юнонӣ, ки дар осори хаттӣ, аз ҷумла дар ҳамосаи Ҳомер «Одиссея» (Odysseia), асарҳои суратқаши бостон Микон ва тандисҳои пайкартарошон Фидий ва Поликлет бозтоб шудааст, дуввум дар китобҳои торихии Ҳеродот, Эврипид, Плутарх ва севум бозтоби амазонзанон дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ мебошанд» [7, с. 190].

Тибқи ривоятҳои таърихӣ, охирин каси ба он сарзамин расида Искандари Мақдунӣ будааст. Шаҳбонуи амазонзанон Искандари Мақдуниро даъват мекунад, ки ба сарзамини онҳо омада, ӯро ба ҳамсарӣ бипазирад [14].

Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ ин устура дар шакли дигар, вале хеле зебову заминӣ бозгӯ шудааст. Дар ҳар ду асар омадааст, ки пас аз чирамандӣ бар кишварҳо Искандар дидан ва сафар намудан ба кишвари овозаманди занонро орзу мекунад. Ӯ ба шаҳри занон наздик шуда, чун дар бораи далериву хирадмандии занони он шаҳр огоҳ шуда буд, ҷуръати ворид шудан ба он накарда, эҳтиёт пеша мекунад ва бо дасти файласуфе пайғом мефиристад, бар маънии азми ҷанг надоштану танҳо орзуи дидани шаҳри онҳоро доштан. Тафсилоти ин воқеаро мо дар мавриди дигар баён кардаем.

Низомии Ганҷавӣ нисбат ба Ҳаким Фирдавсӣ дар бораи шаҳри шигифтовари занон тафсилоти бештарро бозгӯ карда, дар кушодани олами ботинии маликаи ин шаҳр, яъне ҳокими шаҳри Бардаъ– Нӯшоба диққати вижа додааст. Номи маликаи шаҳри занон дар “Шоҳнома” наомадааст. Ин зан дар тасвири Низомӣ ҳамчун зани ботадбиру рой буда, аз наздик шудани лашкари Искандар огаҳ шуда буд ва ба сарзамини онҳо омаданашро низ бовар дошт, пешакӣ тасвири Искандар ва дигар мулкдорони ҷаҳонро дар даст дошт ва бо дидани «фиристода» пай мебарад, ки ин мард худи Искандари ҷаҳондор аст. Дар номааш барои дидори сарзаминаш пеш аз он ки ба Искандар барои дидани шаҳраш иҷозат диҳад, ӯро ҳушдор медиҳад, ки дар мамлакати ӯ ҳама занон размандаанд ва баҳри дифои шаҳри худ ҳар яки онҳо омодаанд ҷони худро нисор кунанд [4, с. 152-153].

Зӯрмандӣ ва қавииродагии Нӯшобаро Низомии Ганҷавӣ аз забони ин шерзан чунин бозгӯ кардааст:

Агарчи занам, зансияр нестам,
Зи ҳоли ҷаҳон бехабар нестам.
Манам шерзан, гар туӣ шермард,
Чи мода, чи наршер вақти набард.
Чу барҷӯшам аз хашм чун тундмеғ,
Дар об оташ ангезам аз дуди теғ.
Кафалгоҳи шерон барорам ба доғ,
Зи пиҳи наҳангон фурӯзам чароғ [4, с. 159].

Ин зани мардафкан ба қувваю нерӯи худ бовар дошта, дар набард бо мардони майдон шоистагии худро изҳор медорад, аммо дар он ҳолате, ки метавон корро бо сулҳ анҷомид, дари ҷанг намекӯбад. Зани ҷанговару ҳамзамон сарвари чорасоз шоҳи замонро на танҳо бо ҳусну ҷамол, балки бо хираду расо, тадбирҷӯй, нерӯмандӣ, тавоноӣ ва корнамоиҳои худ қоил мекунад.

Тавассути офаридани шаҳри ормонии занон Низомии Ганҷавӣ орзу кардааст, ки занони замони худро, ки бо таъсири дини ислом то андозае аз ҳуқуқҳои худ маҳрум шуда буданд, мисли занони ориёии то замони вуруди ислом бубинад. Фотима Муйизӣ дуруст дарёфтааст, ки Ҳаким Низомӣ хираду паҳлавонӣ, сидқу меҳрубонии занони ватанпарвари шаҳри занонро ситоиш намуда, орзу кардааст, ки занон дар ҳама давру

замон аз чунин озодиҳо баҳравар бошанд. Ӯ дар ин бора чунин мегӯяд: “Низомӣ мақбулияти занро ба ҳадди аълои худ мерасонад. Зане чун Нӯшобаро ҳокими сарзамини Бардаъ мекунад. Ормоншаҳре барои занон месозад, ки шояд қарнҳо орзуи заноне бошад, ки таҳти фишори зӯргӯии мардон будаанд ва ин ҳамон вокуниши зеҳни исёнгари нависанда дар баробари норавоиҳои рӯзгор аст. Коре, ки Ҳаким Низомӣ ба шоистагии ҳар чӣ тамом кард, ин буд, ки аз нигоҳи таҳқиромези замони худ ба зан убур кард ва дуруст ҳангоме ки шоири муосири худ Ҳоқонӣ духтарро мояи сарафкандагӣ ва эҳтиёзи ҳамсарро ранҷи дили худ ва шоистатарини додаро барои духтар гӯри торик медонад ва аз марги духтараш хурсанд мегардад, эътиқоди худ ба зан ва шефтагӣ ба ҳамсари аввалаш Офоқро дар ҳар ҷо ва ба ҳар баҳона баён мекунад” [8, с. 38-39].

Нигоҳи Низомӣ ба зан аз аввалин то охирин манзума марҳилаҳои такомул ва таҳаввулро паймудааст ва чунонки ишора шуд, тафовути ӯ бо дигар шоирон дар иқтидори бахше ба зан, озодагӣ, ҳифзи ҳурмат ва ҳаё ва кашфи чеҳраи дурахшони ошиқ дар ниқоби маъшуқ аст.

Ба назар мерасад, ки Ҳакими Тӯс ва Низомии Ганҷавӣ бо офаридани образи занони ҷасуру паҳлавони шаҳри Ҳарум ва Бардаъ, алалхусус сарварони ин шаҳрҳо, ки фармонравоёни кордон, ватандӯсту беназир мебошанд, хостаанд бифаҳмонанд, ки кореро мебояд мардон барои дифои марзу бум ва зану фарзанди худ анҷом диҳанд, на ҳама вақт онро уҳда карда тавонистаанд, аммо занон аз роҳи бунёди кишвари вижаи бидуни мард, барои аз теғи хуношоми Искандари кишваркушо наҷот додани мардум ва сарзамини падарон, барқарор намудани сулҳу осоиштагӣ ва обод сохтани мамлакат тавоноии хешро нишон бидиҳанд.

Ба ин тартиб, яке аз ангезаҳои асосии нигориши «Шоҳнома» масъалаи ҳуввияти эронӣ будааст, ки Абулқосими Фирдавсӣ хостааст, то эрониён гузаштаи таърихии худро чунин бояд бубинанд. Низомӣ низ дар симо ва рафтору кирдори занони шаҳри Бардаъ ва шаҳбонуи он – Нӯшоба андешаи пешқадамеро изҳор намудааст, ки дар вақти зарурат, хусусан, вақте ки шамшери аҷнабиён болои сари ҳамватанон таҳдиди хунрезӣ мекунаду сарзаминашонро хатари ҷанг дар пеш аст, ҳама бояд баҳри ҳимояи ватан бархезанд ва барои дифои марзу буми он, агар лозим шавад, ҷони худро қурбон созанд.

Ҷолиб аст, ки дар фасли “Расидани Искандар ба ҳадди Шимол ва бастани садди яъҷуҷ”-и достони “Искандарнома” дар охири амалиёти Искандар Низомии Ганҷавӣ шаҳри боз аз ин ҳам аҷибтареро тасвир мекунад, ки дар он мардумонаш, чи мард ва чи зан, ҳама озоду осоишта ва баробар зиндагӣ мекунанд ва меҳрубони якдигаранд ва дар он на ҳоким асту на гадо, на дузд асту на посбон ва ҳама хушбахтанд. Шоҳи Рум бо ҳамаи фазилат, сиёсатдонӣ, одилӣ ва қаҳрамонию мағлубнашавандагӣ дар назди мардумони шаҳри озод, ки сокинонашро дар баробари мардон занон низ ташкил медиҳанд, мағлуб мешавад:

Сикандар чу дид ончунон расму роҳ,
Фурӯ монд саргашта бар ҷойгоҳ.
Бад-эшон гирифтаст олам шукӯҳ,
Ки автоди олам шуданд ин гурӯҳ.
Агар сират ин аст, мо бар чием?
В-агар мардум инанд, пас мо кием? [4, с. 432].

Чунин деҳи ободро, ки саросар мардумонаш озоду хушбахтанд, Ҳаким Фирдавсӣ низ дар достони “Подшоҳии Баҳроми Гӯр” тасвир кардааст. Дар асар аз деҳе ободу хуррам ҳикоят шудааст, ки ҳама мардуми он, чи марду чи зану кӯдак ва чи музду чи кадхудой бо ҳам баробар буданд. Баҳроми Гӯр ҳангоми шикор гузараш ба он ҷо меафтад [12, с. 98-99].

Шабеҳи чунин ҷамъияти хаёлиро, ки Фирдавсӣ ва Низомӣ орзу кардаанд, дар шаклҳои гуногун дар “Китоб-уш-шифо”-и Абӯалӣ ибни Сино, “Вис ва Ромин”-и

Фахруддини Гургонӣ, ҳамосаи шумерӣ дар бораи Гилгамеш, дар “Авасто”, достони хитоии “Чашмаи зардолузор”-и Тао Юан – Мин, кишвари шамбали фолклори ҳиндӣ, кишвари Бӯмбаи достони қалмиқии “Ҷангар”, афсонаҳои русӣ ва амсоли инҳо дидан мумкин аст [1, с. 353].

Маъмулан адибони форсу тоҷик дар осори худ бештар симои занони нозукандому хушхиром, сарвқад, нафису зеборо мавриди тасвир қарор додаанд, аммо дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ба ин ҳусну ҷамол боз тавонмандию паҳлавонӣ ва ҳунармандию боландагии ҷисмонии онҳоро низ афзудаанд. Дар ҳама давру замон паҳлавонону қавипайкарон ва умуман, инсонҳои ҷисман обутобёфта, чи занону чи мардон, ҷуз аз нерӯю тавоноии фитрӣ бояд сифатҳои паҳлавониро аз роҳи машқу тамрин, аз худ кардани ҳунарҳои гуногуни варзишию низомӣ ба даст ованд.

Аз ҷумла, дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ занони далере, чун Синдухт, Гурдофарид, Катоюн, Бонугушасп, Гурдия, либоси низомӣ ба бар карда, ҳунари хуби асптозиро ба намоиш мегузоранд. Синдухт либоси разм пӯшида, савори асп барои пешгирии ҷангу хунрезиҳо ва ҳимояти Кобул бо раҳпаймоиҳои дуру хатарнок пеши Сом мешитобад [10, с.334]. Ё худ, разми Гурдофарид бо Сӯҳроб саҳнаи зебоест, ки нахустин бор дар достонҳои “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ба тасвир расидааст. Дар фасли “Разми Сӯҳроб бо Гурдофарид” ҳунарнамоии Гурдофарид дар се навъи ҳунари варзишию низомӣ, чун асптозӣ, тирандозӣ ва камонварӣ бозтоб гардидааст [11, с. 234-235].

Дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ низ метавон ба тасвири паҳлавонбонувоне дучор омад, ки дар навъҳои гуногуни ҳунарҳои низомӣ аз худ чирамандиҳои бемисл ба намоиш мегузоранд. Ҷиҳатҳои мазкур ва диди вижаи шоирон перомуни қудрат ва тавоноии бонувон дар фасли алоҳида баррасӣ мешавад.

Назари Фирдавсӣ ва Низомӣ оид ба озодӣ ва баробарҳуқуқии занону мардон дар интихоби ҳамсар ҳамчун улгу дар кулли ҷомеаҳо маърифат мешавад. Ҳам дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва ҳам “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ дар ин хусус нуктаҳои омӯзандаи зиёд дарҷ шудаанд. Масалан, пайванди Зол бо Рудоба, Рустам бо Таҳмина, Бежан бо Манижа, Ковус бо Судоба, Гуштосп бо Катоюн, Баҳроми Гӯр бо Сапенуд, Шопур бо духти Меҳрак, Хусрав бо Ширин, Баҳроми Гӯр бо Фитна, Искандар бо Равшанак ва амсоли инҳо намунаҳое мебошанд, ки масъалаи баробарҳуқуқии занон дар интихоби ҳамсарро ба намоиш мегузоранд.

Дар достонҳои “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ба ҳолати ҷуфтҷӯии хоҷагон бо канизакони худ дучор меоем. Баҳроми Гӯр дилбохтаи канизи худ Фитна гардида, пай мебарад, ки ӯ низ дар дил ба шоҳи ҷавон меҳри самимӣ парвардааст. Баҳром Фитнаро аз канизӣ озод карда, ӯро ба ҳамсарӣ мепазирад. Намунаи беҳтарини ҳамсарпазириро дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ дар амалу рафтори қаҳрамонони достони мазкур дилдодагон – Хусрав ва Ширин ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ҳар ду дилдодагон дар аввали достон дар интихоби ҳамсар озод ва баробарҳуқуқанд.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Фирдавсӣ ва Низомӣ дар баробари тавсифи шоистагии шаҳбонувону шаҳзодагон иродату хирадмандии занони оддӣ, ба истилоҳ занони табақаи пасти ҷамъиятиро низ дар лаҳзаҳои гузарои шоҳкори худ бозтоб намудаанд. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» як идда намодҳоеро бозтоб намудааст, ки эшон аслан канизу надиманд ва чунонки дар боло гуфтем, дар кушодани муаммоҳо ва ёвар будан бо шоҳону паҳлавонон, беҳамтоянд. Дар баробари ҳамёру маслиҳатгар будани канизакони хирадманд ба шоҳону сарварон, нақши доягону парасторон низ дар тарбияи шоҳону паҳлавонон ҷойгоҳи хосса дорад.

Аз лобалои тасовири бадеии марбут ба образи канизон бармеояд, ки Фирдавсӣ ва Низомӣ онҳоро ҳамчун ҷузъи муҳимми ҷомеа мешиносанд. Симои канизакон агарчи бештар дар пасманзари шахсиятҳои асосӣ офарида мешаванд, онҳо дар ҳалли масъалаҳое, ки адибон ба уҳдаашон мегузоранд, фаъол ҳастанд. Ҳатто канизе, ки дар ҳарамсарои Қайсар аз нажоди эрониён буд, ҳисси эронпарастӣ дорад. Вай барои аз банд раҳо кардани шоҳи Эрон – Шопури Нарсӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар офариниши нақши занон соҳиби диди бадеии махсусе ҳастанд, ки ҳосили маърифати бадеии воқеияти замон ва ҷаҳонбинии онҳо мебошад. Барои ҳар ду адиб зан соҳиби рисолати муайян буда, баъзе занон дар зиракӣ ва ҳалли муаммоҳо бо мардон паҳлӯ мезананд. Занро дар тасвири бадеии офаридаашон ин адибон, бар хилофи назари умумии роиҷ дар ҷомеаи асримиёнагӣ, мавҷудоте заифу ҳақир тасвир накардаанд. Балки онҳо бо кордонӣ, зебоӣ, вафодорӣ, меҳрварзӣ, покиву покдоманӣ ва қудрату нерӯманд тимсоли занони ҷасуру меҳрубон тасвир шудаанд.

Адабиёт:

1. Афсаҳзод А. Ҷомӣ–адиб ва мутафаккир / А. Афсаҳзод.-Душанбе: Ирфон, 1989, 384 саҳ.

2. Бертелс Е. Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ / Е. Э. Бертелс.-Душанбе: “Эр-граф”, 2015.-584 саҳ.

3. Бобокалонова Ҷ. Ду симои ҷовид // Занони Тоҷикистон (маҷаллаи оммавию сиёсӣ, адабию бадеӣ), №7 (467) июли соли 1979, аз 17 то 18, с. 17.

4. Ганҷавӣ Низомӣ. Хамса: Искандарнома //Низомии Ганҷавӣ. -Душанбе: Адиб, 2012.-480 саҳ.

5. Инсофпур, Ғуломризо. Ҳуқуқ ва мақоми зан дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. //Ғ. Инсофпур.– Теҳрон, 1355 – 120 с.

6. Иттиҳодия Мансура. Зан аз назари Фирдавсӣ / М. Иттиҳодия // Адабиёт ва санъат. – №10 (1617). – 3-юми марти соли 2012. –С. 3.

7. Мирзоён Зафар. Офаридгори сухан / Зафар Мирзоён.-Душанбе: То Рус, 2018.-272 саҳ.

8. Муйизӣ Фотима. “Хамса”-и Низомӣ–нардбони сууди зан // Зан ва фарҳанг. Фаслномаи илмӣ–пажӯҳишӣ, соли панҷум, шумораи ҳаждаҳум, зимистони 1392, саҳ. 25-40, таърихи вусул: 1392 / 4 / 10, таърихи пазириш 1392 / 4 / 18, с. 38-39.

9. Нелдеке, Т. Ҳамосаи миллии Эрон / Т. Нелдеке ; тарҷумаи Бузург Алавӣ, бо муқаддимаи устод Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1379.– 239 с.

10. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 1. – 480 саҳ.

11. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 2. – 480 саҳ.

12. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 7. – 480 саҳ.

13. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – Ҷилди 10. – 416 саҳ.

14. Wikipedia. Org/ wiki/ Амазонки в литературе. Материал из Викитеки – свободной библиотеки. ЭСБЕ (Энсиклопедический словарь Брокгауза и Ефрона), в 86 томах.

15. Мюллер Сюзан Окин. Баррасии зан аз нигоҳи Арасту / Сюзан Окин Мюллер. Тарҷумаи Нуризода. Канада, Монтреал. (Аз расонаи интернетии Vista News Hub.)

МАХСУСИЯТҲОИ ДИДИ БАДЕИИ ФИРДАВСӢ ВА НИЗОМӢ ДАР ОФАРИНИШИ НАҚШИ ЗАНОН (*дар мисоли “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ*)

Ҳар як марҳалаи таърихӣ дар асари табадулоти фарҳангию сиёсӣ вобаста ба ниёзҳои маънавии ҷомеа тазоҳуроти адабиро низ пушти сар мекунад ва дар пайи чунин зуҳурот диди бадеии адибон низ таҳаввулпазир мегардад. Чунин таҳаввулот имкони бештареро барои қиёс ва шинохти ҷаҳони андешаи шоир ба бор меорад.

“Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ аз шоҳкориҳои азими адабиёти форс-тоҷик буда, дар адвори гуногуни таърихӣ навишта шудаанд. Аммо ҳеҷ ҷойи тардид нест, ки ҳамосаи миллии тоҷикон – “Шоҳнома” бо ғояҳои бадеии худ заминаи устувореро барои таълифи дигар достонҳои эпикию лиро-эпикӣ гузошт. Аз ҷумлаи чунин осори матлуб, ки баъзе ҳамоҳангиҳои зич бо “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ дорад, “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ мебошад. Дар татбиқу баррасии достонҳои алоҳидаи ин ду шоҳасари бузурги адабӣ метавон таҳаввули диди бадеии Ҳаким Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавиро берун овард.

Дар ин мақола бо таваҷҷуҳ ба офариниши нақши занон дар ду асари ҳунарӣ – “Шоҳнома” ва “Хамса” махсусиятҳои таҳаввули диди бадеии Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ва Низомии Ганҷавӣ баррасӣ гардидааст.

Муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар офариниши нақши занон соҳиби диди бадеии махсусе ҳастанд, ки ҳосили маърифати бадеии воқеияти замон ва ҷаҳонбинии онҳо мебошад. Барои ҳар ду адиб зан соҳиби рисолати муайян буда, баъзе занон дар зиракӣ ва ҳалли муаммоҳо бо мардон паҳлӯ мезананд. Занро дар тасвири бадеии офаридаашон ин адибон, бар хилофи назари умумии роиҷ дар ҷомеаи асримиёнагӣ, мавҷудоте заифу ҳақир тасвир накардаанд. Балки онҳо бо кордонӣ, зебоӣ, вафодорӣ, меҳрварзӣ, покиву покдоманӣ ва қудрату нерӯманд тимсоли занони ҷасуру меҳрубон тасвир шудаанд.

Вожаҳои калидӣ: *Фирдавсӣ, “Шоҳнома”, Низомӣ, “Хамса”, образ, таҳҳиқи қиёсӣ*, таҳаввули диди бадеӣ, , зебоӣ, вафодорӣ, меҳрварзӣ, покиву покдоманӣ.

ОСОБЕННОСТИ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ВЗГЛЯДА ФИРДОУСИ И НИЗАМИ В СОЗДАНИИ ОБРАЗОВ ЖЕНЩИН

(на примере “Шахнаме” Фирдоуси и “Хамса” Низами)

Каждая историческая эпоха вследствие культурных и политических преобразований в зависимости от духовных потребностей общества, переживает и литературные явления. В результате таких явлений, претерпевает изменения и художественные взгляды деятелей литературы. Такие изменения представляют собой большую возможность для сравнения и познания мира воззрений поэта.

“Шахнаме” Фирдоуси и “Хамса” Низами признаны как непревзойдённые шедевры персидско-таджикской литературы, созданные в различных периодах истории. При этом нет никакого сомнения, что национальный эпос таджиков – “Шахнаме” своими художественными идеями заложил прочную основу для создания эпических и лиро-эпических поэм. К числу таких поэм, имеющих, в определённой степени, тесное созвучие с “Шахнаме” Фирдоуси, относится цикл поэм “Хамса” Низами. Сравнительное изучение и анализ отдельных поэм этих двух ярких литературных шедевров, предоставляют возможность ознакомления с эволюцией художественного воззрения Фирдоуси и Низами.

Предлагаемая статья посвящена, с акцентом на создание образов женщин в двух художественных произведениях – “Шахнаме” и “Хамса”, особенностям эволюции художественного воззрения Фирдоуси и Низами.

Автор приходит к заключению о том, что Фирдоуси и Низами в создании образов женщин располагают особым художественным взглядом, являющимся

результатом художественного познания реалий времени и их мировоззрения. Для каждого из наших двух поэтов женщина выполняет определенную миссию. Некоторые женщины проницательностью и решением вопросов идут в ногу с мужчинами. Женщину эти поэты, в созданных ими художественных произведениях, в отличие от доминировавшего средневекового взгляда, не изображают слабой и презренной. Напротив, они изображены опытными, красивыми, верными, любящими, чистоплотными, целомудренными, сильными и отважными.

Ключевые слова: *Фирдоуси, "Шахнаме", Низами, "Хамсе", образ, сравнительный анализ,* эволюция художественного воззрения, сильными, отважными, любящими

FEATURES OF THE ARTISTIC VIEW OF FIRDOUSHI AND NIZAMI IN THE CREATION OF WOMEN'S IMAGES

(on the example of "Shahnameh" by Ferdowsi and "Khamsa" Nizami)

Each historical epoch, due to cultural and political transformations, depending on the spiritual needs of society, experiences literary phenomena. As a result of such phenomena, the artistic views of literary figures also undergo changes. Such changes represent a great opportunity for comparing and understanding the world of the poet's views.

"Shahnameh" by Ferdowsi and "Hamsa" by Nizami are recognized as unsurpassed masterpieces of Persian-Tajik literature, created in different periods of history. At the same time, there is no doubt that the national epic of the Tajiks - "Shahnameh" with its artistic ideas laid a solid foundation for the creation of epic and lyric-epic poems. Among such poems, which, to a certain extent, have a close consonance with "Shahnameh" by Ferdowsi, is the cycle of poems "Hamsa" by Nizami. Comparative study and analysis of individual poems of these two bright literary masterpieces provide an opportunity to get acquainted with the evolution of the artistic views of Ferdowsi and Nizami.

This article is devoted, with an emphasis on the creation of images of women in two works of art - "Shahnameh" and "Hamsa", to the peculiarities of the evolution of the artistic outlook of Ferdowsi and Nizami.

The author comes to the conclusion that Ferdowsi and Nizami in creating images of women have a special artistic look, which is the result of artistic knowledge of the realities of the time and their worldview. For each of our two poets, a woman has a specific mission. Some women keep up with men through discernment and decision-making. These poets, in the works of art created by them, in contrast to the dominant medieval view, do not depict women as weak and despicable. On the contrary, they are depicted as experienced, beautiful, loyal, loving, clean, chaste, **strong** and courageous.

Key words: Ferdowsi, Shahnameh, Nizami, "Khamsa",the image, comparative analysis, evolution of artistic outlook, loyal, **strong,** courageous.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ашурова Нодира Ҷумаевна *- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон 735340, ш.Кулоб, маҳаллаи С.Сафаров 16.E-mail: Shokhnoma@mail.ru*

Сведения об авторе: Ашурова Нодира Джумаевна *- кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы и журналистики филологического факультета Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан, 735340, г. Куляб, ул. С.Сафарова 16.E-mail: Shokhnoma@mail.ru*

Information about the author: *Ashurova Nodira Jumaevna - Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty of Kulob State University. Abuabdullah Rudaki.* ***Address:*** *Republic of Tajikistan, 735340, Kulob city, Str.S. Safarov 16. E-mail: Shokhnoma@mail.ru*

УДК – 8125
Н-94

СИСТЕМА УПРАЖНЕНИЙ ПО РАЗВИТИЮ РЕЧИ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В УСЛОВИЯХ ДВУЯЗЫЧИЯ

Назарова Р.Т.
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки

Формирование ключевых компетенции становится сегодня главной целью обучения, так как даёт студенту возможность повысить свои учебные достижения, решать вопросы снижения дефицита общения в обществе. Коммуникативную компетенцию можно рассматривать с трёх позиций: предметно-информационная, деятельностно-коммуникативная, личностно-орентационная, где все компоненты составляют целостную систему личных свойств обучающихся, поэтому коммуникативную компетенцию следует рассматривать как готовность студента к самостоятельному решению задач на основе знаний, умений личностных качеств [1,с. 4].

Всякое занятие, так или иначе, должно побуждать учащихся к самостоятельным высказываниям (задавание вопросов, ответы на поставленные вопросы, объяснения слов и выражений, повторение отдельных выражений, произнесение прочитанных лозунгов и т. д.). Путем чтения подбираются и накапливаются слова, выражения, обороты литературной речи, которые становятся достоянием собственной русской речи учащихся. При этом не беда, если учащиеся при ответах будут пользоваться книжными словами и оборотами.

Обучение иностранному языку как универсальному средству общения предполагает знание языка как функциональной системы, т. е. системы языковых единиц в их «рабочем состоянии», в деятельности [13,с.43] и, значит, знание принципов и механизмов формирования их значений в высказывании для выражений определённых смыслов. Это свидетельствует о ведущей роли коммуникативно-ориентированных методов, об общем процессе преподавания русского языка.

В связи с чтением возможно применение следующих приемов по развитию устной и письменной речи: ответы на вопросы, постановка вопросов, составление плана, пересказ прочитанного, изложение, заучивание наизусть, словарные и другие работы. Ответы на поставленные вопросы может даваться как устно, так и письменно.

Разница в вопросах и ответах от класса к классу будет заключаться лишь в том, что сначала вопросы будит задаваться к одному-двум предложениям и формулироваться так, что в них дается частично речевой материал и для ответа. Пример: Куда пошли мальчики? – Мальчики пошли в лес. А затем, постепенно усложняясь, вопросы будут даваться уже к нескольким предложениям или целому абзацу.

Ответ может состоять из одного предложения, иногда из двух. В начальной школе – это простое предложение с использованием слов вопроса, в средней школе – самостоятельно составленное предложение любого состава и типа. Важно от начала до конца, т. е всегда следить за тем, чтобы предложение даваемое учащимся, как ответ на вопрос, было грамматически правильно и понятно не только самому говорящему, но и всем слушающим или читающим.

Задать вопрос к прочитанному труднее, чем дать ответь на вопрос.

Как учить учеников ставить вопрос? Путь здесь такой: постановка вопросов самим учителем; коллективная постановка вопросов к прочитанному (придумывание вопросов учениками, поправки редактирование их с помощью учителя); образец

вопроса в книге; самостоятельное редактирование придуманных учениками вопросов с последующей проверкой и заключением учителя.

Нужно сказать, что и на родном языке ученики с большим трудом усваивают уменье ставить вопросы, часто осложняя их рассуждениями, растягивая до нескольких предложений. Близко к постановке вопросов стоит прием постановки заголовков к отдельным частям прочитанного.

Составление плана к прочитанному сначала проводится в классе, коллективно с учителем, и только после этого ученики будут пробовать составлять план самостоятельно. Обычно (еще в начальной школе) сначала план составляется в виде вопросов, после этого переходят к составлению плана из заголовков. Можно допускать план и в виде обычных предложений со сказуемыми или даже (в старших классах средней школы) в смешенном виде. В отличие от составления плана к прочитанному на родном языке, здесь можно рекомендовать больше использоватьие текст; нет надобности составлять план из формулировок «своими словами», если найдутся подходящие слова в самом тексте. План обычно составляется в письменном виде.

Пересказ прочитанного является очень важным приемом для развития устной русской речи. В то время как для пересказа на родном языке у ученика имеется всегда более или менее достаточный запас слов, при пересказе прочитанного на чужом языке запас слов, всегда будет недостаточным. Отсюда будут вытекать некоторые методические особенности постановки пересказа на чужом языке; большая близость к тексту, необходимость заглядывать в книгу и т.п. Пересказ на чужом языке является не только приемом для углубления понимания и передачи содержания прочитанного, но в значительной степени приемом повторения и запоминания прочитанных слов и оборотов речи. Поэтому пересказ прочитанного нужно ставить чаще, чем это делается при обучении родному языку. Обычно пересказ ведется сначала по вопросам, затем по плану (данному учителем или выработанному в классе), наконец – свободно.

Письменное изложение прочитанного применяется в старших классах. Для письменного изложения следует брать преимущественно сюжетный материал: рассказы, случаи из жизни, происшествия и т. п., избегая прямой речи и диалогов. Можно брать для изложения также коротенькие описания или рассказы. Полный методический план классного изложения обычно складывается из следующих моментов:

1.Сначала учитель проводит краткую вступительную беседу в целях привлечения внимания учащихся к работе и теме изложения.

2.Затем рассказ читается учителем.

3. После прочтения рассказа ставятся вопросы по содержанию в целом, а также к отдельным словам и выражениям.

4.Затем рассказ читается еще один раз.

5.После этого следует постановка вопросов или составление плана для изложения.

6.Потом можно предложить одному-двум ученикам рассказать, как они напишут изложение (по вопросам или по плану).

7. После такой предварительной подготовки ученики пишут изложение самостоятельно, прочитают написанное и подают учителю.

Во избежание орфографических ошибок при письме изложения ученикам должна оказываться орфографическая помощь всеми имеющимися на такие случаи средствами (разрешение пользоваться русско-таджикским или русским орфографическим словарем, обращение за справкой и к учителю и т.д., вплоть до решения слабым ученикам иметь перед собой раскрытую книгу, в которой они могут найти нужную орфографическую справку).

Нужно сказать отдельно несколько слов о пересказе или изложении по-русски прочитанного текста на родном языке. Пересказ по-русски прочитанного текста на родном языке покажет, что ученик действительно свободно владеет русской речью и

может самостоятельно пользоваться ею. Такая цель в полной мере может, быть поставлена лишь в средней школе, не ранее VII класса. Но приучать к этому надо значительно раньше, с VII класса. Только не надо смешивать свободный пересказа или изложение с переводом. (Здесь имеется в виду лишь передача основных мыслей прочитанного, которые найдут у ученика свободное речевое выражение по-русски). Конечно, нет необходимости запрещать ученикам подробно и близко к тексту излагать прочитанное (это будет приближать изложение к переводу), но нет надобности требовать этого. Вполне достаточно, чтобы ученик V класса мог изложить по-русски сюжет прочитанного на родном языке рассказчика в полстраницы или даже меньше.

Выписки из прочитанного помогут развитию русской речи как прием закрепления и запоминания понравившихся слов, оборотов речи, предложений небольших отрывок и т.д. Заучив их, учащиеся смогут применять в разговорной речи, а также разного рода письменных работах.

Выписывать особенно полезно призывы, пословицы, поговорки, загадки, отдельные понравившиеся предложения, потому что они легко запоминаются и с интересом перечитываются. Полезно также выписывать отдельные наиболее понравившиеся места из прочитанных литературно-художественных произведений.

При изложении, сочинении нужно разрешать им пользоваться выписками (цитатами) и даже поощрять такое пользование, так как оно будет способствовать более вдумчивому чтению и более совершенному по речи и грамотному письму.

Школьная практика показывает, что для учителей имеется здесь большой соблазн подойти к изучению литературных произведений так, как делается это в русских школах, т.е. без учета того, что учащиеся здесь не имеют ни того запаса словаря, который позволил бы им так же быстро и точно понимать русский текст произведений, чтобы свободно выражать содержание прочитанного своими словами.

Поддаваясь такому соблазну, некоторые учителя пытаются сами пересказать содержание изучаемого произведения (иногда даже на родном языке учащихся) вместо внимательного чтения и объяснения самого текста, сами же делают и выводы из прочитанного, иногда даже предлагают учащимся записать, а потом отвечать по записанному. Нетрудно видеть, что такой прием изучения литературного произведения немного дает для развития собственной русской речи учащихся. Такой прием заставляет учащихся больше слушать, понимать и запоминать речь учителя, рассказывающего о произведении и писателе, чем вдумываться и запоминать речь самого писателя.

Получается даже так, что произведение вовсе не читается, а о нем только рассказывается учителем или повествуется в тексте автора учебника.

Для развития собственной русской речи учащихся на уроках полезнее всего будет в первую очередь использовать тексты литературных произведений, тем более, что в старших классах изучаются классические и современные произведения русской литературы, являющиеся образцовыми и по языку. С учетом этого и следует ставить устные и письменные упражнения, которые могут, с нашей точки зрения, быть особенно полезными, а именно:

а) чтение вслух и заучивание наизусть;

б) выписки из прочитанного;

в) ответы на вопросы и постановка вопросов;

г) составление плана;

д) устный пересказ

е) письменное изложение содержания прочитанного;

ж) сочинения.

Упражнения по развитию речи на грамматических занятиях будут сосредоточены, главным образом, вокруг предложения. Изучение предложения – основа всей работы по изучению русской речи, следовательно, основа и всей речевой практики. Кто усвоил уменье свободно оперировать словами, составляя из них предложения так,

что они точно отражают объективную действительность и точно выражают собственные мысли говорящего или пишущего тот усвоил основы изучаемого языка, основы, на которых можно развернуть широкое пользование языком. Кто не усвоил основ построения предложения, тот все время будет беспомощен в практике русской речи.

Перечислим кратко те приемы работ по развитию речи, которые можно применять в связи с грамматическим усвоением предложения почти во всех классах в условиях двуязычия. Это будет следующие примеры:

а) распространение предложений с помощью вопросов;

б) заполнение (вставка) пропущенных слов;

в) доказывание и дописывание предложений;

г) составление предложений по данной теме;

д) составление предложений из данных слов;

е) замена одной формы слов в предложении другой или замена одного типа предложения другим;

ж) перевод предложений с русского языка на родной и с родного на русский.

1. Распространение предложений с помощью вопросов. Как только учащиеся овладели построением предложения из двух членов - подлежащего и сказуемого (что совпадает и с построением однотипного предложения в таджикском языке), уже можно вести работы по распространению предложения. *Хлопок растет* – Где? каком поле? Как сказать все сразу? Началась кампания –Какая? Когда? Где? Как сказать все сразу? *Колхозники приехали* – Какие (чьи) колхозники? Приехали куда? С чем? С какими продуктами?

Подобные упражнения на распространение предложений с помощью вопросов мобилизуют словарный запас учащихся, приучают к связи слов в речи, дают материал для наблюдений над характером этой связи (согласование, управление, примыкание) и т.д. Основное предложение лучше сразу же записать (на доске и в тетрадях). Конечный результат также можно записать.

2. Заполнение (вставка) пропущенных слов (вместо черты или вместо вопроса). Скоро начинается (какая?) кампания. Вчера было (какое?) собрание. Мы решаем (что?). Мы пишем (чем?). Я пишу --- Мы провели.

Это первоначальные упражнения. Они требуют придумывания и подбора слов, постановки их в определенной форме иногда допуская свободу выбора слова и формы: Я пишу---(что? чем? в чем? и т.д.).

3. Дальше можно рекомендовать свободное дописывание (доказывание) предложений: Колхозники приехали… Учитель объявил…Собрание обсуждало… Наши ученики… К подобным же упражнениям можно отнести приписывание сказуемого к данному подлежащему или подлежащего к данному сказуемому (с распространением новыми, пояснительными словами, или без распространения).

Дар забони муосири тоҷикӣ аз нуқтаи назари морфологӣ фаҳмидани моҳияти категорияи бешахс муҳим аст. Дар системаи шахс ва дар заминаи набудани худи шахс маънои шахс ё «иҷрокунандаи амал»-и грамматикӣ далел семантикӣ ошкор мешавад. Дар ин ҳолат аз худи калима инкори шахс ҳамчун шакливазкунии шахс ба ҳисоб меравад. Яке аз нахустин грамматикони рус А.М. Пешковский муҳиммияти ин масъаларо дарҷ карда, онро асли таъсири амали муқобил ва алоқаи структурии байни шакли грамматикии шахс ва маънои лексикӣ -грамматикӣ баҳогузорӣ намудааст. Ҳамин тавр, дар бисёр ҳолатҳо «яке аз он феълҳо бе зудтар иваз кардани маънои ашёгиаш, метавонад баъзан бо шахс ё бешахс истифода шаванд» **[8, с.320]**. Аз дигар тараф, барои тафаккури илми ҳозира мубориза бо асотири пешиҳоди анимистӣ сабаби таассуроти қисман номувофиқӣ байни амал тавлидкунандаи он дар чунин мисоли ибораҳо ҳамчун, «корд дасти ӯро бурид», «яхҳо об шуда рафтанд», «тундар [раъд] одамро мекушад», «шамоли сахт бомҳоро мепаронад» ва ғ. тавлидкунандаи тасвири шаклҳои ғайришахс мебошанд. Масалан: *«Баъд аз дақиқае моҳ ранги лаъличаи нуқрагини дурахшонро пайдо кард»* ***[2, с.244]****. ~ «After a minute the moon became like a silver saucer»* ***[16, p.108]****. «Шамол аз тарафи шимоли шарқӣ меомад»* ***[2, с.40]****. ~ The wind was coming from the East-West [Тарҷумаи информант].*

Ҳамин тавр, иҷрокунандаи амал, «шахс», ба олот ё воситаи амал табдил мегардад. Ибораи «**пайдо кард**» пайрави мантиқӣ, амали айни ҳол иҷрошудаи нақлиро мефаҳмонад. Дар ҷумлаи дуюм хабари иҷрошудаи амал (меомад) ба ғайришахс тааллуқ дорад. Дар чунин ҷумлаҳои ғайришахс мубтадои иҷрокунандаи амал аз тарафи ашёҳо, ҳайвонот ё олоту ҳодисаҳои табиат мебошад. Дар таълими калимаи грамматикӣ, ба ғайр аз сохтори дохилии худ дар феъли бешахс тағйирёбии шакли бешахс ҳамроҳи шакли шахсдори феъл метавонад дар шакли сохтори якум ва худи калима хеле зиёд бошад. Ҳамчун худи категорияи бешахс натанҳо нисбати шакли шахс, бо ифода кардани флексияаш аз онҳо ҷудо намешавад, баъзан бори дигар хеле оддӣ бо сохтори алоқамандии ҳамчун ҳисобидашавандаи «шакли калимаивазшавӣ» бо шакли лексикии калима ошкор карда шудааст.

Категорияи бешахси феъл метавонад маркази асосии семантикаи феъл ба ҳисоб равад. Дар асл аз нуқтаи назари алоқаи ҳозираи грамматикӣ, наметавонем сохтори муқоисаи чизеро тасодуфӣ ба шакли шахс дар мадди назар қарор диҳем. Маълум аст, ки феълҳои ғайришахс танҳо дар шахси сеюм кор фармуда мешавад. Ҳамчун тағйирёбии маъношиносӣ аз сохтори омонимии феълҳо дар шакли шахсии он, шакли бешахс ҳамчун феъли мустақил мисли калимаи ҷудогона амал мекунад. Мисол: «**ях мебандад, медорад** [дарахт мева медорад]; *Вақте ки шамол аз шарқ* ***мевазид,*** *буи баде аз корхонаи наҳангтозакунӣ аз болои бандар ба ин сӯ* ***меомад****; аммо имрӯз фақат шаммае аз бӯи бад ба машом* ***мерасид****у халос, чунки шамол ба шимол* ***баргашта буд*** *ва баъдтар аз вазидан* ***монд****; ҳавои Террас дилкашу офтобӣ* ***буд» [12, с.12]****. ~ «When the wind* ***was*** *in the east a* ***smell came*** *across the harbour from the shark factory; but today there* ***was*** *only the faint edge of the odour because the* ***wind had backed*** *into the north and then* ***dropped*** *off and* ***it was*** *pleasant and sunny on the Terrace»* ***[19, с.11]****.*

Маълум аст, ки бисёри феълҳо танҳо шакли бешахс доранд: «*Ин дарё як канори аҷоиби хушманзарае* ***дошт****, ки дар он ҷо дарахтони маҷнунбед бар рӯи об* ***мехамиданд*** *ва шоху барги худро бар об* ***мегӯтонданд»*** ***[1, с.228]****.~ Below the house ran a little stream, and at one beautiful place a cluster of willows dipped their fingers into the running water* ***[14, p.391]****.*

Шахси сеюми феъл, инчунин, дар шакли фразеологӣ низ мушоҳида мешавад.

Мисол: *«Роҳи зеризамини хонаи Харгӯш аввал* ***рост мерафт****, баъд якбора ба поён* ***мефаромад» [6, с.5]****. ~ «The* ***hole went straight*** *on for some way and then* ***turned down*** *with a sharp bend»* ***[18, p.3]****.*

Дар чунин ҳолат сохтори забони адабии муосир силсилаи сохтори ҳамаи категорияи лексикӣ ва грамматикии шакли бешахси феълҳоро доро буда, баъзеи аз онҳо ҳоло пурра аз шакли худи «омонимҳо» ҷудо нашудаанд. Дар қисмҳои зиёди ин феълҳо шахсу шумора вомехӯрад:

1].Феълҳои «будан», «мавҷудият», «ҳолат»Мисол: «*Модарам мегӯяд, ки ту дар хонаамон аз илтифоти мо рӯз мегузаронӣ; ту бенаводухтар* ***ҳастӣ****, падарат ба ту ҳеҷ чиз боқӣ нагузоштааст» [5, с.9]. ~ «****You are*** *a dependent, mama says; you have no money; your father left you none» [17, p.12]. Дилам аз ғам хаста шуд [11, с.200]. ~ My heart was still going very fast [23, p.108].*

2] Феълҳои истифодакунандаи ҳодисаҳои табиат: «равшан мешавад», «торик мешавад», «хунук шуд», «ях мекунад» ва ғ. Мисол: «*Рег монанди оби истодае, ки дар шамол лаппиш хӯрад, лаппида-лаппида, оҳиста-оҳиста пеш* ***меомад*** *ва қабатҳои рӯи рег лаппиш хӯрда ба канори рӯд* ***мешоридаид*** *ва қабатҳои зерин лаппида аз дунболи онҳо ба ҳаракат* ***медаромадаид****. Шамол торафт шиддат* ***мекард*** *ва рӯи ҳаво аз губор тиратар* ***мешуд»*** *[2, с.23]. ~ «The sand, like a stretch of water* ***whipped*** *into waves by the wind,* ***was*** *slowly washing forward: layers of sand from the surface of the dune* ***were*** *already pouring onto the bank, and the underlying layers* ***were*** *forming moving waves behind them. Meanwhile the wind* ***was*** *blowing stronger and the air* ***was*** *growing darker with the dust»] [16, p.61].*

3] Феълҳои ифодакунандаи воқеа дар шеър: *«Ин хона зи хишти кӯҳна андохтаам»[2, с.3]. ~ "I built this house from bricks of ancient clay" [16, p.26];* 4] Феълҳои алоқаманд бо ифодашавӣ бо қисмат, «сарнавишт», «тақдир»: «*Акнун аз нисфирӯзӣ боз тақдири мо ба ҳам пайвастааст. Ҳеҷ касе нест, ки ба доди яке аз мо бирасад» [12, с.63]. ~ «Now we are joined together and have been since noon. And no one to help either one of us» [19, p.62].*

4] Феълҳои ифодакунандаи ҳиссиёти дохилии ҷисмонӣ ва тағйирёбии физиологӣ дар раванди организм. Мисол: «*Чеҳраи духтур каме тайғир ёфт» [11, с.49]. ~ «The doctor's face changed a little», [23, p.52]*[шахси сеюми шумораи танҳо].

5] Феълҳои ифодакунандаи эҳсосот дар пайдоиши зоҳирӣ [ҳиссиёти дарк ва пайдоиши зоҳирӣ ҳамчун дарки мақсад]: «*Чашмонаш аз оташи ғазаб* ***медурахшиданд****, лабонаш монанди варақагирифтагон* ***меларзиданд****, пӯстҳои рӯй ва атрофи чашмонаш* ***мепариданд»*** *[2, с.63]. ~ «Her eyes* ***flashing angrily****, her lips* ***trembling*** *as if with fever, and the muscles of her cheeks and around her eyes* ***twitching»*** *[16, p.104].*[Шахси сеюми шумораи танҳо].

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисии муосир муайян намудани система ва вазифаҳои категорияҳои шахс ва бешахс аз ҷиҳати семантикӣ гуногуншакл мебошад.

Бешубҳа маънои категорияи шумора дар шахси сеюм дар ҳамаи замонҳо ва сиғаи феъл, ҳангоми истифода нашудани маънои онҳо дар шакли бешахс ва шахси номуайянӣ, то андозае дигар мебошад. Дар функсияи шахсҳои номуайянӣ шахси сеюми феъл дар шумора бо сифат ё бо иваз кардани он бо ҷонишини шахси сеюм, бо номгӯй кардани ашё мувофиқат мекунад. Дар ин ҳолат категорияи шахс дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мегардад.

Дар шахси сеюми замони гузашта бандаки феълии *«-анд»* истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ категорияи шумора натанҳо аз предметноки амиқ ва ҷиддӣ ба вуҷуд меояд, балки то кунун қадамҳои бо он алоқамандбударо нигоҳ дошта, қобили қабул мебошад. Барои ҳамин, шумораи феъл дар шахси сеюм, бо шумораи амалкунандаи предмет мутобиқат карда, он иҷрокунандаи амал мебошад. Вобастагии кам доштани категорияи шумора аз ҷонишинҳои шахсии, шахси якум ва дуюм бори дигар ҷудо будани онҳоро аз сифат нишон медиҳад. Дуруст аст, ки забоншиносон борҳо мустақил будани шумора ва шахси сеюми феълро бо далелҳо ҳамчун мувофиқгардонии маъноӣ

нишон додаанд. Дар истифодабарии шумораи ҷамъи феълҳо дар ҳоле, ки амал дар шахси ҷамъ коллективӣ қайд мегардад, предмет калимаи мувофиққунандаи предмети дар шакли шумораи танҳо пӯшида шудааст. Мисол, аз ибораҳои «**бисёре аз», «каме аз», «бархе аз», «қисме аз»**: «*Ва агар **баъзеҳо** ин олотро ҳамчун васила барои муайян кардани ҳақиқат истифода **мебурданд**, **дигарон** самараноктарин мунаққидони мантиқ ва муборизони имон дар ҷаҳон **шуданд" [10, с. 136]**. ~ «And if **some of them hailed** those tools as the instruments par excellence for establishing truth, **others became** the world's most effective critics of logic and champions of faith" [22, p.96]. Ӯ фикр мекард, ки баъзе одамон чӣ қадар метарсанд, ки бо заврақи хурд аз хушкӣ дур шаванд ва медонист, ки тарси онҳо дар мавсиме, ки ҳаво ногаҳон бад мешавад, асос дорад **[12, с.77]**. ~ He thought of how some men feared being out of sight of land in a small boat and knew they were right in the months of sudden bad weather **[19, p.76]**.*

Дар ин ҳолатҳо шумора дар феъл бевосита барои ҷудокунӣ аз мубтадо миқдори амалкунандаҳоро фаҳмонда, инчунин, бо амалҳои воқеӣ ва бо иҷрокунандагони он бевосита алоқаманд мешавад ва мувофиқгардониро бо ҳаракати субъектӣ бевосита марбут месозад.

Дар чунин ҳолат категорияи шумора на танҳо ҳаёти ҳақиқӣ ва конкретиро ошкор месозад, инчунин пайвастшавии сохтори шакли шумораро бо категорияи шахс [бо тафовут аз синфи сифат] ва антитеза, муносибати байни шаклҳои шахсҳои якум ва дуюм, шахси-предметии шакли сеюми шахс ва шакли грамматикии маводи қонунии гурӯҳи сифатро ёдрас мекунад. Бартарии категорияи шахси феълӣ ба шакли ашёгии шакли шумора, ба сифати аффиксӣ, шумораи ҷамъи феъл, флексияи қадимаи «номинативӣ» флексияи «-анд» дар тафовут бо флексияи шумораи ҷамъи сифатҳо ва «исмҳо»-и «-аст» мушоҳида мегардад: "хуб аст"- "хубанд", "дӯст доштааст"-"доштанд", "хӯрдааст"-"хӯрданд", "рафтааст"-"рафтанд", "гуфтааст"- "гуфтанд", "кардааст"-"карданд" ва ғ. нигоҳ дошта мешаванд. Мисол: ***«Мегӯянд, ки ӯ аз сарфу наҳв ва луғатшиносӣ ҳам дарс мегуфтааст" [6, с.62]. ~ He taught Laughing and Grief they used to say» [18, p.98].***

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ инчунин, феъли шахси сеюми шумораи ҷамъи замонҳои ҳозира-оянда ва гузаштаи сиғаи хабарӣ ва шартӣ хоҳишмандӣ, ё ин ки шахси ишоранашаванда кор фармуда мешавад ва он амалеро ифода месозад, ки аз ҷониби шахси номуайян, ё ин ки ишоранашуда иҷро карда мешавад: "Гурӯҳи номаълуми одамон" [an indefinite grope of people]: "*Мардро майдон нишон медиҳад, харро ҷавлон-**гуфтаанд" [2, с.59]. ~ "A man's mettle is proved in the field, an ass's on the course,- as they say" [16, p.137].***

Шахсҳои якум ва дуюм дар мутақобила бо шахси сеюм ба нишондоди ду аломат гузошта мешаванд: а] онҳо ҳамавақт маънои шахсро дар бар мегиранд: *"Беморон ва девонагонро аз атроф ба хонаҳои онҳо **меоваранд" [2, с.19]. ~ "The sick and crazed were brought** from everywhere around to their houses» [16, p.32].* б]. Иҷрокунандаи амали ин шахсҳо иштирокчии суханрон ба шумор меравад: *"Аз Сайидато ном деҳаи райёни Шофирком муҳоҷир шуда омадагӣ буданд" [2, с.11]. ~ "From a village called Said-Ato in Shofirkom were provinc» [16, p.32].* Шахси сеюм метавонад маънои шахс ё ин ки предметро дар бар гирад; иҷрокунандаи амал, ки дар шахси сеюм ифода мегардад, иштиркчии раванди нутқ шуда наметавонад: "*Ӯ нафақат ягон нависандаро **намедонист**, балки ҳатто ягон шахсеро **намешинохт**, ки ягон вақт кӯшиши навиштан карда бошад" [7, с.117]. ~ «And not merely did **he not know** any writers, but **he did not know** anybody who had ever attempted to write" [21, p.72].*

Дар забони англисӣ ҷумлаҳои ифодашуда ба ҷойи мубтадои номуайянии "one" ба забони тоҷикӣ васоити умумишахсӣ ва бешахс дида мешаванд. Масалан: *"Because, just as no-**one** can fully appreciate life today no-**one** who has not truly experienced life under the Soviet socialist system - especially literary life - and made this lifestyle truly his own, can*

realistically describe life as it was under out-and-out feudalism" [16, p.28]. ~ "Инчунин то ***касе*** *дар сохтмони советӣ-сотсиалистӣ, хусусан, дар адабиёти вай дуруст тачриба пайдо накунад ва ин сохти зиндагиро комилан аз худ нанамояд, зиндагонии гузашта - зиндагонии феодалиро пурра ва ба тарзи вокеӣ-реалӣ тасвир карда наметавонад" [2, с.2.].*

Дар забони англисӣ ҷонишини шахсии "they" дар шакли шахси 3-юм васеъ истифода карда мешавад. Ҳангоми тарҷума намудани ҷумлаҳои номуайяншахси забони тоҷикӣ ба забони англисӣ дар бисёр мавридҳо дар шакли мубтадои сифрӣ ифода мегардад: *"On summer evenings they would sit there» [16, p.37]. ~ Дар айёми тобистон-шабона дар ин ҷо менишастанд [2, с.10].*

Шаклҳои хабарии феъл нишон медиҳанд, ки амалҳо иҷро шудаанд, иҷро мешаванд ва иҷро хоҳанд шуд ва ин амалҳоро шахсҳое иҷро менамоянд, ки онҳо ҳамчун номуайян пешниҳод гардидаанд. Шахси сеюми номуайянии феъл амалро иҷро карда ишора накардааст, чунончӣ дар ин ҷо куллан сохти номуайян будани шахси амали иҷрокардаро ифода менамояд ва ҳамаи диққат ба амали иҷрошуда равона карда мешавад. Ду аломат ба ҷумлаҳои номуайяншахс мансубанд: 1. Дар ин амалҳо муайян намудани иҷрокунандаи амал аз тарафи мубтадо номуайян мебошад. 2.Ифода гардидани хабари шахси сеюм дар замонҳои гузашта, ҳозира ва оянда. Дар забонҳои муқоисашаванда сабабҳои иштирок накардани субъект дар инҳо мебошанд:

1. Шахси иҷрокунандаи амал [субъект] номаълум мебошад ва фаҳмидани вай барои шахсҳои гӯянда ва шунаванда имконнопазир аст: "*Бесабаб «Сарфаи сари оташдон-Савдогари Ҳиндустон» нагуфтаанд" [2, с.15] ~ "It's true what they say: "a thrifty cook is wealthier than an Indian merchant" [16, p.45].*

2. Шахси иҷрокунандаи амал номбар карда намешавад, чунончи онҳоро ҳолат ё худ вазъият мегӯяд: "*Ба умеди ин дуоро шунидан ва шифо ёфтан аз деҳоти атроф ҳар пагоҳ ба ин ҷо гирд меомаданд" [2, с.6]. ~ «In hopes of being cured merely by hearing this prayer from outlying villages would gather here every morning» [16, p.32].* в). Шахси иҷрокунандаи амал номаълум аст ва ҳамаи диққат ба амал нигаронида мешавад: "*Ба гирдогирди ин лаълӣ пӯстакчаҳоеро ба замин паҳн карда будand" [2, с.19]. ~ They spread out sheep skinsaround this tray" [16, p.49].*

Ифода гардидани мубтадои номуайян дар чунин ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда ба таври гуногун рух медиҳад. Дар забони тоҷикӣ ва англисӣ хабар дар шакли шахси 3-юми шумораи ҷамъ ифода меёбад, ки аз рӯи вай шахси иҷрокунандаи амалро муайян кардан мумкин аст: "*Бештаринашон безамин ва камзамин буданд" [2, с.5] ~ "Most of them being smallholders or landless peasants" [16, p.22].*

Таҳлил ва гурӯҳбандии чунин ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда имконият доданд, ки аломатҳои умумӣ ва хусусиятҳои сохти маъноии шахс нишон дода шаванд. Дар забонҳои муқоисашаванда шахси номуайян метавонад мутлақ ва пардапӯш бошад, ки ин хусусият бисёртар ба забони тоҷикӣ хос мебошад.

Адабиёт:

1. Абрахамс П. Аз раҳи раъди ғуррон / П. Абрахамс. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 410 с.

2. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Ҷ.1 / С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.

3. Айнӣ С. Куллиёт / С. Айнӣ. Ҷ. 3. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 622 с.

4. Бонк Н.А. Омӯзиши забони англисӣ / Н.А. Бонк, Г.А. Котий, Н.А. Кулянова М.: Деконт+Гис 2015. – 640 с.

5. Бронте Ш. Ҷейн Эйр / Ш. Бронте. (Роман). – Душанбе: Т.ҶБ «Истиқлол», 2010. – 412 с.

6. Каррол Л. Алиса дар олами аҷоибот // Алиса дар оиназамин / Л. Каррол /Аз англисӣ тарҷумаи Раҳматуллоев Н. - Душанбе: Маориф, 1985. – 148.

7. Лондон Ҷ. Мартин Иден / Ҷ. Лондон. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 408 с.

8. Пешковский, А.М. Русский синтаксис в научном освещении / А. М. Пешковский. – М.: Учпедгиз, 1956. – 511с.

9. Роберт Л. С. Ҷазираи ҷавоҳирот / Л. С. Роберт, Тоҷикистон-Сталинобод 1959. – 259 с.

10. Старр, Фредерик С. Маърифати гумшуда / Асри тиллоии Осиёи Марказӣ ва истилои араб то Темурланг. Аз англисӣ тарҷумаи А. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 692 с.

11. Стивенсон Р. Ҷазираи ҷавоҳирот / Р. Стивенсон. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1952. - 258 с.

12. Ҳемингуей Э. Пирамард ва баҳр / Э. Ҳемингуей. - Душанбе: Бухоро, 2013. - 168 с.

13. Шахматов А.А. Синтаксиси забони русӣ / А.А. Шахматов. 2-е изд. – Л.: Учпедгиз, 1941. – 132 с.

14. Abrahams P. The Path of Thunder / P. Abrahams. M.: Higher School Publishing House, 1971. 336p.

15. Ayni S. The Sand of Oxus. / S. Ayni Marthda-Publishing 1998, 270 p.

ШАХСИ СЕЮМИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақола фарогири масъалаҳои баррасӣ ва корбасти шахси сеюми феъл дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ буда, дар он ҷанбаҳои забонӣ, муайян намудани тағйироти маъноӣ ва истеъмоли категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ сухан меравад. Аз он ҷумла, муаллиф арз медорад, ки шакли предикативии шахсу шумораи феъл, алоқамандии феълҳои хабариро дар алоқамандӣ бо мубтадо ифода мекунад. Дар шакли англисӣ категорияи шахсу шумора хело суст ифода мешаванд. Ҳамчун қоида шахсу шумора бо якҷоягии ҷонишинҳои шахсӣ-мубтадо якҷоя истифода мешавад.

Дар феъли забони тоҷикӣ муносибати дигари таносубӣ ва зиддияти дохилии категорияҳои шахс равшан намоён мешавад: 1. Шаклҳои шахсдор ва бешахси шахси сеюм ҳамчун шакли бешахс вазифадор карда мешавад. Маънои шахсии ӯ танҳо иқтидорӣ мебошад. Сабаби ин ҳатмӣ ё тахминӣ мавҷуд будани субъекти мубтадо мебошад. 2. Шаклҳои шахс дар навбати худ аз шакли якуми шахс дида ҳамчун «умумишахс» вазифадор мешавад. Матн муайян мекунад, ки оё шахси дуюми шумораи танҳои феъл ба ҳамаи шахсҳо ё ба худи гӯянда, ё шахси якум таалluқ дорад: *«Гандум корӣ-гандум медаравӣ, ҷав корӣ ҷав медаравӣ»,* ё ин ки ҳамсуҳбати он шахси дуюми танҳо «ту»-ро дар назар дорад.

Муносибатҳои зидмаънои шакли шахс бо истифодабарии ҷонишинҳои шахсӣ характернок мебошад. Муқовимати шахсҳои якум ва дуюм бо шахсҳои сеюм дар асоси муқобилгузории шахс ва ашё маълум карда мешавад. Шахси якум ва дуюм муносибати гӯянда ва шунавандаро ба ашёи шумурдашавандаи таалluқдошта ва ба бештари шахсҳо ишора менамояд. Шахси сеюмро метавон шахс ё ашёи шумурданашаванда номид.

Калидвожаҳо: категория, таърихи пайдоиш, забони англисӣ, шумора ва шахс, феъл, забон, тасриф ва ғ.

ТРЕТЬЕ ЛИЦО ГЛАГОЛА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья охватывает проблему решения разработки категория третьего лица глагола в современном таджикском и английском языках, и в ней речь идёт об аспектах языка, определении возникновения, семантических употреблении категория лица и

числа глаголов в современном таджикском и английском языках.

Автор отмечает что, лицо и число предикативной формы глагола **вы**ражают связь глагола-сказуемого с подлежащим. В формах английского глагола лицо и число выражено очень слабо. Как правило, лицо и число устанавливаются по соотнесенности глагола-сказуемого с личным местоимением-подлежащим.

Глагол таджикского языка ясно показывает иное соотношение пропорций и внутренних противоречий категорий лица: 1. Личная и безличная формы третьего лица обязательны как безличные формы. Его личное значение - только потенциальное. 2. Формы лица в свою очередь обязательны как «общие», а не как первая форма лица. Текст определяет, принадлежит ли второе лицо единственного числа глагола всем лицам, или самому говорящему, или первому лицу: «Что посеешь, то и пожнешь», или собеседник второго лица - «ты». Характерны противоречивые отношения формы лица с использованием личных местоимений. Сопротивление первого и второго лица третьим лицам определяется на основе противопоставления личности и объекта. Первое и второе лицо относятся к отношению говорящего и слушателя к объектам, которые необходимо учитывать, и к большинству людей. Третье лицо может быть названо неисчислимой личностью или вещью.

Ключевые слово: категория лица и числа, история возникновения, английский язык, глагол, семантическое изменение и т. д.

THIRD PERSON OF VERB IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article covers the problem of solving the development of the category of person and the number of verbs in the modern Tajik and English languages, and it deals with the aspects of language, the definition of the origin, semantic use of the category of person and number of verbs in the modern Tajik and English languages. In particular, the author notes that the person and the number of the predicative form of the verb express the relationship of the verb-predicate with the subject. In the forms of the English verb person and number is very weak. As a rule, the person and number are determined by the correlation of the verb-predicate with the personal pronoun-subject.

The verb of the Tajik language clearly shows a different ratio of proportions and internal contradictions of the categories of a person: 1. The personal and impersonal forms of the third person are obligatory as impersonal forms. Its personal meaning is only potential. 2. The forms of the person, in turn, are obligatory as "general", and not as the first form of the person. The text determines whether the second person singular of the verb belongs to all persons, or to the speaker himself, or to the first person: "What you sow, so will you reap ". Or the interlocutor of the second person is "you." The resistance of the first and second persons to third parties is determined on the basis of the opposition of personality and object. The first and second person refers to the attitude of the speaker and listener to the objects to be considered and to most people. The third person can be called an innumerable person or thing.

Key words: the category of person and number, the history of the English language, the verb, semantic change, aspect etc.

Маълумот дар бораи муаллиф*:** *Ҳусайнова Фарида Бозоровна - саромӯзгори кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 734065, ш. Кулоб, кӯч. С.Сафаров 16.* ***E-mail*:* fkhusainova@mail.ru, ***тел****: (+992)* 918-80-94-93.

Сведения об авторе: Хусайнова Фарида Бозоровна - *старший преподаватель кафедры английского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки. 734065, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16.,* ***E-mail****:* fkhusainova@mail.ru, ***тел****: (+992)* 918-80-94-93.

Information about the author: Husainova Farida Bozorovna *- the senior teacher of departament of foreighn languages of the Kulob State University after named Abuabdulloch Rudaki.* ***Address:*** *Kulob State University after named Abuabdulloh Rudaki. 734065, Kulob town, street S. Safarov 16.,* ***E-mail****: :*fkhusainova@mail.ru, ***phone:*** *(+992)* 918-80-94-93

УДК- 28-24
С-20

АНТРОПОНИМИЯИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ «ҚУРЪОН»

Саидов М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар Қуръон вожаҳои муарраби тоҷикӣ корбурд доранд, ки зимни таҳқиқ вожаҳои форсиро дар «Қуръон» ба 53 адад муайян кардем, таҳқиқи этимологӣ, сохт ва ифодаи маъноии онҳо аз аҳамияти илмӣ бархурдор мебошад. Муҳаққиқон сабабҳои ворид шудани вожаҳои тоҷикиро ба забони арабӣ бо чандин далелҳо дар таълифоти хеш зикр намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи эронӣ Ҳидоят Алии Алавӣ ин василаро чунин шарҳ додааст: «Ёдоварии ин нукта лозим аст, ки давлати арабии Ҳира (Ҳайра), ки манбаи тамаддуни араб ба шумор мерафт, ҳамсояи пойтахти силсилаи Сосонӣ ва аз ҷанбаи сиёсӣ тобеи ин силсила будааст ва тамосу иртибот миёни Арабистону Эрон дар давраи билофасл пеш аз ислом бисёр наздик будааст ва мамлакати мутамарказ дар перомуни Ҳира, воқеъ ба рӯйи Фурот, муддатҳои мадид зери нуфузи Эрон қарор дошт ва яке аз қонунҳои фарҳангии эронӣ дар миёни аъроб буд» [1, с. 71].

Ҳангоми антропонимҳои эронии «Қуръон» гуфтан мо номҳоеро дар назар дорем, ки онҳо дар заминаи забонҳои эронӣ ба вуҷуд омадаанд. Профессор А. В. Суперанская номҳои ҳиндуаврупоиро аз рӯйи сохташон ба се навъ тасниф мекунад: 1) номҳои мураккаб (масалан, санскритӣ Ashva - pati «шоҳи аспон»); 2) номҳои мураккаби ихтисоршуда, ки дар онҳо пасвандҳои махсус илова гардидаанд (масалан, санскритӣ Ashva - la); 3) номҳои аппелятивӣ, яъне исмҳои ҷинс ё исмҳои ом, ки ба сифати номҳои шахсӣ истифода шудаанд (санскритӣ Mu§ika «муш»). Навъҳои мазкур аз оғози давраи таърихӣ то кунун дар 9 гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ: ҳиндӣ, эронӣ, юнонӣ, келтӣ, иллирӣ, фракӣ, олмонӣ, славянӣ, балтикӣ идома доранд [5,с.63].

Зимни таснифоти номҳои эронии «Қуръон» бо исмҳое вомехӯрем, ки қолабҳои номбурда барои онҳо тангӣ мекунад. Масалан, Озар [Āzar], Нимруд [Nimrud], Ҳомон [Hāmān] ва ғайра. Бинобар ин, ҳангоми таҳлил ва гурӯҳбандии номҳои эронии «Қуръон» зарурати васеъ намудани таснифоти мазкур ба миён омад.

Донишманди эронӣ Аҳмадзода мегӯяд: «Таъсири забони форсӣ пеш аз ислом дар забонҳои дигар ба вижа, забони арабӣ чашмрас будааст, зеро давлати Сосонӣ дар Шарқ ягона давлати мутамаддин будааст, ки миллатҳои дигар, аз ҷумла, сокинони Ҷазирату-л-араб бо назари таҳсин ва эъҷоб ба он менигаристанд» [14, с.14]. Ин нуктаро бояд тазаккур дод, ки забони форсии миёна дар бой гардидани фонди луғавии забони арабӣ пеш аз Ислом саҳми чашмрасе расонидааст. Таъсири иқтибосоти форсие, ки ба фонди луғавии забони арабӣ расидааст, асосан, лексикаи марбут ба тамаддун ва ҳаёти шаҳрнишинӣ, асбобу анҷоми хона, номи асбобҳои ҳунармандӣ, маснуоти ҳунармандӣ, сангҳои қиматбаҳо ва маъданҳо, доруворӣ ва воситаҳои хобовар будааст [1, с.16].

Дар забони арабӣ бархе аз калимаҳои форсии тоҷикие вуҷуд доранд, ки дар шакли ҳозираи худ чунон дар арабӣ ҳаллу фасл гардидаанд, ки маънои аслии пештараи худро то дараҷае гум кардаанд, мисли «устоз»-устод, «барномаҷ»-барнома, «бӯстон»-боғ,«дарвеш»-дарвеш, «девон»- девони ашъор, «дастур»-дастур, «аскар»- лашкар, «меҳраҷон»- меҳргон, «майдон»-майдон.

Як тасаввуроти нодурусте, ки баъзан дар байни мардум ва ҳатто дар миёни аҳли таҳқиқ густариш дорад, ин аст, ки гумон меравад, калимаҳои форсии дар арабӣ

вуҷуддошта пас аз густариши Ислом ба забони арабӣ ворид гардидаанд. Дар ҳоле воқеият ба ин сурат нест.

Бисёре аз калимаҳои форсии тоҷикӣ ҳанӯз аз даврони давлати Ҳахоманишиҳо, ки зиёда аз 27 давлати Ховари Миёна ва Наздикро муттаҳид мекард ва бархе аз кишварҳои арабӣ низ дар дохили ин императорӣ буданд, ба забони арабӣ дохил шудаанд [4]. Арабшиноси номдори тоҷик профессор С. Сулаймонов оид ба таъсири мутақобилаи забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ чунин ақида дорад: «Забони форсии миёна аз он қабил забонҳо буд, ки бо иқтибосоти худ фонди луғавии забони арабиро бой гардонид, чуноне забони арабӣ низ баъди паҳншавии

Ислом дар Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна таркиби луғавии забони форсиро ғанӣ кард» [4, с. 37].

Ҳамин тавр, антропонимияи эронии «Қуръон» - ро аз рӯйи сохташон танҳо ба гурӯҳи антропонимияи сода тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Ин навъи номҳои шахс дар низоми антропонимияи эронии «Қуръон» аз лиҳози теъдод қисми камтареро ташкил медиҳанд.

Озар [Āzar]: «Озар» [Āzar] дар Таврот ба номи «Ториҳ» [Tārih] ё «Торих» [Tārikh] зикр шудааст. Дар бораи он, ки «Ториҳ» [Tārih] чи гуна ба «Озар» [Āzar] мубаддал шудааст, андешаҳои мухталифе вуҷуд дорад. Бархе вожаи «Озар» [Āzar] - ро номи форсӣ қаламдод кардаанд, чун тибқи ривоёт Иброҳим дар Бобил мезистааст. Ин номи Бобилӣ ё ориёӣ мебошад. Чунин гуфтае дар китоби «Лисон - ул - араб» ва бештари китобҳои луғат зикр шудааст. Забоншиносони дигар вожаи «озар» - ро баргирифта, аз «одар» - и форсӣ ва «Иброҳим» - ро баргирифта, аз «Баҳром» - и форсӣ донистаанд.

Озар < ав. Āt∂r, ф. г. ва ф. м. Ātar // Otur // Odar, ф. н. Ozar "оташ", "ахгар". Дар «Авасто» Худои ҳақиқат ва писари Аҳурамаздо. Дар форсии қадим ва миёна ҷузъи аввали аксари номҳои мураккабро ташкил кардааст: Ātarxrah, Ātarden, Ātarvaxš, Ātarpāta // Ātarbod. Номи муаллифи «Динкард» (Занд - Окосия) - Отур Фарн Баг Фархзотон (Фаррухзод). Дар навоҳӣ шакли содаи он - Озар дар истеъмол аст, Ātarxrah, Ātarden, Ātarvaxš, Ātarpāta//Ātarbād [2,с. 124].

Инчунин «озар» - ба маънои «оташ», «нор», дар қадим номи нуҳуми солшумории шамсиро «озар» мегуфтанд. Инчунин номи рӯзи нуҳуми солшумории шамсиро низ дар эронии қадим «озар» мегӯянд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «озар» - ро: «сузу гудоз», «дард», «ғам», «дар озар афтодан» «ба азобу уқубат гирифтор шудан», «дар ғами чизе сухтан», «оташи муқаддас, ки дар болои он оташкада месохтаанд», «оташкада» (дар Эрони қадим ҳафт оташкадаи машҳур будааст, ки ҳар яке аз онҳо ба яке аз ҳафт сайёра нисбат дода шуда ва ҳар як номи махсус доштаанд), озари Барзин (ё Озарбарзин) оташкадаи шашум, Озари Баҳром (ё Озарбаҳром) оташкадаи сеюм; Озари Зардушт (ё Зардхушт) оташкадаи ҳафтум, озари Меҳр (ё Озармеҳр) оташкадаи якум; озари нут (ё Озарнуш) оташкадаи дуюм; озари оин (ё Озароин) оташкадаи чорум; озари Хурдод (ё Харрод, Хурин) оташкадаи панҷум, номи падари Иброҳими пайғамбар, ки бутгар ва ҳайкалтарош буд», маънидод мекунанд [6,с. 903]. Инчунин, илова мекунанд, ки «Озар номи моҳи нуҳуми соли шамсӣ, ки ба 22 ноябр - 21 декабри соли милодӣ рост меояд, Озармоҳ, номи рӯзи нуҳуми ҳар моҳи солшумории шамсӣ, ки мувофиқи расми форсҳо агар номи рӯз бо номи моҳ мутобиқат кунад, ин рӯзро ҷашн мегирифтаанд ва гуё дар ин рӯз нохун гирифтан, мӯй тарошидан манъ аст. Номи дигари «Озар», «шакли кӯтоҳкардашудаи Озарбойҷон» ва ғ. нек шуморида мешудааст [7,с. 903].

Дар «Бурҳони қотеъ» оид ба вожаи «озар» [āzar] маънии зайл оварда шудааст: «Озар агарчӣ ин луғат ба тоҷикӣ муфрад ва мураккаб бинобар машҳур ба фатҳи золи нуқтадор аст, лекин соҳиби «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба замми золи нуқтадор (яъне озур) тасҳеҳ карда ва шарҳи бисёр тулонӣ бар он навиштааст. Муҷмалан ба маънии оташ аст,

ки ба арабӣ нор хонанд. Ва номи фариштае низ ҳаст, ки муваккали офтоб аст. Ва киноя аз ишқ ҳам ҳаст [2,с. 45].

Дар илова муаллифи «Бурҳони қотеъ» менависад: «Озар бар вазни модар мухаффафи озор аст ва амр ба озурда ва озор додан ҳам ҳаёт ва ба маънии кaҷтабъ низ омадааст [2,с. 45].

Ҳама андешаҳое, ки дар фавқ зикр гардид, ба ҳақиқат наздиканд, аммо, ба андешаи мо, «Озар» [Āzar] ё «Алозар» [Alāzar] (дар Инҷил: Илозар) аз ҷиҳати сохт сода буда, мансуби забони форсӣ - тоҷикӣ аст. Вожаи «Озар» [Āzar] сиғаи амрии феъл буда, аз вожаи «озор» гирифта, ба маънои «озурдан» аст. Инчунин вожаи «озар» ба маънои «аспе, ки ду рони сафед дорад» ва «ду пои пешаш сафед аст» меояд.

Фирдавс [Firdavs]: аз ав. pairi. Daēza - девори санг пӯшида, нарда, гирдогирдʿ, ф. қ. pari - daida – , боғи ороишӣ, мамнӯъгоҳ [1:75] гирифта шуда, рус. парадиз дар форси имрӯза дар шаклиزیلاپ – поли/(е)з истифода мегардад «ки Фирдавс(- и барин) - ро ба мерос баранд; онҳо он ҷо бошандаи ҷовиданд» [Қуръон, Муъминун, 11]

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳлили номвожаҳои форсии тоҷикии «Қуръон» ба хулосае омадан мумкин аст, ки доираи истифода ва теъдоди вожаҳои форсии тоҷикии баромади тоҷикидошта [форсидошта] дар «Қуръон» 53 адад буда, антропоними форсӣ-тоҷикии «Қуръон» хеле маҳдуд ва кам ба назар расида, танҳо аз 3 адад аст.

Адабиёт:

1. Абдулло Ф. Номнома. Монография / Ф.Абдулло. - Душанбе: Ирфон, 1972. - 70 с.
2. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб: рисолаи илмӣ / Ҷ. Алимӣ -Душанбе, 1995. - С. 82 - 110.
3. Алими Дж. Технологический ономастика / Дж.Алими Душанбе; 2017-500.
4. Алимӣ. Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоба: (Таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ) / Ҷ.Алимӣ. – Душанбе: Эрграф, 2015. - 440 с.
5. Давлатов, Э. А. Таҳқиқи забоншиносии «Касас - ул - анбиё» / Э. А. Давлатов Душанбе: Адабиёт, 2017. - 156 с.
6. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н.Қосимова. Қисми 1. - Душанбе, 2003. - 490 с.
7. Ҷӯраев, Р. Этимологияи 100 калима / Р. Ҷӯраев. - Душанбе : Маориф, 1985. - 28с.
8. Маҳмадҷонов, О. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик // О. Маҳмадҷонов. - Душанбе: Деваштич, 2004. - 85с.
9. Махмаджонов, О. Топонимия и микротопонимия северных частей

Маҳмадҷонов О.О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор. Монография / О.О.Маҳмадҷонов. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. -288 с.

10. Офаридаев Н. Микротопонимияи Ванҷ ва Дарвоз (Таҳқиқи забоншиносӣ) / Н.Офаридаев. - Душанбе: Дониш, 1991. - 163 с.
11. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Таҳқиқоти забоншиносӣ) / Н.Офаридаев. - Душанбе, 2002. - 163 с.
12. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсӣ // Д. Саймиддинов - Душанбе: Пайванд, 2001. – 300 с
13. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсӣ // Д. Саймиддинов - Душанбе: Пайванд, 2001. – 300 с
14. Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кешруд // Д. Ҳомидов - Душанбе, 2002. - 104 с.
15. Шоев, Р. Ономастика «Самаки айёр»: (лингвистическое исследование) \ Р. Шоев.-Душанбе: Ирфон, 2013.-175 с.

АНТРОПОНИМИЯИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ «ҚУРЪОН»

Муҳаққиқ дар мақолаи мазкур моҳият, мазмун ва ташаккули антропонимияи форсӣ-тоҷикии “Қуръон”-ро, ки як бахши ономастика ба ҳисоб меравад, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар бораи ономастика, ки худ ҳамчун як бахши мустақили илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, мулоҳиза ронда шудааст.

Муаллиф дар мақола ба таҳлилу баррасии антропонимҳои форсӣ-тоҷикии «Қуръон» аз нигоҳи луғавӣ-маъноӣ пардохта, густариши ин бахши илми ономастикаро аз ибтидои омӯзиш то шароити кунунӣ шарҳ додааст. Инчунин ӯ антропонимҳои форсӣ-тоҷикии «Қуръон»-ро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, густариши онҳоро дар даврањои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондааст. Инчунин, муаллиф қайд карааст, ки ҷойгоҳи исмҳои форсӣ-тоҷикии дар антропонимияи тоҷик намоён ва феълан ақсоми муайяни онро исмҳои сарчашмаашон форсӣ-тоҷикӣ ташкил мекунанд.

Ҳамин тариқ, муаллиф дар мақолаи худ то ҳадди имкон кӯшидааст, ки моҳият ва мазмуни антропонимикаи форсӣ-тоҷикии “Қуръон”-ро бо такя ба асарҳои илмӣ-тахқиқотии муҳаққиқони номшинос кушода, равшан намояд.

Инчунин, муаллиф дар ин тахқиқот вижагиҳои хоссаи забонию таърихии антропонимияи форсӣ-тоҷикии «Қуръон», ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ ва корбурди онро мавриди омӯзишу муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи тахқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, фарҳангҳои тоҷикиву арабӣ, луғату қомусҳои мӯътамад ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули маводи забонии антропонимяи форсӣ-тоҷикии “Қуръон”, мазмун, моҳият, таърихи тавлид ва корбурди онҳоро ошкор намояд.

Калидвожаҳо: санъати номгузорӣ, таърихи тавлид, омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ, тахқиқи забоншиносӣ, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ, антропонимия, ташаккул, таҳаввул, низом ва ном.

ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКАЯ АТРОПОНИМИЯ «КОРАНА»

Данная статья посвящена вопросам содержания, сущности и становления персидско-таджикских антропонимов «Корана» так как является частью ономастики. Автор рассказывает об ономастике как о самостоятельном разделе языкознания.

Автор, в статье рассматривая и анализируя персидско-таджикские антропонимы «Корана» с лексико-семантической точки зрения, описывает развитие этой области ономастики с самого начала изучения до современных времен. А также рассматривая и анализируя персидско-таджикские антропонимы «Корана», автор сравнивает их распространение в разные периоды развития языкознания, на основе доверенных научных источников рассказывает об их историческом зарождении, их структуре и значении. А также автор отмечает, что место персидско-таджикских имен в таджикской антропонимике значительны и их большая часть глубоко проникновенны в таджикский язык. Никто даже не думает о том, что эти имена имеют иудаические корни.

Таким образом, автор в своей статье пытается по мере возможности раскрыть сущность и содержание еврейской антропонимии Корана с опорой на научно-исследовательских работ ученых-ономастов.

Автор в этом исследовании также, подвергает сравнительному научному изучению особые языковые и исторические свойства еврейской антропонимии “Корана”, исторические события, лексические источники и их употребления. При написании статьи предпринимается попытка на основе достоверных научных источников на базе многочисленных исследований отчественных и зарубежных ученых, таджикско-арабских словарей, достойного доверия энциклопедий и словарей, интернет сайтов выявлять процесс формирования и преобразования языкового материала

еврейской антропонимии Корана, содержание, сущность, историю зарождения и ее употребления.

Ключевые слова: искусство нарекания имени, еврей, история зарождения, изучение, анализ, рассмотрение, лингвистическое исследование, историческое событие, словарные источники, антропонимия, формирование, преобразования, система, имя и др.

PERSIAN-TAJIK ANTROPONYMY "QURAN"

This article is devoted to the issues of the content, essence and formation of the Persian-Tajik anthroponyms of the "Koran", as it is part of onomastics. The author talks about onomastics as an independent branch of linguistics.

The author, in the article examining and analyzing the Persian-Tajik anthroponyms of the "Koran" from a lexico-semantic point of view, describes the development of this field of onomastics from the very beginning of the study to modern times. And also considering and analyzing the Persian-Tajik anthroponyms of the "Koran", the author compares their distribution in different periods of the development of linguistics, on the basis of trusted scientific sources tells about their historical origin, their structure and meaning. The author also notes that the place of Persian-Tajik names in Tajik anthroponymy is significant and most of them are deeply penetrating in the Tajik language, that no one even thinks that these names have Judaic roots.

Thus, the author in his article tries, as far as possible, to reveal the essence and content of the Jewish anthroponymy of the Koran, based on the research works of onomastic scholars.

The author in this study also, subjecting to a comparative scientific study of the special linguistic and historical properties of the Jewish anthroponymy of the "Koran", historical events, lexical sources and their use, when writing an article, makes an attempt on the basis of reliable scientific sources on the basis of numerous studies of domestic and foreign scientists, Tajik -Arabic dictionaries, trustworthy encyclopedias and dictionaries, Internet sites reveals the process of formation and transformation of the linguistic material of the Jewish anthroponymy of the Koran, the content, essence, history of origin and its use

Key words: the art of criticizing a name, Jew, history of origin, the word anthroponym, study, analysis, consideration, linguistic research, historical event, dictionary sources, anthroponymy, formation, transformation, system, name, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Муҳаммад Бегмуродович *- ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ* ***Сурога:*** *Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 734065, ш. Кӯлоб, кӯчаи. С.Сафаров 16.* ***E-mail****: Saidzod-90@mail.ru,* ***тел****: (992)985-29-73-73.*

Сведения об авторе: Саидов Муҳаммад Бегмуродович *- ассистент кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки. 734065, г. Куляб, ул. С.Сафарова 16.* ***E-mail****: Saidzod-90@mail.ru,* ***тел****: (992)985-29-73-73.*

Information about the author: Saidov Mukammad Begmurodovich *- assistent of the Tajik language department of the Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki.* ***Address:*** *Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. 734065, Kulob town , street S. Safarov 16.* ***E-mail****: Saidzod-90@mail.ru,* ***phone:*** *(992)985-29-73-73.*

УДК – 80 (2-Точ)
А-88

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ТЕКСТОВ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

Халимова М.Р.
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки

Коренные изменения в жизни нашего общества затронули все сферы его жизнедеятельности, в том числе и народное образование. Особо значительными оказались перемены, происшедшие в национальных школах и вузах различных регионов, где претерпел существенные изменения процесс преподавания всех учебных предметов, в первую очередь - русского языка. Взаимосвязь русского языка и литературы в обучении - традиционна и естественна. Основы здесь очевидны: тексты - отрывки из произведений художественной литературы - часто составляют языковой материал для упражнений и диктантов.

Являясь основным источником разнообразной лингвистической и эстетической информации, художественный текст занимает центральное место в обучении русскому языку как неродному. Работа над художественными текстами помогает развить чуткость к русскому языку, раскрывает его глубинные пласты, способствует развитию русской речи, восприятию интонационно-ритмического строя русского языка, а также эстетическому осмыслению поставленных проблем. От умения понимать художественную литературу, общаться на данном языке зависит культура человека. Однако работа над художественным текстом, обычно носит эпизодический характер, не выстраивается в единую систему изучения языка и литературы. В основе этой системы, с нашей точки зрения, должен быть, переход от нехудожественных текстов к художественным, формирование речевых навыков, развитие речевых умений и усвоение лингвистических и литературоведческих понятий.

Опираясь на рассуждение Н.Ф. Бунакова, изучение грамматики во многом сводится к изучению «шаблонных определений и правил, классификаций и терминов» [2, с. 117–132]. Н.А. Ипполитова, вслед за многими другими методистами, указывает иной путь обучения грамматическому материалу, который был определен еще в работах Ф.И. Буслаева: «Все грамматическое учение должно быть основано на чтении писателя. Главная задача состоит в том, чтобы студенты ясно понимали прочитанный текст и умели правильно выражаться словесно и письменно» [3, с. 506]. И далее: «Грамматика, даже как руководство к искусству правильного употребления языка, должна исходить из чтения, разговора и письма», следовательно, изучение грамматических понятий должно быть связано с определенным видом речевой деятельности [6, с. 440]. Аналогичные мысли мы находим, анализируя взгляд на данную проблему Л.И. Поливанова: «Обучаясь грамматике, ученик узнает синтаксические законы языка; изучая хрестоматии, он должен видеть, как у образцовых писателей применены эти законы к логическим и художественным целям...» [7, с. 132].

Необходимо отметить, что грамматика должна быть не суммой бесполезных правил, а средством познания живого языка, живой русской речи, а также подспорьем для решения конкретных коммуникативно-познавательных задач. Поэтому так важно верно решить проблему характера дидактического материала, который будет использоваться на занятиях по изучению грамматики.

Как видно из вышеприведенных высказываний, многие методисты пришли к выводу, что в качестве дидактического материала на занятиях по русскому языку в условиях двуязычия рациональнее использовать текст. Несомненен тот факт, что текст имеет массу преимуществ перед всеми остальными формами дидактического материала. Взгляды на эту проблему методистов начала века во многом созвучны взглядам

современных методистов. Так, Н.М. Шанский указывает на то, что правильная методика использования текстов на уроке русского языка может «не только сыграть большую образовательно-воспитательную роль, но и сформировать положительную мотивацию к русскому языку как предмету» [12, с. 21]. Это позволит сделать курс более занимательным, что в современных условиях представляется достаточно важным.

Л.А. Поникарова мотивирует необходимость использования текста на занятиях по русскому языку несколько иначе: «Прикосновение к художественному тексту приносить ребенку радость. И чем многограннее он будет воспринимать прочитанное, тем сильнее будет ценить прекрасное в мире». [8, с. 132]. Методисты отмечают разные преимущества использования текста в качестве дидактического материала, однако каждое подобное наблюдение представляет собой определенную ценность.

Применение текста в качестве дидактического материала на занятиях по русскому языку влечет за собой некоторые трудности. Во-первых, восприятие художественного текста обусловлено индивидуальностью воспринимающего, его начитанностью, уровнем общей языковой культуры, пониманием законов художественной изобразительности, стилистических приемов; у учеников, как правило, разный уровень подготовленности к восприятию подобного материала, и это, безусловно, затрудняет работу.

Во-вторых, объектом анализа на уроке русского языка является художественный текст, а не художественное произведение. И это факт немаловажный: в науке не существует единой точки зрения на природу текста. Одно направление основано на познании грамматической природы текста, описании его грамматических признаков, то есть текст в этом случае описывается как явление грамматического уровня, занимающее высшую ступень в системе языковых единиц. Другое направление связано с отнесением его к явлениям речевого характера (поэтому при описании текста акцентируются признаки, раскрывающие его коммуникативные возможности). Эти различия находят отражение в определениях текста, содержащихся в лингвистической и методической литературе.

Р. Гальперин считает текст как «произведение речетворческого процесса, обладающее завершенностью, объективированное в виде письменного документа, литературно обработанное в соответствии с типом этого документа. Текст - произведение, состоящее из названия (заголовок) и ряда особых единиц (сверхфразовых единств), объединенных разными типами лексической, грамматической, логической, стилистической связи, имеющее определенную целенаправленность и прагматическую установку» [5, с.140].

Основной единицей языка, выражающей законченное высказывание, является не предложение, а текст; предложение-высказывание есть лишь частный случай, особая разновидность текста. Текст является высшей единицей синтаксического уровня. В основе конкретных речевых произведений-текстов лежат общие принципы построения текстов; они относятся не к области речи, а к системе или к языковой компетенции. Следовательно, текст надо считать не только единицей речи, но и единицей языка.

Общее миропредставление, которое заключаются в объединении различных лингвокультурных единиц, выстраивается в единую систему концептов, которая осваивается и понимается всеми носителями языка. Носители языка овладевают способностью отражать ценностные познания языка и культуры и формировать, таким образом, лингвокультурную компетенцию только при актуализации базовых лингвокультурных единиц

Мы затронули лишь одну сторону процесса общения – процессуальную,освещая с психологической точки зрения вопрос о роли художественного текста в формировании коммуникативных умений, рассматривая структуру и механизм протекания речевой деятельности. Другая его сторона - содержательная - оставалась

вне поля зрения, точнее, при характеристике содержания процесса общения внимание акцентировалось на том общем, что присуще представителям всех наций.

Пути развития, пройденные различными нациями, накопленные ими материальные и духовные ценности достаточно разнообразны и значительно отличаются между собой. Поэтому обучающиеся русскому языку в Таджикистане должны параллельно осваивать чужую культуру, получать понятия о новых предметах и явлениях, не находящих аналогии ни в их родной культуре, ни в их родном языке.

Цель обучения русскому языку оказывается значительно более многогранной по своему содержанию, чем могло показаться на первый взгляд. Изучая иностранный язык того или иного народа, мы изучаем исторически сложившуюся у него систему понятий, сквозь которые он воспринимает действительность. Поэтому обучение общению не может быть сведено к усвоению значений слов, абстрактных грамматических схем и речевых формул. Рассматриваемое как изучение языка в том виде, в котором он функционирует в реальной действительности, он должен обязательно включать в себя овладение элементами другой культуры. В противном случае русский язык выступает просто как новый код по отношению к родному языку, и обучение ему тем самым значительно обедняется. Кроме того, отсутствие хороших знаний приводит к неправильности речи в плане ее содержания и тем самым к неадекватному усвоению языка.

В связи с этим в работах ученых, занимающихся проблемами обучения неродному языку, неоднократно подчеркивалось, что преподавание должно одновременно преследовать две цели: а) коммуникативную цель, направленную на овладение элементарными умениями и навыками слушания, говорения, чтения, письма; б) общеобразовательную цель, позволяющую ученикам познакомиться со страной изучаемого языка.

Сведения о стране изучаемого языка являются не просто дополнительным учебным материалом. Введение в процесс обучения языка внеязыковой информации - страноведческого компонента - необходимо для реализации функционально-коммуникативного принципа, предполагающего, что изучение языка должно происходить с учетом знаний об особенностях употребления, свойственных его носителям.

В процессе обучения встает задача нахождения специфического, формирующего потребность в овладении русским языком предмета учебной деятельности. Таким предметом может стать история, культура, традиции народа, говорящего на изучаемом языке. Их использование будет способствовать удовлетворению познавательной потребности, усиливая тем самым мотивационную сферу изучения языка, что является одним из наиболее важных условий его усвоения.

Этими факторами и обосновывается утвердившаяся в методике преподавания русского языка мысль о необходимости введения в учебный процесс страноведческих сведений.

Обращаясь к определению понятия «страноведение», отметим, что оно охватывает достаточно широкий круг явлений, выступая как вся совокупность знаний о стране изучаемого языка: ее географии, истории, политическом устройстве, экономике, быте, обычаях, особенностях вербального и невербального общения.

Получение таких знаний может происходить по различным каналам. Один из них, получивший определение «лингвострановедение», при котором ключом к дознанию культуры определенной нации становится сам процесс овладения языком. Такой путь приобретения страноведческих сведений вполне закономерен и основан на учете того факта, что осваивая любой язык, как родной, так и неродной.

Далее используются также ролевые игры, коммуникативные игры, в основе которых лежит методический прием ранжирования, дидактические игры, построенные на основе преднамеренного создания различий информации у обучающихся,

нахождении сходств и различий, причинно-следственном рассуждении, предположении, догадке, суждении; дидактические игры, предполагающие группирование или подбор подходящих вариантов: игры на классификации, на исключении лишнего, а также на координацию действий, интервью, открытие, интерпретации, умозаключении. Все эти виды упражнений могут быть использованы и при актуализации фоновых социокультурных и лингвокультуроведческих знаний.

Некоторые из вышеперечисленных форм получили достаточное распространение в практике и особенно актуальны на занятиях русского языка. Например, выстраивание последовательности рассказа из его фрагментов. Используется ранжирование, т.е. расположение предметов или понятий по принципу их важности. Предлагаются задания на нахождение сходств и различий в понятиях (синонимы, антонимы), изображениях, исключения лишнего предмета, мысли, отрывка текста.

Изучение грамматической темы «Второстепенные члены предложения» проводилось на материале художественного текста «Дубровский». В этом случае студенты имели возможность опираться на содержание текста в целом.

При изучении грамматической темы: «Второстепенные члены предложения» нами использовался художественный текст - отрывок из рассказа И.С. Тургенева «Му-му». В этом случае студенты усваивают не только содержание, но и лингвистические особенности текста, что существенно облегчает работу преподавателя русского языка; студенты выполняли грамматические задания и знакомились с отрывком из произведения классика, анализируя его с литературной стороны. Отмечен заметный интерес студентов к данному произведению; так, больше половины студентов выразили желание прочитать произведение в полном объёме, многие заинтересовались судьбой собаки и ее хозяина. Грамматические задания выполнили на «отлично»,на «хорошо», на «удовлетворительно», но допускали грубые и пунктуационные ошибки, путались в ответах, испытывали трудности с определением второстепенных членов предложения.

Так, например, при изучении темы «Обстоятельство» был предложен отрывок из повести М.Ю. Лермонтова «Герой нашего времени» («Максим Максимович»); в) изучение художественных текстов на уроках русского языка можно предварить обучением речевой деятельности на материале этого текста. Так, при изучении темы «Синтаксис сложного предложения», когда студенты работали с отрывком из повести Н.В.Гоголя «Вечера на хуторе близ Диканьки». В этом случае задача преподавателя осложняется необходимостью проведения большой лексической работы. Ряд слов и словосочетаний были студентам не понятны. Преподавателю надо было прокомментировать и национально культурную семантику лингвострановедческих слов. При работе с текстом проявлялся интерес к занятию, к изучению грамматической темы. Студенты с некоторыми трудностями выделяли в текстах смысловые части, определяли способы связи частей текста, находили в тексте примеры той грамматической темы, которая изучалась на занятии.

Литературы:

1. Белинский В.Г. Взгляд на русскую литературу / В.Г. Белинский Современник, 1988.

2. Бунакова Н.Ф. Очерк народного образования Вологодской губернии / Н.Ф. Бунакова // Журнал министерства народного просвещения. — 1864. С. 117–132.

3. Буслаева Ф.И. О литературе: исследования, статьи / Буслаева Ф.И. - Ленинград: Художественная литература, 1990. – 506 с.

4. Быстрова Е.А. Коммуникативная компетенция методика впреподавании родного языка / Е.А. Быстрова // Русский язык в школе. - 1996. - № 1. - С.20-23.

5. Виноградов В.В. О языке художественной литературы / В.В. Виноградов М.: ГИХЛ, 1959.-165с.

6. Галперин И. Р. Текст как объект лингвитсического исследования / И.Р. Галперин М.: Наука, 1981.-140с.

7. Ипполитова Н. А. Русский язык и культура речи: учебник / Н.А. Ипполитова, О.Ю. Князева, М.Р. Савова. – Москва: Проспект, 2015. – 440 с.

8. Колчин С.А. Коммуникативная компетенция: развитие речевой культуры / С.А. Колчин // Русский язык и литература в казахской школе. - 2005. - № 2. -С. 14-20

9. Кулибина Н.В. Зачем, что и как читать на уроке? / Н.В. Кулибина. - СПб.: «Златоуст», 2001.

10. Поливанова Л.И.Большая советская энциклопедия: [в 30 т.] / под ред. А. М. Прохорова — 3-е изд. — М.: Советская энциклопедия, 1969

11. Поникарова Л.А. Русский язык: синтаксис в таблицах и заданиях (сложное предложение): пособие для учащихся / Л. А. Поникарова. - Москва: Просвещение, 2008. – 132

12. Старченко Г.Н. Работа с художественным текстом на уроках русского языка / Г.Н. Старченко // Молодой ученый. 2017.-№47(181).-225 -227 с.

13. Стоюнина В.Я. Избранные педагогические сочинения / Сост. Г.Г. Савенок; Акад. пед. наук СССР. — М. : Педагогика, 1991. — 367 с.

14. Шанский Н.М. Успенский М.Б. Русский язык как учебный предмет в национальной школе / Н.М. Шанский // Русский язык в национальной школе, 1973, - №3. – 21 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ТЕКСТОВ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

В данной статье речь идет об использовании художественных текстов на занятиях по русскому языку. Грамматика должна быть не суммой бесполезных правил, а средством познания живого языка, живой русской речи, а также подспорьем для решения конкретных коммуникативно-познавательных задач. Важно верно решить проблему характера дидактического материала, который будет использоваться на занятиях по изучению грамматики.

Многие методисты пришли к выводу, что в качестве дидактического материала на занятиях по русскому языку в условиях двуязычия рациональнее использовать текст. Несомненен тот факт, что текст имеет массу преимуществ перед всеми остальными формами дидактического материала.

Автор в своей статье отмечает преимущества использования художественных текстов в качестве дидактического материала. Применение текста в качестве дидактического материала на занятиях по русскому языку влечет за собой некоторые трудности. Это восприятие художественного текста, который обусловлен индивидуальностью воспринимающего, его начитанностью, уровнем общей языковой культуры, пониманием законов художественной изобразительности, стилистических приемов. У учеников, как правило, разный уровень подготовленности к восприятию подобного материала, и это, безусловно, затрудняет работу.

Автор уверен, что объектом анализа на уроке русского языка является художественный текст, а не художественное произведение. И это факт немаловажный. Однако не существует единой точки зрения на природу текста. Одно направление основано на познании грамматической природы текста, описании его грамматических признаков, другое направление связано с отнесением его к явлениям речевого характера.

В целом, статья является результатом систематического изучения проблемы использования художественных текстов на занятиях по русскому языку и предлагается большому кругу читателей.

Ключевые слова: Правила, использование, обучение, художественный, направление, текст, задача, объем, рассказ, взгляд, повесть, деятельность, средство, материал, наблюдение, качество, развитие, стиль

USE OF LITERARY TEXTS IN RUSSIAN LANGUAGE CLASSES

This article deals with the use of literary texts in Russian language classes. Grammar should not be a sum of useless rules, but a means of learning a living language, living Russian speech, as well as help for solving specific communicative and cognitive tasks. It is important to correctly solve the problem of the nature of the didactic material that will be used in the classes for the study of grammar.

Many methodologists came to the conclusion that it is more rational to use the text as a didactic material in Russian language classes in a bilingual environment. There is no doubt that the text has many advantages over all other forms of didactic material.

The author in his article notes the advantages of using literary texts as didactic material. The use of the text as didactic material in Russian language classes entails some difficulties. This is the perception of a literary text, which is conditioned by the individuality of the perceiver, his erudition, the level of general linguistic culture, understanding of the laws of artistic depiction, stylistic techniques; pupils, as a rule, have different levels of preparedness for the perception of such material, and this undoubtedly complicates the work.

The author is sure that the object of analysis in the Russian language lesson is a literary text, not a work of fiction. And this is an important fact. However, there is no single point of view on the nature of the text. One direction is based on the knowledge of the grammatical nature of the text, the description of its grammatical features, the other direction is associated with attributing it to speech phenomena.

In general, the article is the result of a systematic study of the problem of using literary texts in the classroom in the Russian language and the author's research , which is offered to a wide range of readers.

Keywords: Rules, use, teaching, artistic, direction, text, task, volume, story, view, story, activity, means, material, observation, quality, development, style

ИСТИФОДАИ МАТНҲОИ БАДЕӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ФАННИ ЗАБОНИ РУСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи истифодаи матнҳои бадеӣ дар машғулиятҳои фанни забони русӣ меравад. Грамматика набояд маҷмӯи қоидаҳои бефоида бошад, балки воситаи омӯхтани забони зинда, сухани зиндаи рус бошад, инчунин барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси коммуникатсионӣ ва маърифатӣ кумак кунад. Ҳалли дурусти масъалаҳои дидактикӣ, ки дар дарсҳо барои омӯзиши грамматика истифода мешавад, муҳим аст.

Қисми зиёди методистон ба хулосае омаданд, ки дар машғулиятҳои забони русӣ дар муҳити дузабонаӣ истифода бурдани матн ҳамчун маводи дидактикӣ оқилонатар аст. Шубҳае нест, ки матн нисбат ба ҳамаи дигар шаклҳои маводи дидактикӣ бартариҳои зиёд дорад.

Муаллиф дар мақолаи худ бартариҳои истифодаи матнҳои бадеиро ҳамчун маводи дидактикӣ қайд мекунад. Истифодаи матн ҳамчун маводи дидактикӣ дар машғулиятҳои забони русӣ боиси баъзе душвориҳо мегардад. Ин дарки матни бадеист, ки ба фардияти дарккунанда, маърифати ӯ, сатҳи маданияти умумизабонӣ, дарки қонунҳои тасвири бадеӣ, дастгоҳҳои услубӣ шарт шудааст; донишҷӯён, чун қоида, барои қабули ин гуна мавод сатҳи гуногуни омодагӣ доранд ва ин, албатта, корро душвор месозад.

Муаллиф мутмаин аст, ки ҳадафи таълими забони русӣ аз ҷиҳати мазмун дар муқоиса дар назари аввал хеле гуногунҷабҳа мешавад. Забони хориҷии ин ё он

миллатро омӯхта, мо системаи консепсияҳои таърихан рушдкардаро меомӯзем, ки тавассути он воқеиятро дарк мекунанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши муошират ва азхудкунии маънои калимаҳо, схемаҳои грамматикии абстрактӣ ва формулаҳои нуткро кам кардан мумкин нест. Ҳамчун омӯзиши забон дар шакле, ки он дар воқеият амал мекунад, баррасӣ карда мешавад, он бояд ҳатман азхудкунии унсурҳои фарҳанги дигарро дарбар гирад. Дар акси ҳол, забони русӣ нисбат ба забони модарӣ ҳамчун як рамзи нав ба назар мерасад. Ғайр аз ин, доштани дониши паст боиси нутқи нодуруст аз ҷиҳати мундариҷа ва ба ин васила азхудкунии нокифояи забон мегардад.

Умуман, мақола натиҷаи омӯзиши мунтазами проблемаи истифодаи матнҳои бадеӣ дар машғулиятҳои забони русӣ ва таҳқиқоти муаллиф мебошад, ки ба доираи васеи хонандагон ва омӯзгорон пешниҳод карда мешавад.

Калидвожаҳо: Тартиб, истифода, таълим, бадеӣ, самт, матн, супориш, ҳаҷм, ҳикоя, нигоҳ, қисса, фаъолият, восита, мавод, мушоҳида, сифат, ташаккул, услуб.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: Ҳалимова Мавҷуда Раҳимовна, муаллими калони кафедраи адабиёти хориҷа бо МТЗАР, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 755360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16, телефон: 988-45-82-87, E-mail:sharaf26@mail.ru*

***Сведения об авторе**: Халимова Мавджуда Рахимовна, старший преподаватель кафедры зарубежной литературы с МПРЯЛ, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки Адрес: 735360, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16, телефон: 988-45-82-87, E-mail:sharaf26@mail.ru*

***About the author**: Halimova Mavjuda Rakhimovna, senior lecturer of the Department of foreign literature with MTRLL, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Kulob, S. Safarov street, 16, phone: 988-45-82-87, E-mail:sharaf26@mail.ru*

ББК-80/84(2 тоҷ)
УДК-80+81 (2 тоҷ)
Р-48

ТАҲҚИҚ ВА ОМӮЗИШИ ОРОНИМИЯИ «ЗАЙНУ-Л-АХБОР»-И АБУСАЪИД АБДУЛҲАЙИ ГАРДЕЗӢ

Рачабова Г.Қ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Рӯ овардан ба масъалаи номшиносӣ ва санъати номгузорӣ имрӯз яке аз масъалҳои мубрами илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва таҳлилу тафсири номҳои хос имконият медиҳад, ки мо бо таърих, фарҳанг, тамаддун, этнография ва рушду такомули забон боз ҳам наздиктар шинос шавем.

Тавре ки маълум аст, омӯзиши номҳои хосро дар забоншиносӣ бо номи ономастика ёд мекунанд, ки вобаста ба хусусияти номҳо ономастика қисматҳои худро доро мебошад. Вобаста ба андешаҳои олимони забоншинос: “Ономастика ба қисмҳои таркибии антропонимика [юн. antropos–одам, onoma – ном], этнонимика [юн. etnos–халқ, onoma– ном], топонимика [topos-маҳал, onoma-ном], гидронимика [юн. hidro-об, onoma-ном] ва амсоли инҳо ҷудо мешавад» [3, с.70].

Топонимика як қисмати ономастика буда, ба таҳқиқ ва баррасии номҳои гуногуни ҷуғрофӣ бахшида шудааст. Албатта омӯзиши номҳои маҳалҳои аҳолинишин ё дар маҷмӯъ номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии асарҳои таърихӣ ба рушди таркиби луғавии забон таъсири мусбӣ мерасонад. Дар навбати худ топонимикаро муҳаққиқони

номшинос ба гурӯҳҳо ҷудо намудаанд, ки бо ин таснифот мо дар корҳои илмии забоншиносон аз қабили А. Хромов (1966, 1967, 1968, 1969, 1975, 1980), Р. Х. Додихудоев (1972, 1973, 1975, 1976), Ш. Исмоилов (1993, 1994), Н. Офаридаев (1984, 1985, 1991), А. Абдунабиев (1992), Ҷумъахон Алимӣ (1993, 1995), Ҳомидов Д. (2012) ва дигарон дучор мешавем. Дар асоси пешниҳоди ин муҳаққиқон топонимика ба: 1. Ойконимия; 2. Гидрономия; 3. Оронимия; 4. Этнотопонимия; 5. Антротопонимия ҷудо мешавад.

Оронимия чун бахши алоҳида топонимика аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, аз ҷузъҳои oros–кӯҳ ва onim–ном таркиб ёфта, мавзеи дар сатҳи замин қарордошта, чун кӯҳ, теппа, дашт, саҳро, ағба, дара, жарф ва монанди инҳоро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор медиҳад. Ин намуди топонимҳо дар асари тарихии «Зайну-л-ахбор»-и Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ ба таври васеъ истифода шудаанд ва дар ин мақола мехостем аз мавқеи истифодабарии онҳо чанд сухан бигӯем.

Чуноне ки маълум аст, «Зайн-ул-ахбор»-и Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ яке аз шоҳкориҳои адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, чун маъхази бузург барои омӯзиши таъриху фарҳанг ва забону адабиёту миллати куҳанбунёди тоҷик ба ҳисоб меравад. Асар дар миёнаҳои асри XI мелодӣ, дар давраи ҳукмронии Абумансур Абдуррашид ибни Маҳмуд аз ҷониби Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ навишта шудааст. Ҳангоми таҳия ва баррасиии маълумотҳо муаллиф аз номҳои хос ва номи мавзеъҳои зиёди ҷуғрофӣ корбаст намудааст, ки барои омӯзиши ономастикаи тоҷик ин асар чун маводи пурқимате ба шумор меравад.

Дар асари мазкур оронимҳо ё худ номҳое, ки ба мавзеи сатҳи замин алоқаманд мебошанд, ба таври фаровон истифода шудаанд. Истифодаи онҳо ба муаллиф имконият додааст, ки образи бадеӣ, тасвири манзара, нақли ҳодисаву воқеаҳоро боз ҳам пуртаъсиртару ҷолибтар ба хонанда расонад. Ин аст, ки корбурди баъзе аз оронимҳои асари мазкурро бо истифода аз фарҳангу луғатномаҳо ва такя ба андешаҳои номшиносон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем.

Кӯҳи Дамованд: Яке аз оронимҳои маъмул, ки дар асар низ корбаст шудааст, ин **кӯҳи Дамованд** мебошад. Ин ороним қариб дар тамоми ёдгориҳои хаттии ниёгонамон истифода шудааст. Дар «Форнома» ин оронимия чунин қаламдод гардидааст*:* Порсиён гуфтаанд, ки дорулмулки ӯ Истахр будааст ва дигар асҳоби таворих гуфтаанд, ки мақоми ӯ ба Дамованд будааст [6, с.32). Дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ ин ном чунин омадааст:

Ҳаме тохтӣ то Дамовандкӯҳ,
Кашону давон аз пас андар гурӯҳ [1, с.82].

Дамованд дар «Авесто» Аряхмута буда, номи кӯҳи асотириест, ки гӯё Заҳҳокро дар он кӯҳ банд кардаанд. Дар китоби В.Рак Дамованд кӯҳи вулқоние шарҳдода шудааст, ки дар наздикии Теҳрон воқеъ буда, яке аз қуллаҳои бузурги кӯҳи Элбурс мебошад [10, с.55]. Дар «Зайнул-ахбор» омадааст: *Пас ӯро ба Дамованд бурд ва ба занҷирҳои оҳанин бибаст ва андар чоҳ андохт ва ғулу банд бар пойи вай ниҳод ва солори нигаҳбонони ӯро Даҳокони нигоҳбад ном кард [2,с.61].*

Кӯҳи Албурз: Албурз низ дар асари Гардезӣ аз ҷониби муаллиф истифода шудааст. Дар фарҳангномаҳо чунин омадааст: **Албурз** - кӯҳи баландест дар шимоли Эрон. Дар забони қадими эронӣ «Ҳарбурз» мегуфтанд, ки маънояш «кӯҳи баланд» аст [4, с.9]. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам чун номи кӯҳ истифода карда шудааст:

Шавам нопадид аз миёни гурӯҳ,
Мар инро барам то ба Албурзкӯҳ [1, с.480].

Гардезӣ овардааст: «Ҳавои Фаридун ҳар кӣ хоҳад бо ман барояд». Мардуми анбӯҳ бо вай бирафтанд ва рӯй ба кӯҳи Албурз ниҳоданд. Ва пеши Фаридун шуданду бар вай ба подшоҳӣ салом карданд…[2, с.60].

Кӯҳи Сафо: Маънои луғавии ороними Сафо дар «Ғиёс-ул-луғот» ба ин тариқ омадааст: пок ва беғаш ва бекудурат шудан; ва номи кӯҳча дар Маккаи муаззама ва кӯҳчаи дигар, ки Марва ном дорад низ аз он ҷост. Ва ҳоҷиён дар миёни Сафо ва Марва, ки тахминан дусад қадам масофат дорад, саъй кунанд ва медаванд. Ва ин давидан яке аз лавозими ҳаҷ аст [5, с.9]. Инчунин дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои луғавии ин калима чунин омадааст: Сафо صد فا оштӣ, сулҳ, осоиш: сидқу сафо, сулҳу сафо [2, с.224]. Аз ҷумла дар фарҳанги «Чароғи Ҳидоят» низ ба маънии сулҳу сафо омадааст: Сафо– маъруф ва ба маънии сулҳу сафо; агарчӣ дар ин иборат ҳар ду ҷамъаст, лекин танҳо ба маънии сулҳ низ омада.

Аз таҳлилу тавзеҳи калима дар фарҳангномаҳо маълум шуд, ки маънои луғавии вожаи «Сафо» покӣ, покизагӣ, сулҳу осоиш ва оштӣ мебошад. Ҳамчун ороним бошад, дар дигар сарчашмаҳо низ номи кӯҳ қаламдод карда шудааст: *Ва Ҳоҷар ба талаби он ки магар касеро бубинад, ба Марваву Сафо ҳамедавид чанд бор. Ва он аст, ки суннат гашт ва аз аркони ҳаҷ кардан шуд*…[2, с.25].

Кӯҳи Тур: Ороними дигаре, ки дар асар ҳамчун номи кӯҳ омадааст, Тур мебошад. Дар фарҳангномаҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ омадааст: **Тур -** номи писари дувуми Фаридун. **Тур** ба маънои мутлақи кӯҳ аст ва ба забони суриёӣ низ кӯҳро гӯянд, ки Мӯсо алайҳиссалом тозаманиш бар он шуда буд, онро **Тури Сайию** ном аст ва фақат **Тур** низ истеъмол кунанд…[5, с.71].

Дар Бурҳони қотеъ **Тур** ба маънои гиёҳе бошад турушмаза, ки онро дар ошҳо кунанд [8, с.71].

Дар асари Гардезӣ низ Тур ба маънои номи кӯҳ истеъмол карда шудааст: *Баъд аз он Мусо ба муноҷот ба кӯҳи Тур ва ҷамоате аз пирони банӣ Исройил бо вай бирафтанд ва Ҳақ, Таъоло, бо вай сухан гуфт ва Таврот бидод*…[2, с.32].

Кӯҳи захр – муаллиф ҳангоми тасвири нақлу воқеаҳо аз ин ороним истифода кардааст. Аз рӯи тасвири кӯҳ ва хусусиятҳои он, ки гӯё аз ҳавои ӯ дами мардум бигирад, ба ин кӯҳ номи Кӯҳи заҳр додаанд. Чунончӣ: *Ва аз ин пул то дари Таббатхоқон кӯҳе аст, ки чун назди ӯ шавӣ, аз ҳавои ӯ дами мардум бигирад, чунон ки дам натавонад задан ва забонаш гирон шавад ва бисёр мардум андар он бимирад. Ва мардумони Таббат ин кӯҳро «Кӯҳи заҳр» хонанд* [2, с.295].

Дар баробари ин дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ номи бисёр кӯҳҳои дигар, аз қабили ***кӯҳҳои Сус, кӯҳи Бӯқабис, Кӯҳи Канд Урточӣ, кӯҳҳои Кашнур, кӯҳи Кукмон, кӯҳи Ҷудӣ, кӯҳи Чунъаз*** ва амсоли инҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки санъати номгузории асрҳои X-XI ва асрҳои пешинаро инъикос менамоянд. Муаллиф дар баёни ҳодисаву воқеаи асар аз ин намуди оронимҳо васеъ истифода бурдааст ва ба ин васила то ба имрӯз ин номҳо омада расиданд.

Ҳамчунин, ҳангоми таҳлилу баррасии номҳои асар мо бо номҳое дучор омадем, ки номи водии танги воқеъ дар байни ду кӯҳҳо ё силсилаи кӯҳҳоро ифода мекунад ва муаллиф онро бо вожаи «дара» ишора мекард. Чунончӣ: ***дараи Кашмир, дараи Ром, дараи Нур, дараи Қирот, дараи Динорзорӣ*** ва амсоли инҳо. Аз ҷумла муаллиф овардааст:

Дараи Ром: «*Ва аз он ҷо боз гаштанд ва рӯй сӯйи **Дараи Ром** бинҳоданд. Чун солори Ром хабар ёфт, кас фиристод ва аз амири шаҳид узр хост»* [2, с.236].

Дараи Кашмир: «*Ва андар санаи арбаъ ва арбаъмоъа (404 ҳ.) қасди қалъаи Нандана кард бо лашкар ва чун Таруҷинпол, шоҳи Ҳиндустон хабар ёфт, мардони корӣ бар он бигумошт, то он қалъаро нигоҳ дорад ва худро сӯйи **дараи Кашмир** кашид»* [2, с.214].

Аз матни асар маълум мешавад, ки аксари номҳои дара аз худи номи деҳа, шаҳр ё худ кишвар гирифта шудааст. Ҳамзамон, бархеи онҳо вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии худ номгузорӣ карда шудаанд.

Муаллиф зимни баёни воқеаҳо аз номи гузаргоҳ, роҳҳо, дашту биёбонҳо низ дар асар ёдрас кардааст, ки истифодаи онҳо аниқу дақиқ будани маълумоти аз ҷониби муаллиф дар асар пешниҳод шударо муайян менамуд.

Роҳи Зам: Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ду маъно омадааст: 1.сардӣ: боди сард. 2.зам ҷоҷ [13, с.505]. Дар «Зайн-ул-ахбор» чун роҳи Зам истифода шудааст. Аз ин бармеояд, ки роҳе, ки аз мобайни мавзеи Зам мегузарад, бо номи он мавзеъ ёд карда шудааст, яъне Зам ҳам номи мавзеи ҷуғрофӣ (шаҳр ё деҳа) ва ҳам номи роҳ. Чунончӣ: «*Ва Абдулҷаббор ба роҳи Зам гурехт ва роҳ гум кард ва дар панбазоре дар наздикии хонаҳои адиён уфтод. Ва Абдуҷаффор ибни Солиҳи Толиқонӣ бо ҷамъе ба талаби ӯ меомаданд ва дар он ҷо ӯро биёфтанд»* [2, с.158].

Роҳи Рахнаи Ҳамавӣ: - ин ороним низ ҳамчун номи роҳ истифода шудааст: ... *ва худ ба роҳи* ***Рахнаи Ҳамавӣ*** *берун рафт ва чунин намуд, ки сӯйи Самарқанд шавад ва то Нахшаб бишуд* [2, с.188].

Тури Сино: дар асар ин ороним ҳамчун номи биёбон тасвир шудааст ва ба кӯҳи Тур алоқамандӣ дорад. «*Ҳарду тан пешравони коҳинони бани Исройил буданд ва андар биёбони Тури Сино бисӯхтанд...»* [2, с.264].

Хуррамак: ин ном аз вожаи хуррам - шодиву нишот ва сурур шодмонӣ ва пасванди «ак», ки хурдию навозишро ифода мекунад, сохта шудааст ва дар асар номи боғро ифода мекунад: «*Ва амир Абулҳасан рӯзе ба* ***боғи Хуррамак*** *шуд»* [2, с.200].

Дар асари Гардезӣ ҳамзамон оронимҳои роҳи Ғӯр [с.239], гузаргоҳи Дарғон [208], роҳи Хархиз [292], роҳи Рӯён [173], дашти Шобҳор [220] ва амсоли инҳо корбурди васеъ доранд ва ҳангоми сухан кардан аз ин ё он мавзеи ҷуғрофӣ аз оронимҳои мазкур зикр кардааст.

Метавон гуфт, ки истилоҳоти оронимӣ дар асари «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ аз қисматҳои муҳими лексикаи топонимӣ ба ҳисоб меравад. Аз таҳлилҳо равшан мегардад, ки аз лиҳози мансубияти забонӣ оронимҳои асар гуногун буда, дар баробари вожа ва калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ ҳамзамон калимаҳои арабӣ низ чун истилоҳи ҷуғрофӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Адабиёт:

1. Абулқосим, Ф. Шоҳнома. Ҷ.1 / Ф. Абулқосим. – Душанбе: Адиб, 1987. - 480с.
2. Абусаъид, А. Г. Зайн-ул-ахбор. / А.Г. Абусаъид. – Душанбе: Бухоро, 2014. 416с.
3. Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Алимӣ, Ҷ..– Душанбе: 1995. –196 с.
4. Ғаффуров, О. Шарҳи исму лақабҳо / О.Ғаффуров – Душанбе, 1981.
5. Ғиёсуддин, М. Мулҳақот ба «Ҷиёс-ул-луғот». Ҷ.2 / М. Ғиёсуддин. –Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
6. Ибн Албалхӣ. Форснома / Ибн Албалхӣ. – Душанбе: Дониш.–1989.–158с.
7. Каримов, А. Таҳлили лексикӣ– грамматикии матнҳои тоҷикии қадим / Каримов А. –Душанбе: УДТ, 1986. – 100 с.
8. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ (бо забони форсӣ). Ҷ.1 / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. -Теҳрон: Нимо, 1200. – Теҳрон, 1362.
9. Мурзаев, Э. М. Очерки топонимики / Э.М. Мурзаев. – М.: Мысль, 1974. –384 с.
10. Рак И.В. Мифы древнего и ранесредневекового Ирана.–Санкт- Петербург / И.В. Рак. – Москва, 1998. – 458 с.
11. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2002. – 184с.
12. Ҳудуд-ул-олам. – Душанбе: Адиб, 2008. – 212 с.

13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, ҷилди 1. –1969. – 951 с.

14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, ҷилди 2. –1969. – 950 с.

15. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». –Душанбе: «Адиб», 1992. –496 с.

16. Шералиева С.М. Ташаккули гидронимияи вилояти Хатлон (тадқиқи таърихию лингвистӣ) / С.М. Шералиева. – Душанбе: 2014. –184 с.

ТАҲҚИҚ ВА ОМӮЗИШИ ОРОНИМИЯИ «ЗАЙНУ-Л-АХБОР»-И АБУСАЪИД АБДУЛҲАЙИ ГАРДЕЗӢ

Дар мақола оронимҳои «Зайн-ул-ахбор» аз лиҳози маъно ва мавқеи истифодабарии онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, ки худ як асари таърихӣ-ҷуғрофӣ ба ҳисоб меравад, барои омӯзиши ономастикаи тоҷик як маъхази бузург эътироф шудааст. Оронимия чун бахши алоҳида топонимика доир ба мавзеъҳои дар сатҳи замин қарордошта ба монанди кӯҳ, теппа, дашт, саҳро, ағба, дара, жарф ва амсоли инҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Маҳз ҳамин қисмати топонимҳо дар асари Гардезӣ таҳлил ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Тавре ки худи муаллиф низ баён намудааст, таҳқиқи маводи ономастикии асари мазкур барои рушд ва ташаккули илми забоншиносии тоҷик ва ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, барои равшан намудани баъзе масъалаҳои таърихӣ, забоншиносӣ, иҷтимоӣ ва этнолингвистика истифода намудан мумкин аст.

Вожаҳои калидӣ: оронимия, асар, топонимика, мавзеи ҷуғрофӣ, Гардезӣ, омӯзиш, таҳқиқ, таърихӣ-ҷуғрофӣ, баррасӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ И ИЗУЧЕНИЕ ОРОНИМИИ «ЗАЙНУ-Л-АХБОР» АБУСАИД АБДУЛХАЙИ ГАРДЕЗИ

В статье говорится о значении и употреблении оронимов в произведении А.А.Гардези «Зайну-л-ахбор». «Зайну-л-ахбор»- это историческо-географическое произведение, который считается для изучения таджикской ономастики великим источником. Оронимия – это отдельная часть топонимики, которая изучает местность находящегося на поверхности земли как: горы, холмы, долины, поля, горные перевалы, ущелье, углублённые гроты и им подобное. Именно это часть топонимов анализируются и группируются в произведении Гардези.

Как заявил сам автор, изучение ономастического материала данного труда способствует развитию и становлению таджикского языкознания и обогащению лексической структуры таджикского языка. Его также можно использовать для освещения некоторых исторических, лингвистических, социальных и этнолингвистических проблем.

Ключевые слова: оронимия, произведение, топонимия, географическое положение, Гардези, этюд, исследование, историко-географический, обзор.

INVESTIGATION AND STUDY OF THE ORONYMS IN «ZAINY-L-AKHTAR» OF ABUSAID ABDULKHAI GARDEZI

About the importance and the usage of oronyms is said in the work of Gardezi «Zainy-l-akhtar».

Zainy-l-akhtar is a historical and geographical work, which takes into consideration the investigation of Tajik onomastics as a great source. Oronymics is a separate part of toponymy, which studies the place names existing on the earth, as the name of mountains, hills, valleys, ravines, fields, passes, grottos etc.Exactly this part of toponymy analyses and groups the place names in the work of Gardezi.

As the author himself stated, the study of the onomastic material of this work contributes to the development and formation of Tajik linguistics and the enrichment of the lexical structure of the Tajik language. It can also be used to highlight some historical, linguistic, social and ethnolinguistic issues.

Key words: oronyms, work, toponymy, locality Gardezi, investigation, research, historical and geographical, overview.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабова Гулшан Қурбоновна, *докторанти PhD-и кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 735360. ҶТ, вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров-16. Тел: 989141451. Нишонии электронӣ:* ***gulshan.r.89@mail.ru***

Сведения об авторе: Рачабова Гулшан Курбановна, *докторант Ph.D кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел: +992 98914 14 51. Электронная почта: gulshan.r@mail.ru.*

Information about author: Rajabova Gulshan Qurbonovna, *doctoral student Ph.D of the tajik language department of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: +992 98914 14 51. E-mail: gulshan.r@mail.ru.*

УДК – 80(2-Тоҷ)
Н-73

ТАШАККУЛИ РОМАНҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (ДАР МИСОЛИ РОМАНИ «КУРУШИ КАБИР»-И Б. АБДУРАҲМОН)

Нозимова С.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Инкишофи насри пешин ин ибтидои хуби насри замони истиқлол аст. Дар заминаи фаъолияти эҷодии адибони ботаҷрибаю баркамоли тоҷик Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷалол Икромӣ, Ӯрун Кӯҳзод, Сайф Раҳим ва амсоли инҳо насри имрӯза вусъат ёфтааст.

Сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла, «Таърихи Табарӣ», «Тоҷикон»-и Б. Ғаффуров, «Таърихи тамаддуни Ориён»-и Иброҳим Умарзода, «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва «Чеҳраҳои мондагор»-и Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар ин ақидаанд, ки миллати тоҷик нахустқавмеанд дар рӯи замин, ки арзи ҳастӣ кардаанд. Сарчашмаҳои таърихӣ тоҷиконро аз авлоди аввалин қабилаи инсонӣ Ёвон, писари Ёфат, набераи Нӯҳ пиндоштаанд. Дар тӯли ҳазорҳо соли давлатдории тоҷикон ҳазорҳо подшоҳон гузаштаанд. Номи на ҳама подшоҳон абадӣ ба мисли Куруши Кабир ва Исмоли Сомонӣ, ба ёдгор мондаанд. Подшоҳ ё сардори давлату қабила, ҷамъият, халқият ва дигар намояндаҳо миллати моро низ роҳбарӣ кардаанд [14, с. 3].

Дар шууру афкори адибони имрӯза воқеаҳои нангини солҳои навадум таъсири бузург гузошт. Чандин асари насрӣ, аз ҷумла, «Се раҳаки се ҳизб» - и Ӯрун Кӯҳзод, «Лаблаби ҷар» - и Саттор Турсун, қиссаи «Нишони зиндагӣ» - и Карокатулло Мирзоев ва романи «Зарафшон» - и Сорбон фарогири воқеаҳои иҷтимоии ба ҷанги шаҳрвандӣ печидани гурӯҳҳои сиёсӣ ва дар давоми ҷангҳои тӯлонӣ вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ ва пош хӯрдани он тасвир шудааст.

Боиси сарфарозист, ки насри таърихӣ низ дар замони истиқлолият ривоҷу равнақ ёфтааст. Асарҳои таърихӣ хонандаи хешро аслан ба таърихи дуру наздики халқи тоҷик, корнамоию ҷоннисориҳои фарзандони баруманди он ошно менамояд. Аз ҷумла «Гули бодом» - и Ҷ. Икромӣ, қиссаи «Мансури Ҳаллоҷ»-и Р. Ҳодизода, достони

«Писари Худо» - и Сорбон, «Куруши Кабир» - и Бароти Абдураҳмон барин асарҳо тақвияти гуфтаҳои болоянд.

Мавқеи шахс дар таърих ин яке аз хусусиятҳои муҳими насри даврони истиқлол ба шумор меравад. Баҳри дар рӯҳияи ватандорию ватандӯстӣ ва ифтихор кардан аз фарҳангу ниёгони гузаштаи худ тарбия намудани насли оянда, ин тақозои замони нав аст, ки адибони мо ба шахсони таърихӣ рӯ оварда, аз рӯзгору корнамоиҳои фарзандони баруманди халқи тоҷик асарҳо эҷод намоянд.

Дар аҳди Сосониён романҳои таърихӣ ҳам арзи ҳастӣ мекарданд, ки ин навъ асарҳо дар сарчашмаҳо ба унвони китобҳои таърихӣ ва осори таърихии ҳамосӣ ёд шудаанд. Намунаи романҳои таърихии ин давра, ки Ибни Надим аз онҳо ёд кардааст, ки «Баҳрому Нарсӣ», «Баҳроми Чӯбин», «Шаҳрбароз бо Парвиз», «Китоби Анӯшервон» мебошанд. [11, с.56-57].

Пажӯҳиши таъриху тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон хеле барвақт оғоз гардида буд. Ин анъанаи наҷиб дар асри ХХ хеле ривоҷ ёфта, боиси инкишофи соҳаи ховаршиносии илм гардида, ба адабиёти бадеӣ, махсусан, ба насри таърихӣ таъсири чашмрас расонид.

Яке аз донандагони хуби таъриху тамаддуни Шарқ, асосгузори адабиёти муосири тоҷик, устод Садриддин Айнӣ аз назми оламшумул ва сарчашмаҳои беназири таърихию адабӣ истифода намуда, имконият пайдо кард, то аз саҳифаҳои пурасрори таърихи халқу миллат, аз рӯзгору осори бузургони илму адаб ва аз корномаи диловаронаи абармардоне, ки ба хотири дифои меҳан алайҳи истилогарони аҷнабӣ мубориза бурдаанд, асару мақолаҳои боэътимоди илмӣ ва бадеӣ нависад. Ин роҳи пуршарафу ибратангези устод Айниро минбаъд ҳампешагону шогирдон давом додаанд [8, с. 4].

Чунончи, яке аз нависандагони маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода қайд кардааст: «Одамӣ бояд ниёгони хешро бишиносад, то бидонад, ки худи ӯ кист ва баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист, мурувват чист. Меҳнатдӯстӣ биёмӯзад, некандешӣ ва некхоҳӣ биёмӯзад» [8, с. 3].

Дар давраи Истиқлолияти Тоҷикистон роман ҷои намоёнро ишғол кард. Халқи тоҷик гузаштаи таърихии худро нағз ёд дорад ва ба он арҷ мегузорад. Ба майдон омадани шоҳасари алломаи Машриқзамин Бобоҷон Ғаффуров «Тоҷикон» ва китобҳои роҳнамои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Сосониён то сомониён», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» ва «Чеҳраҳои мондагор» муҳаббати халқро ба Ватани худ шӯълавар карданд, тафаккури таърихӣ ва ҳиссиёти хештаншиносии ӯро ривоҷ доданд, ҳуввияти миллии ӯро баланд бардоштанд [12, с.68].

Бароти Абдураҳмон яке аз нависандагони боистеъдод, навҷӯй ва хушсалиқаи даврони истиқлол буда, усули хоси нигоришро доро мебошад. Ӯ дар баробари навиштани асарҳои ишқӣ ва фоҷиавӣ ба мавзӯъҳои таърихӣ низ рӯ оварда, силсилақиссаи «Ҳафт муъҷизаи олам» -ро (1995) дар тавсифи аҳромҳои Мисри Қадим, Боғи муаллақи Бобул, Маъбади Артемида, оромгоҳи Мавсол, муҷассамаи Зевс, Бурҷи Искандария ва Ҳайкали Родос ба қалам додааст, «Шамшер ва ишқ» (2002), «Курӯши Кабир» (2006), «Биҳишти фиребо» (2007), «Рухшона» (2007), дар шакли китоби алоҳида дастраси ҳаводорони каломи бадеъ гардидаанд.

Ба қалами ӯ, инчунин драмаи таърихии «Хатои Искандари Мақдунӣ» (1999) филмномаҳои «Тифли домони туам, модар» (1999). «Муъҷизаи ҳафтуми олам» (2002), «Васвасаҳои хунафшон» (2003) мансубанд. Кинороманҳои сегонаи «Куруш ва Томирис», «Искандар ва Спитамен», «Рухшона» (2007).

Мавзӯи ин асар фоҷиаи баҳманмоҳи хунин, фазои инқилобии рӯзҳои пурошӯб, талошҳои фарорасии истиқлол, рақобатҳои шадиди тарафҳои даргир ва оғози ҷанги шаҳрвандиро фаро гирифтааст.

Б. Абдураҳмон баробари романҳо ва филмномаҳои таърихӣ қиссаҳои хотирмони таърихӣ, аз ҷумла «Сомонхудот», «Абӯмуслими Хуросонӣ», «Низомулмулк», «Ангораҳои Бухоро» ва ғайраро навиштааст, ки дар онҳо симоҳои абармардони безаволро ба тасвир додааст.

Зимни суҳбат бо нависанда Бароти Абдураҳмон маълум гардид, ки барои навиштани асари таърихии «Исмоили Сомонӣ» чандин солҳо омодагӣ диданд. Дар бораи сулолаи Оли Сомонхудот дар се шумораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» қиссаи таърихии Сомонхудот» -ро чоп намуд.

Дар ин қисса ӯ талошу пайкорҳои Сомонхудот ва хонадони Бармакиёнро барои поси кеши Зардуштӣ ва маъбади мӯҳташами «Навбаҳор» тасвир намудааст. Аз рӯи нигориши нависанда яке аз сарлашкарони араб бо номи Аҳноф ибни Қайс соли 652 зимни набардҳои шадиду фатҳи Бодғис ва ғайра дар беруни шаҳри Балх хайма зада, атрофи Шаҳристонро муҳосира мекунад.

Сомонхудот, ки ҷавони наврас буд, баъди марги падар ҳокимии Балхро ба дӯш дошт, бо маслиҳати коҳини бузурги маъбади Навбаҳор Бармак ва шаҳрбони Балх Гуроз бо Аҳноф ибни Қайс паймони сулҳу созиш мебандад. Аз рӯи ин паймони сулҳ дар вақт 400-ҳазор дирҳам пардохта, дарвозаҳои шаҳрро мекушоянд ва гаравидани сокинонро ба ислом аз рӯи хоҳиши худашон қарор медиҳанд.

Вале Аҳноф ибни Қайс аз рӯи нигориши нависанда рӯзи нахусти ворид ба Балх дар маъбади Навбаҳор намоз гузорида ва рӯзи сеюм дастур медиҳад, ки дар тани девори маъбад меҳроб канда, минбари вазъгӯиву ташвиқоти диниро баробари ду қади одам бисозанд.

Сомонхудот дертар аз мақоми ҳокимӣ барканор шуда бошад ҳам, муддате пайравони кеши зардуштиро дар қатори Бармаки бузург пуштибонӣ намуда, гирифтори бадхоҳии Аҳноф ибни Қайс ва ҳамсафони ӯ мегардад.

Абӯмуслими хуросонӣ дар тасвири нависанда ҷавони тезҳушу зиракест, ки аз ҷониби пешвои хонадони Аббосиён баҳои сазовор гирифта, ҳамчун гумоштаи хосаи онҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр фиристода мешванд. Абӯмуслим аз рӯи дастури пешвоёни ин хонадон ошӯби оммавиеро роҳандозӣ намуда, ҳокимону амалдорони Хуросону Мовароуннаҳрро барканор месозад ва ба ҷасорати бемислу монанд намояндагони Аббосиёнро ба қудрат мерасонад.

Ӯ ҳамчун сарлашкари тавоно, сиёсатмадори зирак, волии ватандӯсту меҳанпарвар дар Мовароуннаҳру Хуросон даҳҳо ҳазор арабҳои мухолифи Аббосиёнро сар мезанад ва сиёсати мустақилонаи давлатдориро пеш мебарад.

Асари таърихии машҳури Бароти Абдураҳмон, ки дар бораи шахсияти таърихӣ ва беназири замони хеш аст, «Курӯши Кабир» мебошад.

Романи таърихии «Курӯши Кабир» (2006) аз зиндагии пурҳангома, ишқи самимона, тарҳрезии оини давлатдорию кишваркушоиҳо, муттаҳидсозии қавму қабилаҳои парокандаи ориёӣ, алалхусус, ниёгони тоҷикон, дар як қаламрави воҳид ва саранҷом бунёдгузории империяи мутамаддини ҷаҳони Ҳахоманишиён нақл мекунад. Силсилароманҳои дигари ӯ ба монанди «Камбуҷия» ва «Дорои Бузург» (2013) дар партави сиёсати ваҳдатгароӣ ва башардӯстонаи Курӯши Кабир эҷод шудааст ва дурахшонтарин даврони давлатсозию тамаддунофарии ниёгони ориёии эронитабор, аз ҷумла тоҷиконро, фаро мегирад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эҷоди ин асари нависанда баҳои баланд додаанд: «Романи таърихии «Куруши Кабир», ки нависанда Бароти Абдураҳмон иншо намудааст, кӯшишест барои нигоҳи тоза афкандан ба зиндагии пурҳангома ва шахсияти нотакрору ибратомӯзи шоҳаншоҳи аҳди қадим. Нависанда барои зиндаю боварибахш ва хотирмону барҷаста офаридани симоҳои таърихии асар, ифодаи ҳолатҳои рӯҳию дарду ормонҳои ботинӣ ва таҷассуми нерӯи безаволи ишқу талошҳои пайгиронаи Курӯш барои давлатсозию тамаддунофарӣ заҳмати зиёде кашидааст. Ҳадафи аслии

нависанда на солномонигорӣ ва таҳқиқоти пайгиронаи таърихӣ, балки ба воқеияти таърих ва ҳақиқати зиндагӣ наздик тасвир намудани сарнавишти Куруши Кабир аст» [3, с.5].

Дар ҳақиқат, «Куруши Кабир»-и Б. Абдураҳмон кӯшишест барои нигоҳи тоза афкандан ба зиндагии пурҳангома, сӯзу сози ишқ ва шахсияти нотакрору ибратомӯзи ин шоҳаншоҳи бузурги аҳди қадим, ки падари воқеии ориёиҳои қаламрави Осиё эътироф шудааст. Асари мазкур ба бузургдошти Соли тамаддуни ориёӣ табъу нашр гардидааст. Дар он роҷеъ ба ҳаёту рӯзгор, таъриху сарнавишти ориёиҳо, ки мо тоҷикон низ яке аз наслҳои асили он ҳастем, нақл карда шудааст. Яке аз ситорагони рахшони тамаддуни ориёӣ, ки ҳанӯз 2500 сол қабл аз ин ба қавли файласуфи бузурги немис Гегел ба оламиён усули мутамаддини давлатдориро эҳдо кардааст, Курӯши Кабир мебошад. Худи муаллиф роҷеъ ба қаҳрамони асосии асар чунин қайд кардааст: «Курӯши Кабир, ба назари ман, офтобест, ки дар фазои оғози таърих ва тамаддуни ниёгони мо тулӯъ карда, саросари қаламрави паҳновари мардуми ориётаборро равшану пуранвор намуда, ин қавму халқиятҳои парокандаро муттаҳид сохт, - қайд кардааст ва зери як парчами давлатдории густурда гирд овард» [3. с. 10 -11].

Бунёди давлати Ҳахоманишиҳоро подшоҳи тоифаҳои форс Куруши II гузошт, ки пештар чун васал ба салтанати Мидӣ тобеъ буд. Дар натиҷаи муборизаҳои сахт ва дуру дароз вай на танҳо аз тобеият халос шуд, балки дар соли 550 пеш аз милод давлати Мидиро тамоман торумор намуда, ба зери итоати худ даровард.

Куруши Кабир асосгузори нахустимперияи мутамаддини аҳди қадим буда, то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт. Вай саромадони хешро ба насаби подшоҳони наҷиб ва табори ориёӣ мансуб медонист. Мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони Қадим чандин давлатҳои ҷаҳони кӯҳан ба монанди Порсу Мод, Бобулу Ошур ва Мисру Финикия, Бохтару Суғд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят империяи ӯ муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурдааст. Вай дуюним ҳазор сол пеш қавмҳои парокандаи ориёиро аз домани қуллаҳои Ҳимолой то қаторкӯҳҳои Қафқоз ва аз канори руди Яксарт (Сир) то соҳилҳои баҳри Миёназамин таҳти парчами худ муттаҳид сохтааст.

Нависанда аз сарчашмаҳо ва дидаву шунидаҳои хеш зимни тадқиқоти илмӣ тавонистааст аз ҳар гӯшае хушае ҷамъоварӣ карда, як асари хуби насриву таърихӣ барои ҳаводорони эҷодиёти хеш офарида бошад ва ин шоҳаншоҳи раиятпарвару донои эрониён, (форсиёну бохтариёну суғдиёну хоразмиён), нахустин бунёдгузори шоҳаншоҳӣ дар паҳнои дарёи Уммон – халиҷи Форс, то сарҳади Чин ва нахустин муаллифи Эъломияи ҳуқуқи башарро бештару хубтар ва бо тасвири баланди бадеӣ ва ҳақиқати таърихӣ ба наслҳои ҷавон ошно намояд.

Аз он чи гуфта шуд, маълум мегардад, ки Бароти Абдураҳмон дар давоми фаъолияти эҷодии худ, асарҳои зиёдеро рӯи саҳнаи адабиёт оварда, масъалаҳои зиёди таърихиро пешкаши хонандагон гардонидааст. Барои дуруст кушодани моҳияти ҳар асари нависанда пажӯҳиши ҷудогона лозим мешавад

Адабиёт:

1. Абдураҳмон Б. Дунёи сабзи ишқ / Б. Абдураҳмон. – Душанбе: Адиб, 2002.
2. Абдураҳмон Б. Биҳишти фиребо / Б. Абдураҳмон – Душанбе: Адиб, 2007. – 388 с.
3. Абдураҳмон, Б. Куруши Кабир (Шоҳаншоҳи тамаддуновар). Камбуҷия (Пирӯзӣ ва марг) / Б. Абдураҳмон. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 3-6.
4. Ғаффуров Б.. Тоҷикон / Б. Ғаффуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 91-100.
5. Иброҳим А. Курӯши Кабир (Қиссаи таърихӣ ва ҳикояҳо). / А. Иброҳим. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2020. – 296 с.

6. Исоматов М. Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода / М. Исоматов Душанбе: Ирфон. 2002. – С.3-4.

7. Курӯши Кабир. Зулқарнайн. Мавлоно Абдукаломи озод. – Душанбе: Адиб, 2019. – 240с.

8. Маҷаллаи иттилоотӣ-фарҳангӣ, фароғатӣ ва рекламавӣ «Чеҳра». Душанбе, 2010. - №3. – С.3.

9. Поспелов Г.И. Проблемы исторического развития литературы / Г.И. Поспелов. – Москва: Издательство «Просвещение», 1972. – 269 с.

10. Расулиён Қ. Ду қутби тамаддун роҳи ояндаи мост / Қ. Расулиён // Адабиёт ва санъат. – 8 майи соли 2008. - №19. – С. 9.

11. Раҳмонов Э.Ш. Бунёдгузори давлатдории мутамаддин // Бароти Абдураҳмон, Курӯши Кабир (Шоҳаншаҳи тамаддунофар), Камбуҷия (Пирузӣ ва марг). – Душанбе: Адиб, 2012. - С. 3-6.

12. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср / А. Сайфуллоев – Душанбе: Адиб, 2002.

13. Шарифзода Х., Нарзиқул М. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Шарифзода, М. Нарзиқул – Душанбе: ТоРус, 2017. - С. 56-57.

14. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. - С.6-24

ТАШАККУЛИ РОМАНҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (ДАР МИСОЛИ РОМАНИ «КУРӮШИ КАБИР»-И Б. АБДУРАҲМОН)

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои рушди насри таърихӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардидааст, ки ҳадаф аз ин пажӯҳиш ошно намудани аҳли ҷомеа, бахусус, ҷавонону наврасон бо таърихи дуру наздики халқи тоҷик, корнамоию ҷоннисориҳои фарзандони барӯманди он арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи муаллиф, мавқеи шахс дар таърих ин яке аз хусусиятҳои муҳими насри даврони истиқлол ба шумор рафта, дар руҳияи ватандорию ватандӯстӣ ва ифтихор аз фарҳангу ниёгони гузаштаи худ тарбия намудани насли оянда тақозои замон мебошад. Аз ин рӯ, адибони тоҷик ба шахсиятҳои таърихӣ рӯ оварда, аз рӯзгору корнамоиҳои фарзандони барӯманди халқи тоҷик асарҳо эҷод намудаанд.

Дар ин росто, романи таърихии “Курӯши Кабир”-и Бароти Абдураҳмон дар адабиёти замони истиқлолият, махсусан дар насри таърихӣ мавқеи назаррас дорад.

Бароти Абдураҳмон яке аз нависандагони боистеъдод, навҷӯй ва хушсалиқаи даврони истиқлол буда, бо усули хоси нигориш, дар баробари романҳо ва филмномаҳои таърихӣ қиссаҳои хотирмони таърихӣ навиштааст, ки дар онҳо симои абармардони арсаи сиёсат, таърих ва фарҳангро ба тасвир кашидааст.

Дарвоқеъ, пайгирӣ намудани саҳми назарраси яке аз ситорагони рахшони тамаддуни ориёӣ Курӯши Кабир, ки аз асосгузорони нахустимперияи мутамаддини аҳди қадим буда, дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт, пажӯҳиши хеле муҳим ва арзишманд мебошад.

***Калидвожаҳо**:* роман, таъриху фарҳанг, давлатсозӣ, сарнавишт, нависанда, тамаддун, ватандӯстӣ, худшиносӣ

ФОРМИРОВАНИЕ ИСТОРИЧЕСКИХ РОМАНОВ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ (НА ПРИМЕРЕ РОМАНА Б. АБДУРАХМОНА «КУРУШИ КАБИР»)

В статье обсуждаются вопросы развития исторической прозы в период независимости Республики Таджикистан. Цель исследования - познакомить общественность, особенно молодежь и подростков, с прошлой и новейшей историей Таджикистана, мужеством и заслугами его доблестных и выдающихся личностей.

По мнению автора, роль личности в истории - одна из важнейших особенностей прозы периода независимости, и воспитание будущих поколений в духе патриотизма и гордости за древнюю культуру является обязательным требованием времени. Поэтому таджикские писатели обращались к историческим личностям и создавали произведения из жизни и достижений выдающихся исторических личностей таджикского народа.

В этой связи исторический роман Барота Абдурахмона «Великий Кир» в литературе периода независимости страны, особенно в прозе историчекой прозы занимает особое место.

Барот Абдурахмон – новатор, один из самых талантливых, и замечательных писателей периода независимости, который наряду с романами и историческими фильмами написал исторические рассказы уникальной манерой изображения. Он изобразил великих деятелей политики, истории и культуры.

Действительно, исследование значительного вклада одного из самых ярких звезд арийской цивилизации, Кира Великого, который был одним из основателей первой цивилизованной империи, является очень важным и ценным.

Ключевые слова: роман, история и культура, государственность, судьба, писатель, цивилизация, патриотизм, самопознание.

FORMATION OF HISTORICAL NOVELS IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE (ON THE EXAMPLE OF B. ABDURAKHMON'S NOVEL "KURUSHI KABIR")

The article discusses the development of historical prose during the period of independence of the Republic of Tajikistan. The purpose of the study is to acquaint the public, especially youth and adolescents, with the past and recent history of Tajikistan, the courage and merits of its valiant and outstanding personalities.

According to the author, the role of personality in history is one of the most important features of prose during the period of independence, and the upbringing of future generations in the spirit of patriotism and pride in ancient culture is a mandatory requirement of the time. Therefore, tajik writers turned to historical figures and created works from the life and achievements of outstanding historical figures of the tajik people.

In this regard, the historical novel by Barot Abdurahmon "Kurushi Kabir" in the literature of the period of independence of the country, especially in the prose of historical prose, occupies a special place.

Barot Abdurahmon is one of the most talented, innovative and remarkable writers of the period of independence, which, along with novels and with historical films, he wrote historical stories in a unique manner in which he portrayed the great figures of politics, history and culture.

Indeed, the study of the significant contribution of one of the brightest stars of the Aryan civilization, Cyrus the Great, who was one of the founders of the first civilized empire, is very important and valuable.

Keywords: novel, history and culture, statehood, fate, writer, civilization, patriotism, selfknowledge.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: **Нозимова Саодат** – ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров. 16. Телефон 989 13 66 00, Нишонии электронӣ: sharaf26@mail.ru.*

***Сведения об авторе: Нозимова Саодат** – ассистентка кафедры таджикской литературы и журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. Телефон: 989 13 66 00, E-mail:sharaf26@mail.ru*

Information about the author: Nozimova Saodat *– assistant of the department of tajik literature and journalism of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: Kulob city, S. Safarov st. 16. Phone 989 13 66 00, E-mail:sharaf26@mail.ru*

УДК-81´374,81+811,512 (2тоҷ)

ТАҲҚИҚИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Шаҳбози Р.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

«Таърихи Систон» яке аз беҳтарин маъхазҳои насри форсу тоҷик ба шумор рафта, дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудааст. Он асари таърихӣ-ҷуғрофӣ буда, маълумоти пуразиши таърихӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодиёт, фарҳанг, динӣ ва этнолингвистикаро дар бар мегирад. Ҳамчунин, маълумоти умумӣ дар бораи этнографияи сарзамини Форси Қадим дода шудааст. Пас аз мутолиаи асар ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муаллиф (он) ҳамчун шоҳиди воқеии ҳодисаҳои рухдода мебошанд. Маълумоти саҳеҳ ва равшан дар бораи қаҳрамонҳои асосии асар доранд ва бо истифода аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ муаллифи «Таърихи Систон» номаълум боқӣ мондааст. Аз матни асар маълум мешавад, ки муаллиф зодаи Систон мебошад, зеро аз мавзеъҳои гуногуни ҷуғрофӣ ва қаҳрамонҳои марказии асар бо боварии комил ва маълумоти саҳеҳдошта маълумот медиҳад, ҳатто номи кӯчаҳои вилояти Систонро медонад ва санаҳои муҳими таърихиро бо мисолҳои равшан шарҳ медиҳад. Дар бораи худи муаллифи асар чизе гуфта нашудааст.

«Таърихи Систон» аз се қисм иборат буда, нисбат ба ду қисми баъдина қисми аввали он маълумоти қадимаи пуразиши таърихиро дар худ дорад. Зикри чандин қаҳрамонҳои таърихӣ, подшоҳон, пайғамбарону чеҳраҳои малакутӣ ва дигар шахсиятҳои таърихӣ дар он зикр гардидаанд. Дар «Таърихи Систон» оид ба сарзамини Систон ва вилояти Форс маълумоти зиёд дода шудааст. Ғайр аз ин, дар бораи таърихи ҳукмронии хонадони подшоҳони Эрони қадим, аз ҷумла: Пешдодиён, Каёниён, Ашкониён, Сомониён, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён, Ғазнавиён, Темуриён аз рӯйи сарчашмаҳои таърихӣ ва ривоятҳои асотирӣ маълумот дода шудааст. Пеш аз ҳама, дар асар маълумоти афсонаву ривоятҳои асотирии динӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба тасвири ҳодисаҳои таърихӣ баён намудааст, ба маврид оварда шудааст. Аз оғози асар, ки дар бораи таъсис додани Систон аз ҷониби Гаршосп сар карда, маълумот дар бораи ҳукмронии сулолаҳои Сосониён, Сомониён, Саффориён, Тоҳириён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, ҳуҷуми арабҳо ба сарзамини Систон, ҷоришавӣ ва қабули дини мубини ислом, ҳукмронии хулафои Рошиддин, дар бораи ҷуғрофияи Систон ва вилояти Форс, маълумот дар бораи деҳаву шаҳрҳо, вилоят, водию кӯҳҳо, дарёву кулҳо, дарвозаҳои Систон, маҳсулоти зироатӣ ва ҳунармандони Систон маълумоти саҳеҳ ва равшан дода шудааст.

Аз рӯйи мазмун ва рафти ҳодисаҳои асар аён мешавад, ки воқеоти он ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абдулҳай Гардезӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ ва дигар шоҳасарҳои асрҳои X-XII монанд аст.

Лексикаи антропонимии «Таърихи Систон» яке аз бахшҳои асосии асарро ташкил дода, корбасти он ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихӣ-ҷуғрофии сарзамини Систон вобастагии зич дорад. Истифодаи лексикаи асар сервазифа ва серистеъмол буда, аз ҷиҳати баромади антропонимҳо ва мансубияти забонии онҳо хеле ҷолиб аст. Аслан антропонимҳои «Таърихи Систон»-ро номҳои гуногуни таърихӣ ташкил намуда, бештар номи шоҳон, бузургону муфассирон, пайғамбарону саҳобагон,

қонуншиносон ва намояндагони аҳли ислом ва чеҳраҳои малакутӣ фаро мегирад. Таърихи баромади антропонимҳои асар гуногун буда,онҳоро ба забонҳои тоҷикӣ-эронӣ, яҳудӣ, арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва юнонӣ-румӣ ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз қабатҳои антропонимҳои асарро номҳои туркӣ-муғулӣ касб менамоянд, ки дар «Таърихи Систон» бамаврид истифода гаштаанд. Қисми зиёди антропонимҳои туркӣ-муғулии асар мансуби номи подшоҳон, шоҳзодаҳо ва дигар қаҳрамонҳои таърихӣ мебошанд.

Бинобар сабаби ҷойи зист ва сукунат қарор додани Осиёи Марказӣ аз тарафи халқиятҳои туркзабон аз давраҳои қадим ворид шудани калимаҳои туркӣ-муғулӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст, ки то имрӯз истифода мешаванд. Академик Б.Ғ.Ғафуров қайд менамояд: «Аз асрҳои охирини то мелод ва аз ибтидои асрҳои мелод сар карда, ба Осиёи Миёна дар баробари омадани гурӯҳҳои эронизабон, инчунин қабилаҳои ғайриэронизабон, аз ҷумла, қабилаҳои туркзабон, низ омадан мегиранд. Алалхусус, фақат дар давраҳои Хоқони турк ба Осиёи Миёна хеле зиёд қабилаҳои туркзабон омада, маскун гардиданд, аз асрҳои VI-VIII сар карда туркҳо дар таърихи этникии Осиёи Миёна мақоми муайяне пайдо кардан гирифтанд» [2, с. 124].

Ҳуҷуми муғулҳо ба Систон солҳои (1222-1229) дар замони Темур, ки дар натиҷаи он шаҳрҳои калон ва дарёҳо ба харобазор табдил ёфтаанд ва он ба некуаҳволии мардуми Систон зарбаи сахт расонид. Пас аз забткориҳои муғул Систон дигар ба ҳолати аввала наомад. Дар қисми ҷануби Систон (Афғонистони имрӯза) шумораи аҳолӣ кам гардид. Дар ҷойи шаҳрҳои калони пештара, ки харобаҳои онҳо то замони мо боқӣ мондаанд, оҳиста-оҳиста шаҳру деҳаҳои хурд ба вуҷуд меомаданд. Қисми бештари Систонро биёбонҳо ташкил менамуданд.

Яке аз сабабҳои асосии ворид шудани антропонимияи туркӣ-муғулӣ ин бевосита ҳуҷуми муғулҳо ба сарзамини Систон мебошад ва аз ҳама зиёд номҳои туркиро подшоҳону шоҳзодаҳо ва шахсони наздики онҳо ташкил менамоянд. Истифодаи антропонимияи туркӣ-муғулӣ (ибтидоӣ ҷулуси туркон бар Сиҷистониён, саҳ 274) оғоз мешавад ва то охири аср давом мекунад.

Яке аз қабатҳои забонии номҳоро вожаҳои туркӣ ташкил менамоянд, ки истифодаи он дар асар нисбат ба дигар номҳо камистеъмол мебошанд. Дар асар номҳои туркии *Юзтемур [Yuztemur], Байтуз [Baytuz], Тоҷуддин Юлдуз [Tāĵuddin Ylduz] ва Туғрул [Tuğrul]* истифода гардидааст.

Хотун [Hātun]. Антропоними занона буда, аз ҷиҳати сохт сода мебошад. Таърихи баромади калима муғулӣ мебошад ва маънои «кадбону», «хонум»-ро дорад. Дар асар ду маротиба зикр шуда, як маротиба исми хос ва як маротиба васфи зани турк ва номи зани Амир Бонаср мебошад: *«Ва Амир Бонаср ба Хуросон шуд ва Хотунро ба занӣ кард ва якчанд бибуд, з-он ҷо бозгашт»* [с.284].

Хотун дар забони туркӣ маънояш «бону, зани ҳоким» мебошад. Дар ҷойи дигар дар шакли «Хоним» занҳои ҳокимони туркро одатан барои таъзим ва навозиш хоним, яъне «хонам, фармонфармоям» меномиданд. Бо мурури замон ин калима оҳанги маҷозии «азизам, нозанинам»-ро пайдо карда буд, яъне, ба маънои «зани муътабар, зани зебо» ҳам меояд [Ғафуров 1987, с.146].

Вобаста ба ин, мавриди истифодаи «хотун», «хоним» ҷузъи номҳои занона буда, ба охири ном васл шуда маънои «кадбону, бону, зани ҳоким»-ро дорад. Ба монанди *«Кунун маро ҳеҷ амал намонд ва нахоҳаму накунам. Охир Сайидабону, модари амир Бӯҷаъфар гуфт: На туро шуғле бояд?»* [с.245].

Ҷузъи номи занонаи «бону» дар қадим як навъ муродифи занонаи шоҳ ба маънои «соҳиба, хоним» истифода мешуд. Яъне, ҳокими шоҳро шаҳриёр ва зани вайро шаҳрбону мегуфтанд. Аз ин рӯ, маънои номи Бону «малика, хоним» мебошад [Ғафуров 1987, с.40-41].

Ҷойи зикр аст, ки дар қисми зиёди сарчашмаҳои таърихӣ-забоншиносӣ номи туркии Хоним//Хотун серистеъмол мебошад, вале ба ақидаи номшинос О.Ғафуров антропонимияи «Турконхотун дар таърих ду маликаи туркӣ ба ин ном машҳур шудаанд. Турконхотуни якум

завҷаи Маликшоҳи Салҷуқӣ буда, баъди вафоти вай дар талоши тоҷу тахт иштирок кардааст. Дар натиҷаи кирдорҳои Турконхотун пояи давлати Салҷуқӣ басе суст шуда буд. Турконхотуни дуюм модари Хоразмшоҳ Алоуддин Муҳаммад буда, рафтори вай ба истилои муғул хеле мусоидат кардааст» [Ғафуров 1987, с.132].

Антропонимияи Турконхотун аз ҷиҳати сохтор мураккаб буда, мансуби забони туркӣ мебошад ва аз решаҳои «Туркон» -туркон, «хотун» -малика иборат мебошад ва маънои «маликаи туркон»-ро дорад. Тарҷумаи номи мазкур «малика» мебошад [Ғафуров 1987, с.132].

Хоқон [Хāқāн]. Ин ном дар асар як маротиба зикр шудааст:

«…Ҳар як бар сар басоки мурд ниҳода,
Лабаш майи сурху зулфу ҷаъдаш райҳон.
Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку баччаи Хоқон…» [с.249].

Хоқон калимаи туркӣ буда, ба маънои: 1 подшоҳи бузург, хони хонон, шоҳаншоҳ [«Ф.Ҷомӣ»]; 2 Лақаби подшоҳони муғул ва турк [«Ф.Ҷомӣ»], «Ф.Шоҳнома»].

Муаллифон зимни таҳияи «Таърихи Систон» барои тасвир ва инъикоси ҷангу муборизаҳо ва ҳуҷуми муғул ба сарзамини Систон, ки яке аз мавзӯъҳои меҳварии асари мазкур мебошад, номи шоҳон ва сарлашкарону ҷанговарони турк, хешу табор ва ё шахсони наздики туркону муғулон буданд. Яке аз антропонимҳои маъмул ва машҳур, ки дар асари таҳқиқшаванда серистеъмол аст, ин Хоқон мебошад. Аз рӯйи чандомад Хоқон як маротиба ва Хотун ду маротиба зикр шудааст.

Хоқон дар луғатномаҳо ба се маъно шарҳ дода шудааст: «Подшоҳи бузург (аз луғоти туркӣ); дар қадим лақаби подшоҳони Чин ва Туркистон буд ва ҳоло бар ҳар подшоҳ итлоқ кунанд» [Ғиёс-ул-луғот, ҷ.1, с.292]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шарҳи вожаи «Хоқон» ба маънои «Подшоҳи бузург, хони хонон, шаҳаншоҳ, лақаби подшоҳони турк ва муғул» оварда шудааст, ки мансуби забони туркӣ-муғулӣ мебошад [ФЗТ ҷ.2. с.498].

Лозим ба ёдоварист, ки дар баробари лақаби Хоқон, ки мансуби шоҳон ва амирони турк аст, вожаи Хон, ки шоҳро ифода мекард, истифода мешавад. Хон метавонад дар алоҳидагӣ ва ё ҳамчун ҷузъи антропонимсоз дар охири ном ва ё пеш аз он дар шакли танҳо ба монанди «**Хон Абоқо»** меояд, ки дар асари мазкур серистеъмол аст. Ҳангоми таҳқиқи маводи антропонимӣ дар таркиби чанд номвожаи туркии «Таърихи Систон» ба монанди *Абоқохон [Abāqāxān], Арғунхон [Arğunxān], Ғозонхон [Ğāzānxān], Чингизхон [Cingizxān], Ҳулогухон [Hulāgуxān]* истифода шудааст.

Баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки Хоқон дар шакли Қоон низ истифода бурда шудааст. Шарҳи он дар луғатномаҳо чунин аст: «Хоқон шакли дигаргуншудаи «Қоон» аст, ки баъдҳо ба сабаби саҳулат дар талаффуз ба сурати «хон» даромад. Иллат он буд, ки туркон ҳарфи «қ»-ро наздик ба ҳарфи «х» талаффуз мекарданд… хоон – қоон ва хон унвоне аст, ки фармонравоёни турк бар худ мениҳоданд. Руасои қабоил ва элҳои турк низ унвони «Элхон» доштанд» [Мозандаронӣ 1337, с.279]. Вожаи Қоон дар «Ғиёс-ул-луғот» ба чунин маъно омадааст: «Қоон бар вазни «сомон»; лафзи туркист; номи подшоҳи бас одил ва сахӣ ва оқил, писари Чингизхон ва ҳоло лақаби подшоҳи Туркистон ва маҷозан ҳар подшоҳи ҷалилулқадрро гӯянд (аз «Нафоис-ул-фунун» ва «Рашидӣ»)» [Ғиёс-ул-луғот 1988, ҷ.2.с.124]. «Қоон-лафзи муғулӣ, подшоҳи муғул» [ФЗТ 1969, ҷ.2, с.699].

Ба ақидаи баъзе аз муҳаққиқон таърихи баромади вожаи «хон»-ро аз калимаи туркии хān «ҳоким, оқо, сарвар» ва хоқонро аз «qaγan», туркии куҳан «qarγan» ҳисобида, сарчашмаашро kāvakān-и эр.қ. ба шумор меоранд, иддаи дигар онро аз [kavkān<kavkavān] «ковковон, шоҳаншоҳ» ва баъзе аз чинии «huaŋ»- муштақ медонанд ва нафари чорум хонро аз «hāna»-ва хоқонро аз «hāhana»- (шакли афзоишёфтаи «hāna»-) маҳсуб дониста, решаи кулли онҳоро «han»- «гирифтан, дар ихтиёр гирифтан» шуморидаанд [Ҳасандӯст, ҷ. 2, с.1095-1096].

Юзтемур [Yztemur]. Ин антропоним аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду ҷузъ «Юз» ва «темур» иборат мебошад. Дар фарҳангномаҳо ҷузъи аввали ин ном «Юз» ба маънои «1 як навъ ҷонвари даррандае, ки бо мақсади шикори оҳу ром карда мешуд»:

Раманда дадонро ҳама бингарид,
Сияҳгӯшу юз аз миён баргузид.

2. саги шикорӣ.

Ҳаме гашт гирди яке кӯҳсор,
Ҷаҳонанда юзу раманда шикор [ФТЗТ 2008, ҷ.2, с. 460].

Номшинос О.Ғафуров номи Темурро мансуби забони туркӣ дониста, менависад, ки «дар туркӣ ба маънои «оҳан» меояд. Маънои маҷозии ном «мисли оҳан маҳкам», «матин» аст» [Ғафуров 1987, с.130].

Ин ном дар «Таърихи Систон» як маротиба зикр шудааст: *«Амир Тоҳир андар Буст шуд бе ҳеҷ ҳарбе ва куштане ва ӯро хутба карданд ва чанд гоҳ он ҷо бибуд ва ҳеҷ хабар надошт, то Юзтемур тохтан оварда ва эшон гофил буданд»* [с.259-260].

Ин ном то имрӯз истифода шуда, бо илова гардидани анҷомаҳои номсоз дар шаклҳои гуногун корбаст гардидааст. Аз ҷумла, Темур [бек, бой, хон, шоҳ, ҷон], м, т-мустаҳкам, бадошт, мазбут; маҷ. пойдор, бардавом; айнан, оҳан; Амир, асосгузори давлати Темуриён, писари Тарағай ном сарвар, аз қабилаи барлосҳо, ки модараш Нигинабону духти Шароитулислом аз тоҷикони Бухоро буд. Ҳамчунин, антропоними Темурмалик низ мавриди истифода мебошад ва дар луғатномаҳо ба маънои «м-аз Темур ва Малик; номи қаҳрамони халқи тоҷик, сардори муҳофизони Хуҷанд аз ҳуҷуми муғулҳо» [Самарқандӣ 2010, с.290].

Чунон ки маълум аст, анҷомаи антропонимсози «шоҳ//шаҳ» серистеъмол буда, дар номи Темуршоҳ низ меояд. Аслан ин ном аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду қисм «Темур» ва «шоҳ» таркиб ёфтааст. Дар луғатномаҳо анҷомаи «шоҳ», ки бо ном васл гардида мансуб ба шахс аст ва шоҳро дар назар дорад.

Қароргоҳи *«шāҳ»* ва ё *«шāҳрдор»* ёд мешудаанд. Мутеияти *«шāҳ»* ба *«шāҳан-шāҳ»* аз нигоҳи сиёсӣ ҳам аз катибаҳои сосонӣ ва ҳам аз матни «Нома-и Тансар» ба хубӣ ошкор мегардад. Қароргоҳи *«шāҳ»* ва ё *«шаҳрдāр»* воҳиди арзии маъруф ба *«шаҳристан»* мебошад [Саймиддинов 2011, с.20].

Истифода ва мавқеи корбурди унвони «шаҳ» дар форсии миёна чунин аст: 1 пас аз номи шоҳон ва ё шаҳриёрон: Wištāsp šāh, Pābag šāh; 2 пас аз номи шаҳрҳо ва ё кишварҳо: Kirmān šāh, Kābul šāh; пас аз номи қабилаҳо ва халқҳо: sakān šāh, kurdān šāh… Дар форсии бостон: Darayawauš xšayaviya>Dārāi šāh [Саймиддинов 2011, с.209].

Чингизхон [Jingizhān]. Номи Чингизхон дар «Таърихи Систон» се маротиба зикр шудааст. *«Омадани расули Аҳмади Султон, ки аз насли Чингизхон буд»* [с.310]. Антропоними Чингизхон аз ҷиҳати сохт сохта буда, аз ду ҷузъ «Чингиз» ва «хон» иборат аст ва мансуби забони муғулӣ мебошад. Номшинос О.Ғафуров ин номро ба маънои «бузург ва тавоно» шарҳ додааст [Ғафуров 1987, с.152].

Мавриди зикр аст, ки анҷомаи антропонимсози «хон» бо илова намудани номи занона дар шимоли Тоҷикистон қобили қабул нест. Ба монанди *Ошахон, Фотимахон, Хадичахон* ва монанди инҳо. Дар гузаштаи дур ин унвон танҳо ба ҳокимони туркнажод дода мешуд. Аслан дар байни туркнажодҳо лақаби «хоқон» ва «хон» истифода мешавад, ки дар қисми зиёди сарчашмаҳои туркӣ «хоқон» ва «хон» як маъно доранд. Гузашта аз ин, муғулҳо подшоҳи худро «қоон» меноманд ва оҳиста -оҳиста ин лақаб ба хон мубаддал гашт [Ғафуров 1987, с.144-145].

Дар «Таърихи Систон» номҳои зерини туркӣ-муғулӣ истифода шудааст ва шумораи онҳо нисбат ба дигар номҳо зиёд аст. Аз ҷумла: *Абоқохон Урус [Abāqāhān Urus] [с.330], Абӯимрон Симҷӯр [Abōimrān Simǰōr] [с.322], Амир Ёқутӣ [Amir Yāquti] [с.323], Байтуз [Baytuz], [с.324], Бегу / Байгу [Beğu / Bayğu] [с.324], Бектукдӣ [Bektukdi], [с.324], Бугроҷӯг [Buğrāǰug] [с.324], Ирташ//Эртош [Ārtaš//Ārtaš] [с.325], Қарача-ноён [Qaraja nāyān] [с.326], Қаротегин [Qarātegin] [с.324], Китбуқо [Кибуқо-ноён] [Kitbuqā nāyān] [с.325], Чингизхон [Cingizxān] [с.330], Ҷағатой [J̌ağatāy] [с.329], Ҷағрибек [J̌ağribek] [с.323],*

Ҷағрибек Довуд [Ĵağribekb Dāvud [с.332], Ҷурҷир [Грегориос] [Ĵurjir//Gregāriās], [с.332], Ҷурмогун-ноён [Ĵurmāğun nāyān] [с.332], Мункеду Саур [Munkedu Saur] [с.330], Ҳулогухон [Hulāgihān] [с.330], Сабуктегин [Sabuktegin] [с.324], Такӯдор / Никӯдор [Takōdār / Nikōdār] [с.329], Тоир Бӯқо [Tāir Bōqā] [с.330], Туғрул [Tuğrul] [с.330], Туғрулбек [Tuğrulbek] [с.323], Уғтой Қоон [Uğtāy Qāān] [с.330], Хон Абоқо [Xān Abāqā] [с.331], Яноltегин [Yanāltegin] [с.326].

Калимасозии антропонимҳои мардонаи туркӣ-муғулӣ ба воситаи унсурҳои номсози туркии ***бек- [-бек[г], бой- [-бой], -тус, -ҷӯқ, -оқ, -гин, -той, -ҷир, -хон, қул- [-қул],*** анҷомаҳои *[буқо], [малик], [ноён]* сохта шудаанд.

Номҳои аслии туркӣ-муғулӣ ва омехта аз рӯйи сохтори калимасозӣ сода, сохта, мураккаб ва антропоним-ибораҳо ҷудо мешаванд.

Аз 36 антропоними туркӣ-муғулӣ 1 номи занона ва 35 номи мардона корбаст гардидааст. Ин қабати номҳо дар қолаби гуногуни калимасозии антропонимияи туркӣ-муғулӣ сохта шудаанд.

Хотун [Xātun]. Дар сохтани антропонимияи занонаи туркӣ-муғулии асар ягон унсурҳои номсози туркӣ ба чашм нарасид. Танҳо як ном-Хотун, ки худ дар алоҳидагӣ ҳам ном ва ҳам унсури номсози туркӣ истифода мешавад. Асосан номҳои занонаи туркии ***Хотун*** ва ***Хоним*** ба ҳокимони турк мутааллиқ аст. Хотун дар туркӣ ба маънои «бону, зани ҳоким» ва Хоним занҳои ҳокимони турк буда, одатан барои таъзим ва навозиш хоним, яъне, «хонам, фармонфармоям» истифода менамуданд. Гузашта аз ин, ин ном ҷузъи номҳои занона низ мебошад [Ғафуров 1987, с.146].

Мавриди зикр аст, ки Хоқон, Хон, Қоон ба номҳои мардонаи (подшоҳони турк) мутааллиқ буда, Хотун мансуби занони воломақоми турк мебошад. Оид ба вожаи Хотун ақидаҳои муҳаққиқон гуногун буда, қисми зиёди онҳо як ақидаи ба ҳам наздикро ҷонибдорӣ менамоянд. Аз ҷумла: «Хотун дар туркӣ аз алқоби занони кибор аст, магар ҷамъи ин лафз ба тасарруфи форсиёни арабидон хавотин омада, ба таври фаромин (аз «Мадор» ва «Баҳори Аҷам» ва луғоти туркӣ)» [Бурҳон 1993, ҷ.1. с.292]. «Хотун-муғулӣ-зани калони хона, кадбону, хонум» [ФЗТ 1969, ҷ.2. с.497].

Муҳаққиқи эронӣ Мансури Растагори Фасоӣ «Хотун» калимаи туркии чағатойӣ буда, маънои «олинасаб»-ро доро мебошад ва имрӯз дар туркӣ Kadin гӯянд» [Фасоӣ 1369, ҷ.1.с.329].

Артош [Artāš] [с.281]. Дар «Таърихи Систон» ин ном 22 маротиба зикр шуда, мансуби забони туркӣ мебошад ва яке аз амирони туркнажод мебошад. *«Боз миёни Байгу ва Артош хилоф уфтод ва Артош ногоҳ бозгашт ва сипоҳ бо ӯ ва Байгӯ низ бозгашт ва ба Систон омад»* [с.281]. Ин калима мураккаб буда, аз *Ар+тош* таркиб ёфтааст, ки дар луғатномаҳо ба се маъно шарҳ дода шудааст: «Тош. 1.доғи сурхест, ки бар рӯйи одам пайдо мешавад; 2.гуфт. шакли кутоҳшудаи тоаш; то ба ӯ, то ӯро (ба охири исмҳо ҳамроҳ шуда, ҳамроҳиро мефаҳмонад). 3. Унвони амирони турк» [ФТЗТ ҷ.2, с.366].

Дар номҳои туркӣ-муғулии «Таърихи Систон» дар охири номҳо ҷузъҳои номсози туркӣ ба маврид истифода шудааст, ки аз ҷиҳати сохтори калимасозӣ ва вижагиҳои луғавӣ-маъноиро дороянд. Ҷузъҳои номсози номҳои туркӣ имрӯз дар байни тоҷикон низ роиҷ аст, ки дар номгузорӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Ҷузъҳои бердӣ (турк. айн. бидод), давлат тош (турк. санг), тағо(й) (турк. термини хешутаборӣ - бародар ё додари модар), турдӣ (турк. айн. истод), турсун (турк. айн. бигзор истад), тӯхта (турк. айн. ист)…

Сохтори морфологии ин навъи антропонимҳо гуногун буда, онҳо метавонанд дар аввал ва охири номҳо истифода шаванд. Ба монанди:

-тегин: Дар «Таърихи Систон» бо ҷузъи мазкур се ном-*Яноltегин // Ниёлтегин [Ynāltegin // Niyāltegin], Сабуктегин [Sabuktegin] ва Қаротегин [Qarātegin]* зикр шудааст, ки чандомади онҳо барои ҳар се ном 32 маротиба рост меояд. Дар луғатномаҳо ҷузъи «-тегин //

тагин» ба маънои «қаҳрамон, паҳлавон, баҳодур» [Самарқандӣ 2010, с.284]. Дар баробари ин, тегин [tegin], унвон, дараҷа ба номҳои аъзоёни хурди оилаи хон ҳамроҳ шуда, номи шоҳзода месозад. Чунин номҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ хеле маъмул ва машҳуранд, ба монанди *Алптегин [Alptegin], Эсантегин [Esantegin], Жаруктегин [Žaruktegin], Киилтегин [Kiiltegin], Кшмиистегин [Kiimiistegin], Оюлтегин [Āyltegin], Ойтегин [Āytegin], Озмистегин [Āzmistegin], Тогатегин [Tāgategin]* ва ғайра. Вобаста ба ин, чунин хулосабардорӣ намудан мумкин аст, ки агар ***–хон*** мансуби подшоҳони турк бошад, ***–тегин*** ба шоҳзодаҳои хурди муғул [ШР] мутааллиқ аст.

Тош-//таш-: Ин ҷузъи антропонимсоз дар сохтани номҳои туркӣ серистеъмол буда, дар асари мазкур 3 ном оварда шудааст. Чандомади онҳо Артош (22 маротиба), Ирташ // Эртош (1 маротиба) ва Қаратош (1 маротиба) зикр шудааст. Дар асар Ирташ // Эртош, (ваф. 1048-49), бародари Иброҳими Янол ва бародарзодаи Туғрули Салҷуқӣ шарҳ дода шудааст [с.325].

Муҳаққиқон дар осори лексикографии худ ҷузъи «тош»-ро мансуб ба маънои санг медонанд. «Тош, уз.-санг, сангин» [Самарқандӣ 2010, с.293]. Тош дар сохтани номҳои гуногун истифода шуда, ҳам номи занона ва ҳам мардона месозанд. Номшиноси маъруф Я.Ш.Самарқандӣ чунин номҳоро дар заминаи ҷузъи тош меорад, ки овардани он ба мақасад муовифиқ аст. «Тош (*бибӣ, бону, гул, момо, ой* (номи занона); *алӣ, бадал, бек, бой, маҳмад, мирзо, мурод, муҳаммад, назар, пӯлод, темур, хоҷа, хӯҷа* (номҳои мардона) аз Тош ва пасвандҳои мазкур» [Самарқандӣ 2010, с.293] иборат аст.

Дар сохтани номҳои туркӣ-муғулӣ ҷузъҳои *«турсун-», «-бек»//-бой», «-қъл//қул», «-хуҷа//хӯҷа//хоҷа», «тӯхта-//тохто-» «бек-» «бой-», «бердӣ-», «турдӣ-», «-тегин»* серистеъмол аст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҷузъи номсози *«тош»* бо номҳои занона низ истеъмол мешаванд, ки дар ҳама ҳолат «тош-» ба маънои санг омада маънои номро ба ҷузъи дигари ном ифода менамояд. Масалан: *Тошгъл // Тошгул, Тошҷамол, Тошбинисо, Тошбегим, Тошбибӣ* ва ғайра.

Ҳангоми таҳқиқ ва омӯзиши маводи ҷамъовардашуда антропонимҳое, ки бо ҷузи номсози «-тош» 3 ном – *Ирташ // Эртош [Irtaš // Ertāš] [с.325], Артош [Artāš] [с.281], Қаротош ибни Туғонбеки Исо [Qarātāš ibni Tuğānbeki Isā] [с.304].*

Бектуғдин [Baktuğdin]. Ин ном дар асар як маротиба зикр шудааст *«Ва андар омад шаби чаҳоршанбе, нимаи муҳаррами санаи исно ва ширина ва арбаъумиа (чорсаду бисту ду) ва аморату хутба Бектуғдин Ҳоҷибро доданд» [с.279].* Аз рӯйи сохт ин ном аз ҷузъҳои *Бек+туғ+дин [Bak+tuğ+din]* таркиб ёфтааст. Дар ФТЗТ қисми аввали ин антропонимбек, ки ба анҷомаи антропонимсози туркӣ мансуб аст, чунин шарҳ ёфтааст: «Бек т. таър. ҳокими шаҳру ноҳия, ки ба хон ё амир итоат мекард. 2.таър. унвони расмӣ ва фахрии ашроф, асилзода ва мансабдорони аморат, бег. 3.барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш дар охири номҳои мардона илова карда мешавад (мас. *Ҷурабек, Атобек, Абдуллобек* ва ғ.» [ФТЗТ ҷ.1 2008, с.179]. Ҷузъи дуюми ин ном «туғ» мебошад, ки ба ду маъно шарҳ дода шудааст: «Туғ 1. Мӯйи думи асп, ки ба нӯги чӯби байрақ мебастанд; байрақ. 2. т. гиёҳи алафӣ ва худрӯй, ки баргҳои байзавии хордор дорад; туғ. 3. дарахтест, ки ҳезуми он муддати дароз месӯзад» [ФТЗТ ҷ.2. 2008, с.367]. Ҷузъи сеюми ин ном *«-дин»* мебошад, ки хоси номҳои арабӣ мебошанд, ки пайваста дар қисми зиёди ном ҳамчун анҷомаи антропонимсоз истифода мешавад. Аз рӯйи таҳлилҳо чунин хулосабардорӣ намудан мумкин аст, ки Бектуғдин номи гибрид буда, аз ҷузъҳои туркӣ-арабӣ сохта шудааст.

Яке аз вижагиҳои махсуси антропонимияи туркӣ-муғулии «Таърихи Систон» дар он аст, ки тарзи сохташавии ин қабати антропонимҳо бо илова гардидани аҷомаҳои номсози махсуси туркӣ дар аввал ва ё охири ном гузошта шудааст. Ин анҷомаҳои номсоз ба номҳои туркӣ мансуб буда, маъноҳои гуногунро доранд. Яке аз чунин анҷомаҳо ин *«бек-», «-хон», «-тош», «-тегин»* мебошанд. Ба монандӣ: *Артош [Artāš]*

[с.281], Бобек [Bābek] [с.312], Бектуғдин [Baktuğdin] [с.279], Қаротекин [Qarātegin] [с.244], Сабуктегин [Sabuktegin] [с.263], Янолтегин [Yanāltegin] [с.303], Чингизхон [Jingizhān] [с.310] истифода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, аз рӯйи сохтори калимасозӣ ва вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ антропонимҳои туркӣ-муғулии «Таърихи Систон»-ро ба антропонимҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора антропонимҳо ҷудо намудем.

Антропонимҳои сода: 12 то. *Байғу [Bayğu] [с.28], Барғуш [Barğuš] [с.299], Бӯсоҷ [Bōsāĵ] [с.183], Ғузз [Ĝuzz] [с.300], Камшу [Kamšu] [с.311], Қоон [Qāān] [с304], Қуноъ [Qunā'] [с.90], Ҷанҷӯ [Ĵanĵō] [с.306], Макҷул [Makĵul] [с.255], Манк [Mank] [с.305], Хоқон [Xāqān] [с.249], Хотун [Xātun] [с.284].*

Антропонимҳои сохта: *Артош [Artāš] [с.281], Бобек [Bābek] [с.312], Боғӯ [Bāğō] [с.306], Бӯрӣ [Bōri] [с.288], Қароҷа [Qarāĵa] [с.303], Қилмиш [Qilmiš], [с.300], Ҷағрӣ [Ĵağri] [с.285], Ҷарҷир [Ĵarĵir] [с.70], Ҷарҳам [Ĵarham] [с.46], Ҷорду [Ĵārdu] [с.310], Ҳазарӣ [Hazari] [с.289], Туғон [Tuğān] [с.239], Туғрил [Tuğril] [с.289], Zāturuq [Зотуруқ] [с.167], Фарегун [Fareğun] [с.194], Фатикӣ [Fatiki] [с.257].*

Антропонимҳои мураккаб: *Қизилсореъ [Qizilsāre'] [с.297], Бектуғдин [Baktuğdin] [с.279], Буғроҷуғ [Buğrāĵug] [с.267], Иззулмулук [Izzulmuluk] [с.300], Кадбуғонувин [Kadbuğānuvin] [с.305], Қаротекин [Qarātegin] [с.244], Қизилсореъ [Qizilsāre'] [с.297], Нагарнусак [Nagarnusak] [с.256], Сабуктегин [Sabuktegin] [с.263], Туршез [Turšez] [с.311], Юзтемур [Yuztemur] [с.260], Янолтегин [Yanāltegin] [с.303].*

Ибора антропонимҳо: *Қароарслон [Qarāarslān] [с.303] Бӯрӣ [Bōri] [с.303], Арсишоҳ Янолтегин [с.318], Кадбуғонувин [Kadbuğānuvin] [с.322], Қабҷии Ҳоҷиб [Qabĵii Hāĵib] [с.287], Қаротош ибни Туғонбеки Исо [Qarātāš ibni Tuğānbeki Isā] [с.304], Тамғоҷӣ [Tamğāĵi] [с.322], Фарегун [Fareğun] [с.205], Фусайл [Fusayl] [с.325], Чингизхон [Cingizxān] [с.310], Юған Сунқур [Yuğan Sunqur] [с.312].*



Ҷолиби диққат аст, ки дар сохтани номҳои туркӣ-муғулӣ ва қирғизӣ- ӯзбекӣ ҷузъҳои антропонимсоз қариб баробар ва як маъноро ифода менамоянд истифода мешаванд. Онҳо бо хусусиятҳои забонии худ дар номҳои мардона ва занона хусусиятҳои маъноӣ-луғавии махсусро ифода менамоянд. Ба монанди, *қул ба маънои ғулом, тош ба маънои санг, уроқ // ӯроқ ба маънои дос, қара ба маънои сиёҳ, қӯзӣ ба маънои гӯсфанд, бури // бӯрӣ ба маънои гург, қълич//қилич ба маънои шамшер, темур //*

тимур ба маънои оҳан, эга ба маънои соҳиб, узоқ//ӯзоқ ба маънои дур, ямоқ ба маънои дарбеҳ, уроз // ӯроз // ороз ба маънои бахт ва ғайра серистеъмол аст.

Чунин тарзи номгузорӣ ва монанд дар қисме аз халқҳои Осиёи Миёна низ ба назар мерасад. Яке аз сабабҳои асосии истифодаи чунин номҳо, пеш аз ҳама, дар пайдоиши иҷтимоии ном, ҳамфикрӣ ва нуктаву назари ягонаи эшонро ба муҳиту зиндагӣ, омехтагии аъзои оила ва расму оинҳо нишон медиҳад. Ин тарзи номгузорӣ ҷиҳати рушди таркиби луғавии забонҳои халқҳои Осиёи Миёна аз ҳисоби ҳамдигар мусоидат менамояд.

Пас аз солҳои 80-ум корбасти номҳои туркӣ-муғулӣ дар баробари номҳои арабӣ ва гузоштани номҳои давраи бостонии форсӣ-тоҷикӣ, ки дорои маъноҳои зебову боназокат, фасеҳу пурмазмун аст, зиёд шуд.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии антропонимияи туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи номҳои туркӣ-муғулӣ нисбат ба дигар антропонимҳои асар камтар буда, муаллифони асари мазкур зимни воқеоту ҳодисаҳои рухдода дар Систон ба маврид овардааст. Қисми зиёди он мансуби номи подшоҳони турку муғул ва чеҳраҳои таърихӣ мебошад. Ҷойи зикр аст, ки Систон пас аз ҳуҷуми муғул аз як вилояти ободу зебо ба як харобазор табдил ёфт. Аксари номҳои зикршудаи туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» ба шакли пешина ва аслии он мувофиқат менамоянд, ки хусусияти таърихии асарро тасдиқ менамоянд. Дигар вижагии номҳои мазкур аз он иборат аст, ки дар заминаи калимасозӣ ва шарҳи маъноӣ-луғавӣ ҳамчун номҳои сода, сохта, мураккаб ва антропоним-ибораҳо оварда шудааст. Таҳқиқу таҳлили маъноӣ-луғавии минбаъдаи онҳо барои ташаккул ва рушди забоншиносии тоҷик мусбат арзёбӣ мегардад.

Адабиёт:

1. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе, 1985. – 416 с.
2. Ғафуров О. Маънои ҳазору як ном / О.Ғафуров. –Душанбе: Маориф, 1987. – 176 с.
3. Ёҳаққӣ М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / М.Ёҳаққӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. –748 с.
4. Имомов М. Таърихи Систон / М.Имомов., А.Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро. 2014, – 352 с.
5. Мансури Растагори Фасоӣ. Фарҳанги номҳои «Шоҳнома». Ҷ.1. / Мансури Растагори Фасоӣ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369. – 594 с. (ба забони форсӣ).
6. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин Муҳаммад. Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров. – Душанбе: Адиб. - Ҷ.1, 1987.- 480 с.; Ҷ.2, 1988. - 416 с.; Ҷ.3, 1989. - 304 с.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Б. Муҳаммадҳусайни. –Душанбе: Адиб, 1993. - 416с.
8. Ҳасандӯст М. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷилди 1, 585 с.; ҷилди 2, 1410 с.; ҷилди 3, 2080 с.; ҷилди 4, 2955 с. / М. Ҳасандӯст. – Теҳрон, 1384;
9. Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ. Фарҳанги «Шоҳнома». Номи касон ва ҷойҳо / Ҳусайн Шаҳиди Мозандаронӣ. – Нашри Балх. - Бунёди Нишобур, 1337. - 814 с. (ба забони форсӣ).
10. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии асрҳои миёна / Саймиддинов Д. – Душанбе, 2011. -192 с;
11. Самариддин С. Номи диёр-таърихи диёр (Рисолаи илмию оммавӣ) / Салоҳиддини С. –Душанбе: Ирфон, 2000. 91 с.
12. Самарқандӣ Я.Ш. Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ / Я.Ш.Самарқандӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. –392 с.
13. Фарзонаи С. Фарҳанги ном / С.Фарзона. – Душанбе: Адиб, 2014. – 336 с.

14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. -Ҷилди I. - 952 с.; Ҷилди II. – 948 с.
15. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1.-Душанбе:, 2008. –945с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷ.2. –Душанбе: 2008. –950с.
18. Шаҳбози Р. Мавзеъномаи «Таърихи Систон» / Р. Шаҳбоз. – Душанбе: Матбаа, 2018. –120 с.
19. Шаҳбози, Р. Номшиносӣ ва баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он (дар асоси маводи «Таърихи Систон») / Р. Шаҳбоз. –Душанбе: «Матбаа», 2020. –92 с.
20. Шарофзода, Г., Матробиён С. Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ / Г. Шарофзода С. Матробиён – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 184 с.

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОИИ АНТРОПОНИМИЯИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Дар мақола хусусиятҳои луғавӣ-маъноии номҳои ашхоси туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба андешаи муаллиф, «Таърихи Систон» яке аз беҳтарин маъхазҳои насри форсу тоҷик ба шумор рафта, дар нимаи дуюми асри XI таълиф шудааст. Он асари таърихӣ-ҷуғрофӣ буда, маълумоти пуразиши таърихӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодиёт, фарҳанг, динӣ ва этнолингвистикаро дар бар мегирад. Ҳамчунин, маълумоти умумӣ дар бораи этнографияи сарзамини Форси Қадим дода шудааст.

Чуноне муаллиф меафзояд, лексикаи антропонимии «Таърихи Систон» яке аз бахшҳои асосии асарро ташкил дода, корбасти он ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихӣ-ҷуғрофии сарзамини Систон вобастагии зич дорад. Истифодаи лексикаи асар сервазифа ва серистеъмол буда, аз ҷиҳати баромади антропонимҳо ва мансубияти забонии онҳо хеле ҷолиб аст. Аслан антропонимҳои «Таърихи Систон»-ро номҳои гуногуни таърихӣ ташкил намуда, бештар номи шоҳон, бузургону муфассирон, пайғамбарону саҳобагон, қонуншиносон ва намояндагони аҳли ислом ва чеҳраҳои малакутӣ фаро мегирад. Таърихи баромади антропонимҳои асар гуногун буда, ба забонҳои тоҷикӣ-эронӣ, яҳудӣ, арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва юнонӣ-румӣ ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз қабатҳои антропонимҳои асарро номҳои туркӣ-муғулӣ касб менамояд, ки дар «Таърихи Систон» бамаврид истифода гаштаанд. Қисми зиёди антропонимҳои туркӣ-муғулии асар мансуби номи подшоҳон, шоҳзодаҳо ва дигар қаҳрамонҳои таърихӣ ташкил менамоянд.

Мулоҳизаҳоро ҷамъбаст карда, муаллиф ба хулоса меояд, ки истифодаи номҳои туркӣ-муғулӣ нисбат ба дигар антропонимия камтар буда, муаллифони асари мазкур зимни воқеоту ҳодисаҳои рухдода дар Систон ба маврид овардааст. Қисми зиёди он мансуби номи подшоҳони турку муғул мебошад. Ҷойи зикр аст, ки Систон пас аз ҳуҷуми муғул аз як вилояти ободу зебо ба як харобазор табдил ёфт. Аксари номҳои зикршудаи туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» ба шакли пешина ва аслии он мувофиқат менамоянд, ки ин хусусияти таърихии асарро тасдиқ менамоянд.

Калидвожаҳо: антропонимия, туркӣ-муғулӣ, хусусиятҳои таърихӣ, хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, номгузорӣ, калимасозӣ, шарҳи маъно, чандомад, наср, вижагиҳо, воқеаю ҳодисаҳо.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЮРКО-МОНГОЛЬСКОЙ АНТРОПОНИМИИ В «ИСТОРИИ СИСТАНА»

В статье рассматриваются лексико-семантические особенности тюрко-монгольских имен в «Истории Систана».

По мнению автора, «История Систон» - один из лучших источников персидско-таджикской прозы, написанной во второй половине XI века. Это историко-географический труд, содержащий ценную историческую, географическую,

экономическую, культурную, религиозную и этнолингвистическую информацию. Есть также общие сведения об этнографии древней Персии. Как добавляет автор, антропонимическая лексика «Истории Систана» является одним из основных разделов произведения, и его применение тесно связано с социально-экономическими и историко-географическими проблемами Систана. Использование лексики произведения многофункционально и широко, что очень интересно с точки зрения происхождения антропонимов и их языковой принадлежности. Фактически, антропонимы «История Систана» состоят из различных исторических имен, в основном имен королей, великих людей и комментаторов, пророков и сподвижников, правоведов и представителей мусульман и королевских деятелей. Совокупность антропонимов произведения разнообразна и может быть разделена на таджикско-иранский, иврит, арабский, тюрко-монгольский и греко-римский языки. Один из слоев антропонимов произведения - тюрко-монгольские имена, которые используются в «Истории Систана». Большинство тюрко-монгольских антропонимов произведения - это имена королей, князей и других исторических героев.

Обобщая рассуждения, автор приходит к выводу, что тюрко-монгольские имена употребляются реже, чем другие антропонимы, и авторы данной работы ссылаются на события, происходившие в Систане. Большая часть его принадлежит именам тюркских и монгольских царей. Следует отметить, что Систан превратился из процветающей и красивой провинции в руины после нашествия монголов. Многие тюрко-монгольские имена, упомянутые в «Истории Систана», соответствуют своей первоначальной форме, что подтверждает исторический характер произведения.

Ключевые слова: антропонимия, тюрко-монгольский язык, исторические особенности, лексико-семантические особенности, словообразование, толкование значения, частота, проза, особенности, события.

LEXICO-SEMANTIC FEATURES OF THE TURKIC-MONGOLIAN ANTHROPONYMY IN THE «HISTORY OF SISTAN»

The article deals with the lexical and semantic features of the Turkic-Mongolian names in the "History of Sistan".

According to the author, The History of Syston is one of the best sources of Persian-Tajik prose written in the second half of the 11th century. This is a historical and geographical work containing valuable historical, geographical, economic, cultural, religious and ethnolinguistic information. There is also general information about the ethnography of ancient Persia. As the author adds, the anthroponymic vocabulary of the "History of Sistan" is one of the main sections of the work, and its application is closely related to the socio-economic and historical-geographical problems of Sistan. The use of the vocabulary of the work is multifunctional and wide, which is very interesting from the point of view of the origin of anthroponyms and their linguistic affiliation. In fact, the anthroponyms "History of Sistan" are composed of various historical names, mainly the names of kings, great men and commentators, prophets and companions, jurists and representatives of Muslims and royal figures. The set of anthroponyms of the work is diverse and can be divided into Tajik-Iranian, Hebrew, Arabic, Turkic-Mongolian and Greco-Roman languages. One of the layers of the anthroponyms of the work is the Turkic-Mongolian names that are used in the "History of Sistan". Most of the Turkic-Mongolian anthroponyms of the work are the names of kings, princes and other historical heroes.

Summarizing the reasoning, the author comes to the conclusion that the Turkic-Mongolian names are used less often than other anthroponyms, and the authors of this work refer to the events that took place in Sistan. Most of it belongs to the names of the Turkic and Mongol kings. It should be noted that Sistan turned from a prosperous and beautiful province into ruins after the Mongol invasion. Many Turkic-Mongolian names mentioned in the

"History of Sistan" correspond to their original form, which confirms the historical character of the work.

Key words: anthroponymy, turkic-mongolian language, historical features, lexical and semantic features, word formation, interpretation of meaning, frequency, prose, features, events.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шаҳбози Рустамшо, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к.С.Сафаров-16. Тел: 988491010. Почтаи электронӣ: rustamshoh-90@bk.ru*

Сведения об авторе: *Шахбози Рустамшо, учител кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел: 988491010. Электронная почта: rustamshoh-90@bk.ru*

Information about the author: *Shahbozi Rustamsho, title seeker of the Tajik language department of the Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: 988491010. E-mail: rustamshoh-90@bk.ru*

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ - ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

Абдуллоев М.Х. Из исторического опыта реформирования народного образования в Таджикистане 60-е годы хх века ……..5
Абдуллоев М.Х., Каримов Ю. Саҳми профессор Андреев М.С. дар омӯзиши таърихи тоҷикони кӯҳистон 15
Пирназаров Э.А., Бобоев Д.Х. К вопросу о социально-гуманистических учений классиков таджикско-персидской литературы ……22
Пирназаров Э.А., Зарифов Ҳ.Р. Густаришёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири таърихи давлатдории навин 28
Назарзода П. Аз таърихи давлатдорӣ ва марҳилаҳои рушди он дар Тоҷикистон …..…37
Бакиев Р.У., Назридодова К. Историко-этнографическое исследование горных таджиков в трудах Б.Л. Громбчевского ……45
Сайдалиев Р. Инъикоси сару либосҳои миллӣ дар сарчашмаи илмӣ-таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ……..52
Маҳсудинов Р.И. Аҳамияти дини ислом дар ҷомеаи имрӯза ва густариши он дар Тоҷикистон ……..…..58

ПЕДАГОГИКА

Ҳамид М., Лутфияи Ҷ. Методҳои ҳозиразамони ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон аз фанни физика барои синфҳои 10 – 11 ……...……65
Расулов Д., Гулрӯи С.Ҷ. Корҳои беруназдарсӣ омили муҳими ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик……..…..72
Бозоров Х., Ҳамроева Қ. Мавқеъ ва мақоми фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ ……....79
Файзуллоева Ф.М. Формирование и последовательное развитие умений и навыков связной монологической речи студентов ……...89
Сафаров М.В. Нақши таълими ғайрирасмӣ дар ташаккул ва рушди такмили тахассуси калонсолон 95
Шарипов Х.А. Таълими забонҳои хориҷӣ тавассути технологияи сайёру мултимедӣ……..105
Ниёзов Ҷ.М. Татбиқи методи тафриқа ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Прогрессияи арифметикӣ» дар синфи 9 111
Исоева Д.С. Теоретические основы экономического воспитания и идеи таджикских мыслителей средневековья об экономическом и трудовом воспитании ……..118
Акбарова М.Н. Моҳият ва муҳтавои ташаккули фаъолияти зеҳнӣ 125
Сангимадов Ф.Х. Современные педагогические технологии на занятиях по английскому языку ……..…133
Худойдодова О.З. Самообразование - основа формирования нравственных качеств личности 140
Эргашева Ш.К. Самостоятельная работа студента как важнейшая форма учебного процесса ……147
Холматова М.М. Моделҳои озмоишӣ - таҳлилии таълиму тарбия дар педагогикаи муосир 153

Даминзода Х.А. Муҳтаво ва моҳияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ……...161
Иззатова Н.И. Мавқеи оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар тарбия ва ташаккули инсон.....166
Сулаймони А. Методикаи омӯзиши қонунҳои Кеплер дар раванди таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 172
Азизова Н.Ҳ. Қарорҳои амалкунанда оид ба муҳофизати табиат ……183
Ҳусайнов Р. Ҳалли масъалаҳои математикӣ бо ёрии ифодаҳо ва муодилаҳо дар синфи 6 187
Абдуллоев Д.А. Масъалаҳои математикӣ ҳамчун рушди қобилияти фикрронии мантиқии хонандагон 194

ФИЛОЛОГИЯ

Ашурова Н. Махсусиятҳои диди бадеии Фирдавсӣ ва Низомӣ дар офариниши нақши занон (дар мисоли “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва“Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ).....202
Назарова Р.Т. Система упражнений по развитию речи на уроках русского языка в условиях двуязычия …….210
Нурматова З.Ш. Классификация сложноподчиненных предложений в русском и таджикском языках …….219
Ҳусайнова Ф.Б. Шахси сеюми феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 226
Саидов М. Антропонимияи форсӣ-тоҷикии «Қуръон» ……234
Халимова М. Р. Использование художественных текстов на занятиях по русскому языку……239
Рачабова Г.Қ. Таҳқиқ ва омӯзиши оронимияи «Зайну-л-ахбор»-и Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ 245
Нозимова С. Ташаккули романҳои таърихӣ дар замони истиқлолият (дар мисоли романи «Куруши Кабир»-и Б. Абдураҳмон) ……..250
Шаҳбози Р. Таҳқиқи луғавӣ-маъноии антропонимияи туркӣ-муғулӣ дар «Таърихи Систон» ..……...256

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «**Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»** мақолаҳои илмие, ки натиҷаи таҳқиқоти соҳаи **илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, филологӣ ва педагогиро** фаро мегиранд, нашр карда мешаванд.

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ:

1. Таҳрияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 12, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 сатр ва формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 7 саҳифа ва на беш аз 14 саҳифа;
2. Индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
3. Номи мақола бо ҳарфҳои калон;
4. Ном ва насаб дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф (он) (намуна: Сатторзода Н.С.);
5. Номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамоя(н)д;
6. Матни асосии мақола на камтар аз 5 саҳифа (схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
7. Рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
8. Рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад.
9. Намунаи таҳияи адабиёт: нишон додани манбаи иқтибос дар матн ба таври зер: [3, с. 24], [3, с. 24; 7, с. 53], ки ин ҷо рақами аввал манбаи истифодашуда ва рақами дувум саҳифа;
10. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба забони аслии китобӣ;
11. Тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. Маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Маълумот дар барои муаллиф ба тартиби зайл оварда мешавад: насаб, ном, номи падар, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошад), вазифа ва ҷои кор, телефон ва почтаи элекронӣ;
13. Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
14. Мақолаи аспирант докторанти PhD унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ мушовири илмӣ ва ё мудири кафедра қабул карда мешавад;
15. Мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад ва доктори илм қабул карда мешавад;
16. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 10 рӯз баррасӣ мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд тақризи мусбии мутахассиси соҳаи дахлдорро дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақоларо таҳрир ва кӯтоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририя барои нашр тавсия намегарданд.

Нишонӣ барои дастрасии маълумоти иловагӣ:

Маълумоти иловагӣ: www.vestnik.kgu.tj, **тел**:918-48-44-05.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

Серия история и археологии, педагогические и филологические науки

Научный журнал «Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки» основан в 2009 г. Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 21.09.2017 г., №025/ЖР. Журнал принимает научные статьи по следующим трем направлениям: история и археологии, педагогические и филологические науки

Журнал включен в базу данных
Российского индекса научного цитирования (РИНЦ),
регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде методданных.
Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания
(vestnik.kgu.tj).

ВЕСТНИК
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки
Серия история и археологии, педагогические и филологические науки
1(26)2021

Над номером работали:
Главный редактор:Мирализода А.М.
Заместитель главного редактора: Рафиев С.А.
Заместитель главного редактора: Зулфиев Г.Н.
Ответственный секретарь: Сафарзода М.Н.

Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки
по изданию научного журнала
«Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки»
Серия история и археологии, педагогические и филологические науки

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16
Сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj
Тел.: 8(3322) 2-41-06

Отпечатано в типографии КОНТИНЕНТ–ТҶ
734042, г. Душанбе, ул. Айни, 13 В.
Формат 60x84 1/8. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 20.12.2021. Заказ №2018/04-01